

Муҳаммадрасул Иброҳимзода

# ПАНДИ АВЛИЁ

(Домуллои Сурхиён)

Душанбе
2004

**ББК 86.38**
**И-14**

# Панди авлиё

Муҳаммадрасули Раҷаби Иброҳимзода **«Панди авлиё», Душанбе, 2004, 270 саҳ.**

**Ба панди Мавлавӣ ихлос меор,**
**Халосият диҳад аз ранҷу озор.**

**Дар ин кишта ҳама ранҷи авлиё бошад,**
**Хоки сиёҳаш нуқраю ҳам тилло бошад.**
**Дар замини панди валӣ гар фарзанд парварӣ,**
**Диҳад Худо, ӯро дар ду олам сарварӣ.**

**© М.Р.Иброҳимзода**
**Сурушан 2004**

*Ҳар кӣ хоҳад ҳамнишинӣ бо Худо,*
*Гӯ нишинад дар ҳузури авлиё...*
*Авлиёро ҳар кӣ гардад дӯстдор,*
*Раҳмат ояд бар вай аз Парвардигор.*
*З-он ки онҳо марҳамони даргаҳанд,*
*В-аз рамузи ваҳдати Ҳақ огаҳанд...*

**Мавлавии Румӣ (Балхӣ)**

## МУАЛЛИФ ВА ГИРДОВАРАНДА.



Тамаддуни исломӣ бузургтарин родмардони фарҳангӣ, олимону донишмандони забардасти ҷаҳониро ба миён овардааст, ки осору эҷоди эшон дар ганҷинаи тамаддуни башарӣ мақоми босазое дорад.

Ин мероси бою ғанӣ, ки аслан дар чаҳорчӯбаи таълимоти ислом офарида шудааст, сарчашмаи худро аз китоби муқаддаси илоҳӣ Қуръон ва ҳадисҳои паёмбари воломақом ҳазрати Муҳаммад (с) гирифтаанд.

Табақоти мухталифи фарҳангии исломӣ аз қабили муфассиррин, муҳаддисин, фуқаҳо, мутакаллимин, файласуфон, удабо, фузало, шуъаро, уламо ва урафо асарҳои хеле пурқимати гуногунҷабҳаро ба мо мерос мондаанд, ки назирашон дар таърих кам аст.

Қуръон чун дастури амалии ҳаррӯзаи мардуми мусулмон маҳсуб гардида, эҷод нашудааст, балки абадӣ буда, нусхаи аслии он дар осмони ҳафтум маҳфуз аст, зеро ки каломи Аллоҳ аст.

Аз ҳамин сабаб, дар давоми зиёда аз 1400 сол инсоне ёфт нашудааст, ки як ҳарф, як оят ва ё ба монанди Қуръони азимушшаън китоберо офарад ва то дунёву ҳаёт вуҷуд дорад, фарде қудрати тағйир додани як ҳарфи онро надорад. Бояд зикр кард, ки сарчашмаҳои ҳама гуна илму фарҳанги ҷаҳонӣ Қуръон асту бас, ки дар ин бора олимони бузурги ҷаҳон, ба монанди Абӯалӣ ибни

Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Хоҷа Ҳофиз, Гёте, Крел, Пушкин А.С, Муҳаммад Иқбол, Толстой Л.Н. ва ҳатто Пётру бародараш Иван суханҳои хуби ҷолиби диққатро баён кардаанд.

Исботи гуфтаҳои онҳо дар он зоҳир мегардад, ки Ислому Қуръон муфассироне чун Табарию Замахшарии Хоразмӣ, Фахри Розию Ҳусайн Воизи Кошифӣ, муҳаддисе чун Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ (Саҳеҳи Бухорӣ), фақеҳе чун Имоми Аъзам (Абӯ Ҳанифа), мутакаллимоне чун Муҳаммад Ғазолӣ ва Шаҳристонӣ, файласуфоне чун Форобию Тӯсӣ, олимоне чун Хоразмию Берунӣ, Ибни Синову Хайём, орифоне чун Саноиву Аттор, Ҳофизу Мавлавии Румӣ, Шабистариву Аҳмади Ҷомӣ ва ҳазорҳо дигаронро ба олам овард, ки фахру эътибори Арабу Аҷам ва тамоми ҷаҳонанд. Хизмати ҳамин бузургон буд, ки улум ва тасаввуфи исломӣ то замони мо таҳаввули азиме ёфта, заминаи пайдоиш ва пешрафти уламову урафои имрӯз гаштаанд.

Ҳазорон шукру ҳамди бепоён бар Холиқи ҳарду ҷаҳон, саловот бар он Пайғамбари охиразамон, ки истиқлолиятро бар миллати кӯҳанбунёду ориёнажоди тоҷик арзонӣ дошт. Президенти хирадманди мамлакат мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов зодаи ҳамин истиқлолияти худододӣ аст, ки ваҳдату сулҳи миллии пойдорро дар кишвари мусибатзадаи тоҷик барқарор кард ва фирориёни тоҷикро аз ясної ҷаҳон ба ватан баргардонд, ки пас аз ҳазорон қарнҳо таърихи башарӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ба шарофати истиқлолияту сулҳу ваҳдати миллии пойдор, ному асарҳои гаронбаҳои бисёре аз ниёгони бомаърифати бузургамон, ки дар зери пардаи абрҳои сиёҳу тиранироди замони гузашта монда буд, аз нав зуҳур карда, чун офтоби ҷаҳонтоби фасли баҳорон рахшанда гардид ва рӯҳи эшон аз нав зиндаю шод шуд. Шаҳодати ин гуфтаҳои болоро дар гуфтаҳои Президенти кишвар мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов сад андар сад эҳсос кардан мумкин аст, ки борҳо аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузтарини дунё ба монанди Созмони Миллали Муттаҳид баромад намуда, дини мубини исломро ҳимоя карда, идеяҳои олии он, покию ростӣ, некию инсондӯстӣ ва ҳакикату адолатпарастиро ба ҷаҳониён муаррифӣ кард.

Мавзӯе, ки мо дар нашри китоби мазкур мавриди таҳқиқу

баррасӣ карор додем, аслан ба ахлоку кирдори инсони дунявӣ ва тасаввуфу ирфон иртибот дорад.

Инчунин ҳаёт ва фаъолияти яке аз олимону орифони бузурги нимаи дуввуми асри XIX ва нимаи аввали асри XX Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ бо тахаллуси ифтихорию эҳтиромии «Домуллои Сурхиён» (1857-1939)-ро дар бар мегирад. Охирҳои солҳои 20 ва 30-юм табдили алифбо моро аз расмулхати бобоӣ, ки ганҷинаи фарҳангии беш аз 1400-солаамонро дар бар мегирифт, бенасиб сохт.

Сиёсати зидди дину оини атеистии даврони Шӯравӣ ба он оварда расонд, ки нодиртарин китобҳое, ки ба хатти арабиасос таълиф шуда буданд ва арзиши баланди адабию илмӣ, таърихию фарҳангӣ доштанд, несту нобуд гардиданд.

Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ аз зумраи он олимону орифонест, ки дар чунин замони тираву тори маънавикуш зиндагӣ ва эҷод намудааст.

Бинобар кисми хеле ками осори ӯ ба мо омада расидааст. Аз осори гаронбаҳои Мавлавӣ дар шакли дастхатҳои пароканда, оид ба саргузашти ачоибу гароиби хеш дар мусофират бо номи «Шарҳи ҳол», «Пандномa» ва «Тибнома» то ба мо нопурра омада расидааст. Баъди аз чоп баромадану дастраси мардум гаштани китоби ёддоштиву бадей ва таърихии «Офтоби паси абрҳо ё Мавлавӣ Домулло Сурхиён» дар солҳои 2001 ва 2002 пайи ҳам нашр гардид (бо таклифу дархости мухлисону ихлосмандон китоби мазкур ду маротиба пайи ҳам ба теъдоди 2000 нусха нашр гардид, аммо мардуми бомаърифату фарҳангӣ то ҳанӯз ҳам дар ҷустуҷӯи ин китоби аҷоибу ғароиби диккатҷалбкунанда мебошанд). Ба унвони банда бисёр мардони фозили илмдӯсту фарҳангӣ аз шахрҳою деҳоти мухталифи Тоҷикистони азиз, дастхату китоб ва хатҳои иршоди додаи Мавлавиро, ки ба шогирдонаш дода буд, ирсол намудаанд. Мо ба кадри зарурӣ аз ин ганҷи ёфтшуда, дар китоб истифода намудем. Хусусан бобои мулло Убайдулло аз ноҳияи Файзобод, Салоҳиддин Воҳидзода аз шаҳри Ваҳдат, корманди «Ориёнбонк»-и ш. Душанбе Азизов Н., сокини шаҳри Турсунзода эшони Аҳмадҷон, сокини ноҳияи Ёвон мулло Ҳасан, сокини ноҳияи Ҳисор Абдулло Шарифзода ва даҳҳо дигарон, кисме аз дастхатҳои нодиру бебаҳои ба тундбоди бадарғаю «тройка»рафтаи Мавлавиро

бо худ нигоҳ доштаанд, изҳори миннатдорӣ баён менамоям ва дуо мекунам, ки рӯҳи авлиё доимо ёру мададгорашон бошад.

**«Панди авлиё»**, ин гулчинест аз дастхатҳои парокандаю фарсудаи Мавлавӣ, аз қабатҳои китобу дохили сандукҳои аз хориҷ ворид кардааш, ки дар зери калфу санг ва даруни гору чоҳҳо пинҳон карда шуда буд, гирд оварда шудааст. Қисми зиёди дастхатҳо пӯсида ва ё аз таъсири обу намнокӣ нохоно гардидааст, захмати сангинро талаб мекунад. Баъзе варақхоро аз дохили дастхатҳо кадом як ашхоси ҷоҳилу нодон бо максадҳои ба мо номаълум бераҳмона канда гирифтаанд.

Аз ҳамин лиҳоз, ин осор пурра омӯхта нашудааст ва ин кисмати ҷамъ кардаи мо аз бахр катраро мемонад. Осори гаронбаҳои Мавлавӣ ахамияти илмию ахлоқӣ ва таърихию фалсафӣ дошта, ганҷи иӯҳуфтаро мемонад, ки то ҳол пинхон аст ва аз иазари олимону муҳаққиқон дур моидааст.

Мавлавӣ дар «Пандномa»-и хеш дар аввал аз «Маҷолиснома»-и Ҳазрати Шайх Саъдии бузургвор мисолу иктибосҳо оварда, илҳом гирифта имоиу тақво, аҳду вафо, хайру саҳо, ишқу садокат, сулҳу ваҳдат, авфу субот, инсофу адолат, шавқату марҳамат, амонату диёнат, шарму ҳаё, эҳтироми инсон, сабру токат, ҷидду чаҳд, шуҷоату олихимматӣ ва азму адабро бо мисолҳои айёнии адабию таърихӣ ва илмӣ ситоиш кардааст.

Дар асоси (гуфтаҳои) ояҳои Қуръони маҷид, ҳадисҳои Паёмбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) ва гуфтаҳои сахобагону авлиёҳои бузург, булху ҷаҳолат, фиску ризолат, бевафогию хиёнат, баднафсию кароҳат ва дунёпарастию ғафлатро мазамат намуда, зиёну зарари ин амалҳои зишти ғайриинсониро дар дунёву укбо бо далелҳои раднашаванда, дар ҳасоси Шаръи Набӣ (с), ки Қуръони азимушшаънро магз аст, исбот карда, дар ҳар давру замон бо мисолхо нишон додааст. «Пандномa»-и Мавлавиро як ганҷинаи бузурги динию ахлоқӣ ва фарҳангию таърихӣ номид, ки ин ёдгории арзишманди ниёгони мост.

Имрӯзҳо душманони дину оини башарияти дунё дар атрофи дини муқаддаси Ислом ҷор зада, аз минбарҳои гуногун тӯҳматҳои фитнаангези беасосро вобаста намуда, ин дини поку ҳакро ба терроризму экстремизм гунаҳгор карданианд. Ҷавоби ин

шайтонзодагон, ки дар ниқоби рақибони ин дини бузурги ҷаҳонӣ зухур кардааст, дар «Панднома»-и Мавлавӣ ба хубӣ ва бо тарзи динию илмӣ баён карда шудааст.

Мавлавӣ осоишу гулгулшукуфии сайёра, яъне кураи заминро дар тавҳиду ваҳдат, ягонагии Худову анбиёҳои мурсал ва дину оинҳои мухталифи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки ахамияти ниҳоят бузурги ахлоқию башардӯстиро молик аст. Банда аз мутолиаи ин дастхатҳои аҳамияти тарбиявӣ доштаи ҳазрати Мавлавӣ ба ваҷд омадам ва имонам комил гашту илҳомам омад, ки доири ҳаёти сахту талхи ногувори атрофиён, ки рӯзгори касоду вазъи бефархангии ҷомеа онро ба миён овардааст, дар асоси пандҳои ҳазрати Мавлавӣ ин догҳои сиёҳи табобатшавандаи рӯзгори даврро ба риштаи насру назм кашам.

Аз хонандагони оқилу заккитабъ маъзарат мехоҳам, ки он сахву нуқсонҳое, ки дар навиштаҷоти банда, кашф мекунед, маслихат дихед.

Сабаби даст задани банда ба осори нӯҳуфтаи ҳазрати Мавлавӣ ин мадади рӯҳи поки авлиёи бузург буд, ки дар ин китоб ба таври хеле пӯшидаю мухтасар баён карда шудааст, хонед, пас дарки дақиқ хоҳед кард.

Он порчаҳои назмие, ки аз тарафи банда дар китоб оварда шудааст, эътирози қалбӣ аст, ки дар ин бора Шайх Аттори бузург мефармояд:

***Ту махонаш шеър, агар хонандаӣ,***
***Раҳ ба маънӣ бар, агар донандаӣ.***
***Гар тафавуд бошад, андак ақлро,***
***Каж наояд марди соҳибақлро.***

Ё банда низ ба ин маънӣ бигӯям:

***Махонаш инро ба вазн шеър, зӣ оқил,***
***Ки ин эътироҷест, сӯзон андар дил.***
***Нахоҳӣ гар ранҷи сангин ҳам мушкил,***
***Бидон мағзи маъниро дар назм кафил.***

***Муҳаммадрасул Иброҳимзода.***

# САРСУХАН

Китобҳои пурмазмуну ниҳоят муҳими илмӣ-фалсафӣ, таърихӣ, ёддоштӣ ва бадеию тарбиявии Муҳаммадрасул Иброҳимзода «Офтоби паси абрҳо» ва «Панди авлиё» дар асоси манбаъҳои мӯътабари хаттӣ ва ёддошту ривоятҳои мардумӣ тасниф гардидаанд.

Муаллиф дар омӯзишу таҳқиқи паҳлӯҳои норавшани ҳаёту фаъолияти яке аз олимони бузурги ҳамадон ва авлиёи давру замон Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ, ки бо тахаллуси ифтихории Домуллои Сурхиён маълуму машҳур аст, ба комёбӣ ноил гардида, онро эҷодкорона ба қалам додааст.

Ин китобҳо (асарҳо) аҳамияти илмӣ-фалсафӣ дошта, доир ба тарзу услуби таълиму тарбия ва тадриси илмҳои тиб, кимиё, нуҷум ва фалсафаи исломӣ дар мадориси мамолики Шарқи мусулмон маълумот медиҳанд. Барои он асари таърихӣ номид, ки дар ин китобҳо ҳаёту фаъолияти одамони бузурги таърихӣ, ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоии охирҳои асри XIX ва аввали асри XX дар мамолики Шарқу Ғарб ба таври воҷеҳу равшан таҷассум ёфтааст.

Хизматҳои бузургу сангини Муҳаммадрасул Иброҳимзода дар он зоҳир мегардад, ки осори хаттии Мавлавиро, ки дар шакли дастхатҳои парокандаю парешон ва дар ҳолати маҳвшавӣ буд, наҷот дод.

Муваффақияти дигари муаллиф дар он аст, ки аз забони шоҳидони зинда, яъне он касоне, ки аз махзани илму маърифати Мавлавӣ таълим гирифтанд ва ё ҳамсӯҳбату иштирокчиёни бевоситаи ҳодисаю воқеаҳои он замон буданд, нақлу ривоят ва ёддоштҳои зиёдеро эҷодкорона гирд овардааст.

Ҷиҳатҳои тарбиявию ахлоқии асарҳо боз дар он зуҳур меёбад, ки муаллиф аз «Пандномa»-и Мавлавӣ иктибосҳои зиёди ҷолиби диққатеро мисол оварда, аҳамияти бузурги илмию маърифатӣ ва тарбиявию ахлоқӣ доштани онҳоро кушода тавонистааст. Ҳамчунин, зиёну зарари амалҳои бад, ба монанди булху ҷаҳолат, фисқу разолат, баднафсию дунёпарастӣ ва ғайраҳоро, ки дарду догҳои замонанд, бо мисолҳои ҳаётӣ дар мақолаю қиссаҳои

ҳуҷҷатии «Подоши садақа», «Дар ҷустуҷӯи дастхатҳои Мавлавӣ», «Падари дилшикаста», «Қиссаи зани ҷаккок», «Қиссаи зани бадбахт» ва «Ҳасрати одами дунёпараст» хеле эҷодкорона тасвир карда, нишон додааст, ки барои ҳар як хонандаи заккитабъ дарси ибрат шуда метавонанд.

Омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ метавонанд, ки аз ин ду асари бузурги аҳамияти калони тарбиявӣ дошта дар таълиму тарбияи насли наврас барои инкишофи ҳисси баланди ифтихори миллию ватандорӣ моҳирона истифода баранд.

Ҳаёту фаъолияти 27-солаи Мавлавӣ дар талаби илму маърифат дар мамолики гуногуни дунё барои хонандаи наврас аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад.

Пас аз нашр гардидани китоби «Офтоби паси абрҳо» (дар соли 2002 бо теъдоди 2000 нусха нашр гардид) шӯҳрату овозаи он дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он паҳн гардиду диққати хонандагонро ба худ ҷалб кард ва сафи мухлисону ихлосмандони асар зиёд шуд.

Мардикорону тоҷирони бофарҳанги тоҷик ва зоирин ин китобро то ба шаҳрҳои бузурги Руссияю Эрон, Афғонистону Покистон, мамолики Арабу Қавқоз бурданд ва якчанд нусхаи он дар китобхонаҳои маркизии шаҳрҳои Теҳрону Кобул ва Қарочӣ маҳфуз аст.

Дар атрофи асар борҳо дар барномаҳои «Тафсил», «Субҳ», «Нури хирад» ва «Ганҷи нӯҳуфта»-и телевизиони Тоҷикистон баҳсҳои илмию бадей ташкил карда шуд, ки ҷумла мардумони кишварамон онро тамошо карда, бо хушнудӣ пазируфтанд.

Дар матбуоти даврӣ бошад, бо номҳои «Домуллои Сурхиён кист?», «Офтоби дурахшон», «Офтоби паси абрҳо баромад» ва «Бибӣсалимаи ноком» дар ҳафтаномаҳои «Омӯзгор», «Оила», «Муҳаббат ва оила», «Шаҳриёр» ва «Шамъи ирфон» нашр гардид, ки сафи мухлисони китобро боз ҳам афзун намуд.

Умед аст, иншоаллоҳ, китоби «Панди авлиё» ҳамчун рӯҳи поки валии бузург, ки бе назари Худованд нест, ба дарду доғҳои ҷомеа марҳам гардида, мардумро аз роҳи хато баргардонда, ба роҳи ҳақиқату рости «сиротал мустақим» ҳидоят мекунад.

Ин китоб на танҳо барои аҳли дин ва илму адаб, балки барои

доираи васеи хонандагон таълиф гардида, донишу ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷоди бадеии муаллифро намоиш медиҳаду хонандаро бо далелу санад ва маъхазҳои нави ҷолиби диққат шинос мекунад.

Агар ба монанди Муҳаммадрасул Иброҳимзода инсонҳои меҳнатию фидокор пайдо мешуданду бо заҳматҳои сангини эҷодии худ, номҳои бузургони бомаърифати нӯҳуфтаи миллатамонро ба монанди Ҳазрати Мавлавӣ аз нав зиндаю ҷовидон мегардонданд, «нуран-ало-нур» мешуд.

Ҳаёт ва фаъолияти Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (Домуллои Сурхиён) барои наслҳои гузашта ва ҳозираю оянда мактаби таълиму тарбия буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Муаллиф ният дорад, ки баъди аз нашр баромадани ин асари бузурги тарбиявӣ, китоби тиббии Мавлавиро бо номи «Гулчин аз тибби Мавлавӣ» ба нашр ҳозир намояд. Иншоаллоҳ, осори тиббии Ҳазрати Мавлавӣ, ки худ валии бузург ва назаркардаи Худованд буданд, ба дардҳои бедавои мардум даво хоҳад шуд.

Дар кори эҷодии Муҳаммадрасул Иброҳимзода барору тавфиқ таманно дорем.

**Мирзо Файзалӣ.**

## «МАВЛАВИИ СУРХИЁН»

Ин китобе, ки ба дастат хаст аз аҳли кибор,
Бо муҳаббат хону аз рӯи садоқат пос дор.

Шод гардад то ки аз ту рӯҳи поки он азиз,
Исми «Ал-Ҳақ»-ро бикун такрор аз як то ҳазор.

Баста созӣ роҳи ранҷу во кунӣ дарҳои ганҷ,
Рӯ агар орӣ ба ин фарзонаи Парвардигор.

Мавлавии Сурхиён чун бе каромоте набуд,
Монда бар ояндагон «Се дафтар»-ашро ёдгор.

Ҳамчу ганҷи бебаҳо ҳар сатри он «Се дафтар» аст,
Шарҳи ҳолу илми тиббу панду ҳикмат бешумор.

Ин шунидам аз яке авлоди ӯ Маҳмадрасул
Азм дорад, то кунад «Се дафтар»-ашро интишор.

Офаринаш бод, чун аз сидқ ҳиммат кардааст,
Аз Худо хоҳем бар азму талошаш мо барор.

То ба ин ҷо хатм кардам, к-аз сувайдои дилам
Ин нидо омад ба гӯш, эй дӯст, онро гӯш дор:

Гарчи Мирзо заррае набвад ба пеши Мавлавӣ,
Дар ду олам ҳаст з-ӯ лутфу шафоат интизор.

***Мирзо Файзалӣ***

## ОФТОБИ ИЛМУ ИРФОН

***(Эҳдо ба рӯҳи поки Мавлавӣ Домулло Муҳаммадсолеҳи Сурхиёнӣ)***

Офтоби илму ирфон Мавлавии Сурхиён,
Дар камоли фазлу дониш буд яктои замон.

Сафҳаи дилро мунаққаш карда бо ҳарфи хирад,
Номи покаш монд, з-ин рӯ, дар ҷаҳони ҷовидон.

Аз сари меҳру вафо се дафтаре иншо намуд,
То набинад нахли умраш ҳеҷ гаҳ рӯйи хазон.

Дафтаре аз «Шарҳи ҳол»у дафтаре аз «Илми тиб»,
«Панду ҳикмат» дафтари дигар аз ӯ бошад нишон.

Дар раҳи дину тариқат ҳам ҷадалҳо кардааст,
З-ин сабаб дар илми қолу ҳол буд соҳибқирон.

Дар талаб, дар ишқу тавҳид, он азизи ҷону дил,
Дасти боло дошт, шуд пирӯз бе шакку гумон.

Ҳафт шаҳри ишқро паймуда, чун Аттор, ӯ,
Дид пурнуру зиё аз талъати Ҳақ ин ҷаҳон.

Гарчи ӯ сад хиттаи ишқу вафоро рафт, лек
Ёфт андар хиттаи дилҳои ёронаш макон.

Рӯйи олам гашта буду рӯйи олам дида буд,
Оламе имрӯз дорад зикри номаш дар забон.

*Нуриддини Амриддин.*
*29 сентябри соли 2003.*

## ЭЙ ҶАВОН

*Эй ҷавони хубу зебо гӯш кун,*
*Бода аз ҷоми азизон нӯш кун.*
*Як даме бишнав сухан аз авлиё,*
*Гӯшаи танҳоиро огӯш кун.*
*Аз барои Мавлавии Сурхиён,*
*Назмро оро бидеҳ, гулпӯш кун.*
*Авлиёро, ки Худо ҳам дӯст дошт,*
*Дӯст шав, танро бикоҳ , дил хуш кун.*
*Корашон инсофи адлу раҳм буд,*
*Сайъ кун, нафсу ҳаво, сарпӯш кун.*
*Чун Муҳаммадрасул ин марди Худо,*
*Сардии қалби ҳазине ҷӯш кун.*
*Баст, ин хокии даҳр Салоҳиддин,*
*Риштаи ин назм, ёд аз дӯш кун.*

*Салоҳиддин Воҳидзода*

**Бисмилоҳир раҳмонир раҳим**
**«Аллоҳума салли ъало Муҳаммадин ва анзилуҳу манзилал муқаррабӣ ъиндака явмал қиёматиҳ»**

**Нусха аз «Насабнома»-и Халифа Муҳаммадсолеҳ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло) бо тахаллуси «Домуллои Сурхиён»**

Махдуми аъзам исмуҳу Аҳмад

Амир шоҳи Мард (Ҳусайн) (728-806ҳ)
Симнон - Ҳамадон (Эрон)

↓

Амир Оли Ҳасан (Баҳодур) – 86 сол умр дид. Эрон.
(Аз шаҷараю силсилаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ)

↓

Халифа Аҳмади Заркамарӣ (мартабаи «Қутбӣ» дошт) Зиёда аз 1000 шогирду мурид дошта, 89 сол умр мебинад. Соли 773 ҳиҷрӣ бо ҳамроҳи Ҳазрати Мир Сайид Алӣ аз Ҳамадон ба Хатлон ташриф овардааст)

↓

Мир Шоҳмалики I – (81 сол умр дид, Хатлон) (муриди Мирсайид Муҳаммад Нурбахш(795 – 869ҳ)

↓

Ибни Мир Шоҳмалики II (78 сол умр дид, Хатлон)

↓

Домулло Ёрҳусайн (75 сол умр дид, Хатлон)

Домулло Ёрбек (44 сол умр дид, Хатлон)

↓

Домулло Латиф (79 сол умр дид, Хатлон)

↓

Домулло Шоҳабдулҳусайн (92 сол умр дид, Хатлон)

↓

Мир Саъдоншоҳ – (1115 -1208) (дар синни 44 Солагиаш соли 1169 ҳиҷрӣ, яъне 1781 мелодӣ, бо сабаби низое, бо 200 нафар ақрабою муридон аз Хатлон фирор карда, ба водии Ҳисор омадааст)

↓

Домулло Абдураҳим (1145-1223ҳ) Сайёд ва паҳлавони номдор, ҳамроҳи падар аз Хатлон омада, дар деҳаи Ниҳолдара вафот мекунад

↓

Домулло Муҳаммадшариф (1200 -1276 ҳиҷрӣ, 1822 - 1898 мелодӣ. Дар деҳаи Ниҳолдара ба олам омадааст ва зиёда аз 200 шогирдонро ба мартаба расонд ва дар деҳаи Қасамдараи ноҳияи Файзобод дар синни 76-солагӣ дунёро падруд гуфт)

↓

Ғаввоси баҳри маърифат, дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат, «Қутб» -и давру замон Ҳа зрати Халифа Муҳаммадсолеҳ, бо тахаллуси ифтихории «Домуллои Сурхиён» (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло), (1235-1317 ҳиҷрӣ, 1857-1939 мелодӣ, Ниҳолдара, Сурхиён) (мӯҳр)




## ЭЗОҲ:

Фарди оқилу маънифаҳм, ин «Насабнома»-е, ки манзури Шумо гардонидаем, нусхаи аслаш дар айни ҳол дар дасти Махдуми Абдулмалик, фарзанди Махдуми Абдулҳақ дар деҳаи Даштибед маҳфуз аст. Сарчашмаи дигаре, ки ҳақиқати ин «Насабнома»-ро тасдиқ мекунад, ин китоби олим ва муҳаққиқ, доктор Муҳаммад Риёз, устоди риштаи иқболшиносии Донишгоҳи Озоди аллома Иқбол дар шаҳри Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон «Аҳволу осор ва ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ», Душанбе, Ирфон -1995 мебошад.

Оиди олиму орифи бузург будани Ҳазрати Мавлавӣ ҳафт ҳуҷҷат (хати иршод) дар баробари дастхату китобҳои нодири илмию дарсии он Ҳазрат мавҷуд аст, ки шаҳодати гуфтаҳои болоянд.

## ҚУТБ

Қутб, зинаи аз ҳама баланди силсилаи маротиби машоихи бузурги сӯфияро меноманд, ки шайх дар он ба мартабаи инсони комил мерасад. Силсилаи мазкур мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои тасаввуф аз 356 бузургони сӯфия иборат аст, дараҷаи кутбӣ ба шахсоне муяссар мешавад, ки тамоми айбу нуқси вуҷудашро рафъ намуда, зимни сайлу сулук ба олами кашфу шуҳуд расид. Ин чунин мазмун дорад, ки сӯфӣ шариату тариқату ҳақиқатро пурра аз худ намуда, қалбашро аз ҳавою ҳавас соф мекунад ва иродаи қавӣ пайдо менамояд, ки тавассути он ҳар чӣ бихоҳад онро анҷом медиҳад...

Қутб дараҷаҳо дорад. Болотар аз Қутбро «Қутбулақтоб» ё «Қутбулиршод» гӯянд.1

Дорандагони имону тақво, тасдиқи се «Ҳуҷҷат-улҲақ»-ро дар мадди аввал мегузоранд. Бандаи мӯъмин бо ихлоси қалбию боварии кул, аввал ба қудрати Маъбуд (Худо)-и барҳақ, дуввум ба мӯъчизаҳои Пайғамбарони Мурсал ва саввум ба каромоту хориқулодоти авлиюллоҳ (авлиё) ҳатман содиқ бошад. Агар заррае шак дар тахаюлоти инсон оиди барҳақ будани ин се ҳуҷҷати Ҳақ таоло пайдо шавад, он бандаи бадбахт дар қатори рондашудагони даргоҳи Зул Ҷалол ҷой мегирад.

Олими шинохтаи тоҷик, файласуфи барҷаста Муҳаммадқул Ҳазратқулов, дар китоби илмии хеш («Тасаввуф», Душанбе «Маориф», 1988, саҳ.83) аз асори фалсафию тарбиявии Шайх-ур-раис Абӯалӣ ибни Синои бузург дар бораи Қутб, авлиё ва каромоту хориқулодот, порчаеро ба таври зер мисол меоварад. (Давоми иқтибос)... Гӯянд: Орифе барои мардум борон сохт ва борон омад, ё бемореро шифо хост, шифо ёфтаид... Ё ҷонвarони ваҳшӣ эшонро фармон бурданд, ё мурғон аз он нарамиданд... Албатта, онҳо комилан мумкин аст, ***зеро ҳам монанди ип хел корҳо дар розҳои ғайбӣ асбобест ва бошад, ки ман бархе аз онҳоро барои ту ёд кунам. Он гоҳ мегӯянд: «Ҳам таҷриба, ҳам қиёсу истеъдоди ақлӣ сабит кардааст, ки мумкчн аст нафси нотиқаи инсон дар вақти бедорӣ ва мугайибот огаҳ шавад, чунон ки дар олами хоб мумкин аст».***

***Ҳамин тариқ, валӣ мақомест, ки дар ӯ бо вуқуди мутлақ***

***иртиботи наздике пайдо мекунад ва амалан байни ӯ ва олам ҳеҷ пардае боқӣ намемонад, яъне авлиё дар ҳолати «Халаса», «Ҷазаба» ва «Бехудӣ» бо мақоми набувват мерасад, ки «фано»-ро аломати хориҷии он меноманд. Баъди «Бақо» ёфтани ӯ тамоми низоми дунёро мушоҳида ва дарк мекунад ва ба дараҷаи «Қутб» мерасад. Пас инсони комил дар бартарии марҳилаю мартаба анбиё ва авлиё аст».***

Хонандаи оқилу закитабъ! Мадоме, ки соҳибқирони ақлу хирад, подшоҳи олами илму маънонии ҷаҳони мутаммадин, «Ҳаким-ул-машриқ», «Ҳуҷҷат-ул-Ҳақ», Ҳазрати Абӯалӣ ибни Сино, ки таърихи башарияти ягон миллату қавмияҳои дунёи қадиму муосир чунин алломаи бузург надоштанд, чаро ки ба гуфтаҳои илмии ин офтоби рахшандаи миллат бовар накунем!?

Зайниддин Восифӣ доир ба соҳаҳои гуногуни илмиро бо таври дақиқу пухта омӯхтани Абӯалӣ ибни Сино маълумот дода, тозаҳаёт, баландпарвозии фикр ва ихтироъкории ӯро дар илми хикмат ва фалсафа ситоиш менамоянд ва мегӯянд:

***Чунон дар илми ҳикмат гашт комил,***
***К-аз ӯ ҷустӣ Арасту ҳалли мушкил.***
***Гар Афлотуну Луқмон зинда гаштӣ,***
***Зи рӯи ҳикмат ӯро банда гаштӣ.***
***Мусоҳиб гар ба ӯ будӣ Сикандар,***
***Кунун мебуд чун Хизр паямбар.***

## БИСМИЛЛОҲИР РАҲМОНИР РАҲИМ

## ЧАҲОР ШОХАИ СӮФИЯ

1. Хуфия - сарвараш Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳум...)
2. Ҷаҳрия - сарвараш Ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳум)
3. Ишқия - сарвараш Ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳум)
4. Кибрия - сарвараш Ҳазрати Алӣ (кароматуллоҳу ваҷҳаҳу)

***Мақбул як, мақбули як мақсад.***
***Ҳосили кори ин ҷумла ба сӯи Худост.***

### Нур-ул-қулуб-ул-Орифин
### (Пирони кубор) Кутбҳо

*Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон*

Бидон, эй толиби содиқ, ки он чӣ афзоӣ карда бошад бар садри машрӯъ, аз баҳри асрор афзо намуда...

1. Ба Ҳазрати Сиддиқи Акбар (разияллоҳу анҳум)
2. Ва аз эшон бар Ҳазрати Салмони Форс (разияллоҳу анҳум)
3. Ва аз эшон бар Ҳазрати Қосим ибни Абубакри Сидиқ (разияллоҳу анҳум)
4. Ва аз эшон бар Ҳазрати имом Ҷаъфари Содиқ (разияллоҳу анҳум)
5. Ва аз эшон бар Ҳазрати Султон Боязидн Бастомӣ (разияллоҳу анҳум)
6. Ва аз эшон бар Ҳазрати Шайх Абулҳасани Ҳарақонӣ (разияллоҳу анҳум)
7. Ва аз эшон бар Ҳазрати Шайх Абдулқосим Гургонӣ (разияллоҳу анҳум
8. Ва аз эшон бар Ҳазрати Абӯ Алии Формадӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
9. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)

10. Ва аз эшон бар Ҳазрати Абдулхолиқи Ғиждувонӣ(Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
11. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Орифи Ревгарӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
12. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Маҳмуди Анҷирфағновӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
13. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Алии Ромитанӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
14. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Бобои Самосӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
15. Ва аз эшон бар Ҳазрати Сайид Амири Кулол (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
16. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷаи Бузург, Баҳо-ул-Ҳақваддини Нақшбанд, Муҳаммад ибни Муҳаммад Ал-Бухорӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
17. Ва аз эшон бар Шайх Аловуддини Аттор (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
18. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Мавлоно Яъқуби Чархӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
19. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрорӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
20. Ва аз эшон бар Ҳазрати Мавлоно Зоҳид (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
21. Ва аз эшон бар Ҳазрати Мавлоно Дарвеш (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
22. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммади Имконагӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
23. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Имом Боқӣ Биллоҳ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
24. Ва аз эшон бар Ҳазрати Имом Раббонии Муҷаддат Алфи Сонӣ Мавлоно Аҳмади Форуқи Сарҳиндӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
25. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Сайид (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
26. Ва аз эшон бар Ҳазрати Абдулаҳад (разияллоҳу анҳум)
27. Ва аз эшон бар Ҳазрати Мавлоно Обид (Қадда Саллоҳу

Сирраҳу Таъоло)

28. Ва аз эшон бар Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Мусохон (Қадда Саллоҳу Сирраху Таъоло)
29. Ва аз эшон бар Ҳазрати Халифа Муҳаммад Сиддиқ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
30. Ва аз эшон бар Ҳазрати Халифа Муҳаммад Ҳусейн (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло)
31. Ва аз эшон бар Ҳазрати Халифа Абдусаттори Махдум (Қадда Саллоху Сирраху Таъоло)
32. Ва аз эшон бар он ғаввоси баҳри маърифат, дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат Ҳазрати Халифа Муҳаммадсолеҳ (Қадда Саллоҳу Сирраху Таъоло)
33. Ва аз эшон ба ҷониби мустатоби моҳлиқоби вилоят маъоби қадаси соликин «Имдод-ул-Комилин», «Зуб-дул-Восилин», «Ал-мутамасскин», «Асвот-улВоситин», султони тарикат ва бурҳони аҳли ҳақиқат (мӯҳр) Ҳазрати Халифа Худойбердӣ ибни Мулло Абдурасули Суфӣ (Қадда Саллоҳу Сирраҳу Таъоло) афтод, ки хусусан ба муҷарради иноятӣ ба ҳиммати коре сарфарозӣ бахшиданд.

Ба ин фақир низ фазоили боби камолот китоби Халифа Муҳаммадсолеҳи Сурхиёниро ба ҷиҳати он ки зуҳур шуд ва иршоди «Явман-фи-Явмо» дар тазоифи тазоид аст, бинобар он «Муми Аллоҳ»-ро оҷили таъмими зикри тариқат дод. Бояд ки «Муми Аллоҳ»-ро мазкури толибонро таълим карда ва тариқат намоянд.

Бештари истиқомат дар суннати Ҳазрати Муҳаммади Мустафо (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам) аст. (мӯҳр)

## *ШАРҲИ ҲОЛ*

***«Кулуб-ул-орифин» Хити иршоде, ки 32-юмин пири комили тариқи Хуфия (нақшбандия) будани Мавлштро тасдиқ мекунад.***

***Бо номи Худованди карими ҳамадон,***
***Бахшандаи зиндагию айёму ҷаҳон,***
***Ирсолгари чаҳор китоби фалакӣ,***
***Бифристаи пайғамбари охиразамон.***

Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ибни Муҳаммадшариф ибни Абдураҳим ибни Мир Саъдоншоҳ ибни Шаҳобулҳусайн (р)... бо тахаллуси ифтихории «Домуллои Сурхиён» соли 1857дар деҳаи Ниҳолдара ҷамоати Ромит ноҳияи имрӯзаи Ваҳдат ба дунё омадааст.

Дар «Шаҷаранома»-ю «Насабнома»-и он ҳазрат (бо мӯҳр тасдиқ карда шудааст) нишон дода мешавад, ки дувоздаҳумин пушти Муҳаммадсолеҳ ба Амир Шоҳи Мард (728-806ҳ) рафта мерасад. Амир Шоҳи Мард ва фарзанди ӯ Амир Оли Ҳасан зодагони шаҳрҳои Симнону Ҳамадони Эрон буданд.

Эшон аз шаҷараю силсилаи (авлодон) Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошанд. Мавлавӣ маълумоти ибтидоиро то синни 10-солагӣ дар назди падар гирифт. Баъдтар дар назди Домулло Муҳаммадшариф, Домулло Назар ва Домулло Одина, ки олимони бузурги давру замон буданд, таълим мегирад. У бо дастури устодон озими шаҳри Кӯлоб мегардад ва оромгоҳи аҷдодаш, подшоҳи Мулки Маъонӣ, нобиғаи Машриқзамин, олим ва орифи бузург Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат карда, замоне дар он ҷо таваққуф мекунад. Як муддате бо ҳамроҳии дӯстони содиқаш Домулло Муҳаммадсалиму Домулло Абдукарим дар мадрасаҳои деҳаи Тевалайи назди шаҳри Кӯлоб илм меомӯзад. Бо тавсияи пири рӯҳонияш, ҳазрати Сайид (хоб мебинад) дар синни хабдаҳсолагӣ, яъне баҳори соли 1874, савори аспи сафед дарёи Панҷро убур карда, вориди кишвари Афғонистон мегардад.

Мавлавӣ бо кӯмаку дастгирии саховатмандтарин инсони давру замон Ҳоҷӣ Сулаймонбойи афғон аз бахори соли 1874 то тирамоҳи соли 1878 дар мадрасаҳои шаҳрҳои Ҳирот, Қандаҳор ва Кобул таҳсили илм намуд.

Баъди таҳсили чорсола, бо тавсияи устодон роҳи махзани илму дониши ҳамонвақта кишвари афсонавии Ҳиндустонро пеш гирифта, ба воситаи шаҳрҳои Пешовару Лоҳур вориди шаҳри

Деҳлӣ гардид.

Аз тирамоҳи соли 1878 то баҳори соли 1880 дар мадрасаҳои ин шаҳр таҳсили илм намуда, забонҳои арабию ҳиндӣ ва урдуро пурра аз худ менамояд. Баъди таҳсили дусола барои давом додани илм кӯшиш менамояд, чунки шӯҳрати мадрасаҳои шаҳри Бамбай ва доираи илмҳои гуногуни динию дунявии он ба олам паҳн шуда буд.

Диққати Мавлавиро ин доираи илму адаб ба худ кашида, охирҳои баҳори соли 1880 бо иҷозати устодон роҳи Бамбайро пеш гирифта, дар тӯли 7 сол, яъне то соли 1887 дар ин шаҳри овозадор, илмҳои динию дунявиро аз қабили риёзиёт, ҳандаса, ҷугрофиё, нуҷум, таърих, кимиё, табииёт, фалсафа, илоҳиёт ва тибро ба пуррагӣ аз худ менамояд. Дар шаҳри Бамбай аз хазинаи илми тибби оламшумули арабию ҳиндӣ бохабар гардида, ин илмро ба пуррагӣ аз худ намуд ва яке аз олимони бузурги соҳаи тиб мегардад.

Дар вақти таҳсил бо олимону шоирон ва нависандагони ҳинду араб, форсу турк, англису урду шиносой пандо намуда, забонҳои зиёдеро аз бар менамояд.

Дар ин давра мустамликадорони англис сар то оари Ҳиндустонро забт намуда буданд ва дар шаҳри Лондони Британиёи Кабир ҷамъияти мусулмонон бо номи «Пхвонул-Муслимин», яъне «Бародарони Мусулмон» ташкил карда мешавад, ки ин ҷамъият то ҳол вуҷуд дорад. Бо тавсияи устодон ва супориши ин ташкилоту сафоратхонаи Британиёи Кабир аз ҳисоби донишҷӯёни болаёқат як гурӯҳи бистудунафара ташкил намуда, барои дуруст ба роҳ мондани кори ин ташкилот киштиеро омода намуданд.

Дар ин сафари нахустини баҳрӣ Мавлавӣ аз сирру асрор ва олами ҳайвоноту набототи баҳру уқёнус ва шаҳру бандарҳои калонтарини ҷаҳон шинос шуда, вориди шаҳри Лондон мегардад. Ин сафари аҷоибу гароиб, ки ба воситаи баҳрҳои Арабу Миёназамин ба уқёнуси Атлантика ба вуқӯъ пайваста буд, аз аввалҳои моҳи феврали соли 1887 сар шуда, то охири моҳи июли ҳамон сол давом кард ва дар охири моҳи июли соли 1887 ба шаҳри Бамбай бар мегардад.

Худи Мавлавӣ нақл мекунад, ки устодашон ба 3 нафар шогирдони беҳтарине, ки аз хоки Аморати Бухоро буданд, анҷоми

сафар, аз қабили либос, хӯрду хӯрок тайёр карда, ба 3 асп бор намуда, дар вақти гусел чунин маслиҳат доданд:

«Бо ин аспон то ба шаҳри Калкатта равед ва дар ин шаҳр қимати асп хеле гарон аст. Аспҳоро дар он ҷо фурӯхта, ба оташароба (поезд) савор шуда, то ба шаҳри Деҳлӣ равед ва дар Деҳлӣ асп ниҳоят нархи арзон дорад, аз он ҷо асп харида савор шуда, ба воситаи Кашмир ба ватан равед».

Мавлавӣ бо маслиҳати устодаш соли 1887 вориди шаҳри зебоманзару ҳамешабаҳори дунё Кашмир мешаванд.

Дар ин ҳангом хоби 13 сол пеш дидаашро, ки Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар хобаш гуфта буд:

- Ту дар Кашмир ба мақсад мерасӣ!

Ба ёдаш омаду як қувваи ногаҳонӣ тамоми вуҷудашро фаро гирифт. Дар шаҳри Кашмир Шамсулуламо Мир Ҳасан[2] донишманди машҳури замон, ки ба дараҷаи олии унвони «Абдол», яъне авлиё расида буд, ба шогирдон таълим медод.

Касе, ки ба зиёрату шогирдии ин Ҳазрат меомад, ҳамчун имтиҳон пеш аз зиёрат бояд 12 рӯз рӯзаи Марям[3] мегирифт.

Дар ин имтиҳони сангин аз ҳафтоду ду нафар зиёратгару муридшаванда ҳабдаҳ нафарашон ба сахтӣ тоб оварда, пӯсту устухон шуда, ба дидори Ҳазрат мушарраф гардиданд.

Ин зиёрат ба Мавлавӣ низ муяссар гардид. Баробари зиёрат намудан Ҳазрат ба чашмони Мавлавӣ бо диккат нигариста мегӯяд:

- Магар шумо аз хоки Аморати Бухоро нестед?

Мавлавӣ таъзим намуда мегӯяд:

- Бале, Ҳазратам.

Ҳазрат илова карда мегӯяд, ки агар аз он ҷо бошед, мазори пири аҳли Кашмир, Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат кардаед?

Мавлавӣ мегӯяд:

- Бале ҳазратам. Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол баъди каме таваққуф рост ба чашмони Мавлавӣ нигариста мегӯяд:

- Шумо, ки аз ватани пири аҳли Кашмир Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бошед, аввалин шуда, имрӯз Шуморо ба шогирдӣ қабул менамоям.

Мавлавӣ дар назди ин шахси бузург ҳафт зина, ҳафт водӣ ва

ҳафт қуллаи тариқи илми сӯфияро аз бар менамояд.

Дар охир пираш донишу заковати баланди муридашро дарк карда мефармояд, ки дар самти шимолии Кашмир оромгоҳи машҳуртарини авлиёи дунё дар тариқаи сӯфия, Ҳазрати Сайид Зиёвул Абдоли Валиро зиёрат намуда, баъд ба назди ман биё, бо ту маслиҳате дорам.

Пас аз намози бомдоди рӯзи чаҳоршанбе ба гуфти устод амал карда, роҳи Мазорро пеш мегирад. Дар масофаи ним фарсах (4 км) дуртар аз шаҳр ба як мавзеи сабзу хуррам, ки дар фасли баҳор биҳиштро мемонд, дохил шуда, сӯи кӯҳпорае роҳ пеш мегирад. Дар талу теппаҳо гулхо шукуфта, мурғони саҳро ғазалхонӣ мекарданд. Ин манзараи афсунгари Кашмир боги Ирамро ба ёд меовард.

Мавлавӣ вақте ки вориди гор мешавад, аҷоиботеро мебинад. Дар даромадгоҳи оромгоҳ хоначае мавҷуд буд ва марде зери пояш намаду кӯрпачае ва дар зери багалаш болиште ба ними рост такя карда, фақат калимаи «Аллоҳ»-ро хеле паст такрор мекард. Мӯйсараш овезон, то ба камар мезад, нохунҳои пойю дасташ чунон дароз шуда буд, ки тоб хӯрда ба кафи пою дастонаш медаромад, аз чашмонаш об ҷорӣ шуда, дар ҳар як 10-15 дақиқа қатрае ба замин мечакид. Осори оби дидааш чун ҷӯйча дар бари рухсори логараш намоён. Дар пеши болин косаи шире, дар атрофаш ду хизматгор рӯбу чин доранд. Он кас хеле логар буд, маълум гашт, ки ин мард 110-сола буда, яке аз шогирдони Сайид Зиёвул Абдоли Валӣ буда, баъди вафоти устодаш вазифаи мутавалиро иҷро мекардааст. Бо хаёли ҷамоли Ҳақ ба ин аҳвол меафтад, дигар парвои хӯрду хӯрок надошт, масту мадҳуши даргоҳи Ҳақ Таъоло буд. Мавлавӣ аз ин қудрати Офаридагори бузург дар аввал дар ҳайрат монда, дар охир ба ваҷд омада, дергоҳ ба даргоҳаш зор-зор гириста, муноҷот менамояд ва баъдан бо чашмони аз гиря варамидаю хунафшон ба назди пири тариқаташ бармегардад.

Пири тариқат Ҳазрати Мир Ҳасан Абдол муриди содиқи баркамолашро рӯ ба рӯи худ шинонда, дергоҳ ба чашмонаш менигараду баъд сар ба пеш афканда, дуру дароз чун маллоҳ дар баҳри маърифати «Абдол»-и (авлиёгӣ) шино намуда, дараҷаи илму дониш ва маърифатнокии Мавлавиро дар замири қалбу нури чашмонаш хонда ва сар бардошта мегӯяд:

- Шумо қуллаи баланди илму донишро фатҳ кардед, акнун вақти бозгашт ба ватан шуд, зеро мувофиқи фармудаи Қуръони Маҷид тарки ватан ва падару модар гуноҳест азим дар назди Худои бахшандаи меҳрубон. (Иқтибос аз забони Мавлавӣ).

Устоди бузургвор Мир Ҳасан Абдол ба номи амири Афғонистон Абдураҳмонхон мактубе навишта таъкид мекунад, ки ин се нафар шогирдони ман ба қуллаи мурод расидаанд, метавонед, аз инҳо манфиате бигиред.

Абдураҳмонхон додарзодаи Шералихон, ки соли 1869 ба Осиёи Миёна омада буд, моҳи июли соли 1880 ба Афғонистон баргашта, амири Афғонистон таъйин шуд ва 12 ноябри соли 1893 вафот кард.[4]

Абдураҳмонхон дар давраи салтанаташ дар шаҳри ҳамешабаҳору зеботарини дунё Кашмир бӯстонсарое дошт ва ҳар вақте ки дар Кашмир истирохат мекард, ба зиёрати пири бузургвораш Ҳасан Абдол рафта, аз ӯ баҳраҳои рӯҳию маънавӣ мегирифт ва ба ин донишманди бузург таваҷҷӯҳи ниҳоят калону ихлоси самимӣ дошт.

Вақте ки Мавлавӣ бо хамсабақони худ ба роҳ баромаданд, дар саросари хоки Афғонистон касали даҳшатангези вабо паҳн шуда буд. Дар вақти сафар устоди мехрубонашон дар кӯзачае об дода гуфта буд, ки ба хоки Афғонистон, ки наздик шудед ва бо касе, ки вохӯрӣ кардед, баъди салом дастатонро бо ин об шӯед ва рӯзе ҳазор маротиба ояти каримаро хонед: Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим «Саломун қавлам мир раббир раҳим». Худи Мавлавӣ ҳикоят мекунад:

- Вақте ки ба сарҳади хоки Афғонистон наздик мешудем, мардуми афғон гурӯҳ-гурӯҳ кӯч баста, бо чорпоёнашон аз касали даҳшатангез ба тарафи Ҳиндустон мегурехтанд ва ба мо нидо карда мегуфтанд, ки эй мусофирон, магар шумо девона шудаед, ки ба Кобул меравед, ҳама халқи афғон аз ин дарди бедаво нобуд шуда истодааст. Мо, мусофирон бо дастури пири бузурги худ амал карда ба пеш ҳаракат мекардем ва ба шаҳри Кобул расида, мактуби устодро ба воситаи дарвозабон ба амир Абдураҳмонхон расонидем.

Охири соли 1888 амири Афғонистон Абдураҳмонхон баъди мутолиаи мактуби устоди бузург Мир Ҳасан Абдол, Мавлавӣ ва

рафиқонашро қабул мекунад.

Амир Абдураҳмонхон баъди ахволпурсӣ ба Мавлавӣ ва рафиқонаш рӯ оварда мегӯяд:

Ман имшаб хобе дидаам, ки се марде дар аспони сафед савор аз тарафи Машриқ омада, говони зиёдеро аз дарвозаҳои Кобул берун мекарданд. Мумкин таъбири хоби ман шумо бошед, ки номае аз назди пири ман, устоди устодон ҷаноби ҳазрати Мир Ҳасан Абдол овардаед. Имрӯзҳо ҳазорон-ҳазор мардуми афғон аз дарди бедавои вабо фавтида истодаанд, шояд ба воситаи дуои Ҳазрати пирам ва қадами неки шумо, шогирдони устодам Худованди мушкилкушо тараҳҳуме намояд, ки ин дарди бедаво аз хоки Афғонистон берун шавад.

Дар чеҳраи Амир Абду-раҳмонхон осори гаму андӯҳ намоён буд, фикраш парешон, гӯё дилашро гургҳо тала мекарданд, баъди чанде хомӯшӣ амир оҳи дардноке кашида бо ҳасрат гуфт:

- Имрӯзҳо якчанд бало ба сари халқи афғон омад, яке аз онҳо касалии вабо бошад, дигараш, зулму шиканҷаи кофи-рони англис, низоъҳои қабилаҳои афғон ва сеюмаш ин ки писари ягонаи ман вориси ояндаи салтанати Кобул Ҳабибуллохон5 ниҳоят бемори вазнин аст, табибони номдори афғон дар муоличаи Ҳабибуллохон оҷиз мондаанд. Аз рӯи мактуби ҳазрати пирам огаҳ шудам, ки шумо ба замми чандин илмҳои динию дунявӣ дар илми тиб ҳамто надоред, бинобар ҳамин аз Шумо хохиш дорам, ки чанд муддате дар мадрасаҳои олии Кобул таълими илми тиб кунед ва баъд ба шумо рухсати рафтан ба ватан медиҳам.

Амир каме таваққуф намуда, ба Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ишора намуда мегӯяд:

- Шумо амирзода Ҳабибуллохонро як аз назар гузаронида бинед. Баъди се рӯз Шуморо қабул мекунам ва фикратонро мегӯед. Амир видоъ кард.

Амир Мавлавӣ ва рафиқонашро дар меҳмонхонаи дарбор ҷой мекунанд. Пас аз намози хуфтан хизматгорони амир Мавлавиро ба назди амирзода Ҳабибуллохон мебаранд. Мавлавӣ қариб се соат амирзодаро муоина намуда, давоҳо мефармояд ва посе аз шаб гузаштан ба назди рафиқонаш баргашта доир ба супориши амир Абдураҳмонхон машварат мекунанд.

Писари амакаш хоҷӣ Муҳаммадсалим ва Домулло Абдукарим ба гуфтаи амир розӣ нашуда, мегӯянд, ки амир ба шумо муроҷиат карда гуфт, на ба мо. Мо дар шаҳри Кобул истода наметавонем. Мо азми сафари Макка дорем, гуфта пеш аз бомдод рахти сафар бастанд.

Баъди се рӯзи ваъдагӣ пас аз адои намози бомдод амир Мавлавиро ба таъоми чошт хамроҳи умарову вузаро даъват мекунад. Мавлавӣ баъди салому алайк дар чеҳраи амир як хурсандиеро ҳис мекунад. Аз гиреҳи гаму андӯҳе, ки се рӯз пеш дар чеҳраи амир ҳувайдо буд, асаре намонда аст. Баъди таъоми чошт (саҳарӣ) амир бо як хурсандӣ ба Мавлавӣ ишора намуда гуфт:

- Эй муриди устоди бузургворам! Рафиқонат куҷоянд?

Мавлавӣ аз ҷой хеста бо одобона гуфт:

- Онҳо ба гуфти Шумо розӣ нашуданд ва гуфтаи Шуморо ҳам инкор накардаанд, зеро ки Шумо гуфта будед, ки то ман розӣ нашавам, ба ватан наравед. Онхо ба гуфти Шумо амал намуда ба ватан нарафтанд ва азми зиёрати Макка карданд То ҳол аз замони ҳазрати пайғамбарамон касе, ки азми зиёрати хонаи Худо карда бошад, фарде садди рохи ӯ шуда наметавонад ва инак, Ҷаноби Олӣ Шумо, ки ба ман муроҷиат кардед, ман дар хизмати Шумоям.

Амир каме табассум карда мегӯяд:

- Хоби се рӯз пеш дидаи ман таъбираш ба шумо рост баромад. Чӣ муждаи хубе, ки баъди табобатҳои фармудаи шумо ба амирзода Ҳабибуллохон муяссар шуд, ки шифо ёбад ва илова карда мегӯяд:

- Мавлавӣ шогирди пири бузургворам! Аз имрӯз баъд ба шумо манзил ва хизматгор ҷудо карда мешавад. Шумо дар мадрасаҳои олии Кобул илми тиб ва дигар илме, ки мувофиқи талаби ислом аст, ҷорӣ намоед ва инчунин худатон ҳам дарс гӯед!

Бо дастури амир Ҳазрати Мавлавӣ дар мадрасаҳои шахри Кобул ба таълими толибилмон машгул мешавад. Дарбориёни амир барои Мавлавӣ аз маркази шаҳр хонае ҷудо карда ва хизматгореро низ ба ӯ супурданд ва аз тамоми ашёю асбоби рӯзгор Мавлавиро таъмин намуданд.

Мавлавӣ аз соли 1889 то 1900 дар мадрасаҳои ин шаҳр ба толибилмон таълими илм намуд. Дар ин айём Аллоҳ таъоло ба ӯ зиёрати хонаи Каъба ва оромгоҳи Ҳазрати Муҳаммад (саллалоҳу

ъалайҳи васаллам)-ро насиб гардонид. Дар ин давра муборизаи озодихоҳии халқи афғон бар зидди кофарони мустамликадорони инглис рӯз то рӯз шиддат мегирад. Дар яке аз муборизаҳо бар зидди лашкари яроқноки англис бародари амир Абдураҳмонхон хокими шаҳри Мазори Шариф амир Ҳайдар6 ба шаҳодат мерасад ва аз ӯ духтарчаи 9-солае бо номи Хонимҷон ятим мемонад. Амир Абдураҳмонхон духтари бародари шаҳидашро ба тарбияи худ мегирад.

Хизматҳои Мавлавӣ ба амир хеле писанд омада буд. Аз ин лиҳоз рӯзе Амир ба Мавлавӣ муроҷиат карда мегӯяд, ки шумо ба қавлатон вафо карда, хоҳиши маро рад накардед ва боз амирзода Ҳабибуллохонро муолиҷа намудед. Акнун вақти он расидааст, ки ман ҳам ба шумо эҳсоне намоям. Шумо 33 соли умри худро дар роҳи илму маърифат бахшидед. Акнун чӣ мешавад, ки шуморо хонадор кунем.

Мавлавӣ аз ҷой бархоста, ба амир изхори сипос ва миннатдорӣ мекунад ва иброз медорад, ки ин хизмати ман нест. Ҳеҷ чиз аз дасти банда намеояд, ин аз ҷониби Худованд аст, ман сабабгори он шудам.

Баъди чанд муддате бо хоҳиши амир Абдураҳмонхон Хонимҷонро ба никоҳи Мавлавӣ медароранд. Аз байн солҳо мегузарад. Баъди зиндагии хушу хурсандона бахори соли 1898 аз завҷаи Мавлавӣ тифле ба олами ҳастӣ меояд, ки номашро Асламҷон мегузоранд.

Баъди таваллуди фарзанди нахустин меҳри ватани азизу муҳаббати самимии падару модар, ёди бародарон дили Мавлавиро ба ҷӯш оварда, тобистони соли 1900, ки дар ин давра ба ҷои амир Абдураҳмонхон ба сари салтанати Кобул писари ӯ амир Ҳабибуллохон омада буд, ҳамроҳи якчанд нафар шогирдони вафодораш, ба монанди Мулло Дилдори Кашмирӣ, Мулло Давлати афғон, Домулло Абдураҳими Ёвонӣ ва дигарон ба ватан бармегарданд.

Дар шаҳри Кӯлоб чил шабонарӯз дар таваҷҷӯҳи рӯҳи пири рӯҳонияш Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ истода ва баъд ба зиёрати оромгоҳи Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ омада, якчанд рӯз таваққуф менамоянд.

Дар ин сафаре, ки аз синни 17-солагӣ бо дуои падару модар ба вуқӯъ пайваста буд, аз миён 27 сол сипарӣ гардид. Дар ин муддати тӯлонӣ падари бузургвораш дар орзуи дидори фарзанд аз олам даргузашт ва модари зораш аз гиряю ғами ҳиҷрони фарзанди ҷигарбанди беному нишонаш қариб буд, ки чашмони бинояш оҷиз шавад.

Роҳгузарон хабарро то ба деҳаи Ниҳолдара бурда мегӯянд, ки дар масҷиди Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ якчанд олимони бузург омадаанд, онҳо дар Ҳиндустону Афғонистон хонда, ба дараҷаи унвони олии «Мавлавӣ» расидаанд.

Модари зор ин хабарро шунида беқарор гардида, писарону ҳамдеҳагонро даъват намуда, ба онҳо мегӯяд:

- Писарони азизам, ману падаратон 27 сол муқаддам бародаратонро, ки номаш Муҳаммадсолеҳ буд, ба Бухорои Шариф дуо дода будем, то ҳол аз ӯ ҳеҷ хабаре нест. Худораҳматии падаратон дар орзуи дидори бародаратон дунёи фониро падруд гуфт. Имрӯз ман фаҳмидам, ки чанд нафар олимон аз хоки Афғонистон омада, дар масҷиди Ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ ба ибодати илоҳӣ машғуланд. Зуд рафта бинед, ки бародаратон ҳамроҳи онҳо набошад, зеро ки имшаб дар хобам падари бузургворатон ба ман Қуръонеро бо ҷилдпӯши сабз ҳадя намуда чунин гуфт:

- «Ману ту аз фазилати ин Қуръон дар охират баҳра хоҳем гирифт» ва модар нишонаҳои бародари гумшударо ба бародарони ҳозирбуда чунин маънидод мекунад:

- Ҷавони танумандии миёнқад, чашмони калони осмонранг ва холи сабзе дар паси гардан дорад, шумо аз ин аломатҳо ӯро мешиносед.

Бародаронаш Мулло Сайиду Мулло Яъқуб ва дигар хешони аз дех буда дуои модари пирро гирифта, роҳи масҷиди Ҳазрати Мавлоноро пеш мегиранд. Аз дарвозаи масҷид ҳангоме медароянд, ки мардум ба намози зӯҳр (пешин) саф кашида буданд. Баъд аз адои намоз шахсоне, ки ба зиёрати мехмонон омада буданд, вориди масҷид гардида, як-як бо мехмонон вохӯрда, ба ҷойҳои худ менишастанд.

Диққати бародаронро эмоме, ки дар намоз пеш даромада,

баъди намоз ба ҳар як саволи одамон дар асоси илму шариат ҷавоб медод, ҷалб намуд.

Дар пеши назари бародарон на ҷавони чусту чолоки 17-сола, балки марди танументанди миёнақад, риши гирди сиёҳ аҳён-аҳён торҳояш сафед (ё мошубиринҷ), чашмони зебои кабуди осмонӣ, абрӯвони дур-дур, пешонаи васеъ, дар тан камзули сабз ва дар сар кулоҳи афғонӣ, як нури зебое дар ҷабин дар рӯ ба рӯи бародарон меистод.

Дар ду тарафи ин шахс ду-се нафар ҷавоне ба ҳар як ҳаракату гуфтугузори он шахс гӯш дода, ба супориши ӯ кору гуфтор мекарданд. Сару либоси ин ҷавонон ба сару либоси мардуми таҳҷоӣ кам монанд буд. Ду нафар ҷавони дигар, ки мӯи сип-сиёҳи мушкинашон аз зери саллаи сафеди хиндубанд баромада ба паси пушт партофта шуда буд, бештар диққати бародаронро ба худ ҷалб намуд, ки бо ҳайрат бо ҳам нигариста оҳиста-оҳиста пичиррос мезаданд:

- Мо бори нахуст марди мӯйсардорро дидем.

Дигаре пичиррос зада мегуфт:

- Дар ин ҷо бародари мо нест, биёед, ба деҳа равем, инҳо хинду ё афғонанд. Бародарон дар ҳайрат монданд. Баъди чанде пас аз суханони Мавлавӣ бародари калонӣ Мулло Сайид ҷуръати суханронӣ карда мегӯяд:

- Узр тақсирам. Суоле дорем. Мо, бародарон аз роҳи дур омадаем. Аслу насаби Шумо аз куҷост? Сонияи, мо бародаре доштем, 27 сол муқаддам бо дуои волидайн барои омӯхтани илм ба тарафи Бухорои Шариф раҳсипор гашт, то ҳол аз ӯ ягон хабаре нест, падари бузургворам дар ёди он кас аз олам чашм пӯшиданд ва модари меҳрубонам бошад қариб аст, ки дар ғами вай чашмонаш оҷиз шавад. Оё Мавлавии бузургвор, Шумо бародари моро дар он мамлакатҳо надидаед?

Дар қиёфаи Мавлавӣ як дигаргуние ба вуҷуд омада ва дар чеҳраи чун моҳ зебояш араќи сарде пайдо шуду бо як ҳаяҷони ногаҳонӣ мепурсад:

- Исми бародаратон ва ӯ аз куҷо буд?

- Номи бародарамон Муҳаммадсолеҳ ва аз деҳаи Ниҳолдара мебошад.

Баробари шунидани ин сухан Мавлавӣ аз ҷояш ҷаҳида ашк аз чашмони кабуди осмониаш ҷорӣ мешавад ва ба истиқболи бародаронаш омада, онҳоро ба оғӯш мегирад. Дар ин хангом Мулло Сайид холи гардани Мавлавиро пайхас мекунад, акнун боварии комил пайдо мекунад, ки ин олими бузург на ҳинду на афғон, тоҷики кӯҳистонӣ бародараш Муҳаммадсолеҳ будааст. Баъди чашмони аз ашк хунбори худро бо рӯймоле Мавлавӣ пок намуда, бо як оҳанги дардноке аз ҷигари бирёну қалби сӯзон ба ёди падари бузургвораш мегӯяд:

- Оҳ, падари мушфиқорзу доштам, ки баъди ин қадар сафари тӯлонӣ сар ба қадами мубораки Шумо монда, охирин дуои Шуморо гирам ва қарзи фарзандиро ба ҷо орам, вале афсӯс, сад афсӯс, ки чунин нашуд. «Фалак дар чи хаёлу мо дар чи хаёл». Қарзи фарзандиро дар назди падар иҷро карда натавонистам. Мавлавӣ ба ҳамаи бародарон ва хамдеҳагон нидо карда мегӯяд:

Бародарони азиз, ман ҳамин лаҳза ба зиёрати модари меҳрубонам меравам. Аз шумо як хоҳиш дорам аз омадани ман ба ӯ касе хабар нарасонед, мабодо хабар расонед, ман рафтанро қатъ мекунам. Мабодо модар хабар ёбаду аз ҷояш ба истиқболи ман хезад, биллоҳ, заҳмати 27-солаи ман барбод хоҳад рафт. Бояд ман модари худро дар ҷои нишасти худаш зиёрат намоям, то ки ӯ барои ман шуда, аз ҷояш наҷунбад, гар биҷунбад, осию ғарқи гуноҳ мегардам.

Баъди ин вохӯрӣ Мавлавӣ ҳамроҳи бародарон ва хамдеҳагони худ ба зодгоҳаш, ба зиёрати модари чашминтизор равон мешаванд. Хабари омадани Мавлавиро мардуми деҳаи Роҳатии Калон шунида, пеш аз намози шом ба пешвози меҳмонон баромада, дар масҷиди ҷомеаи деҳа Мавлавӣ ва ҳамроҳонашонро меҳмон мекунонанд.

Баъди намози хуфтан қариб то нисфи шаб сӯҳбат дар масҷид давом кард. Аҳли деҳаи Роҳатӣ аз илму дониши Мавлавӣ баҳра гирифта, ба ваҷд омаданд ва калоншавандагони деҳа ба хулосае омаданд, ки аз чунин донишманди бузург бояд баҳра бардошт ва бо худ машварат карданд. Яке аз одамони орифу доно ва давлатманди деҳаи Роҳатӣ Одинабой аз ҷой хеста ба Мавлавӣ муроҷиат намуд:

- Ҳазрати Мавлавӣ! Ман аз номи мардуми Роҳатӣ аз Шумо як хоҳиш дорам. Мо аз Шумо умедворем, ки дар деҳаи мо мемонед.

Зеро ки мардуми мо ба Шумо ниҳоят боварӣ ва ихлоси беандоза калон пайдо карданд ва мехоҳем, фарзандони мо аз нури илму маърифататон баҳрае бигиранд.

- Ман дар пеш қарзи калоне дорам, аввало, модари меҳрубонамро зиёрат намоям, сонӣ, баъди 40 рӯз ҷавобашро ба шумо мегӯям, посух медиҳад.

Баъди адои намози бомдод Мавлавӣ бо ҳамроҳонаш роҳи деҳаи Ниҳолдарарo пеш гирифта, байни намози асру шом ба деҳа мерасанд.

Мавлавӣ ба зиёрати модари меҳрубони чашминтизораш мушарраф мегардад. Сар ба пеши қудуми модари пир афканда, бо ашки равон, бо дили сӯзон дар ёду ғами падари бузургвораш соатҳо мегиряд ва аз модар барои интизориҳояш авф талабида дуои модарро мегирад ва дастони пурожанги модарро ба дидагонаш молида, гирён-гирён мегӯяд:

- Эй каъбаи дил, заҳматҳои 27-сола кашидаамро ба як шабона сари гаҳвора хестанат баробар намекунам, туӣ калиди ҷаннатам.

Модар сари писари на ҷавон, балки марди миёнсолеро сила карда, дар канор гирифта зор-зор мегиряд ва ба сухан шуруъ карда мегӯяд:

- Худованд ба ман дар ивази орзую интизориҳои чандинсолакашидаам мукофоташро бо ин илму маърифати андӯхтаи ту бозгардонд. Пас аз маргам каломи Аллоҳро дар ҳаққи ману падари бузургворат тиловате мекунӣ, ҳамин буд орзуи ману падари раҳматият, одамони хушбахттарини дунё мо будем, ки Худованди таборак ва таъоло ба мо чунин фарзанди солеҳеро раво дид. Ҳазоронхазор бор шукрат, эй Холиқи арзу само, гӯён модар ба даргохи Аллоҳ таъоло арзи сипос карда, муноҷот менамуд. Баъди зиёрати модар Мавлавӣ рост роҳи оромгоҳи падарро пеш гирифт. Ӯ ба воситаи ағбаи кӯҳи Мазори Хоча Абдулло вориди деҳаи Қасамдараи ноҳияи Файзобод мегардад, ки падари бузургвораш Домулло Муҳаммадшариф дар ин деҳа вазифаи имомию мактабдориро иҷро мекард ва дар ҳамин ҷо фавтида буд. Баъд аз зиёрати мазори падар ва хатми сураи «Мулк» ба фикр фурӯ рафта, гӯё бо рӯҳи поки падар аз сафарҳояш ҳисобот медод. Кам-кам ба бари рухсори зебояш ашк ҷорӣ шуда, қатра-қатра аз бари риши

гирди мошубиринҷаш ба домони камзӯли сабзаш мечакид.

Дар пеши чашмони Мавлавӣ давраи ҷавонияш ҷилвагар шуд. Ҷавони чусту чолок, ташнаи илму дониш, дар назди падар рост истода сар ба пеш афканда насиҳату дуои падарро бодиққат гӯш медиҳад Домулло Муҳаммадшариф ба писараш чунин насиҳатҳо карда буд:

- Писарам, ман медонам, ки ту ташнаи илму дониш ҳастӣ. Он қувваю зеҳни худододи ту маро низ дар ҳайрат мондааст, он донише, ки дар назди устодонат гирифтай, туро қонеъ карда наметавонад, имрӯз, ки ту барои омӯхтани илму дониш аз ман дуо металабӣ, ман туро дуои хайре медиҳам.

Писари азизам, агар ман туро дар зиндагиам бинам, чӣ кори хубу хайре ва агар аҷал амон надиҳад, умедворам аз даргоҳи Худованди ломаконам, ки ту олими хубе мешавию дар ҳар як намоз ва дар сари мазорам бо оёте аз Каломи Маҷид рӯҳи маро шод мегардонӣ ва он илму маърифати андӯхтаатро ба ҳамватанонат меомӯзонӣ, илоҳо-гӯён даст бардошта мегӯяд:

- Холиқо, Қодиро, Парвардигори Кариму Раҳим, ман ин писарро ба Шумо амонат супоридам, умедворам, ки соҳиби илму маърифати исломӣ шуда, ба ватан сиҳату саломат баргашта, чароғи маърифатро дар ин диёри кӯҳистони мо равшан намояд, омин, Аллоҳу акбар гӯён даст ба рӯй кашиданд.

Бори охир писарро ба оғӯш кашида видоъ мекунанд. Ин видои охирин буд, аммо эшон намедонистанд, ки аз ҳамин лахза аз дидори муборакии хамдигар абадӣ дар ин дунё маҳрум мешаванд. Боз ба ёд меорад:

- Баъди панҷ-шаш қадам задан Мавлавӣ ба пас нигариста мебинад, ки падар бо рӯймоли худ ашки чашмонашро тоза карда, гаштаю баргашта ба писари ҷавонаш бо ишораи лаб дуо медод. Дар ин лахза аз чашмони ӯ низ ашк ҷорӣ мешавад. Бале, ин ашк, ашки ҷудоӣ буд. Ӯ гирён-гирён роҳашро ба сӯи дунёи мақсуд давом медиҳад. Бори дигар мазори падари бузургворашро зиёрат намуда, оёти каломи раббониро қироат карда, бо ҳамроҳонаш ба деҳа бармегардад. Чиҳил рӯз дар хизмати модар буд. Дар ин муддат деҳаи Ниҳолдара ба як тӯйхона табдил ёфта буд. Меҳмонони зиёде аз деҳаҳои дуру наздик ба зиёрати Мавлавӣ меомаданд.

Рӯзи чилум Одинабойи роҳатичӣ бо яке аз калоншавандагон ба деҳаи Ниҳолдара омада, бо Мавлавӣ ҳамсӯҳбат шуда, ӯро розӣ кунонида, бо аҳли оила кӯч баста, ба деҳаи Роҳатии Калон меоранд.

Баъди зиндагонии ҳафтсола Мавлавиро мардуми Роҳатӣ бо хушнудӣ ҷавоб медиҳанд, ӯ дар мадрасаи Сурхиён мударрисӣ мекунад. Аз рӯзе ки Мавлавӣ ба Сурхиён меояд, гӯё дар ин деҳа ҳар рӯз тӯй буд, донишҷӯён, донишмандон, беморон, корафтодагон ва ихлосмандон аз шаҳрҳою ноҳияҳои дуру наздик ба зиёрати Мавлавӣ омада, яке дуо мегирифту дигаре барои табобат ва саввумин донишу илм меомӯхт. Он шахсони сарватманд, ки барои зиёрат моле аз қабили хӯрока, чорво ва ғайраҳо меоварданд, Мавлавӣ намегузошт, ки ба хонааш биёранд, агар меоваранд ҳам, ӯ бароварда ба мадраса, ба ятимону бечорагон тақсим мекард. Овозаву шӯҳраги Мавлавӣ рӯз то рӯз зиёдтар паҳн мешуд ва ҳатто, го ба хоки Мовароуннаҳр меравад ва аз ҳамин сабаб, одамон пои бетаҳорат номи муборакӣ Мавлавиро аз рӯи эхтиром ба забон намегирифтанд ва ӯ тахаллуси «Домуллои Сурхиён»-ро гирифт, ки то имрӯз пиру ҷавон бо ин тахаллус эҳтироми Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳро бо ҳисси иззату эҳтироми комил ботаҳорат ном мегиранд.

Ҳамин тариқ, зиндагӣ дар деҳаи Сурхиён пурҷӯшу хурӯш буд. Дар мадраса шогирдони зиёде аз шаҳрҳои дуру наздик омада, таҳсили илм мекарданд. Солҳои 1929-1939 дар сар то сари хоки собиқ Шӯравӣ бар зидди бою мулло, аҳли илму адаб муборизаи беамон мерафт, ки таърих гувоҳ аст.

Ҳазорон ҳазор олимону шоиронро бо баҳонаи душмани халқ ном бурда, ба бадарға мефиристоданд ва несту нобуд мекарданд, аммо дар ин вақт Мавлавӣ аз ҷояш намеҷунбид. Касе, ки бо дилу нияти бад, қасди Мавлавӣ мекард, Худованд ӯро ба болои азиме гирифтор менамуд, ки ҳамагон шоҳиду назоратчии ин ҳодисаҳои аҷоиб буданд.

Акнун баъди таъқибу мубориза бар зидди бою мулло, чароғи илму маърифати исломӣ, бенур гаштаю дари мадрасаҳо баста, овози азон дигар аз масҷидҳо шунида намешуд, оҳанги зиндагии пурҷӯшу хурӯш, такрори оятҳои раббонӣ дар масҷиду мадрасаҳои Сурхиён хомӯш гашта буд. Шогирдони ташнаи илм ба монанди

Домулло Насриддин, Домулло Ташриф, Домулло Наим, Домулло Гулмаҳмад, Домулло Давлати Дарвозӣ, Домулло Насруллои Қаротегинӣ ва Домулло Дилдор, ки хамроҳаш аз шаҳри Кашмир омада буд, аз таъқиби «Калтакдорони Сурх» деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр ва ба кӯҳу пуштаҳо гуреза шуда, азоби сангинеро аз сар мегузаронидаанд.

Ниҳоят, дар синни мубораки 82-солагӣ, яъне соли 1939 дар Сурхиён олими бузурги соҳаи «Ҷамъ-ул-улум», яъне ҳамадон, қутби замон, шоҳсутуни илму маърифати куҳистон Мавлави Муҳаммадсолеҳ бо тахаллуси Домуллои Сурхиён дунёи фониро абадӣ падруд гуфт.

Офтоби дурахшони паси абрҳои сиёҳи тираниход аз Машриқ зуҳур карду дар Магриб суҷуд намуд. Дар он рӯзи пургубори сиёҳу тира, гӯё аз осмон малак бориду аз замини кафида, одам баромада буд, ки деҳаи Сурхиён бо ҳама бузургияш мардуми видоъкунандаро гунҷонида наметавонист. Гӯё мурғон дар ҳаво, моҳиён аз дарё дар мотами авлиё менолиданду мегуфтанд: -Ҳамду сано бар Худо, дуруд ба Мустафо (с).

- Алвидоъ, алвидоъ, эй авлиё! Дар назар турбати он ҳазратро фариштагон бар ҳаво мебурданд, гӯё сӯи само мебурданд. Турбат бо шитоб ғоиб шуд дар назар, мерафт бар зиёрати Пайғамбар (с).

Ҳама мардумон ҳам хурду ҳам калон менолиданду муноҷот мекарданд, ба даргоҳи Худои Ломакон.

Охир, авлиюллоҳ (қутбу абдолҳо) чароғи равшану сутуни дунёанд. Пас аз реҳлати авлиё нури маънавиёти дунёи башарӣ тираю сутуни маърифати ҷаҳонӣ бебақо мегардад.

Фардони дилогаҳ ба даргоҳи Ҳақ таъоло муноҷот намуда, дуо мекунанд, ки ё бор Худоё, қутбу абдоли дигареро баҳри мо бифирист, то ки зи нури маърифати эшон дунёи тираниҳод равшану сутуни нимшикастаи он мустаҳкам гардад.

*Эй субҳ марав, ки шом хоҳад омад,*
*Торикии бардавом хоҳад омад.*
*Хуршед, ки тифли туст, аз ӯ магурез,*
*Бо ҷустани Зол он Сом хоҳад омад.*

*Ин умр мисоли корвон мегузарад,*
*Бо бонги ҷараспурормон мегузарад.*
*Аз қофилаи ҳаёт, одам ғофил,*
*Воқиф шуд агар, аз ин ҷаҳон мегузарад.*

Аз осори гаронбаҳои Мавлавӣ «Пандднома», китобе бо номи «Ҷузъгир» ва ё «Шарҳи ҳол» оиди илмҳои гуногун, аҷоиботу ғароиботи дунё баҳс мекунад ва порчаҳои алоҳидаи парокандаи «Маснавиҳои ирфонӣ»-ю китоби дастнавис оиди илми тиб «Тибнома» (ташхисшиносӣ) боқӣ мондаасту халос.

Ҳодисаҳои солҳои 1929-1939-ро таърих гувоҳӣ медиҳад, ки ҷанги беамон бар зидди илму маърифати исломӣ эълон шуда буд, бисёре аз осори Мавлавӣ, ки ба тариқи дастнавис буд, дар зери сангу калф, ғору чоҳҳо нест шуда, то ба замони мо нарасид, зеро дар ин давра на чопхона буду на китобхона. То имрӯз порчаҳои китобҳои илмию бадеии Мавлавиро аз деҳаҳои Лошхарфу Сурхиён ёфтан мумкин аст. Зиёда аз ҳазорҳо китобҳо дар зери калфҳо монданд, ки чорвою ҳашаротҳо онҳоро хӯрда несту нобуд карданд. Дар деҳаи Лошхарф дар чоҳи Муллоёр зиёда аз панҷ ҳазор китобҳоро пинҳон карданд, ки дар натиҷа ба чоҳ об даромада, ин китобҳои нодир ба хокистар мубаддал гаштааст ва дар қатори ин китобҳо, дастхатҳои зиёди илмию бадеии худи Мавлавӣ низ буд, ки шоҳидону нигоҳдорандагони ин китобҳо бобои Абдусамад, бобои Раҷаб, мулло Солеҳ, бобои Гулӣ, Асо Сафар, бобои Саъдулло, ки зодагони деҳаҳои Лошхарфу Дараи Ҳамза, Сурхиёну Тӯдаи Насканд, шаҳодат дода, то ба ҳол бо ҳасрат чунин ҳодисаи шумро ёдоварӣ карда афсӯс мехӯранд.

Дар айни ҳол зиёда аз ҳазор китобҳои илмию дарсӣ ва бадеии Мавлавӣ, ки бо заҳматҳои сангин аз кишварҳои Ҳиндустону Афғонистон оварда буд, дар сандуққҳоя махсус дар хонаи Махдуми Сироҷиддин, Махдуми Абдулҳафиз, Махдуми Абдулмалик, Махдуми Неъматулло дар деҳаи Даштибеди Калони ноҳияи Ваҳдат махфузанд.

Ҳарчанд Мавлавиро ба ҷое набурда бошанд ҳам осори гаронбаҳои ӯро бераҳмона несту нобуд карданд ва дар зери сангу даруни чоҳҳо пӯсонда, фано карданд.

Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ қутби замон, шоҳсутуни илму маърифати куҳистон бо тахаллуси эҳтиромии Домуллои Сурхиён, офтоби паси абрҳоро мемонд, ки бо ҳама илму маърифати андӯхтааш ба олами тираниҳоди давру замонаш нурфишонӣ карда натавонист. Дар ин хусус Ҳазрати Мавлавӣ бо таассуф мегӯяд:

Дар давоми сафари 27-солаи хеш гирди ҷаҳонро гардидаам ва 10 000 фарсах (60 000 км)-роҳро тай намуда, дар шаҳру кишварҳои бегона бо хорию зорӣ басе умр ба сар бурдам. Аз олимону донишмандони номдори ҷаҳон улумро зара-зара дар қалбу хиради хеш захира намудам, вале афсӯс, сад афсӯс, ки он ганҷи андӯхтаамро ба халқи азизи кӯҳистони хеш ба пуррагӣ омӯзонда натавонистам ва онро бо худ ба хоки тира мебарам...

***Рӯзе, ки расидаем дар хонаи умр,***
***Бигзашт зи мо чу хоб афсонаи умр.***
***Хӯрдам бари худ чу шамъ хуни ҷигарам,***
***Пур шуд чу хуми шароб паймонаи умр.***

***Афсӯс, ки аз ҷаҳон гузаштем, дареғ,***
***Бо дидаи хунфишон гузаштем, дареғ.***
***Аз ваҳшати ин давр ба монанди ҳилол,***
***Хам гаштаву нотавон гузаштем, дареғ.***

***Рӯзе, ки ҷудо зи банди гаҳвора шудем,***
***Дар чорсӯи ҳаёт овора шудем.***
***Дар оташи айём саропо сӯҳтем,***
***Рафтем ба осмону истора шудем.***

## РОҲҲОИ САФАР ВА ВАҚТИ ТАВАҚҚУФИ МАВЛАВӢ БАРОИ ТАЛАБИ ИЛМУ МАЪРИФАТ АЗ СОЛИ 1874 ТО СОЛИ 1907

*Кӯлоб (баҳори соли 1874), Кобул (1874-1876), Ҳирот (1876-1877), Қандаҳор (1877-1878), Деҳлӣ (1878-1880), Бамбай (1880-1887), Лондон (1.02.1887-20.07.1887), Бамбай (1887), Калкутта (1887), Деҳлӣ (1887), Кашмир (1887-1890), Кобул (1890-1900), Макка-Мадина (1896), Ҳисор-Роҳатӣ (1900-1906), Кобул (1906-1907), Ҳисор–Сурхиҷи (1939).*




Харитаи сафарҳо дар омӯзиши илм



***Харитаи сафари Мавлавӣ ба Ҳаҷ***
***(Дар ин нақша, ки бо дасти худи Мавлавӣ тартиб дода шудааст, аз як шаҳр то шаҳри дигар чандрӯза роҳ будан, роҳи биёбон, кӯҳсор, ҷангалзор ва чанд оби чоҳу чашма буданро зикр карда шудааст ва аз манзил то Маккаю Мадина 132 рӯза роҳ буданро низ нишон додааст).***



***Харитаи сиёсии ҷаҳон аз нигоҳи Мавлавӣ, ки ба толибилмон дар мадрасаҳои Кобулу Сурхиён таълим медод.***



***Мӯҳри Ҳоҷӣ Домулло Муҳаммадшариф нахустустоди Мавлавӣ***

## БЕДОР ШАВ

*Эй, ки дар хоби ҳанӯз, ғофил машав, бедор шав,*
*Маргу дӯзахро ба ёд овар, Худоро зор шав.*
*Ту савори деви нафсӣ, бехабар умрат гузашт,*
*То ки бинӣ нури Ҳақ, ҷӯяндаи асрор шав.*
*То тавонӣ хону хону донишу маънӣ бидон,*
*Чун шавад сабрат калид, доною омӯзгор шав.*
*Зуд бош, эй навҷавон, пирӣ расад чун ногаҳон,*
*Бо ҷаҳд омӯз ҳар амал, аз хоби худ бедор шав.*
*Ҷони ман Муҳаммадрасул, ин нуқтаро бинмо қабул,*
*«Киштии Нӯҳ» меравад, ғофил машин, ҳушёр шав.*

## ТАҚДИРРО ТАКБИР НАТВОН КАРД

Ин порчаи насрӣ, ки дар китоби «Сироҷ-ул-Соликин» иншо гардида буд, баъди мутолиаи китоби мазкур ба риштаи назм баргардонда шуд.

## МАСНАВӢ

Мусо мерафт ба кӯҳи Тур яке рӯз,
Ба хотир омадаш дилҳои дар сӯз.
Яке мӯҳтоҷу мискину парешон,
Яке дар нозу неъмат шоду хандон.
Яке дар бистари ишрат басо шод,
Яке дар ғам азобаш яъсу бедод.
Бигуфт, ё Раб ту доной, аминӣ,
Сабабҳоро Мусабаб[8] бар яқинӣ.
Якеро додай ризқи фаровон,
Яке мӯҳтоҷ бар як пораи нон.
Яке комёб ба чанд завҷу[9] неъмат,
Яке дорад фиғон бо сад хиҷолат.
Яке танҳою доим дар хаёл аст,
Яке хушҳолу хушрӯз хушаёл аст.
Кадомашро ба ту Маҳбуб донам,
Ки ман пайғамбари ҳам ину онам.
Садо омад зи осмони Мусафо,

Ба Мӯсои Калим дар Тури Сино.
Аё Мӯсо зи баҳри бандагонат,
Ҳамин хостам барои имтиҳонат.
Кӣ кӯмак мекунад бар фақри нодор,
Зи баҳри шукри Ҳақ, не баҳри озор?
Кӣ ёрӣ хоҳад, бар Маҳзуни хаста,
Ки боз гардад бар ӯ дарҳои баста?
Шавад мискин аз ин хушҳолу масрур,
Миёншон дӯстӣ гардад басо зӯр.
Муҳаббат дар миёншон беш гардад,
Рафоқат ҳамсафи дилреш гардад.
Муҳаббат беҳтар аст дар ҷумлаи нос[10]
Ки шукрона аз он гардад ба ашхос.
Агар доро шавад, мағрури худбин,
Ба нодор бингарад бо қаҳру бо кин.
Зи худбинӣ ғурур ояд варо зуд,
Куҷо ин тоаташ ӯро кунад суд.
Мусаббабро надид, ӯ манманӣ кард,
Зи бухлаш хештанро ӯ ғанӣ кард.
Гурезон аст эҳсон аз бахилон,
Чӣ сон дӯстӣ кунем ба ҳар разилон.
Агар мискин кунад шукрони фақраш,
Бубинад дар ҷазо сад гуна аҷраш.
Дар ин айём, ки мебинӣ чунон аст,
Баъзе доро мискинро бад гумон аст.
Бирав Мӯсо ба ҷое нонишаста,
Маро дарёб зи дилҳои шикаста,
Зи куфри ояти Ҳақ ӯро яқин аст...
Ки ризқро аз Худо не, худбин аст.
Зи баҳри нафси худ, инкори оят,
Азиз аст нафс бар ӯ аз ин хиёнат.
Барои роҳат аз амри Худо ӯ,
Бубин киҳо чунин гардондаст рӯ.
Намозу рӯзааш ҳам баҳри нафъ аст,
Риёкорро мурид гаштан зи ҷаҳл аст.

## «ПАНДНОМА»-И МАВЛАВӢ

## ИЛҲОМ АЗ «МАҶОЛИСНОМА»-И ШАЙХ САЪДӢ
## ИМОН ВА ТАҚВО (ПАРҲЕЗГОРӢ)

Бигӯям ба ту заррае зи роҳи имону тақво ва аз сирру сӯзи ишқи Худо, ки он чароги равшан гардад баҳри ту дар рӯзи ҷазо!

Бидон ва огаҳ бош, эй бандаи хокӣ, агарчи мӯъминӣ мапиндор, ки бе тақво дар ислом покӣ.

Покии имонро дар тақво дон, ки тақво на корест осон, тақво ҷиҳодест бар нафси куфру васвоси шайтон.

Сухане чанд кунам аз бузургон баҳри ту баён, онро хону дон ва кор банд баҳри иҷрои он, то ки дар рӯзи «растахез» набошӣ ҳайрон!

**Ҷавонмардо**, роҳи тақворо ёд гир аз Иброҳими Адҳам ва ё бишнав аз «Маҷолиснома»-и Шайх Саъдии ширинсухан. Ин Шайхи мо ёфт сӯзи ишқи Худо, аз ин сабаб ширинсухан гашт дар дунё ва роҳи наҷоти худро ёфт дар уқбо.

**Эй бандагони мӯъмин**, бидонед ва огаҳ бошед, ки имон чисту тақво кадом аст!?

Шумоён, ки ба ваҳдонияти Ҳақ ҷалла ва аъло икрор кардаед, парҳезкорӣ кунед. Имонро исбот кардеду ба тақво амр фармудед, то бидонед, ки арӯси имон ба он ҷамоле дорад, бе ҳусну зевари тақво камоле надорад. Дар хабар аст, аз хоҷаи олам ва хулосаи бани Одам, яъне Ҳазрати Муҳаммад (с), ки фармуд:

- «Аз Худои азза ва ҷалла шунидам, ки:

«Ҳар ки гувоҳӣ диҳад маро ба Худоӣ ва туро ба пайғамбарӣ ба биҳишт дарояд, бо ҳар амале (касбу коре), ки дорад, бо чандин шарафу давлат, ки калимаи ихлосрост, ба вуҷуди тақвӣ (парҳезгориҳо) мастаҳзар аст, ки дар он чӣ ҳикмат аст?»...

Ҳар бандаи мӯъмин бо ин роҳ, ки ғолиб омад, ба мақоми авлиё бирасад.

Валиятро ҳамин ду тараф аст: имон ва тақво. Биёед, эй дустон, ки мо аз ин ду тараф яке бардорем, имон ва он асл аст, то бақияти зиндагонӣ чунон ки муяссар шавад парҳезгорӣ кунем. Бошад, ки аз давлати сӯҳбати Худои таоло маҳрум нашавем ва ин муяссар нашавад, магар ба тавфиқи борӣ иззи асмаҳу.

Ё Раб, чунон ки хилъати имон бахшидай, пероям тақво

каромат кун. Ва бори дигар фармуд, такрори Лафз аз фавоид ва ҳикмате холӣ набошад. Гуфтанд, таъкид аст, валекин бад-ин қадар ихтисор вақте афтод, ки маъние аз ин болиғтар (баланд) натавон ёфт.

Имон ганҷи офаридаи Маъбуд (Худо) и барҳақ, зуҳури ҳастӣ, нишони муқаддаси зиндагӣ, гавҳари саодати башарӣ, чароғи ҳамешафурӯзони ҷон ва сипари фӯлодини рӯҳу тан ҳаст, ки инсони комилро аз захми шамшери шайтони раҷим дар амон нигоҳ медорад.

Фоидаи имон се чиз аст:

Дӯстӣ дар роҳи Худо, душманӣ баҳри Худо ва шарм аз Худо.

Душманӣ баҳри Худо чунин аст:

Замоне имом Алӣ (кароматуллоҳу ваҷҳаху) кофиреро ба замин афтонда , акнун қасди қатл кард, ки он кофир ба рӯи мубораки он ҳазрат туф кард. Ҳазрати Алӣ кофирро сар доданд. Кофир ҳайрон шуда пурсид:

- Ё Алӣ, чаро аз куштани ман якбора даст кашидӣ?

Он ҳазрат гуфтанд:

- Туро дар роҳи Худо куштанӣ будам. Лекин ба рӯи ман туф карда, ғазабамро овардӣ. «Дар куштани ту нафсам низ ҳиссагузор гардид», - гуфта, аз куштанат худдорӣ намудам. Зеро аз ғазаб худдорӣ кардан, дар дини мо савоб аст.

Ба ин ҷавоби он ҳазрат боз кофир гуфт:

- Ман барои тез ба ғазаб овардани ту ба рӯят туф карда будам. Модоме ки дини шумо ин қадар софу холис бошад, пас он ҳақ будааст.

Ҳамин тавр, он кофир аз имону тақвои ҳазрати Алӣ (кароматуллоҳу ваҷҳаҳу) ба ваҷд омада, зинда монд ва имон оварда, мусалмон гардид.

Имон дасти моро аз гирифтани моли харом, чашми моро аз нигоҳ ба номаҳрамон, пойи моро аз рафтан ба ҷойи нобаҳангом ва қалби моро аз васвасаи шайтон нигоҳ медорад.

Дар Ҳадиси расули Худо омада: Аввал чизе, ки дар тарозуи аъмол мениҳанд, ахлоқи нек ва саховат аст. Ҳангоме ки Худо имонро офарид, имон аз Худо хост, ки нерӯяш диҳад. Худованд бар хӯйи нек ва сахо ӯро тақвият кард...

Бидонед, ки тақвӣ ду навъ аст: таквии солеҳон ва тақвии орифон. Тақвии солеҳон аз андешаи рӯзи қиёмат дар мустақбал ва тақвии орифон аз ҳаёи Рабилъоламин дар ҳол.

Вақте ки солеҳонро шайтон амале нописандида дар назар биёрад ва нафсу табиат моили он кунад, андеша кунанд аз рӯзи қиёмат ва ҳисоб, ки арсаи арзи аввалин ва охирин бошад.

Некбахтонро тоҷи каромот бар сару қабои саломат дар бар тахти мулуки абадӣ дар давлати наими сармадӣ такя зада ва он гунаҳкорони парешонрӯзгор дил аз доғи маломат парешу сар аз бори хиҷолат дар пеш. Пас аз нанги чунин муваққиф битарсанд ва даст аз гуноҳон бидоранд, иншоаллоҳ, ки тавфиқ бахшад.

Тақвии орифон кадом аст?

Тақвии орифон он, ки агар гӯшаи хотири эшон ба амали накардание илтифот кунанд, на аз азоби рӯзи қиёмат тарсанд, балки он ҳолашон аз Худои азза ва ҷалла шарм ояд, ки воқиф асту мутталеъ ва раво набошад дар назари бузургон афъоли (рафтори) қабеҳ.

Солеҳ аз душман (шайтон) андеша кунад, ки наояд, ки фардои қиёмат бар ҷони табоҳи (пуразоби) ӯ бихандад ва ориф аз дӯст шарм дорад, ки ҳамин дам написандад, ки қиёмат банд аст ва ҳақ мулозими Ҳабулворид.

**Эй дӯстон**, Худои таоло ба тақвӣ мефармояд ва нишони дӯстӣ фармон бурдан аст.

Хоҷа Олам (с) мефармояд: Ҳар ки чиҳил бомдод ба ихлос бархезад, Ҳақтаоло чашмаҳои ҳикмат аз дили ӯ бар забони ӯ равон кунад. Ин натиҷаи фармонбардорист.

## ДАРЁФТИ ИШҚИ ҲАҚ

Меҳтари олам ва Сайиди бини Одам чунин мефармояд: «Ҳар кас ки бомдод сар аз ҷомахоб бардораду гами дин бувад, ки дар дили ӯ бувад ва андӯҳи ислом бувад, ки дар синаи ӯ бувад ва ишқи Ҳақ таоло бувад, ки дар ҷони ӯ бошад. Ҳақ ҷалла ва аъло ба ҳукми караму фазл иноятн азалро бифиристад, то кифояти абадии ӯ кунад ва ҳар киро савдои дигаре дар дил бувад, ё андӯҳи дигар дар синаи ӯ ҷой гирифта бошад, лашкари қаҳрро бифиристад, то бар

ниҳоди ӯ шабехун кунад ва ба теғи сарвати аззати худ сари саркаши ӯро бардорад»...

**Эй марде,** ки ҳар ноаҳлеро дар даруни худ ишқе андухтай, ин парокандагӣ то кай?

Эй ёре, ки дили худро ба хазор бор аз ишқи дигарон бифрӯхтай, ин ошуфтагӣ то чанд?

Эй марде, ки ҳадиси мо бар забон надорӣ, ин хомӯшӣ то кай?

Эй ёре, ки ҳаргиз ёди мо наёрӣ, ин фаромӯшӣ то кай?

Эй ки бо ҳар кас ба озоре бархостай, ин расвоӣ то кай?

Эй касе, ки туро бо нокасон раъй бувад, ин ноҳамворӣ то кай?

Эй шахсе, ки туро назди ҳама касон ҷой бувад, хорӣ то кай?

Ҳар ки фаромӯши шугли мо пешаи худ созад ва ҷону тану дилро дар оташи ишқи мо нагудозад, мо низ аз роҳи адлу дод худ нидо дар олами мулку малакут дардихем ва аз лашкари шайтонаш гардонем, ки ин сифати бегонагон ва самти рондагон аст.

Биё, то нишони ошноён диҳем ва ҳадиси мардон гӯем.

**Эй марде,** ки бомдод сар аз болиш бардорӣ ва шарбати ишқи мо нӯшу нӯшат бод!

Эй марде, ки ҳар шаб дилро бар оташи ишқи мо кабоб кунӣ ва ҷигар аз шавқи мо хуноб, муборакат бод!

Эй ёре, ки танат дар дарди мо месӯзад ва ҷониб аз муҳаббати мо меафрӯзад, ин сӯхтан бар мазидат бод!

**Ҷавонмардо,** ҳаргиз гумон мабар, ки ишқи дунёву шавқи уқбо бо ҳам рост ояд. Ё дунёро тавонӣ будан ё укборо, ё хаво тавонӣ ё Худоро.

Аз ишқи ӯ оташе барафрӯз, аз он гох бад-он оташ дунёро бисӯз, пас уқборо. Чун дунёву уқборо насӯхтӣ, худро бисӯз, ки дар роҳи ӯ ҳамчунон ки дунёву уқбо заҳматанд, ниҳоди ту ҳам заҳмат аст ва то захмат вуҷуди ту бувад ва султони шуҳуди ӯ дар хиҷоби аззати хеш мутаворӣ бувад... Товуси орифон Боязиди Бастомӣ (Қ) як шаб дар хилватхонаи мукошифот ва оташи шавқро бар кунгураи кибриёи ӯ дарандохт ва оташи ишк дар ниҳоди худ барафрӯхт ва забонро аз дари аҷъзу дармондагӣ бикушод ва гуфт: «Бор Худоё, то кай дар оташи ҳиҷрони ту сӯзам, кай маро шарбати васл диҳӣ?»

Бараш нидо омад, ки «Боязид, туии ту ҳамроҳи туст, агар хоҳӣ, ки ба мо расӣ, худии худро бар дар бигузору дарой»...

Ориф гӯяд: -«Малико, маро аз ҳамаи дунё номи ту бас ва аз хамаи уқбо маро ҷамоли ту бас».

Худованди замину осмон чӣ мефармояд? Эй бандагони ман, бидонед! Ба дурустӣ ва ростӣ, ки зиндагонии дунё бозӣ аст ва бозӣ кори кӯдакон бувад ва ороиш кори занон аст ва фахр кардан ба якдигар, ба бузургии вазифаю бисёрии молу фарзанд, ин кори дунону бегонагон аст.

Бор Худоё, мисоли зиндагонии дунё чист?

Боронест, ки бар заминояду гиёхе сабз бирӯёнад ва рӯзе чанд бимонад ва хуррам бошад ва халқро ба шигифтӣ меоварад.

Пас ба андак рӯзгор (вақт) хушк карда шавад ва зард шавад, пас хок гардад ва аз он сабзаю тароват ҳеҷ намонад. Дар охират ҳол ду ҳаст ва манзил ду! Дӯзах бадбахтрост ва биҳишт некбахтонро аз зиндагонии дунё нест илло чизе, ки бад-он интифо гиранд ва магрур ва фирефта гарданд...

**Ҷавонмардо,** дил дар дунё мабанд, ки дунёро бақо (поянда) нест ва дил дар халқ мабанд, ки халқро вафо нест.

Дил ба Худо банд, ки бандаро беҳ аз Худо нест.

**Ҷавонмардо,** дунё чун ту маъшуқи бисёр дошт ва бо касе вафо накард, бо ту ҳам накунад...

Азизи ман, ишқи дунё домест устувор ва неъмати дунё ҷифоест (тилло) равшан ва ширин ва иблис сайёдест устоди моҳир, ошиқи дунё мурғест кӯру ғофилу гурусна.

Агар ин мурғи баднафси ғофил миҳлабу (нӯл) минқор аз ин дони васваса нигоҳ дорад ва дил аз ин донаи ваҳшати ишқ бирахонад, аз батнони арши аъло нидо ояд...

**Ҷавонмардо,** агар мӯъминӣ, тоат пеша дор, ки биҳишти хуррамӣ бӯстонест ва аз маъсият (бадиҳо) парҳез кун, ки дӯзахи гарми зиндонест ва дилу ҷон ба Ҳақ таслим кун, ки карами субҳонест. Агар ошиқӣ, дил нишонаи тири бало кун ва агар орифӣ, ҷон сипари меҳнату қазо кун. Агар бандай, ба ҳар чӣ ӯ кунад, ризо кун ва дар ҳамаи мухимот эътимод бар Худо кун.

Тоҷи эхтиёҷ бар сар неҳ, шаҳди шаҳодат дар забон гир, миён банд, пероҳани дард дарнӯш, шарари шавқ дар сина барафрӯз, равнақи тароватни умр ба оби бедавлатӣ гарқ кун, дар Ҳазраташ ҳамеша зеру забар бош...

Хусбу ҳасаду бугз ба дареи насиҳат фурӯ гузор. Ҳар чӣ ба як бор базл кун, ҳар чӣ дар синаи ту аз риё ва учб (бадандешиҳо) аст, ба ҷорӯб фурӯ рӯб...

Баъди ин сифат ба мақсад хоҳӣ расид.

**Эй азиз,** халқи олам ду гурӯҳанд: гурӯҳе ба ёди Ҳак машхуранд ва гурӯҳе ба ёди худ. Он ки ба Ҳак машгул аст, аз халқ бегона аст ва он ки ба ёди худ машғул аст, ба Ҳақ напардозад. Ҳар чӣ даруни вай аст, ҳама ҳиҷоб (парда, ноаён) аст. Агар нафс аст ва агар асбоб (мол, сарват) ва аёли туст, то аз ҳама даст нашӯӣ, гирди дастгохи ҳақ напӯй (нагардӣ).

**Ҷавонмардо,** ҳар бозаргонӣ бо халқ кунӣ, зиён кунӣ, бозаргонӣ бо Ҳақ (Худо) кун, то ҳама суд кунӣ. Ҳақ таоло мефармояд: бандаи бечора ба қатрае ва хатрае бо ту бозаргонӣ кунам, қатрае аз сариру хатрае аз замир биёр ва ганҷи саодат аз ҳазрати аззати мо бардор. Он қатрае, ки аз сарат ояд, онро ашк гӯянд ва он хатрае, ки аз дилат ояд, онро рашк хонанд. Ашке ба чашм ор, ки чаро Ҳак (Худо) нашинохтам ва рашке ба дил кор, ки чаро нофармонӣ кардам. Аз ашки сару рашки (пушаймонӣ) дил, дилат ба тавбат ояд, тавбат ба ният ояд, ният ба азимат (бузургӣ) ояд, азимат ба Ҳазрат ояд ва аз Ҳазрат нидои раҳмат (бахшоиш) ояд. Дил гӯяд: тавба кардам, сар гӯяд: ҳасрат хӯрдам, Малик гӯяд: раҳмат кардам.

**Ҷавонмардо,** оташ ду аст: оташи маишат ва оташи маъсият. Оташи маишатро оби осмон кушад ва оташи маъсиятро оби дидагон кушад ва низ оташи маъсиятро ба ДУ чиз тавон кушт: ба хоку об, ба хоки пешонӣ (ибодат) ва ба оби пушаймонӣ, хоки пешонӣ ва оби пушаймонӣ, хоки пешонӣ дар суҷуд ва оби пушаймонӣ гиря аз тарси Худованди вадуд.

**Ҷавонмардо,** ҳар дида, ки (на) аз хавфи Ҳақ гирён аст, он дида бар ӯ тавон аст ва ҳар дил, ки на васли Ҳакро Ҷӯён аст, он вайрон аст. Агар аҷзи мутеон надорӣ, нолаи дармондагон бояд, ки биёрӣ.

Сайиди Олам алайҳиссалом мефармояд:

-«Ҳеҷ овозе нест азизтар ба даргохи Худои таоло аз овози бандаи осӣ (гунаҳгор), ки аз сари дармондагию бечорагӣ ва муфлисӣ бинолад ва гӯяд: Худовандо, бад кардам ва зулм бар худ кардам. Аз Ҳазрати аззат нидо ояд: абдӣ, ангор, худ накардӣ, маро

бихонед, то иҷобат кунам. Ҳар чи ҷӯед аз мо ҷӯед, кори худ ба мо гузоред, ки Худоем. Моем, ки бечун ва чорем, дар подшоҳӣ беҳамтоем, дар ваъда бовафоем, иҷобаткунандаи ҳар дуоем, шунавандаи ҳар саноем, ҳар саноеро сазоем. Сад ҳазор хонумон дар ҷустуҷӯи мо барандохтанд, сад ҳазор танҳои азиз дар талаби мо бигудохтанд, сад ҳазор ҷонҳои ! муқаддас дар бодияи шавқи мо волеҳ бимонданд ва сад хазор равандагони даргоҳи Ҷалоли мо сар дар зери санги муҷоҳидат бикуфтанд, сад ҳазор толибони Ҳазрати Ҷалол дар бутаҳои риёзат сӯхтанд.

Заминиён, ки дуо кунанд, рӯй сӯи осмон кунанд, пиндоранд, ки осмон дарди дили эшонро шифо дорад.

Осмониён, ки ҳоҷат хоҳанд, рӯй ба сӯи замин оранд, гумон баранд, ки замин иллати эшонро давое дорад...

**Оре, ҷавонмардо**, аз сидқ ибодат кун, муноҷот намо, ашки пушаймонӣ аз калби сӯзон ба дидаи гирён равона соз, ки даргохи раҳматаш беканор аст. Ҳақ таоло макон, огаҳ аз сирру асрори ниҳони дили ҳар инсон аст. Ту, ки дорандаи тақвою имонӣ, пас шоистаи бахшиши он Раҳмонӣ.

**Ҷавонмардо,** ҷаҳд кун, ки чун сиёсати маликулмавт (марг, Азроил) бар ту соя афканад, бадрақаи (тӯша) тоат ба худ дошта бош, то дар он вақт, ки чашмхо гирёну дилҳо бирёну шайтон тамаъ дар имон кунад ва ҳарбаи (ваҳм) қаҳри марг бар сина рост кунанд, он гоҳ бӯи дӯстӣ ояд, ё бӯи душманӣ. Агар бӯи дӯстшо вифоқ ояд, нидои башодат (бахшоиш) шунавӣ, ва агар бӯи душманию нифоқ ояд, доги ноумедӣ бар пешонаи ту ниханд, ки басо касо, ки либоси дӯстӣ пӯшида ва номи ӯ дар девони душманон навиштаанд ва ӯро хабаре на ва басо касо, ки ҷомаи душманон пӯшида ва номаш дар ҷаридаи дӯстон сабт кардаанд ва ӯро огаҳӣ на.

**Ҷавонмардо**, мағрур машав, на ба сарвати дунё, на ба тоат бахри уқбо. Мағрурӣ ба молу сарвати бисёр, магрурӣ ба ибодати даргоҳи Парвардигор, ронда сохт ин дуро он Холиқи Ҷаббор.

Ҳикоят овopen, ки дар бани Исроил обиде (шайхе) буд Барсисо ном. Чиҳил сол аз халқ мунзавӣ шуда ва аз нафсу ҳаво баргашт ва тухми муҳаббат дар замини маърифат кошта. Агар назар ба осмон мекард, то арш медид ва агар бар замин менигарист, то пушти говмоҳӣ мулоҳиза мекард.

Ҳама аҳли илм дар назди ӯ оҷиз буданд. Ҳарсол чанд ҳазор беморон аз ӯ шифо меёфтанд. Ҷумла обидон ситорагон буданду ӯ офтоб...

Рӯзе се нафар шоҳзодагон, хоҳари яккаву ягонаи худро амонат ба даргоҳи Барсисо супориданду худҳо ба ҷиҳод рафтанд...

Чун иблис аз ин ҳол воқиф шуд, хост, имони чандинсолаи Барсисоро ба оби шаҳват фурӯ шӯяд. Иблис боде дар димоғи мастура (духтар) дамид, бияфтод ва беҳуш шуд. Чашми Шайх бар ҷамоли ӯ афтод. Иблис ҳезуми васвос ба оташ ниҳод ва ҳавои нафси амморо ғолиб омад...

Зоҳид бо вай зино кард ва аз хавфи расвой ӯро бикушт ва дар зери хок пинҳон кард...

Иблис бародаронро ба сари хоки хоҳар овард. Чун хоҳарро кушта ва ба хун оғушта диданд, ҷомаҳо чок зада, хок бар сар рехтанд ва занҷир бар гардани Барсисо карда, руй ба шаҳр ниҳоданд. Фарёд аз аҳли шаҳр баромад, ки чунин ҳодиса аз дасти ин зоҳид воқеъ шуд.

Пас доре барзаданд ва Барсисоро бар дор карданд. Халқи вилоят, ки оби вузӯи (таҳорати) ӯро табаррук карданд ва ба ҷои гулоб кор мебурданд ва хоки қадами Ӯро сурмаео ба чашм мекашиданд, ҳар як бо домане пУрсанг омада, ба табаррук бар вай мезаданд. Ногоҳ иблис ба сурати пири нуронӣ дар пеши вай истода гуфт:

- Ман Худои заминам ва он ки ту ӯро чандин сол хидмат кардӣ, Худои осмон буд, ки ҷазои тоатат ин дод, ки бар сари дорат фиристод. Як бор маро саҷда кун, то туро аз сари дор бираҳонам.

Барсисо иблисро ба ишорат саҷда кард. Аз ҳафт осмон нидо омад, ки санг равона кунед ва ҷонаш ба дӯзах фиристед ва қолабаш (ҷисмаш) пеши сагон андозед ва ба мурғони ҳаво қисмат кунед.

**Ҷавонмардо,** ин сиррест, ки аз бандагон пӯшида аст ва касеро ин хабар надодаанд...

Довуд пайғамбар алайҳиссалом гуфт:

- Илоҳӣ, сирри худ бар ман ошкор кун, то бидонам, ки азим тарсонам ва ҳайрон шабе то рӯз?

Ин мегуфт ва мегирист. Нидо омад, ки «Ё Довуд, агар чандон гиря кунӣ, ки санги хоро пора кунӣ, ин сир бо ту нахоҳам гуфт. Аз

ман сирри ман дар дунё махох, то дар паси марг бар ту пайдо кунам»

Довуд гуфт:

- Баъд аз марг чун пайдо кунӣ?

Нидо омад, ки сирри мо бо бандагон ду ҳарф аст ва он ду «Ло»-ст, ё гӯям «ло тахофу», ё гӯям «ло башарӣ», ё аз ямин бонг барояд, ки «ғам мадор!», ё аз ясор овоз ояд, ки «дил бардор!». Ҳеҷ касро дар дами марг аз бими ин ду «Ло» дар рӯй ранг намонд. Чун ҷон бар сина расаду гуна (рухсорахо) зарду дил пурдарду дида ба росту чап нигаристан гирад, то овоз аз кадом ҷониб (тараф) барояд. Саодат ё шақоват дар он нафаси боз пасин падид ояд ва тавонад буд, ки некбахт бадбахту бадбахт некбахт гардадРӯзҳои аъмол наздики ман аст, ман нависаму ман махв кунам ва онро, ки нависам хабар кунам ва онро, ки пок кунам, огоҳ гардонам ва он бо кас машварат кунам. Худоё аз даргохи раҳматат дорам умед, ҷумла мӯъминонро аз лартави ҷамолат макун ноумед.

## ХУЛОСА АЗ АҲАМИЯТИ ИМОНУ ТАҚВО ВА ВАҲДАТ

Ҳазрати Мавлавӣ ва дигар олимону орифони форсу точик аз замони Ҳазрати Абӯабдулло Рӯдакӣ то ба имрӯз дар осори гаронбаҳои худ васфи имону тақво ва ваҳдатро сутудаанд ва аҳамияти онро бо далелҳои раднашавандаи шаръӣ исбот кардаанд.

Дар Ҳадиси Шариф омадааст, ки дар охируззамон, ки нифоқу бехудой боло меравад, Суфёну Даҷҷол аз ҳирсу бадбахтӣ навъи башариятро чаппаву роста карда, оламро ба асорат мегиранд.

**Эй аҳли имон!** Ба асорату зиллат даромадан нахохед, аклатонро ба сар гиред ва имонатонро мустаҳкам намуда, ба қалъаи қудсияи ваҳдат як ҷо ҷамъ оед. Дар акси ҳол, дину мазҳаб ва ватану миллагатонро дар хатар монда, аз сарватҳои бузурги заминию фарҳангӣ ва маънавии панҷҳазорсолаатон маҳрум мегардед. Боиси таассуф аст, ки имрӯзҳо баъзе ҷавонони мо аз суннати аҷдодӣ, мутолиаи қиматтарин гавҳар, сайқалдиҳандаи ақлу хирад ва қавикунандаи имону ваҳдат, китоб дур монда истодаанд. Ба ақидаи бандаи оҷиз, аз чунин ҷавонон манфиатеро ба нафъи миллату ватан интизор шудан амрест маҳол. Баъзе кӯдакону наврасон аз мутолиаи

рӯзномаю маҷалла дур монда, ҳатто барномаҳои адабию маънавии телевизиони тоҷикро тамошо намекунанд. Онҳо аз бемаърифатию бепарвогии волидайнашон истифода бурда, доимо дар тамошои фитаҳои видиоие мебошанд, ки он фитаҳоро аз он тарафи уқёнус барои вайрон кардани маънавиёту ахлоқи ҳамидаи чандинҳазорсолаи мардумн мусулмони Машриқзамин фиристодаанд. Бо ин амалу кирдори зишт ин ашхос аз асли хеш дур мешаванд ва боигариҳои таъриху тамаддунро дар зери хавфу хатар мегузоранд.

***Раҳме бидеҳ, Худоё, он сангдил ҷавонро,***
***Ё тоқатею сабре ин пири нотавонро.***
***Бахтам ҷавону ақлам пир аст, лек ишқаш***
***Оварда зери фармон ҳам пиру ҳам ҷавонро.***
***Гар зард шуд гиёҳе дар хушксоли ҳиҷрон,***
***Пажмурдагӣ мабодо он тоза арғувонро.***
***Хун меравад зи чашмам, он бахт ку, ки бинам,***
***Сарве нишаста бар лаб ин чашмаи равонро...***

***(Абдураҳмони Ҷомӣ).***

Ҳамватанон, биёед қиматтарин сарвати дунё, ёдгории ниёгон, ҳастии миллат, забони модарӣ забони давлатиямонро аз калимаҳои аҷнабию бегона, вожаю лахҷаҳои махалҳои гуногун тоза намуда, алфози қабеҳро кор нафармоем. Бо забони адабии хозираи тоҷикӣ дар хонаю растаю бозор суханронӣ кунем, то ки аз кадом вилояту кадом ноҳия будани ҳамдигарро аз рӯи талаффуз касе фарқ накунем, ки ин яке аз роҳҳои наздикшавӣ ба ваҳдати миллӣ мебошад. Мавлавӣ мегӯяд:

- Ваҳдату ягонагӣ наҷотдиҳандаи башарият аз балоҳои азим дар рӯи замин аст.

Ваҳдати аввал дар ягонагии Худост, ки ин мусулмону масеҳӣ ва яхудиро бо ҳам меорад. Эй Муҳаммадӣ, эй Мӯсавӣ, эй Масеҳӣ, якка Худоед, бо хам оед, вагарна, оташи сӯзоне аз қаъри ҷаҳаннам бармехезаду замини сабзу хуррами дунёи шуморо месӯзонад".

Ваҳдату тавҳиди сонӣ дар дину мазҳаби мо мусулмонон мебошад, ки як Худо ва як пайғамбар дорем, бояд миллату

нажодҳои гуногун, сафедпӯсту, зардпӯст, сиёҳпӯст ва мазҳабҳои гуногун, суннию шиа (ҳанифию шофиъй, ханбалию моликӣ) бо ҳам омада, дасти ҳамдигар бигиранд. Дар акси хол на ҳаётамонро мухофизат менамоему на дину мазҳаб ва ҳуқуқамонро мудофиа карда метавонем.

Замоне душманони тангназари ваҳдат, шахсеро ба назди Мавлави Ҷалолиддини Румӣ мефиристанд ва ба он мард таъкид карда мегӯянд:

- Ба назди Мавлавӣ рафтан замон аз ӯ савол мекунӣ, ки Мавлоно, Шумо аз 73 мазҳаб дар кадомаш хастед?

Агар Мавлавӣ дар мазҳаби мо набошад, бо суханони қабех дар байни мардум хотири ӯро озурда сохта, батезӣ баргардед. Он шахс замоне дар назди Мавлавӣ ҳозир шуд, ки он хазрат аз минбари баланддар бораи ваҳдату ягонагӣ ба мардум ваъз мегуфт. Он шахс вориди махфил шудан замон бо садои баланд ба Мавлавӣ савол дод:

- Мавлоно, Шумо ин қадар воизӣ мекунед, бигӯед, ки аз 73 мазҳаб дар кадомаш ҳастед?

Мавлавӣ, каме дар хиҷолат монда, бо нармӣ мегӯяд:

- Бандаи оҷиз дар ҳамаи он 73 мазҳаб ҳастам.

Дар ҷавоби Мавлавӣ он шахси нодону ҷоҳил бо алфози қабеҳ дар байни мардум хитоб карда мегӯяд:

- Шумо ҳайвон...

Аз суханони таҳқиромези шахси ҷоҳил Мавлавӣ каме табассум карда, дар ҷавоб мегӯяд:

- Магар ин мазҳаби 74-умини Шумо ҳаст?

Бандаи оҷиз ин 74-умин мазҳаби шуморо низ мепазирад, зеро ки барои мо орифон ҳамаи мазҳабҳо якест, зеро ки яккахудоем.

Шахси нодони ҷоҳил баъд аз замоне ба худ меояду дар пеши пойи Мавлавӣ афтода, гирёну нолон авф металабад ва то охири умр муриди Мавлавӣ мешаваду хизмати ӯро ба ҷой меоварад, зеро ки шахси нодон чӣ будани ваҳдатро донист ва ба нодонию ҷоҳилии худ иқрор шуд.

Фарди нодон ҳаргиз инсони порсою доноро нашиносад, зеро ки нодон ҳеҷ гоҳ доно набуд. Инсони бомаърифати доно, шахси нодоиро ба тезӣ кашф менамояд, зеро ки ӯ худ аз ин зинаҳои нодонию ҷохилият гузаштааст, нодон ҳоло ин мартабаро кашф

накардааст.

**Ҷавонмардо,** дунёву уқборо хоҳӣ, аз Раззоки харду олам талаб намо, зеро ки офарандаи дунёву уқбо ӯст.

Агар Худованд қатрае аз шарбати раҳмати раҳмонияш насибат гардонад, доною тавоно гардида, дорандаи имону тақво, соҳиби молу сарвати дунё, бахшояндаи хайру сахо, пас аз он иншоаллоҳ, сарбаланди дунё ва саодатманди уқбо хоҳӣ шуд.

Гар аз Худои худ талаб нанамоӣ, нодону ҷоҳилат мекунад, дар талаби нон гирд гардӣ ҷаҳон, дар ҳасрати нон диҳӣ ҷон ва дар арафот бошӣ қатори рондагону ташнагон (шайтон).

***Худовандо, ба фарри давлати ту,***
***Агар кабки заифам, боз гардам.***
***Ба дидори ту ҳастам орзуманд,***
***Дароям ё ҳам аз дар бозгардам.***

Илоҳо, ҳоҷатмандонатро, ки орзуманди ҷамоланд, аз даргоҳи беканори раҳматат ноумед магардон.

Ҳамаи он гумроҳу роҳгумкардагонро ба роҳи рост, роҳи сиротал-мустақим ҳидоят намою аз хазинаи ваҳдатат имону тақво ва ақлу хиради расо ато бифармо, то ки шукӯҳу шӯҳрати таъриху тамадуни миллату давлати мо дар қатори мамолики мутараққии дунё ҷой гирад.

***Беҳтарин моя мардро ақл аст,***
***Беҳтарин поя мардро тақвист...***
***Чун аз ин ҳар ду мард холӣ монд,***
***Одамию баҳима ҳар ду якест...***

## ФИТНА НАҶӮЕД, БА ВАҲДАТ ОЕД.

Ҳазрати Мавлавӣ таъкид карда, мегӯянд:

«Эй инсонҳо, инсонҳои рӯи замини муқаддас, илми «Тавҳид»-ро омӯзед ва пас ҳамеша огаҳ бошед, ки як Холиқ, як Молик, як Маъбуд ва як Розиқ доред. Яъне ҳазорон чунин муштаракоту ягонагиро доред, пас чӣ мехоҳед?!

Бо ин қадар ягонагӣ бояд ваҳдату тавҳид ва муҳаббату ухувватро дар байни дину мазҳабҳои гуногуни сайёра кашф карда, инкишоф дода, мустаҳкам намуда ва баъдан абадӣ муҳофизаташ намоед. Дар асоси илми нуҷум донед, ки коинот ва сайёраҳо яке бо дигаре занҷири пайвастагӣ, яъне тавҳиду ваҳдату ягонагӣ доранд, ки доимо дар ҳаракатанду бо ҳамдигар зиёне намерасонанд ва боиси ҳастии ҳаёту оромии он, бо қудрати Офаридагор дар рӯи замин шудаанд.

Огаҳ бошед, ки дар охиразамон, шогирдони Аҷозили раҷим (рондашуда), дар ниқоби намояндагони ҳизбу дину мазҳабҳои гуногун ба сурати вазирону амирони дунёи башарӣ ва қавму миллатҳои мухталифи ҷаҳон сари қудрат омада, тухми ҷаҳолати ҷудоию нифоқ ва кинаву адоватро дар замини қалби инсонҳои гӯлу гумроҳу ҳариси нафси дунявӣ мекоранд. Пас душманию кина ва бологирию беҳурматӣ дар байни динҳою мазҳабҳо ва қавму миллатҳои мухталиф реша давонда, инкишоф меёбад.

Дар ин ҳолат, ваҳдату ягонагӣ дар канор монда, намояндагони динҳою мазҳабҳои бузург ҳар яке ҷаҳду талош намуда, мавқею мартаба ва дараҷаи дину мазҳаби хешро баланду боло гузоштанӣ мешаванд. Дар натиҷа муқобилгузории динҳою мазҳабҳо ба миён меояду нуқтаи низоъҳо ба авҷи аъло рафта мерасад. Аз ин низоъҳои тамаъкорона, намояндагону дорандагони динҳои Муҳаммадию (с) мӯсавӣ, исавию будой ва ҷумла динҳои рӯи замин ба ғазаби Офаридагорашон, яъне Худованди Ҷаббори Корсоз гирифтор шуда, аз касофатии эшон замини муқаддас низ ба харобазор мубаддал мегардад».

Аз гуфтаҳои он ҳазрат бармеояд, ки нишонаҳои бетавҳидию беваҳдатӣ ва бемуҳаббатию зулму ноҳаққӣ, дар гӯшаю канорҳои ҷаҳони имрӯза рӯй дода истодааст. Олимону инсонҳои бузург ва ё сиёсатмадорони матину барҷастае лозим аст, ки сари роҳи ин сели балои азим, ки хавфи нестии ҳаётро дар рӯи замин дорад, бигиранд.

Мисолҳои равшани он имрӯзхо дар ниқоби «бунёдгаро», «террорист», мафияи маводи мухаддир ва «Сахюнизм»-и ҷаҳонӣ зуҳур карда истодааст. Мисол, дар кишвари Фаластин намояндагони се динҳои калонтарини ҷаҳон, ки ҳамагон бандаи як

Холиқу як Молик ва як Маъбуду як Розиқи муштаракконду уматони се пайғамбари баргузидаи Мурсал -Ҳазрати Муҳаммад (с), Мусо (а) ва Исо (а) мебошанд, аммо ваҳдату ягонагӣ надоранд. Онҳо ҳар яке дину мазҳаби хешро аз дигар дину мазҳабҳо бузургу боло гузошта, ҳамдигарро сиёҳу тӯҳмату бӯҳтон намуда, «бунёдгаро», «террорист» ва «саҳюнист» ном мебаранд ва худ дар ниқоби ҳизбу фирқаҳои гуногуни характери сиёсӣ-ғоратгар дошта амал мекунанд. Дар натиҷа хуни ҳазорон-ҳазор тифлону кӯдакон, занону пиронсолони бегуноҳ мерезаду замини муқаддаси Фаластин аз хуни онҳо гулгун гардида хароб, мегардад. Яхудиён мардумони мусулмони Фаластинро босабабу бесабаб гунаҳгор карда, бо яроқҳои навтарину вазнинтарини қатли ом, хонаю ибодатгоҳҳоро ба хок яксон мекунанд. «Бунёдгароён»-у «террористон»-и Фаластини араб, яъне кӯдакону ҷавононы толибилми бегуноҳ бо сангу кулух ва камончаю (рагатка) фалахмон дар хонаи худашон ва дар ватани аҷдодияшон бар зидди танкҳои вазнинтарини ҷаҳон (Исроил) истодагорӣ карда, барои ҳифзи нангу номус, дину мазҳаб ва модару ватан мубориза бурда, ба шаҳодат мерасанд. Кӣ ба доди онхо мерасад?! Он игвогароне, ки ба сари ин мардуми бегуноҳ ин балои азимро овардаанд, куҷоянд? «Иннал инсона лазолимун».

Мисоли равшани дигар, ин ҳодисоти номатлуби тӯлонӣ, Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро ба ёд меорем. «Толибон» дар кишвари ҳамзабону ҳаммазҳаби мо Афғонистони ҳамсоя зуҳур карданд ва давлати конунии Президент Бурҳониддин Раббониро эътироф накарданд ва мусулмононро мусулмон нашумориданд.

Онҳо хостанд, ба решаи дарахти тараққиёти илму маърифати афғонҳо табар зананд, лекин тешаро дар пойи хеш заданд. Аз касофатии онҳо хуни ҳазорон-хазор тифлону кӯдакон, занону пиронсолони бегуноҳи Афғонистон рехту хонаи афғон мотамсаро гардид ва шаҳру деҳ ба хок яксону богу галлазорон сӯзонда несту нобуд карда шуд.

Пеш аз ин ҳодисоти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, дар ин бора инсони дилогаҳ, сиёсатмадори барҷастаи пойбарҷо Президенти кишварамон Э.Ш.Раҳмонов гуфта буд:

***«Ҳар миллате, ки бедор нест ва ё дар роҳи худшиносиву ҳамхайлиписандӣ, форигболиву лавандиро пеша мекунад, аз бузургтарин неъмати Яздонӣ — Истиқлолу Ваҳдат бенасиб мемонад».***

Дар айни ҳол, беваҳдатию бегонагиҳо дар миёни мардумони ҷаҳон пайдо шуда, инкишоф ёфта истодааст. Баъзе инсонҳои хабису нохалафи бандаи нафсу молу сарвати зиёд, дар байни дину мазҳабҳо ҷангу нифоқ андохта, онро ба манфиати худ ҳал карданӣ мешаванд. Аз касофатии ин зотҳои хабис, душманони дини мубини Ислом, ба ин дини поку ҳақ, дине, ки саросар маърифату адолату ҳақиқат аст, беасос эрод мегиранд ва бо ибораҳои «Бунёдгузор», «Террорист» номгузорӣ мекунанд. Дар баъзе мамолики мусулмонии ҷаҳон зиддиятҳои дохилии байни мазҳабҳои дини мубини Исломро мушоҳида кардан мумкин аст. Мисоли равшани он, зиддияти байни суннимазҳабу шиамазҳабро бараъло ҳис кардан мумкин аст. Ин зиддиятҳо ба қалъаи қудсияи ваҳдати мусулмонони ҷаҳон зарбаҳои ҳалокатовар мерасонанд.

Аз ин бегонагиҳою нифоқ, душманони ватану дину мазҳаб хеле хуб истифода бурда, ба мақсадҳои нопокашон мерасанд. Пас ба ҳар як фарди рӯи замин лозим аст, ки ваҳдату ягонагиро аз хонадону деҳаи худ ба нақша гирифта, онро дар байни қавму миллатҳо ва дину мазҳабҳои гуногуни ҷаҳон амалӣ намоянд...

## БА ВАҲДАТ БИЁЕД

Ба ваҳдат биёед, ҷумла мардумон,
Ҷудоӣ хатар дорад, ба ҷисму ҷон.
Ба миллат набошем, мо зи ҳам ҷудо,
Ба ваҳдат, ки ҳастем миллат бар Худо.
Нашояд ба миллат динпарастиҳо,
Зи як Нур биомад ҷумлаҳастиҳо.
Иқобҳову[15] хайротҳову ҳам ниқоб,
Худоё, шавад айёну беҳиҷоб.
Ба тавҳид нигар бар ин самову хок,
Ки хушнуд ба ҳам, ҳам Кова, ҳам Заҳок.
Имон як ба Аҳмад (с), ҳам ба он Исо,

Муросо ба Довуд, хам ба он Мусо.
Мусулмонону ҳам яхуд ба ҳиндуён,
Шаванд ёру ҳам ихвони меҳрубон.
Ба тавҳид шавад, бӯстон чу ин ҷаҳон,
Бигардад, зи нав инсони пир ҷавон.
Худоё, зи бетавҳидӣ дор нигоҳ,
Ки ғайр аз ту нест моро ҳеҷ паноҳ.

## БОЗГАШТ АЗ АРШИ АЪЛО

***Қатра ба баҳр ояду гавҳар шавад,***
***Мис ба иксир расад зар шавад.***
***Ҳар ки зи маънӣ хабаре ёфтааст,***
***Аз дили соҳибҳунаре ёфтааст.***

**Ҷавонмардо**, аз қудрати Офаридагорат огаҳ бош ва таваҷҷӯҳ намо, ки инсонро аз қатраи оби палиде дар батни модар офарид. Он тифли оҷизро дар раҳми модар агарчи самъаш буд, садоро намешунид, даҳону забон дошт садояш набуд ва агарчи чашмаш буд, нобино, нотавон ва бе нафас (ҳаво) ҷон дошту гизо мегирифт ва инкишоф меёфт. Холиқи арзу само дар баробари зуҳури тифл ба олами ҳастӣ бо нерӯи қудраташ ӯро панҷ мӯъҷиза: шунавой, биноӣ, ҳавогирӣ (нафас), забони буррою дасту пои гиро ато фармуд.

Барои инкишофу нерӯи ин панҷ мӯъҷиза, имону тақво ва ақли расо, яъне амалҳои хайрро ҳамрох кард. Шайтони раҷим бошад ба воситаи васвасаи худ дар замири қалби инсон тухми нафси куфрро кошт, ки нафси куфру саркаш ҳамагуна амалҳои шар (бадӣ) ро сарчашма аст. Тифл баробари ба дунёи равшан омаданаш, худро дар болои чор дарё дарёи ақлу имон ва нафси куфру саркаши шайтонӣ мебинад ва аз ба дунёи фонии пурзахмат омаданаш пушаймон гардида, ҳайрону ҳаросон, дасту почакзанон ба даргоҳи Худованди меҳрубон гирёну нолон муноҷот карда мегӯяд:

***Дар миёни чор дарё тахтабандам кардап,***
***Боз мегӯӣ, ки доман тар макун, ҳушёр бош!***

Эй Худованди бахшандаи мехрубон, аз дарёҳои беканори нури

ваҳдат, ақлу имон катрае бичашонаму соҳиби амалҳои хайрам гардон ва аз дарёҳои зулмат, яъне дарёҳои нафси куфри саркаши шайтонӣ дар амонам нигоҳ дор! Пас аз ин нолаю фигон ва нидои имдодталабона ба даргоҳи Холиқ каме хомӯш гашта, интизори ҷавоб мешавад. Агар дар самъи хеш садои «Аллоҳу акбар» ро шунавад, чеҳрааш кушода мегардаду бо як ҳисси қаноатмандӣ хомӯш гашта, ба макидани пистони модар шурӯъ мекунад. Охир, тифл боварии комил пайдо кардааст, ки Худои бузург ӯро ба роҳи нек, роҳи сиротал мустақим ҳидоят кардаасту ба соҳили мурод чун ғаввоси бахри маърифат, дурри дарёи ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат рафта мерасад.

Агар рафту то ба се рӯз садои исми мубораки «Аллоҳу акбар» дар гӯшаш садо надод, ноумеду пушаймон аз омадани худ ба дунёи зулмоти башарӣ шуда, пистони модарро ба даҳон нагирифта, талх-талх меноладу чиррос мезанад. Дар охир он тифли нокому бахтбаргашта, ҳамчун гурги гурусна чашм ба сӯи дарёи нафси куфру саркаши шайтонӣ майл пайдо мекунад. Дареғ, сад дареғ, сарчашмаи амалҳои бадӣ ин инсонро кӯрдил, ҳасуду қотил, гумроҳу ҷоҳил гардонида, ҳамнишин бо шайтони раҷим мешавад.

***Як дили огаҳ аз сад хирмани зар беҳтар аст,***
***Дидаи пурнам зи оби Ҳавзи Кавсар беҳтар аст.***

Худованд, он панҷ мӯъҷизаи амонат додааш, яъне биноию шунавоию чашму гӯшро охиста-оҳиста мегирад, дандонҳо мерезаду нафаскашӣ мушкил мегардад ва дасту пой ногиро шуда, қувваю нерӯи ҷавонӣ заиф мегардад. Давраи пирӣ ин давраи бозгашт ба овони тифлист.

Баъди ин аломатҳо Худованд рӯҳи одамро ба сӯи хеш мехонад, яъне замони бозгашт ба арши аъло фаро мерасад.

Бо амри Маъбуд (Худо) и барҳақ, рӯҳ (ҷон) ҷисми логару дардмандро тарк карда, ба воситаи Малак-ул-Мавт (Азроил) бозгашт намуда, чун буғу ғубор парвозкунон ба арши аъло меравад. Ҷисми даҳсолаҳо заҳмати дунёи фонӣ кашидаро хоки сиёҳ ба коми худ дармекашаду тӯъмаи ҳашарот мегардонад ва охир-ул-амр пӯсонида, хоку туроб мегардонад, ки аз ӯ асаре боқӣ намемонад, ба

ҷуз хоки сиёҳ. Он ҷисми хокшуда ҳазоронҳазор (миллионҳо) сол «Сури Исрофил» ва рӯзи «Растахез» -ро интизорӣ мекашад.

Дар замони вопасин нафас хангоме ки Малак-улМавт рӯ ба рӯи инсон истода, ҷонро қавс мекунад, ӯ дар сакарот (ҳисобу китоб) мезанад ва ба тарафи чапу рост нигариста, ашки пушаймонию ҳасрат аз дидагон равон мегардад. Аз тарафи рост Малаки амалҳои хайр ва аз тарафи чап Малаки амалҳои шар (бадӣ) ҳамроҳи шайтони раҷим истода, талаби подош мекунанд. Шайтон мехоҳад, ки шабохун ба имони бандаи мӯъмин занад.

Малак-ул-Мавт бошад, ба инсони дорои амалҳои хайр дошта худро ба сурати олиҳаи ҳусн (духтари зебо) ва ҳури биҳишт нишон медиҳад ва ба одами дорои амалу хислатҳои шаррӣ (бадӣ) ба суратҳои зишту ваҳмангез (мору аждар, филу хуку гург) зуҳур карда, рӯҳро (ҷон) бо сахтиҳои зор қавс мекунад. Инсони саодатманду нек агар садоро аз тарафи рост шунавад, «Аллоҳу акбар» гӯён ҷонро ба олиҳаи ҳусн, ҳури биҳиштӣ ҳадя мекунад.

Одами осии бахтбаргашта, овозро аз тарафи чап шунавад, номи «Аллоҳ»-ро фаромӯш мекунад ва забонаш аз даҳонаш мебарояду чашмон аз косахонаи сар бадар шуда, ашки ҳасрат дар мижгон, калимаи амали дунявиашро шайтон такрор карда, дар забонаш меорад.

Дар вақти ҷон додан, ин ашхоси бадбахт ба ҷои калимаҳои «Аллоҳу» «Худо» алфози қабеҳу нораворо такрор карда, рӯҳи худро ба коми аждаҳори тездандони оташиннафас равон карда, ба сахтӣ ҷон медихад.

Мисоли равшани онро дар ҷон додани дӯкондоре дидаанд, ки дар вақти ҷон додан ба ҷои исми бузурги «Аллоҳ» калимаи «Оҳанрабо» ро такрор ба такрор ба забон иқрор карда, ба хорию зорӣ баъди 7 шабонаруз ҷон дод.

Он инсони дилогоҳе, ки дар кавс кардани ҷони дӯкондор ҳозир буд, баъди серӯзагӣ хобе диду ҳамроҳи писари дӯкондор ба бозор рафт ва дӯконро аз назар гузаронд. Дар вақти тарозуи гӯштфурӯширо аз назар гузаронидан аз дохили когазпече дар таги косаи тарозуе, ки дар болои он гӯштро гузошта бармекашанд, чандин адад оҳанрабои гуногунҳаҷму гуногунвазнро ёфт. Маълум гардид, ки ин одами бадбахт гирифтори ҳирсу тамаъ ва бандаи

нафси куфру шайтон гардида, бо воситаи ин оҳанрабоҳо ҳаққи мардумро мехӯрдааст. Вой бар ҳолу ҷони ӯ! **Ҷавонмардо,** огаҳ бош, ки бозгашт ба сӯи Худост.

Замоне, ки рӯҳ ба назди зоти пок баргашту ба арши аъло баромад, то ба замони «Сури Исрофилу» рӯзи «Растахез» рӯҳ (арвоҳ) ба сурати амалҳои хайру шар дар рӯи замин зуҳур мекунад. Агар инсон амалҳои хайр дошта бошад, рӯҳаш ба монанди мурғони биҳиштӣ (булбулу фароштуруку парвона...) пайдо мешаванд. Рафту одам амалҳои бади дуздӣ, дурӯғӯй, хиёнат ба халқу ватан ва ғайраҳо дошта бошад, рӯҳаш ба сурати хуку хар, гургу муш пайдо хохад шуд, ки ин суратҳои зишт ифодакунандаи амалҳои ӯянд.

Ҳазрати Мавлавӣ дар ин мавзӯъ дар ёддоштхояш менависад:

- Мо, толибилмон, дар вақти таътил хамроҳи Шайх Мир Ҳасан Абдол масолеҳи масҷиди кӯҳнаи фурӯрафтаро ба маркабҳо (харҳо) бор карда, ба ҷои дигар бурда ва дар он ҷо масҷиди нав месохтем. Ҳамаи он масолеҳро ба ҷои таъиншуда бурдему навбат ба кандану дар маркаб бор кардани хиштҳои мехробу минбар шуд. Хиштхоро канда, дар даруни меҳроб болои ҳам чидем ва хостем, ки маркабро ба дохили меҳробу назди минбари вайрона бурда, ба хӯрҷин хишт бор кунем. Ҳарчанд кӯшишу саъй мекардем, маркаби дарозгӯш ба назди меҳробу минбар намерафт. Баъзе толибилмон дарозгӯшро мезаданд. Он садо баланд карда, худро аз меҳробу минбар дар канор мегирифт, то ҳатто ашк аз чашмони маркаб равон шуд.

Шайхи дилогоҳ Мир Ҳасан Абдол дергоҳ ба маркаб нигариста, ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд ва ба мо хитоб карда гуфт:

- Уро озор надиҳед ва худаш назди маркаб омада, дергоҳ ба гӯши он ҳайвон чанд сухане гуфт ва пас аз он маркаб фириқос зада, ба чор тараф нигаристу худро дар канори меҳробу минбар гирифт.

Мо, толибилмон, аз ин рафтори маркабу аз амали Шайх дар ҳайрат мондем ва Шайхро саволборон мекардем. Шайх бо ангушти ишорат фаҳмонд, ки дам даркашеду хомӯш бошед ва сабр кунед, ки рӯзе ин сирри илохиро ба шумо ошкор хохам кард.

Баъд аз интизориҳои тӯлонӣ, рӯзе Шайхи дилогоҳ дар вақти рафти таълими дарс ба толибилмон рӯй оварда гуфт:

- Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Ё бор Худоё, дуруд бифирист бар Муҳаммад (с) ва бар ҷамиъи пайғамбарони мурсал ва

бар оли Муҳаммад (с) ва бар саҳобагони ӯ ва бар аҳли хонадони вай.

**Эй толибилмон**, Худои бузург мефармояд **«Фаман яаъмал мисқола зарратин, хайран, ярах.** Ва ман яаъмал мисқола зарратин, шаран, ярах». Пас ҳар ки карда бошад ҳамсанги як зарра амали нек, бубинад онро. Ва хар ки карда бошад ҳамсанги як зарра амали бад, бубинад онро.

**Эй ҷавонмардон**, бидонед ва огаҳ бошед, он маркабе, ки аз меҳробу минбари масҷиди харобгашта меҳаросиду ашк аз чашмонаш равон буд, ифодакунандаи кадом маънӣ аст? Замоне дар ин масҷиди харобгашта муллои риёкоре вазифаи имоматӣ ва воизро ба ӯҳдаи хеш доштааст. У дар ҳамин масҷиду меҳроб саҷда ба даргоҳи Аллохтаоло мекардааст ва аз ҳамин минбар ба мардум воизӣ намуда, барои ҷамъ кардани сарвату баланд бардоштани обурӯи дунявиаш ҷадал менамудааст. Гуфтори ин имом хилофи кирдор ва рафтораш будааст.

Аз ҳамин сабаб Худованд рӯҳи ин имоми риёкорро мувофиқи амалаш аз арши аъло ба сурати маркаби дарозгӯшаш бармегардонад, ки шумо шоҳиди ин ҳодисаю вокеаи гузашта будед.

Хоҷаи бузург, Ҳазрати Ҳофизи «Лисон-ул-Ғайб» низ ҳақиқати ин ходисаро тасдиқ карда мегӯяд:

***Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,***
***Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.***
***Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис боз пурс:***
***Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?***
***Гӯиё бовар намедоранд рӯзи доварӣ,***
***К-ин ҳама қалбу дағал дар кори довар мекуианд.***
***Ё Раб, ин навдавлатонро бар хари худшон нишон,***
***К-ин ҳама ноз аз ғуломи турку астар мекунанд.***
***Эй гадои хонақоҳ, барҷаҳ, ки дар дайри муғон,***
***Медиҳанд обеву дилҳоро тавонгар мекунанд.***
***Ҳусни бепоёни ӯ чандон, ки ошиқ мекушад,***
***Зумраи дигар ба ишқ аз ғайб сар бар мекунанд.***
***Оҳ-оҳ аз дасти саррофони гавҳаршинос,***
***Ҳар замон хармӯҳраро бо дур баробар мекунанд.***
***Бар дари майхонаи ишқ, эй малак тасбеҳ гӯй,***

*К-андар он ҷо тинати одам Муҳаммар мекунанд.*
*Субҳдам аз арш меомад хурӯше, ақл гуфт:*
*«Қудсиён гӯй, ки шеъри Ҳофиз азбар мекунанд».*

**Ҷавонмардон**, дар қаъри баҳри беканори ин ғазали Ҳазрати Ҳофизи бузург чун маллоҳ гӯта хӯрда, аз он ҷо гавҳари гаронбаҳотарини онро, ки маънии асил аст, бо худ бигиред.

«Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхию девони ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз ҳамчун «Қуръон»анд дар забони паҳлавӣ.

Аз ҳамин сабаб, Хоҷа Ҳофиз мегуяд, ки Довари рӯзи ҷазо, яъне Холиқи Кирдугор рӯҳи имому воизи риёкорро мувофиқи амали зисташ ба сурати хар мегардонад.

Бандаи оҷиз аз устоди дилогоҳ узр хоста, савол дода гуфтам:

- Эй Шайхи роҳнамо ва эй пири дилогоҳ, чил шабонарӯз аст, ки мо шогирдонатон азоби рӯҳӣ мекашем, агар иҷозат бошад, сирри ба гӯши маркаб ошкор кардаатонро ба шогирдони гӯлу гумроҳатон мефаҳмондед.

Шайхи дилогох ба андеша фурӯ рафт ва араки сарди сару рӯяш фаро гирифтаро пок карда, оҳи чукуре кашида гуфт:

- Замоне, ки шумо маркабро ба канори меҳробу минбар мерондед, маркаб аз Худою шумо ва меҳробу минбар, ки дар он ҷо як замоне ибодат мекарду ваъз мегуфт, шарм дошта, наздик намешуд.

Бандаи оҷиз ба маркаб наздик шуда, ба гӯши ӯ гуфтам:

- Эй имоми риёкор, ғайр аз ман туро ҳеҷ кас намешиносад, ҳама атрофиён туро дар сурати маркаби дарозгӯш мебинанд. Замоне Ҳаким Умари Ханём дар шаҳри Нишопур рӯҳи толиби риёкори мадрасаро дар сурати ту чун харе дида буд ва дар гӯши он дарозгӯш оҳиста хонд:

*Эй рафтаву боз омада, булҳум гашта,*
*Номат зи миёни номҳо гум гашта.*
*Нохун ҳама ҷамъ омадаву сум гашта,*
*Ришат зи қафо баромада, дум гашта.*

Баъди хондани ин абёт маркабро боз ашки пушаймонӣ: дар

мижгон пайдо шуду аз димоғаш дуди сиёҳе чУн дуди оташдон фаввора зад ва ба чор тараф нигаристу худро дар канори мехробу минбар гирифт ва шумо ба хӯрҷини пушташ хиштҳоро бор кардед.

Баъди кушоиши ин сирру асрори зоти Ҳақ мо ҳайрон шуда, дергоҳ ба даргоҳи иззаташ нолидему зикру фикр кардем. Сир ошкор шуд, маркаб бо ҳамин абадӣ ғайб зад, мумкин ки ин рӯҳ ба сурати ҳайвони дигар зуҳур ба олами ҳастӣ кунад!?

Баъди мутолиаи дастхатҳо гуфтаҳои модари марҳумам ба ёдам омад, ки мегуфт:

- Парвонаҳоро накушед, ки онҳо рӯҳ ҳастанд, ошиқанд, ошиқи рушной, ошиқи нур, ошиқи нури Худоянд. Ҳаргиз лонаи фароштурукҳоро вайрон накунед, ки онҳо аз роҳҳои дур, аз баҳрҳои нур омаданд, ҷойҳои муқаддас, Маккаю Мадина, равзаи Расулуллоҳ (с) ва шаҳидони Дашти Карбалоро зиёрат кардаанд ва дар он ҷойҳо низ ошён ҳам доранд. Ҳар баҳорон онҳо ба мо пайғому дуруди анбиёю авлиёҳоро меоранд, аз ҳамин сабаб дар хонадон, дар деҳу кишвари мо, тоҷикон бо баракати ин паррандагон ризқу рӯзӣ фаровон мешавад. Кабӯтарро шикор накунед, ки убол аст, он рӯҳи марди хонадон ё пайғоми сулху амонист.

Дар паси ин гуфтаҳои модар маъниҳои бузурге будааст, вале ман ба ақлу хиради кӯдаконаи худ онҳоро пурра дарк карда наметавонистам.

Дар ҳамсоягиамон Каримча ном ҷавони 22-23 солае мезист, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ гуреза шуда, аз кӯҳистон омада буд. Падару модари Каримчаро ярокбадастони хабиси нохалаф ваҳшиёна ба шаҳодат расонда буданд.

Каримча хамрохи занаш Сангимоҳ ва чор нафар кӯдаки ноболиғаш Ятиму Наим ва Баргаку Соро зиндагии сангинеро аз сар мегузарониданд. Нони хӯрдану либоси пӯшидан надоштанд, аз ҳамин сабаб Ятиму Баргак мактаб намехонданд.

Каримча дар бозор мардикорӣ мекард, бор мефароварду ба мошинҳо борро бор мекард ва дар ивази заҳматҳояш ӯ чанд дираме мегирифт. Ҳатто ӯ аз ӯҳдаи ба иҷора гирифтани аробаи дастие намебаромад. Музди кори якрӯзааш ба ду ё се нон мерасид, ки якеи онро нисфирӯзӣ дар оби хунук тар карда тановул мекард. Сангимою тифлаконаш бошанд, полези пиёзи хамсоягонро хишова

мекарданд ва ё ҳавлию молхонаҳоро мерӯфтанду дар ивази ин меҳнаташон онҳоро бо нону чой, гоҳҳо шакаробу шӯрбои «ҳашаракӣ» меҳмондорӣ мекарданд. Охир, ин корҳо ба онҳо ҳар рӯз муяссар намешуд. Агар рафту дар деҳа тӯй ва ё худоие мешуд, он рӯз барои Каримчаю аҳли хонаводаи ӯ хушбахттарин рӯз ба шумор мерафт.

Каримча дар хизмат доимо тайёр буд, ба бозор намерафт, зеро аз зарби бори вазнин шалдарду миёндард шуда буд. Дар тӯйҳою худоиҳо сабзирезакунӣ, самоворчигӣ ва ба маърака даъват намудани одамон вазифаи асосии ӯ шуда буд. Ӯро ба деги ош наздик шудан намемонданд, ки ӯ бисёр мехӯрад, ба замми бисёр хӯрданаш, ошро дар кисаҳояш дуздида барои кӯдаконаш мебурд, дар ин муборизаи ҳаётӣ ӯ низ ракиби худро дошт. Сангимоҳ дар ин маъракаҳо вазифаи ҳавлирӯбию хокистаргирӣ ва обкашониро ба ӯҳда дошт. Ӯро ба нонбандӣ иҷозат намедоданд, зеро ӯ ҳам дар ин вазифа раҳиби худро дошт. Ятим бошад ба дасти меҳмонҳо об мерехту Баргак ба дасти занҳо. Наиму Соро пои бараҳна дар тирамоҳу зимистон ва баҳору тобистон атрофи дегдони нонбандӣ ва деги ош бо гардани каҷ бо умед мегаштанд.

Падару модар фурсати муносиб ёфта, тифлони худро бо ошу нони худой зиёфат мекарданд.

Умуман, ахли хонаводаи Каримча дар хизматн мардум доимо тайёр буданд.

Баъди каме вакт, оҳиста-^ҳиста аҳволу кирдори Каримча дигар шудан гирифт. У дигар дар тӯю худоиҳо хизмат намекард. Гоххо ҳафтаю моҳхо ғайб зада, бедарак мегауд. Сангимоҳу тифлаконаш дигар хизмати мардумро ба ҷо намеоварданд. Каримча бошад гоҳ-гоҳ мошинсавор ба хонааш меомадагӣ шуд. Тарзи либоспӯшию рафтору кирдори Каримчаю аҳли оилааш тамоман тағйир ёфтан гирифт. Дар андак вақт соҳиби мошини тамғаи хориҷӣ гашт ва хонаи баландошёнаи бодабдабае сохту хамсоягонро дар ҳайрат мононд. Акнун касе ҳад надошт, ки ӯро Каримча гӯяд, ҳама ба ӯ акаи Каримбой гуфта мурочиат мекарданд. Ятиму Баргак мактабхон шуданд. Дар як сол ду синфро хатм карда, яке аз синфи 2 ба 4, дигаре аз синфи 3 ба 5 гӯё гузаштанд. Муаллиме онҳоро дар хонааш дарсҳои иловагӣ медоду ба ивазаш музд мегирифт. Тарзи

либоспӯшии Ятиму Баргак аз фарзандони раису вазир фарқ намекард. Умуман, зисту зиндагонии акаи Каримбой пурҷӯшу хурӯш буд, ҳафтае дар миён, рӯзи таваллуд қайд мекард ва ё ягон ҷашни дигареро бо дабдабаю шукӯҳи калон пешвоз мегирифт ва ҷавонони қайсари кӯча то соатҳои 1-2 -и шаб рақсу бозӣ карда, дар охир аз таъсири мастӣ ҳамдигарро лату кӯб мекарданд. Дар натиҷа аз шарми захми бари рухсору зери чашмони сиёҳашон то як ҳафта ба табобат машгул шуда, ба кору кӯча намебаромаданд.

Боре, шербачаҳои ширамасти кӯча арақи акаи Каримбойро нӯшида, маст шуданду зада чашми додарарӯсашро кафонданд, ки он бечора баъди табобати шашмоҳа аз як чашмаш бенасиб шуд. Як моҳ акаи Каримбой бе ному нишон гум шуд. Ҳамсоягон ба чӣ кор машгул будану ба куҷо рафтани ӯро намедонистанд. Сангимоҳ хам сир бой намедод.

Соатҳои 6 субҳ буд, ки фиғони Сангимоҳу тифлакони акаи Каримбой баланд шуда ба осмон печид. Оҳу нолаи ҷонгудози онҳо ба авҷи Зухал мерасиду гӯё гӯши фалакро кар мекард.

Ҳамсояҳо ҳайрону ҳаросон ва шитобон ба нмдодн онхо расидем. Сангимоҳ зор-зор ва талх-талх менолиду тифлакони маъсумаш ӯро дар канор гирифта, мегиристанд.

Нолаи ҷонгудози модари зор ба гиряи тифлакон ҳамроҳ шуда, оҳанги ғамангези дилрешкунандаеро меофарид, ки қалбҳои моро пургаму маҳзун мегардонд ва аз дидагонамон беихтиёр ашки ҳиҷрон ҷорӣ мешуд.

Дар байни ҳавлӣ ду нафар афсари милиса ба ин манзараи риққатовар назора карда, оҳиста-оҳиста бо ҳамдигар гап мезаданд.

Сипас, огоҳӣ ёфтем, ки дар фурудгоҳи шаҳри Москва аз таъсири героин меъдаи акаи Каримбой кафидааст. Табибони ҳозиқ ҳарчанд кӯшиданд, лекин ӯро наҷот дода натавонистаанд. Акаи Каримбой пас аз ҷонканиҳои 18 соата, ба азоби алим, оҳи пушаймонӣ дар дил, ашки ҳасрат дар мижгон ва номи героин дар забон, ҷони ҷавонашро дар ғарибӣ ба Малак-ул-Мавт супорид. Вой бар умри ҷавони акаи Каримбой, сад дареғ аз тифлакони хору зори ятими Сангимоҳ. Афсӯс, сад афсӯс, ки Карими бечораро ҳирс ва нафси куфру саркаши шайтонӣ гуломи худ гардонида, ҳамнишини одамони хабис кард ва дар доми балои азими героин бо сахтиҳои

зор дур аз ватану фарзандони чашминтизор ҷон дод.

«Хоҷагон»-и акаи Каримбой баъди се рӯзи вафот дар ивази героини дар меъда барбод рафта, мошини хориҷии акаи Каримбойро гарав гирифтанд. Бо рафтани айёми рӯзгор, зисту зиндагонии Сангимоҳи бевамонда, маҷрои давраи пештараашро гирифт. Боз ҳавлию оғилрӯбӣ ва хишовакунии полезҳои деҳа ба зимаи Сангимою тифлаконаш бор шуда буд. Ятиму Баргак мактабро ҳам тарк карданд, дигар касе онхоро дарси иловагӣ намедод.

Аз ноилоҷию тангии рӯзгор Сангимоҳ ба мӯйсафеди 75-солаи носфурӯше зани дуюм шуда, ба шавхар баромад. Барои Ятиму Баргак машғулият ҳам ёфт шуд. Падарандар барои каканхояш шуғли дӯстдоштаи худро хадя кард. Ятим ҳар рӯз 3 кг нос ва Баргак бошад 4 кг офтобпарастро ба савдо мебароварданд. Байни намози асру шом ногаҳон фиғону нолаи Сангимоҳу тифлаконаш ба осмон печид. Дарвоза кушода шуду Ятиму Баргак гирякунон ба сӯи хонаи мо фирор карданд. Онҳо худро дар паси девори каҳдон паноҳ карда, талх-талх мегиристанд. Асодасти падарандари пир изи кабуди хунгаштаи худро дар сари рухсори Баргаку болои бинии Ятим бараъло гузошта буд. Аз бинии чапи Ятим қатра-қатра хуни сурхи ялаққосӣ ҷорӣ шуда, аз зери манаҳаш ба куртаи кӯҳнаи порагашта мечакид.

Онҳо пои луч буданд, аз таъсири хунукӣ пойҳояшон хун барин сурх шуда дир-дир ларзида, ҳиқ-ҳиқ мегиристанд. Чашмонашонро хуни сурх зер карда буд, ки гули лоларо ба ёд меовард.

***Падармурдаро соя бар сар фикан,***
***Ғубораш биафшону хораш бикан.***
***Чу бинӣ ятиме сар фиканда пеш,***
***Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш...***

Ё, Ҳазрати Шайх Саъдӣ, куҷоӣ, бубинӣ ҳоли зори ятимон!?

Сабаби чунин ҳоли зор гирифтани ятимонро пурсон шудам, онҳо пас аз ҳиқ-ҳиқзаниҳои дуру дароз бо шеваи гиряолуд гуфтанд:

- Ҳар рӯз мо ба маблағи 10 сомонӣ носу офтобпараст савдо мекардем, имрӯз бошад, аз сабаби бад будани боду ҳаво ва хунукӣ

ва пои луч буданамон ҳамагӣ 6-7 сомонӣ савдо кардем, барои ҳамин падарандарамон, тайёрхӯрони лаънатӣ гуфта моро зад ва модарам хост, моро дифо кунад, ӯро низ зад, ҳоло ӯ нолону гирён дар хона хоб аст. Аз таъсири зарбаи асои пирамард хеста наметавонад.

Дар ҳамин ҳангом, кабӯтари сафеде омада дар гӯшаи боми худораҳматии Карим нишасту ба чор тараф нигарист ва гарданашро ёзонда, суи ин ду тифли гирён қум-қумгуён чизе мегуфт.

Ин манзараро ману он тифлони ятим бодиққат назора мекардем ва гуфтаҳои худораҳматии модарам ба ёд омад, ки гуфта буд:

- Баъди фавт рӯҳи инсон чун мурғони ҳаво парвоз карда, ба арши аъло меравад ва аз он ҷо ба сурати кабӯтар ва ё ягон ҷонвари дигар парвоз карда, омада дар гӯшаи бом мешинаду мунтазири дуои хайр мешавад, лекин мебинад, ки фарзандон хору зор, гирёну ҳайрон дар хизмату зан бо либосҳои ҳарир болои бистари мулоими гарм дар канори марди дигаре дар хоби ноз аст.

Дар ин ҳангом, рӯҳ нолон, ашк дар мижгон ба авҷи кибриё мебарояд, санги маломат бар сар мезанад ва мегӯяд: «Бор Худоё, даст гир, ҳар чӣ кардам бад кардам, ҳар чӣ кардам бар худ кардам, сабру қаноат накардам, бандаи нафси куфри саркашу шайтон шудам, ки дар натиҷа гӯлу гумроҳ гаштам. Аз имону такво рӯй тофтам ва ақли расоро нашинохтам. Дареғ, сад дареғ...

Кабӯтари сафед, гӯё рӯҳи акаи Каримбой буд, ки қалбашро ҳоли зори фарзандони ҷигарбандаш месӯзонд, ки нолида қум-қум мекард ва ҳайрон-ҳайрон ба сӯи завҷаи меҳрубонашу пирамарди қавиҷӯсаи носфурӯш нигариста, бар нафси саркашу дунёю умри бевафо лаънатхо мехонд.

***Аз он рӯзе, ки мурданро ба чаиши худ аён бинӣ,***
***Ба чашми пурхуморат оби ҳасратро равон бинӣ.***
***Чӣ суд аз симу зар, охир ба пахта об чаконанд,***
***Ба ҳалқат меравад ё не, ки ӯро дар гумон бинӣ.***
***Ба айвони Лаҳад хуфта ба ҳоли худ ҳамегирйӣ,***
***Кафан печида дар гардан чу мору каждумон бинӣ.***
***Агар рӯҳат кунад парвоз, ояд ҷониби қабрат,***

***Наёбӣ ҳеҷ нишон аз гӯшту мушти устухон бинӣ.***
***Аз он манзил бо сад умед биёӣ ҷониби хона,***
***Писар дар остон, зан дар канори дигарон бинӣ.***
***Фиребу ҳиллаҳо кардӣ, барои иззату роҳат,***
***Надонистӣ, ки зулмест ин, ниҳон кардӣ аён бинӣ.***
***Чу чоҳе кандаӣ аз зулм, ки халқеро дар андозӣ,***
***Наметарсӣ зи адлу дод, ки худро андар он бинӣ.***
***Биё эй Ҷомии мискин, ибодат кун дар ин олам,***
***Ки худро аз ибодат дар биҳишти ҷовидон бинӣ.***

**Мавлавӣ мефармояд;**

**Ҷавонмардо,** хиссаи нафсу шайтонро ҷудо намо. Чунки шайтон на барои душманӣ варзидани инсон, балки барои ба нафсаш маглуб шудани ӯ кӯшиш мекунад.

Ту худхоҳии нафсатро ҳам ба назар гир, зеро ки он ғайри худ дигареро дидан намехохад.

Худои таъоло дар ҳадиси қудсӣ чунин марҳамат карда мефармояд:

- Эй бандагонам, чӣ тавре ки ба хотири худ оред, ман бо шумо хастам! Агар аз ман ба некӯӣ ёд кунед, хамонро медиҳам ва бадиро ба хотир оред, хамонро интизор шавед. Аз барои молу сарвати дунё ба монанди хайвонҳо дар биёбонҳо медавӣ, аммо аз ҳамон ризқи додагиям зисд намеёбӣ, сабр намою шукрона бикун, ки шармандай ҳарду олам мегардӣ.

***Гардан аз ҳукми Худои худ матоб,***
***То намонӣ рӯзи маҳшар дар азоб.***

**Эй фарзанди одам!** Ба ту се чизро ихтиёр кардам, яъне моли дунё, ахли оила ва амалҳоро. Моли дунё баъди фавтидан ба меросхӯрон мемонад ва ҳамон замон аз хона бадар рафтӣ. аҳли оила хам чудо мегарданд. Рӯзи қиёмат амалат накӯ бошад хуб, вагарна бад бошад, ҷоят ба ҳалокат аст!

**Умри дунё як-ду рӯзе беш нест,**
**Ғофил аст он кас, ки дуриндеш нест.**

**Эй фарзанди одам!** Собир бош ва худро паст шумор! Туро ба дараҷаи баланд мебардорам! Истигфор кун, мағфират кунам! Тавба намо, қабул фармоям! Садақа бидех, то ки ба молат барака диҳам! Бо ақрабоят накӯй ва наздик бош, то ки умратро дароз кунам!

**Эй фарзанди одам!** Шукри неъматҳои ман кунед, мехрубон ҳастам. Пас истигфор кунед, лоиқи сазовори ибодат ҳастам, пас ибодат бикунед! Лоиқи сазовори мақсад ҳастам, бо мақсад маро ҷустуҷӯй намоед, мақсадатонро ҳосил бикунам. Диҳанда хастам, бипурсед бидиҳам!

## САХОВАТ ВА ОЛИҲИММАТӢ

***Ҳиммат баланд дор, ки назди Худову халқ,***
***Бошад ба қадри ҳиммати ту эътибори ту.***

Асҳоби киром Ҳазрати Салмони Форсӣ ривоят мекунад:

Суннати Ҳазрати Муҳаммад (с) он буд, ки агар рӯзе дар дастархонашон ду дона нон медоштанд, як нонашро ба ятимону мӯҳтоҷон медоданд.

Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ мегӯяд:

- Муҳимтарин аркони оини ҷавонмардӣ саховат ва шуҷоат аст: «Ҷавонмардӣ дарахтест аз чамани ҷаннат раста ва саховат ниҳолест аз ҷӯйбори Кавсар нашъунамо ёфта... Ҳар ки табиати ӯ ба ҷуду сахо моил бувад, даст дар шохе аз шохҳои он дарахт зада бошад ва он шох ӯро ба ҷазби иноят аз ҳазизи диноят (пастӣ) ба зирваи (мақоми баланд) қабулу изз кашад...

***Бо эҳсон соз дилҳоро муқайяд,***
***К-аз эҳсон, дӯст гирад, душманӣ бад.***
***Пайи оромиши дилҳои аҷдод,***
***Саховат аз шуҷоъат беҳтар афтод.***

Ҳазрати Мавлавӣ панд дода мегӯяд: Саховат пас аз намозу рӯза яке аз беҳтарин ибодатҳои Худованд аст. Чунон ки дар Ҳадиси

Қудсӣ омадааст: Худованд мефармояд:

**- Эй фарзанди одам**! Ман ба ҳусну сурати шумо ва ба молу дунёатон наменигарам, балки ба дили шумо менигарам! Садака бидиҳед, то ки ба молатон барака диҳам!

**- Эй фарзанди одам!** Бемории худро бо додани садақа даво намо!

***Гар кунӣ хайре ба дасти хеш кун,***
***Хайри худро воқиф бар дарвеш кун.***
***Як дирам онро ба дасти худ диҳанд,***
***Беҳ бувад гар аз пайи ӯ сад диҳинд.***

Гар бар сарат кулфате ояд «Лоҳавла вало қуввата илло биллохил ъалиюл аъзим»-ро бихон, садақа деҳ ва аз Худо ёрӣ бипурс!

## ПОДОШИ САДАҚА Ё САБАБИ ГИРД ОВАРДАНИ ОСОРИ МАВЛАВӢ

Сабаби иншо гардидани китоби «Офтоби паси абрҳо ва ё Мавлавӣ Домуллои Сурхиён», ин подоши садақаи 10сӯма (рубл) аст. Ҳазрати Мавлавӣ дар «Пандномa»-аш овардааст, ки саховат ба қудрату тавоноии ҳар як бандаи мӯъмин вобаста аст, хоҳ вай як ва ё ҳазор танга бошад. Ривоят аст, ки рӯзе Анас ибни Молик (р) дар хизмати Расули Акрам (с) нишаста буданд. Пурсиданд, ки «Расулуллоҳ, дар назди шумо як нон садака кардан бештар бошад ё сад ракъат намози фосила хондан?» Пайғамбар (с) гуфтанд, ки як нон садақа кардан беҳтар аст. Боз пурсиданд, ки «Ҳоҷати мӯъминонеро баровардан бехтар ё сад ракъат намоз афзал, беҳтар аст?» Фармуданд, ки ҳоҷати мӯъминонро баровардан афзал аст...

Боз фармуданд, ки касе дар вақти зиндагии худ як танга садақа бидиҳад, баъди вафот ҷамеъи молашро ба садақа тавсия карда бошад, дар назди ман он як тангаи дар зиндагӣ додааш афзал мебошад!

***То амон ёбӣ зи қаҳри Кирдугор,***
***Садақа бидеҳ дар ниҳону ошкор.***

*Ҳар кӣ ӯро хайр одат мешавад,*
*Бе гумон умраш зиёдат мешавад.*
*Садақа медода бомдодону бегоҳ,*
*То балоҳо аз ту гардонад Илоҳ.*

Садақаро чунон бояд адо кард, ки дар вақти додан бо дасти рост, дасти чап огоҳ нашавад, вагарна шӯҳрату бологирихо гурур мекунанд ва он садақа ба даргоҳи Худои таоло қабул намешавад. Банда, он 10 сӯми садақаро на барои шӯҳрату гурур мисол меоварам, балки барои аҳамияти тарбиявӣ доштани ин ҳодисаи ҳуҷҷатӣ манзури шумо мегардонам.

Зимистони қаҳратун. Ҷанги шаҳрвандии бародаркуш давом дошт. Иқтисодиёти мамлакат ба талаю толоҷ рафта, вазъи моддию иқтисодии мардум хеле касод шуда буд. Дар он щабу рӯз мардуми камбизоат чуворимаккаю сабӯсро қути лоямут мекарданд ва аз гандумҳои заҳролуд истеъмол карда, ба бемории варами ҷигар гирифтор мешуданд. Ин носомониҳо инсони хирадманду шуҷоъсарвари мамлакат Э.Ш. Раҳмоновро қарор намегузошт. Барои баргардондани гурезагону истиқрори сулҳ ин марди шарифу инсони наҷиб кӯшишу талошҳои зиёде мекард ва ҷони азизашро дар хавфу хатар монда, борхо ба Афғонистон сафар кард. Дар давлати Исломии Афғонистон ҷанг байни Ҳукумати қонунии профессор Бурхониддин Раббонию толибони зишткор давом дошт. Кишвари афғон обу оташ ва балои азимеро мемонд, лекин ин фарзанди фарзонаи миллат барои ҳифзи сулху ваҳдат ва пароканда нашудани кишвар аз ин балои азим намеҳаросид ва бо шуҷоати рустамона ба пеш ҳаракат мекард.

Дар бозори «Шоҳмансур»-и шаҳри Душанбе тарсидатарсида қадам мезадам, зеро ки гургу гӯсфанд бо ҳам омезиш ёфта буданд. Аз ин вазъият дуздону ҳаннотон истифода бурда, мардумро дар кӯчаю бозор горат мекарданд. Гургро дар пӯстини гӯсфанд дидан ва вохӯрдан мумкин буд. Шиноснома (паспорт)-ам аз варақзании сарбозон пӯсидаю фарсуда менамуд.

Ногаҳон дар рӯ ба рӯям шарикдарси солҳои донишҷӯиям, журналист мусаввири закитабъ, дӯстдори илму маърифат, мухлиси «Ситораҳои Шарқ», яъне мухлиси Аҳмад Зоҳири ҷавонмаргу

Саттори ғарибафтода, Шаҷараёну Гугуши нозанин, Ахавони Солису дигар родмардони Эронзамини кӯҳанбунёд, Муҳиддин Олимпур пайдо шуд. Мо ҳамдигарро ба огӯш кашида, дергоҳ аз авҳоли ҳамдигар пурсон шудем. Муҳиддин ба соати дасташ нигариста, бо ҷиддият ба ман нигоҳ карда гуфт: Оқои Муҳаммадрасул, солҳост, ки хамдигарро надидаем, дунё ганимат, дидори дӯстон ғанимат аст, кӣ медонад, пагох чӣ ҳодиса рӯй медиҳад. Ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ шудааст, биё ҳамроҳ хӯрок мехӯрему саҳифаҳои дафтари хотираҳо, давраҳои тиллоии ҳаётамон, солҳои донишҷӯиямонро варақгардон намуда, ёдоварӣ мекунем. (Аз соли 1971 то соли 1976 дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон тахсил намуда, якҷоя давраи ҷавониямонро гузарондем).

Мухиддин илова карда гуфт:

- Шунидам, ки дар ҳамин бозор як тарабхонаи хозиразамон бунёд кардаанд. Ба шунидам номи тарабхона «Ғофилҷон» аст, биё, ба хамон ҷой меравем, таклиф кард Мухиддин.

- Оқои Муҳиддинҷон, номи тарабхона ба ман маъқул нашуд,посух додам.

- Баъзе аз мардумони мо ба маънои номҳои гузоштаашон сарфаҳм намераванд, мумкин ки дуршавӣ аз асли хеш, аз маърифати чандинҳазорсолаи ниёгонамон бошад. Ман номҳои қаҳрамонони «Шоҳнома»-ю «Ҳазору як шаб»-ро бисёртар дар мардумони Эрону Афғонистон ва Покистон мушоҳида мекунам, гуфт Муҳиддин табассумкунон.

Сӯҳбаткунон вориди тарабхона шудем. Дар ҳақиқат, тарабхона зебою барҳаво буд. Мизу курсиҳои хориҷӣ толорро оро медод. Духтаракони паричехраи либоси аврупой ба бар дар хизмат буданд.

Мизеро интихоб карда нишастем ва Мухиддин хӯрок фармуд. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ ногаҳон пирамарди русе ба асо такякунон дар наздамон пайдо шуд. Аз нишони дар пеши бар овехташудаи пирамард маълум буд, ки ӯ иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст. Пирамард хеле логару хаста менамуд, риши сафедаш жӯлида буду мӯйлабаш аз таъсири дуди тамоку зард шуда, чашмонаш нимроги бенур ва рӯи қоқи пурожангаш кулчаи нақшинро ба ёд меовард. Либосҳояш кӯҳнаю фарсуда ва аз таъсири хунукӣ дир-дир

меларзиду ба хӯроки гарми болои миз ҳарисона нигариста, об аз даҳонаш ҷорӣ шуда мечакид. Ин авзо ва нигоҳҳои имдодталабонаи пирамардро дида, дили мо ба ҳоли ӯ сӯхт.

Дар аввал пирамард ба чор тарафи тарабхона нигарист, маълум буд, ки аз касе хавф мебарад ва ё метарсад. Баъд қаноатманд шуд, ки ӯро касе таъқиб намекунад, дасти ларзони пурзахму пурожанги худро сӯи мизи мо дароз кард.

- Дети мои, ради Бога помогите, я очень голоден.

Муҳиддин пешдастӣ намуда якчанд сӯм ба кафи дасти пирамард ниход. Ӯ салибро аз гарданаш бароварда, моро дуо доду салиб кашид (ибодат кард) ва хамоно чашмҳояш ба сӯи нони болои миз нигарон буд. Ман хис кардам, ки ӯ хеле гурусна аст, зеро харакаташ хеле суст буд. Як нонро ду таксим кардам ва нисфашро ба пирамард додам. Ӯ ҳарисона нонро ба дахон андохта газиду тез ба сӯи дари баромад равон шуд, маълум шуд, ки ӯ хавфу хатареро хис кард, зеро ки мегӯянд «Моргазида аз банди ало метарсад». Пирамард ба дари баромад наздик шуда буд, ки дар рӯ ба рӯяш як ҷавонмарди қавиҳайкали хушлибос пайдо шуда, дашноми қабеҳ дода, бо забони русӣ гуфт:

- Оҳ кофири пирсаг, боз дар тарабхонаи ман пайдо шудӣ ва табъи мизоҷонро хира сохтӣ, мушту лагати дирӯза бас набуд, ки боз омадӣ?!

Аз ин суханони ҷавони паҳлавон акнун мо пайхас намудем, ки ин пирамарди бечора чӣ хел эҳтиёткорона вориди тарабхона мешуд, афсӯс, ки боз ба доми бало афтод. Он ҷавони магрур аз гардани пирамард дошта, ӯро ба сӯи дари баромад кашола кард. Ин манзара ба ғурбаи тездандоне шабохат дошт, ки гунҷишкро бо дандонҳои тезаш медораду гунҷишки бечора чир-чиркунон ҷонбозӣ мекунад. Дар назди дари баромад сари пирамардро ба зер хам карду як даст аз паси гардан ва бо дасти дигар камарбанди ӯро дошта, бо тамоми қувва ба берун ҳаво дод. Пирамард се-чор метр дуртар рафта, чорпоя афтод. Ҷавонмарди мағрур ба ин қаноат накарда, ба дунбаи харобу заифи пирамард як лагати обдор фаровард. Пирамард ба болои ях афтод. Ману Муҳиддин ба имдоди пирамард шитофтем. Ӯро аз замин бардоштем. Аз дахону биниаш хун равон шуда, қад-қади торҳои ришаш мечакид. Риши сафеди

барфмонандаш сурх шуда буд. Пирамард ба хуни даҳону бинияш эътибор надода, борхалтаашро ҷустуҷӯ мекард. Ман борхалтаашро аз даруни ҷӯйбор ёфтам ва бардошта ба даруни борхалта назар кардам. Даруни он се-чор дона пиёзу картошкаи пучала ва ду дона себи кирмхӯрдаю ҳамон ними нони худам додагиро дидам. Он порчаи газидаи нон аз даҳони пирамард парида хунолуд дар болои ях афтода буд. Пирамард борхалтаашро гирифта, чашмаш ба луқмаи хунолуди аз даҳонаш парида афтод. Он луқмаро аз болои ях бардошта дар когазе печонду дар ҷайбаш пинҳон кард. Ӯ дар ҷустуҷӯи асо буд. Муҳиддин асоро аз замин бардошта, ба дасти мӯсафед дод. У аз ин меҳрубонии мо ба ваҷд омада, бори дигар салибчаашро ба даст гирифта, салиб кашид (ибодат кард) ва ашк аз ду чашмони бенураш ҷорӣ гардиду лангон-лангон аз мо дур шуд. Он ҷавони гӯлмонанд ҳар ду дасташро дар канораш гузошта, хашмгинонаю магрурона ин рафтору кирдори моро мушоҳида мекард.

Муҳиддин ба он ғӯли биёбон рӯй оварда нотарсона гуфт:

- Бародар, кори хуб накардед. Охир, ин ҳам инсон аст, ӯро ҳам Худованд офаридааст.

Дар ин вақт оташи ғазаби он ҷавон якбора аланга заду дасту остинашро бар зад ва ба ҳуҷум тайёр шуда гуфт:

- Ҳай яҳудиҳо! Магар шумо ин кофирро нон дода, ба қаҳвахонаи ман даровардед!? (Муҳиддин риши сиёҳи зебое дошт, мумкин ин ҷавони хабиси хирасар ӯро нашинохту ба яҳудиён монанд мекард). Шуморо аз ӯ бадтар мекунам гӯён, ба Муҳиддин ҳуҷум кард. Ман тездастӣ карда, дар байн даромада гуфтам:

- Ҳой бародар, мо яҳудӣ нестем, ин кас акои Муҳиддин Олимпур аст,гуфта будам,ки мушти обдори ин инсони хабис ба лабам бархӯрду хун равон шуд ва худро дар канор гирифтам. Ҷавони мағрур даст дароз карда, аз гиребони Муҳиддин дошт. Аз даҳони ӯ бӯи шароб меомад, чашмонаш суп-сурх аз косахонаи сараш баромадагӣ менамуд. Умуман, афташ ба афти Азозилудев монанд буд.

Дар ҳамин вақт се-чор нафар ҷавонони хушсару либос аз сари мизи таомхӯрӣ хеста, ба имдоди мо шитобиданд.

- Акаи Ғофилҷон бас кунед, ин кас журналист!, илтиҷокунон

ба соҳиби қахвахона муроҷиат намуд яке аз онхо.

Акнун мо фаҳмидем, ки ин ҷавони хабиси ғофил, аз одамият дур соҳиби ҳамин тарабхонаи «Ғофилҷон» будааст. Дар ҳақиқат, падару модараш хислату рафтори фарзандашонро пешгӯй карда, ин номи сазоворро ба ӯ мондаанд. Чорнафара Ғофилҷонро кашола карда, ба дохили тарабхона бурданд. Ҳамоно ӯ дастак зада, мушташро нишон дода мегуфт:

- Ҳай журналистҳо, ҳай муаллимон, шумо дунёро расво кардед, шумо ба кофирон садақа медиҳед, шуморо мекушам, шумо...

Мо дергоҳ шах шуда, дар ҷоямон истодем ва дар охир бо хам хайрухуш намудем. Баъди рафтани Муҳиддин дар бораи пирамарди рус фикр кардам ва дилам ба ҳоли зори ӯ сӯхт. Гуфтаҳои модарам ба ёдам омад, ки мегуфт:

- Ҳазрати Мавлавӣ, ҷадди бузургворат, панд дода мегуфт, ки садақа диҳед, ба ҳар миллату мазҳабе, ки ҳаст фарк надорад, зеро ки ӯ махлуқи Худо аст. Суннати Ҳазрати Иброҳим (а) ро ба ҷой оред.

Ман савол мекардам, ки ё модари бузургвор суннати Иброҳим (а) кадом аст? Ӯ мегуфт:

- Овардаанд, ки Ҳақтаъоло дар саховат меҳтар Иброҳимро чунон ороста буд, ки ҳаргиз аз ғайри меҳмон таъом нахӯрдӣ. То рӯзе пеши дари ишон марде омад ва гуфт: Ё Иброҳим, гурусна омадаам, маро таъом бидеҳ. Мехтар Иброҳим назар ба рӯи ӯ бикард ва бегонагӣ дид, гуфт: Ту бегона менамой ва таъоми ман барои бегонагон нест.

Чун он мард аз забони меҳтар Иброҳим ин сухан шунид, шикастадил бозгашт. Ҳамон замон меҳтар Ҷабраил даррасид ва гуфт: Ё Иброҳим, фармон мешавад, ҳафтод сол бошад, ки ин мардро ризқ медихам, вақте нагуфтам, ки ту бегонай, туро ризқ нахоҳам дод, магар ту як вақт таъом медиҳӣ ва таъна мекунӣ, ки таъоми ман , лоиқи ту нест? Чун меҳтар Иброҳим ин фармон бо итоб шунид, бар ақиби он мард бидавид. Чун наздики вай шуд, гуфт: Эй мард, бозгард ва истода шав. Ҳар неъмате, ки талабӣ, ба ту бидиҳам. Меҳтар Иброҳим бисёр маъзарат кардан гирифт. Он мард инкор кард: Ту ҳамин замон маро аз пеши худ ронда будӣ, ин замон аз бахри чӣ мехоҳӣ ва чандин маъзарат барои чист? Меҳтар

Иброҳим гуфт: Худои ман аз ҷиҳати ту итоб кард ва фармон дод, ки: Эй Иброҳим, чаро бандаи маро таъом надодӣ, мо вайро ҳафтод сол бошад, ки ризқ медиҳем ва нагуфтем, ки ту бегонай, туро ризқ нахоҳем дод. Ту бандаи маро таъом надодӣ, дили ӯ ба ин сухан шикаста кардӣ. Чун он мард ин сухан аз забони меҳтар Иброҳим шунид, чашм пуроб кард ва гуфт: Эй Иброҳим, некӯ Худое ту дорӣ, аз кардаи ҳамчун мане душман ҳамчунин дӯстро итоб кард. Пас аз чунин раззоқе чанд бегона тавон монд. Калима бигӯ, то дар дини поки ту дароям. Меҳтар Иброҳим калима арз кард ва ӯ ба шарафи имон мушарраф шуд. Ақба-л-халил, Наъима-л-Ҷалил ли аҷли-д-далил.

Дигар, рӯзе аз ҷамоати ҷуҳудон наздики меҳтар Иброҳим алайҳи-с-салом омаданд ва гуфтанд: Ё Иброҳим, мо гурусна омадаем, моро таъом бидеҳ. Фармуд, бинишинед, таъом талабид ва таъзими ишон бисёр кард. Ишон оғоз карданд: Эё Иброҳим, мо бегонаем, чандин эҳсон дар ҳаққи мо аз куҷост? Гуфт: Ин корам аз ахлоқи Парвардигори худ омӯхтаам, ки аз ту як банда итоб шуда буд. Чун ишон аз таъом фориғ шуданд, меҳтар Иброҳим гуфт: Неъмати Худои ман бихӯрдед, як бор Худои маро саҷда кунед. Ишон шарманда шуданд. Гуфтанд: Эй Иброҳим, аз баҳри хушии хотири ту сар ба саҷда барем. Ҳама саҷда карданд. Меҳтар Иброҳим даст ба дуо бурд ва гуфт: Илоҳӣ, ман ишонро ба саҷда овардам, ту низ хотири ишон ба шарафи ишон мушарраф гардон. Ҳанӯз даст аз дуо фурӯ наоварда буд, ки ишон сарҳои хеш бардоштанд ва гуфтанд: Ё Иброҳим, рӯ сӯи мо кун, ки қулфи дил боз шудааст. Акнун зуд калима бигӯ, то дар дини Худои таъоло дароем. Меҳтар Иброҳим калима арз кард, ҷумла ҷамоат хилъати имон пӯшиданд.

Баъди ба ёд омадани пандҳои ҳазрати Мавлавӣ дар ҷустуҷӯи пирамарди масеҳӣ шудам. Чандин кӯчаю тангкӯчаҳои атрофи бозори «Шоҳмансур»-ро давр задам, вале ӯро пайдо карда натавонистам. Дар охир ноумед шуда, ба истгоҳи мошинҳои мусофиркаши самти шаҳри Кофарниҳон омадам, зеро ки рӯз хунук буду намози асру шом наздик. Аз сабаби нооромиҳои сиёсӣ рафту омади мошинхо ба самти Кофарниҳон баъди нисфирӯзӣ кам мешуд. Дар истгоҳ ним соат интизорӣ кашидам, пойҳоям хунук хӯрд, даҳшату воҳимаи ҷанги шаҳрвандӣ оромам намегузошт,

мошин набуд.

Аз дур дар назди бинои чорошёнае мӯйсафеди русро дидам, ки лангида-лангида ба даромадгохи бино наздик мешуд. Ба сӯи ӯ шитобидам ва дар даромадгохи бино ӯро боздоштам. Ӯ ҳайрон ҳайрон ба ман нигарист. Даст ба ҷайб бурда 10 сӯми дар ҷайб доштаамро ба кафаш мондам. Аз афташ, дар аввал ӯ маро нашинохта буд. Нихоят, баъди лаҳзае андешидан шинохту аз дастам дошт ва дастонамро бӯсида, ба дидагонаш молид, гӯё бо ашки чашмонаш дастонамро мешуст.

Ногоҳ садои автобус аз истгоҳ баланд шуд. Ман бо пирамарди маъюби рус видоъ кардаму ба сӯи мошин шитобидам. Автобусто ба истгоҳи Нефтобод (Нефтянник) меомадааст. Аз он ҷо пиёда то ба шаҳри Кофарниҳон соати даҳи шаб омадам.

Баъди нӯшидани пиёлаи чой хобам омад, зеро ки рӯзи дароз дар шаҳри Душанбе шоҳиди ҳодисаю воқеаи аҷиб шуда будам. Дар баробарн дароз кашидан тез хобам бурдааст. Хобе аҷибу бобе дидам.

Хоб дидам, ки дар лаби ҷарие овезонам, бо як даст аз решаи дарахти азиме медорам, дасти дигарам албонҷ хӯрда ҳаракат надорад, гӯё карахт аст. Дар зери поям дарёи сели балое равон аст. Дод мезанам, касе ба додам намерасад. Ногаҳон дидам, ки ба муқобили ҷараёни дарёи сел киштие ҳаракат карда, омада истодааст. Киштӣ ба ман наздик шуду ҷавони зебое, ки аз рӯяш нури дурахшон меборид, нидо карда гуфт:

- Эй инсон, дастатро ба ман деҳ.

- Кадом дастамро диҳам, охир дасти чапам карахт аст ва бо дасти ростам решаи дарахти азимро медорам.

- Бо кадом дастат ба пирамарди рус 10 сӯм садақа карда будӣ? боз пурсид ҷавон.

- Бо дасти рост.

- Қуввати дасти ростат ҳамон садақаи даҳсӯмаат ва решаи дарахти азим мадади ҷадди бузургворат Ҳазрати Мавлавии Сурхиён аст, ки аз балои азиме нигоҳат медорад. Ҳоло ту намедонӣ, ки он қутби замон, хуршеди тобон зиндаю ҷовид аст? Агар хоҳӣ, ки ба дидори мубораки бобоят ҳазрати Мавлавӣ мушарраф гардию ӯро бинӣ, дастхатҳои парокандаи ӯро ҷамъ овару иншо намо!

- Эй наҷотдиҳандаи бандаи оҷиз, шумо чӣ касед? аз ҷавони зебо пурсон шудам.

- Киштие, ки мебинӣ, киштии Ҳазрати Нӯҳ (а) аст ва ин дарёи сели ифлосе, ки ба зери пойҳоят равон аст, дунёи пурзаҳмат аст. Агар бандаи нафси куфру шайтон шавию, аз амалҳои хайр рӯй гардонӣ ва ба амалҳои шар даст занӣ, дастатро намегирам ва дар киштии Ҳазрати Нӯҳ (а), ки бобоят Ҳазрати Мавлавӣ нишастааст, савор шуда наметавонӣ. Дар ин дарёи бало гарқ хоҳӣ шуд!, бо табассуми ширине посух дод ҷавон.

Ҳамоно доду фарёд мекардам, ки наҷотам диҳад.

- Ҳой инсон, ба ҳурматн ҳамоп садакаат, ки ба ман додӣ, баъди иншои дастхатҳои бобои бузургат туро начот хоҳам дод, гуфт ҷавон.

- Эй ҷавони зебо, шумо кистед ва ман ба шумо чӣ хел садака карда будам? дубора пурсидам аз ӯ.

Ҷавони зебо табассуми ширине карду, кулоҳашро аз сараш гирифтан замон ба сурати ҳамон пирамарди руси нотавон мубадал шуд ва нопадид гардид.

Баъди ин хоби дидаам хашт моҳ бемори бистарӣ шудам. Хунамро дар беморхона иваз карданд. Аз зинда мондан умед надоштам. Ҷон ширин будаст, шабу рӯз ба даргоҳи Худованди бахшандаи меҳрубон ибодату муноҷот -намуда, талх-талх мегиристам.

Баъди он тавбаи Насиҳо кардам, роҳи амалҳои хайрро пеш гирифта, дастхатҳои Ҳазрати Мавлавиро омӯхта иншо намудам.

Дар интизори ваъдаи он ҷавони киштисаворам, ки кай дастам мегираду наҷотам медиҳад...

Баъди чандин солҳо рӯзе тарсида-тарсида дохили тарабхонаи «Ғофилҷон» шудам. Номи тарабхонаро дигар кардаанд «Ваҳдат».

- Ин тарабхонаи акаи Ғофилҷон аст, пурсидам аз пешхизмат.

Ӯ бо аломати инкор сар ҷунбонд. Ҳисси кунҷкобиям боло гирифту дар бораи Ғофилҷон, ки лаби маро кафонда, хуншор карда буду гиребони Муҳиддинро канд ва пирамарди русро лагаткӯб намуда буд, пурсон шудам. Пас маълум гардид, ки Ғофилҷон дар тиҷорати гардиши маводи мухадир героин сару кор доштааст ва ин сарвату гурур аз рӯи он будааст. Гурӯҳи горатгарон шабона ба хонааш хуҷум карда, молу сарваташро ба ягмо бурда, худашро дар

назди зану фарзандонаш ба таври вахшиёна, бо хорию зорӣ ба қатл расондаанд. Тарабхонаи «Ғофилҷон» ба худ номи «Ваҳдат» гирифт ва соҳиби нав пайдо кард.

***Хубии дарвешон калиди ҷаннат аст,***
***Душмани эшон сазои лаънат аст.***
***Гар ҳамехоҳи, ки бошӣ дар амон,***
***Рав накӯӣ кун ту бо халқи ҷаҳон.***

Баъди чанде радио ва оинаи нилгун хабар дод, ки душманони миллати тоҷик чун Ғофилҷон барин зотҳои хабис мусаввири закитабъ, Муҳиддин Олимпурро ба қатл расонданд. Қалбам реш шуд.

Мавлавӣ мефармояд:

- Эй ғофилон! Нафси калони бологирифтаатонро ба тавбаю истиғфор ва бо амалҳои некӯ паст занед! Рӯзе ба панҷоҳ ҳазор сол баробар ба як рӯзи ин дунё наомада, дар пеш аст ва аз ғазаби Худованд битарсед! Мардумро горат накунед! Ҳаққи ятимонро нахӯред! Инсонро, ки дар кадом дину мазҳаб аст, қатл накунед! Фирефтаи молу сарвати дунё нашавед ва аз бахри молу сарват мӯреро озор надиҳед, ки подошаш дар ду олам интизори шумост.

***Ҳар киро будаст кирдори накӯ,***
***Дар раҳи уқбо бувад ҳамроҳи ӯ.***
***Дорӣ андар пеш рӯзи растахез,***
***Аз Худоят нест имкони гурез.***

Баъд аз марг исми Муҳиддин дар қалби инсонҳо ва китобу хазинаи синамо нақш баст. Номи Ғофилҷону амалҳояш бошад, аз лавҳи тарабхонаҳо тарошида шуд.

**Заҳр дорад дар дарун дунё чу мор,**
**Гарчи бинӣ зоҳираш нақшу нигор.**
**Менамояд хубу зебо дар назар,**
**Лек аз заҳраш бувад ҷонро хатар.**
**Заҳри ин мори мунаққаш қотил аст,**
**Бошад аз вай дур ҳар кӣ оқил аст.**

**Таъбири хобам чист?**

Лаҳзае он хоби худро ман ба азм,
Гирд овардам ба мухлисони назм.
Дида худро он замон дар ҳолате,
Тарсу ваҳму бими маргу даҳшате.
Дасти рост дар шохаи сарви азим,
Дасти чап хушкида буд, гӯё ду ним.
Зери по дарёи жарфи беканор,
Киштие, бо чанд маллоҳе зери гор.
Ногаҳон овоз омад аз миён:
«Ту наметарсӣ зи Халлоқи ҷаҳон ?
Ин дарахт арвоҳи поки авлиёст,
Дасти ростат хайр карду ӯ ба ҷост.
Лек ба ин дастат чӣ исён кардаӣ,
Ё касеро як замон озурдай?
Чун аён дидӣ, бикун тавба, биё
Аз ҳаёти бобият омӯз вафо.
Авлиё дар рӯҳи некон, зинда аст,
Мисли хуршеди ҷаҳон, тобанда аст.
«Киштии Нӯҳ»-ро биҷӯ, бо мо нишин,
Сидқ пеш ор, ҷаҳд кун, бикшо ҷабин».
Дидам ӯ буд, он гадои нонталаб,
Зарбхӯрда, хунфишор рухсору лаб.
Он, ки раҳми ман ба ӯ боло гирифт,
Раҳм буд, он адлу инсоф ҷо гирифт.
Мақсади нашри китоби ҷадди худ,
Роҳи бобоёни мо чӣ гуна буд?
На ба онҳо ҳилла буду на дурӯғ,
Офтоби қалбашон роҳатфурӯғ.
Рост мерафтанд, ба гуфти Мустафо (с),
Чун алиф як рӯ ба як роҳи сафо.
Зориҳо дорем бо Муҳаммадрасул,
К-андар он киштӣ кунад моро қабул.

## АДЛ ВА ИНСОФ

Таърихи панҷҳазорсолаи башарият гувоҳ аст, ки аввалин поягузорони илму фарҳанг ва адлу инсофи ҷаҳон шоҳону олимон ва шоирону ҷавонмардони Аҷам (Эронзамин, Хуросону Мавароуннаҳр) мебошанд.

Даврaҳои давлатдории Куруши Кабиру Анӯшервони Одил ва Исмоили Сомониро замони тиллоӣ меноманд. Таърих чунин даврaҳои рушди илму фарҳанг ва адлу инсофро кам шаҳодат медиҳад.

Дар хуни мардумони Аҷам, хусусан, тоҷикон ва Президенти хирадмарди он Эмомалӣ Раҳмонов, суннати шоҳони бузурги Эронзамин Анӯшервони Одилу Исмоили Сомонӣ ҷорист, ки мардуми парокандаи тоҷикро аз ақсои олам гирд оварду давлати тозабунёди тоҷиконро аз парокандашавӣ наҷот дод. Бо ин кори бузургаш ӯ бори дигар ворисии ҳақиқии тоҷу тахти Анӯшервони Одилу Исмоили Сомонӣ будани хешро ба оламиён исбот намуд.

## СУХАНОНИ ПАЙҒАМБАРИ ИСЛОМ - ҲАЗРАТИ МУҲАММАД (С) ВА ЁРОНИ ОН ҲАЗРАТ ДАР БОРАИ БУЗУРГОНИ АҶАМ (ЭРОНЗАМИН)

Дар «Пандннома»-и Мавлавӣ оварда шудааст:

Салмони форсӣ яке аз сахобагони Паёмбари гиромӣ буд ва он Ҳазрат дар симои Салмону ҳаққи мардумони Аҷам (Эронзамин) суханони волоеро гуфтааст.

Рӯзе Салмон дар масҷид нишаста буд. Иддае аз ёрони Паёмбар, ки ҳамагӣ аз бузургони қабоили мухталиф буданд, низ дар масҷид буданд. Сухан аз аслу насаб, нажоду миллат ва қабила ба миён омад. Ҳар кас дар бораи асли худ чизе мегуфт ва онро боло мебурд.

Навбат ба Салмони форсӣ расид. Ба ӯ гуфтанд, ки ту низ аз миллату пешвоёни худат чизе бигӯ. Салмон синаашро бо ифтихор рост карда гуфт:

- Ман Салмон, писари яке аз бандагони Худо ҳастам. Гумроҳ будам ва Худо ба василаи Муҳаммад (с) маро роҳнамоӣ кард. Фақир

будам ва Худованд ба василаи Муҳаммад (с) маро бениёз кард. Барда будам ва Худованд ба василаи Муҳаммад (с) маро озод кард. Ин аст миллату аслу насаби ман.

Дар ин замон Паёмбари гиромӣ ворид шуданд ва вақте саҳнаро диданд, ба онҳо рӯ оварда гуфтанд:

- Эй бузургони Қурайш, насаби ифтихоромези ҳар кас дини ӯст, мардонагии хар кас хулқу хӯй шахсияти ӯст ва аслу решаи ҳар кас ақлу фаҳм ва идроки ӯст[16].

Паёмбари гиромӣ Салмони форсиро ба хотири фарҳанги гании мардумони Эронзамин аҳли хонадони хеш хонд. Иртиботи байни эрониён ва ислом низ аз тариқи Салмон оғоз шуд. Борҳо Паёмбари гиромӣ ба мардумони араб хитоб карда гуфта буд, ки «Эй арабҳо, огох бошед, ки нури дурахшони дини ислом ва илму фарҳанги он ба авҷи Сурайё барояд, бузургони форс онро аз они худ хоҳанд кард».

Дар ҳақиқат, гуфтаи Паёмбари Худо исбот шуд, ки парчамбардорони дин ва илму фарҳанг Салмони форсию Имоми Аъзам, Ал-Бухорию Ибни Сино, Берунию Мавлавӣ, Саъдию Ҳофиз ва Аҳмади Дониш аз ин сарзамини муқаддас ба олами ҳастӣ зуҳур карданд.

Саҳобагон аз Паёмбари ислом, Ҳазрати Муҳаммад (с) пурсиданд:

- Эй Расули Худо, чӣ касонеанд, ки агар мо эъроз кунем, ононро ба ҷои мо бармегузинӣ (интихоб мекунӣ)?

Паёмбари гиромӣ даст бар зонуи Салмон заданд ва гуфтанд:

- Манзурам ин мард ва қавми ӯст. Ба Худо савганд, ки агар имон дар ситораи Сурайё бошад, гурӯҳе аз мардони форс онро ба чанг меоваранд[17].

Пас аз реҳлати Паёмбари гиромӣ, Салмон ҳамчунон дар Мадина муқим монд. У ҷонишини шери даргох Ҳазрати Алӣ (а) буд.

Дар замони хилофати Ҳазрати Умар (р) Тисфун пойтахти Сосониён фатх шуд ва аз он пас тамоми кишвари бузурги Эронзамин яке пас аз дигаре фатқ гардид.

Ҳазрати Умар (р) пас аз фатхи Мадоин Салмонро ба устондори (амир) навоҳии Ироқ ва Эрон дар Мадоин таъин кард.

Салмон роҳи Тисфунро пеш гирифт. Мардуми Тисфун ҳама бо либосҳои наву зебо берун аз шаҳр интизори вуруди устондори ҷадид (нав) буданд.

Дар охир пирамарде аз дур пайдо шуд. У либоси кӯҳна бар тан дошт ва пиёда меомад. Мардум аз ӯ пурсиданд:

- Дар роҳ, ки меомадӣ, устондори ҷадиди мо, Салмонро надидӣ?

Пирамарди асобадаст посух дод:

- Ман худ Салмон ҳастам.

Ӯ пиёда вориди шахр шуд ва аз бинои (қасри) азими кохи Тисфун истифода накард. Чун аз байт-ул-мол (хазинаи шоҳӣ) барои вай ҳуқуқ (пулу мол, зар, тилло) мефиристоданд, онро ба ятимону камбизоатон медод ва дар вақти фарогат (холигӣ) занбал (карбос) мебофт ва аз дастранҷи ҳалоли хеш зиндагӣ мекард.

Ин хабар ба Ҳазрати Умар (р) даррасид. Ҳазрати Умар (р) ӯро барои он, ки занбал мебофт ва нони ҷав мехӯрд, сарзаниш намуда буд ва мутазаккир шуда буд, ки ин корҳо боиси сустии Ҳукумат мешавад.

Салмон тайи номаи муфассале ба Ҳазрати Умар (р) посух дода мегӯяд:

- Эй Умар, ба Худо савганд, хӯрдани нони ҷав ва бофтани занбал ва бениёзӣ аз таъомҳои лазиз ва ошомиданихо аз он ки базӯр ҳаққи мӯъминӣ аз ӯ салб гардад ва ё аз дуои чизе, ки ҳаққи ман нест, назди Ҳак таоло беҳтар ва махбубтар аст ва ба пархезкорӣ наздиктар. Ҳамоно Расули Худоро дидам, ки ҳар гоҳ нони ҷав ба даст меовард ва онро тановул мефармуд, шод мегашт ва озурда намешуд...

Умар, бо Парвардигори боиззат савганд, барои ман устондори ҷадиди навоҳии Ироқ ва Эрон ғизо чӣ мағзи гандум бошад, чӣ ҷав фарқе надорад. Аммо он чӣ навиштаӣ, дар мавриди ин ки ман Ҳукумати Худоро суст кардам ва нафси худро хор гардондам, то он ҷо ки мардуми Мадоин намедонанд, ки ман амири эшонам ва маро ба мазалати пуле (купруке) қарор доранд, ки аз рӯям убур мекунанд ва борҳои худро ба дӯши (китфи) ман мегузоранд ва чунин навишта будӣ, ки инхо боиси сустии салтанати Худо мешаванд ва онро залил мегардонад, пас бидон, ки залил шудан назди ман дар тоати илоҳӣ

маҳбубтар аст, аз азиз будан дар маъсияти Худо ва ту худ медонӣ, ки Расули Худо (с) таълифи дилҳои мардум ва ба эшон наздикӣ мечуст ва мардум ба сӯи ӯ тақарруб мечустанд, баробари ҷон дӯсташ медоштанд ва наздики вай менишастанд. Бо вуҷуди мақоми олии набувват ва салтанати илоҳии ӯ, чунон менамуд, ки он Ҳазрат низ монанди яке аз онон аст ва он Ҳазрат таоми ногувор ва либоси хашину дурушт мепӯшид ва ҳамаи мардум аз бардагон ва қурайшиён ва арабҳо ва сиёҳу сафед дар пешгоҳи вай баробар буданд.

Эй Умар, гувоҳӣ медиҳам, ки худ аз Паёмбари Худо шунидам, ки мефармояд:

«Ҳар кас баъд аз ман волии ҳафт нафар аз мусулмонон шавад ва дар миёни онон ба адлу дод рафтор нанамояд, чун Худоро мулоқот нанамояд, бар вай хашмнок бошад...»

Пас, эй Умар, чи тавр занбал набофаму нони ҷав нахӯрам, ки аксарияти мардумони навоҳии Ироқу Эрон чунин касб доранду чунин нон мехӯранд18...

Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк оварда шудааст, замони даъваташ Ҳазрати Муҳаммад (с) ёронро назди худ бихонд ва гуфт:

- Пеш оз оне, ки нома ба Қайсари Руму Шоҳаншоҳи Эрон фиристему онҳоро ба исломи поку ҳақ хонем ва аз зулумоти ҷаҳолат наҷот диҳем, бояд дар бораи дину мазҳаб, илму фарҳанг ва адлу инсофи шоҳону мардумони ин сарзаминҳо чизеро донем.

Амиралмӯъминин Умар (р) гуфт:

- Ё Расулуллоҳ, дар аввали ҷавонӣ тиҷорат мекардам ва ба атрофу акнофи олам мерафтам. Дар замони Анӯшервони Одил ба шаҳри Мадоин расидам ва борҳо дар шаҳр андохтам ва фурӯхтам. Ва уштуронро ба саҳро фиристондам бо сорбон аз ҷихати алаф ва обхӯр. Чун шабҳангом даррасид, сорбон омаду гуфт:

- Уштуронро Хоҷасарой, писари Анӯшервон, ба ҳукм бурд. Чун ин сухан бишунидам, дилтанг шудам. Дар он хона, ки бор фароварда будам, соҳибхона хабар ёфт ва гуфт:

- Бархезу ба бандагии Анӯшервон рав ва ҳол арза дор, то уштурони туро бифармояд боз додан.

Дигар рӯз алсабоҳ (саҳар) бирафтам ва даст бар занҷири дод бизадам, маро ба хидмати Анӯшервон бибурданд, Ҳоҷиб сухан боз

пурсид. Чун ҳол боз гуфтам, ӯ аз тарсу бими писари шоҳ сухан ба навъе дигар арза дошт. Анӯшервон фармуд, то ҳазор динор ба ман доданд. Ман шод гаштаму ба хона бозомадам. Чун соҳибхона он бидид гуфт:

- Шоҳро ҳол маълум нашудааст, боз рав ва аҳвол боз намой.

Дигар бор рӯзи дуввум бирафтам ва ҳамчунон ҳол боз намудам. Ҳоҷиб (тарҷумон) ҳолро боз ба навъе дигар гуфт, фармуд, то ҳазор динори дигар бидоданд.

Баргаштам шодмон. Боз соҳибхона фармуд, ки шоҳро сухан маълум накардаанд. Боз рӯзи дигар ҳамчунон бирафтам ва ҳол боз намудам. Ҳоҷиб ҳолро бо навъе дигар гуфт, шоҳ боз фармуд, то ҳазор динори дигар бидоданд. Чун ба хона омадам, соҳибхона гуфт:

- Шоҳро маълум нашудааст. Боз рав.

Чун рӯзи чаҳорум бирафтаму ҳол боз гуфтам, шоҳро аҷиб омад. Забони форсиро намедонистам. Шоҳ тарҷумони дигар талаб карду ҳолро аз ман боз пурсид. Баъди огоҳӣ дар хашм рафт ва ҳеҷ нагуфту маро ба мӯътамаде аз они хеш дод ва супориш кард. Ҳар рӯз харҷи ман медод, то чиҳил рӯз тамом шуд. Баъд аз он маро талаб кард. Он мӯътамад (меҳмондор) маро дар он шаб ба Ҳазрати Анӯшервони Одил бурд. Чун шоҳ маро бидид, навозиш фармӯду дилхушии тамом дод ва узр мехост аз ман ба ҳар навъе ва ман мутаҳайир бимондам, аз он ҳама дилдории ӯ. Баъд аз он хосагии хешро (хизматгори худро) фармуд, то табақе биёвардand сарпӯшида. Чун боз ниҳоданд, шоҳ фармуд, то сари табақ бикушоданд. Чун сарпӯш баргирифтанд, дасте дидам бурида ва дар табақ ниҳода. Мутаҳайир бимондам, ки «Аҷабо ин чӣ даст аст?!». Нӯшервон гуфт:

- Медонӣ, ки ин дасти кист? Гуфтам:

- На.

- Ин дасти фарзанди ман аст, ки ходими ӯ уштурони ту ба ҳукм бурда буд ва бо ту бедодӣ кард. Имшаб чиҳил шабонарӯз аст, то бо модари ӯ ин сухан ва ҳикояти ту мегуфтам, то ризо диҳад, ки фарзанди ӯ бедодӣ кардааст, то он чӣ сазои ӯст, бо ӯ кунам. Имшаб ризо бидод, то як дасташ бибуридам, то дигар касе бар касе аз ин навъ бедодӣ накунад ва номи ман дар олам ба бедодӣ мунташир нагардад. Ва он гоҳ дар дунёю қиёмат шармсору ҳиҷил набошаму

барнахезам ва аз ҷумлаи рондагони Ҳақтаоло набошам.

Пас фармуд, то ҳоҷибро (тарҷумон) овbooранд ва гуфт:

- Чаро сухан ба ман рост нагуфтӣ, ба навъе дигар мегуфтӣ, то ман ҳол надонистам ва бозаргон ноумед аз назди ман мерафт ва уштурон зоеъ ва горат карда. Ва ман ҳолро намедонистам ва ҳар куҷо рафтӣ, номи ман ба зулм ва бедодӣ бурдӣ. Ва маро огоҳӣ аз он набудӣ.

Ҳоҷиб гуфт:

- Тарсидам аз фарзандат. Гуфт:

- Чун аст, ки аз ман натарсидӣ?

Дархол вайро сиёсат фармуд ва уштуронро боз дод. Чун ба хона омадам, сохибхона гуфт:

- Ин соат ҳол маълум шудааст. Дигар рӯз бархостам ва се ҳазор динор баргирифтам ва ба хидмати Нӯшервон рафтам ва кисаи зар биниҳодам. Шоҳ фармуд, ки ин зар тамоман аз туст ва ҳам чандон, ки дода буд, дигар бифармуд, се ҳазор динори дигар бидод ва маро ба дилхушии тамом равона гардонд. Ҳол бар ин мӯҷиб буд.

Пайғамбар Ҳазрати Муҳаммад (с) чунин сухан бишунид, аҷаб омаду гуфт:

- Кофареро ин адл будааст. Пас, ин замон рӯзгоре пайдо шудааст, ки агар хуни сад мусулмон бирезаду адо хоҳад, аз касе ба як ҷав барнадоранд, то зар барнаёранд. Чун зар бигиранд, низ кор барнаёранд. Аҷабо, баъд аз ин чӣ гуна хоҳанд будан?!

Аз ин далелҳои таърихии раднашаванда маълум мегардад, ки нисбати ақлу хирад, илму маърифат ва адлу инсофи модарзодии мардумони форсу тоҷик хазорҳо сол пеш анбиёву авлиёҳо бо як ҳисси ифтихор ҳарф задаанд.

***Адл нурест, к-аз ӯ мулк мунаввар гардад,***
***В-аз насимаш ҳама офоқ муаттар гардад.***
***Адл пеш ору муроди дили дарвеш барор,***
***То туро ҳар чӣ мурод аст, муяссар гардад.***

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» овардааст, ки Нӯшервон бо он, ки аз дин бегона буд, дар адлу ростӣ ягона. Лоҷарам сарвари коинот, яъне Ҳазрати Муҳаммад (с) бо ифтихор

мегуфт:

- Ман дар замони шоҳи одил таваллуд ёфтаам.

**Паямбар, ки дар аҳди Нӯшервон**
**Ба рух гашт чашму чароги ҷаҳон.**
**Ҳаме гуфт: «Аз зулм аз он содаам,**
**Ки дар аҳди Нӯшервон зодаам»...**

Дар таърих чунон мастур (аён) аст, ки панҷ ҳазор сол салтанати олам тааллуқ ба габрону мугон (оташпарастони Эронзамин) дошт ва ин давлат дар хонадони эшон (онҳо) буд, зеро бо раоё адл мекарданд ва зулм раво намедоштанд.

Дар хабар аст, ки Худои таоло ба Довуд (а) ваҳӣ кард, ки қавми хешро бигӯй, ки подшоҳони Аҷамро (Эронзамин) бад нагӯянд, дашном надиҳанд, ки эшон ҷаҳонро ба адл ободон кардаанд, то бандагони ман дар вай зиндагӣ кунанд.

**Адлу инсоф дон, на куфру на дин,**
**Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.**
**Адли бедин низоми оламро**
**Беҳтар аз зулми шоҳи диндор аст.**

Миллати покнажоди тоҷиконро зарур аст, ки бо як хисси баланди ифтихори миллию ватандорӣ, аз адлу инсофи Анӯшервони одилу Салмони форсӣ, корнамоиҳои беназири Абӯмуслими Хуросонию Исмоили Сомонӣ, ақлу хиради Бузургмехр, Низомулмулку Абулфазли Балъамӣ, илми бузурги Синою Берунӣ, ашъори волои Рӯдакию Фирдавсӣ ва Саъдию Мавлавӣ баҳраҳои рӯҳӣ бардошта, дар атрофи ҷавонмарди накӯҳоҳ, сиёсатмадори мустақиму побарҷо сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмонов муттаҳид гарданд ва барои инкишофу рушду нумӯи кишвари кӯҳанбунёди маърифатпарварамон камари ҳиммат барбанданд.

Иншоаллоҳ, давлати тозаистиқлоламон дар баробари мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон ҷой хоҳад гирифт.

## МАСНАВӢ

Раҳму инсофу адолат дар ҷаҳон,
Гашта чун қонун ба аҳди Нӯшервон.
Дар Хуросон буд, Исмоили Сомон,
Шоҳаншоҳи одилу марди майдон.
Чун Умар, тақвои он Салмони форс,
Кас шунида мегӯяд, садҳо сипос.
Фош гашта, дар ҷаҳон тахти Каён,
Эътидол буд, пешаи эрониён.
Дертар омад, ӯ миёни тоҷикон,
Кӯшише дар сулҳу ваҳдати ин замон.
Ҷумла тоҷикон ӯ ҳам соҳибдилон,
Офарин, эй гамшарик, гӯянд алон.
Адлу инсофу барору орият,
Дар бар иқболу ҷасорат бо ният.
Мулки тоҷикон, ки гул-гул мешукуфт,
Миллаташ Эмомалӣ Раҳмон бигуфт.
Фарди оқил, офаринҳо гӯядаш,
Маҳмадрасул, бахту иқбол хоҳадаш.

## ЗИЁНИ ҲАСАД

Худованди бузург дар сураи фалақ, ояти панҷум мефармояд: «Ва мин шарри ҳосидин иззо ҳасад» (Худоё. Ва аз шарри ҳосид чун ҳасад кунад, дар амонам нигоҳ дор).

Фардони кинахоҳу адоватҷӯ ва ҳасадхӯр ҳам ба худ, ҳам ба бародарони худ ва ҳам ба раҳмати Илохия зулму таҷовуз мекунанд. Ҳасаду кина рӯҳро дар азоби алим мегузорад.

Шахси ҳасадхӯр аз неъматҳои ба атрофиён расида, азоб мекашад ва ба ҷони худ зулм мекунад. Агар адоват аз ҳасад бошад, он азоби сахттар дорад, чунки ҳасад пеш аз ҳама ҳасадхӯрро месӯзонад. Фарди ҳасадхӯр гӯё зидди раҳмати Илоҳӣ эътироз мекунад. Касе, ки ба раҳмати Илоҳӣ эътироз кунад, аз раҳмати ӯ бенасиб мемонад.

Вақте ки Худованд куфрро офарид, куфр аз Худо хохиши кӯмак кард. Худованд бо хасад, бухлу бадхӯй ӯро қувват бахшид.

Дар мақоли халқӣ мегӯянд: «Гӯри ҳасадхӯрону бахилои таигу торик аст», ки ин ҳақ асту рост. Худованди барҳақ, имону тақво, шарму ҳаё, хайру сахо, адлу инсоф ва илму ақли расоро барои инсонҳои хушбахт ато кард.

Ҳасаду кина, адовату бахилӣ, рашку риёкорӣ, дурӯғу фиребгарӣ, дурӯягию ҳаромхӯрӣ, суханчинию ғайбат, пурхӯрию танпарварӣ, ҷоҳилию бефарҳангӣ ва дуздию горатгариро, ки зидди ахлоқи ҳамидаи инсонию раҳмати Илохианд, барои одамони бадбахт офарид.

Ин ду гурӯҳи инсонҳоро, на ба сару либос, на ба касбу вазифа, на ба сарвату синну солу сурат, балки ба сирату амалҳояшон бояд шинохт. Дар шинохтани маърифатнокии инсонҳо сурати эшон ба сираташон мувофиқ нест. Сурати зебо шаҳодати сирати нек набуда ва ё баракси ҳол аст, яъне сурати начандон зебо, сирати хубу некеро дорост.

Барои ҳамин, инсонҳоро на аз рӯи сурат, балки аз рӯи сираташон бояд баҳо дод.

Дар Ҳадиси Расули Акрам (с) омадааст:

**«Ҳасад амалҳои хайрро мехӯрад, чунончӣ оташ ҳезумро».**

Шайх Аттори бузург дар «Чаҳоркитоб» мефармояд:

**Аз ҳасад, аввал ту дилро пок дор,**
**Хештанро баъд аз он мӯъмин шумор.**

## ҶУСТУҶӮЙ ДАР АТРОФИ МАҚОМУ МАРТАБАИ «ДОМУЛЛОИ СУРХИЁН»

Банда, дар давоми тадқиқоти зиёда аз 25-солаи хеш 12 ҳуҷҷат (хати иршод)-ро пайдо намудам, ки дар онхо макому мартаба, ном ва насаби Ҳазрати Мавлавӣ ба тарзи «Он ғаввоси бахри маърифат, дурри дарёи ҳакиқат ва пешвои аҳли тариқат, Ҳазрати Халифа Муҳам-мадсолеҳи Сурхиёнӣ» сабт (навишта) гардида ва бо мӯҳр тасдиқ карда шудааст.

Дар панҷ ҳуҷҷати мавҷуда, дар дохили мӯҳр, ном ва насаби Халифа Худойбердӣ ибни Домулло Абдурасули Сӯфӣ, бо тарзи наққошӣ сабт карда шудааст.

Дар китоби тозагӣ ба нашр расидаи Ҳоҷӣ Сайид

Абдуҷалилхоҷа тахти унвони «Аз Насабномаи Сайидзодагони Мавороуннаҳр» (Душанбе 2001) ва «Шаҷаранома»-и Ҳазрати Эшони Абдураҳмонҷон (р-а) ба тарзи зайл (зерин) омадааст. (Давоми Шаҷара)

...«Минҳум Абдусаттор Махдум (р-а), Минҳум Домулло Муҳаммадсолех (р-а), Минҳум Домулло Худойбердӣ (р-а), Минҳум Домулло Абдураҳим ъалайхираҳматиҳӣ ва ризвон ва ин каминаи фақир 27. Минҳум Эшони Абдураҳмонҷон раҳматуллохи алайҳи' (Саҳ. 76-77).

Банда, барои пурраю равшан муайян кардани мартабаю шахсияти ин инсони бузург, яъне Халнфа Худойбердӣ ибни Домулло Абдурасули Сӯфӣ ҷустуҷӯи зиёдеро ба анҷом расондаам.

Борҳо дар Академияи Улуми ҷумҳурӣ ва дар мадрасаи олии Имом Тармизии шаҳри Душанбе бо олимону донишмандони варзидаи давр ҳамсӯҳбат шуда, дар ин самт ба қадри имкон маълумотҳои пурқиммат пайдо намудаам.

Ногаҳон, пандҳои Ҳазрати Мавлавӣ дар гӯшҳоям садо доду аз ниятам баргаштаму тадқиқотро қатъ намудам.

Ҳазрати Мавлавӣ дар пандҳояш мефармоянд:

- «Эй мардум, дар рафти кор, дар шодию мусибат, бечорагию дармондагӣ, дар беморию таълиму тариқат, дар фикру зикр ва дар сӯҳбату роҳгардӣ зохиран бо шумо ва ботинаи бо Худоям. Мояи зиндагии дунёву уқборо на аз шумо, балки бо захмату мехнати худ аз Раззоқи хар ду ҷаҳон талаб дорам. Дастатонро ба кору қалбатонро ба Худо диҳеду аз захмати халоли хеш зиндагонӣ кунед. Шумо, мани оҷизро ситоиш накунед ва мартабаи «валию кутбӣ» хам надиҳед, ки ин мартабаро Маъбуди (Худо) барҳақ худаш медиҳад ва касро аз он сирру асрор огаҳӣ нест. Кӣ хондаю, кӣ ронда, наққоши азал худ медонад. Мо гуломони силсилаи Накшбанд (Хуфия), сагони даргохи Зулҷалоли Ҳақ, аз дабдабаю зоҳирпарастӣ дурем ва аз он тарсу ҳарос дорем. Чаро бодабдабаю зоҳирпараст бошем, ки охир мирандаем»!?

Ин суханон чӣ қадар пурарзишанд, ки дар зери ҳар як калимаи он ҳазорон-ҳазор дурри нуҳуфта дар қаъри маънии баҳри беканори илми тавҳид пинҳон аст, бандаро водор намуд, ки ҷустуҷӯро дар бораи мақому мартабаи Ҳазрати Мавлавӣ қатъ

кунам. Хеле хаста шуда будам. Хостам, ки роҳи мошингардро убур карда гузараму дар чойхонаи «Роҳат» чой нӯшида, каме ҳам бошад хастагиямро барорам.

Дар канори роҳ истода интизори гузаштан аз роҳ будам. Дар ҳамин вақт садои ваҳмангези чархи (тормоз) мошине риштаи тахайюлотамро канд. Аз тарс ду-се қадам ба ақиб ҷаҳидам. Мошини тамгаи хориҷие ду қадам дуртар дар рӯ ба рӯям тақӣ карда истод. Дари ақиби мошин кушода шуд ва ҷавони 17-18-солае дар либоси рӯҳониён, пероҳани сафед дар тану куллоҳи сабз дар сар, ба тезӣ ҷахида баромаду хам шуда таъзимкунон дари пеши мошинро кушод. Дар даруни мошин марди тахминан 4550-солае, ки риши сиёхи кӯтоху саллаи сафеди калон дошт намоён шуд. Дар як дасташ тасбехи дарозе аз сангҳои сабзи қиматбаҳо оро ёфта, чун чархи осиёб дар гардиш буд ва бо дасти дигараш асоеро медошт, ки бо нукраю садаф кандакорӣ шуда буд. Дар болои асо бо металли зарди тиллоранг акси қасри «Тоҷмаҳал» аккосӣ карда шудааст. Ҷелаки сабзи дарозу пероҳани дуҷайба (киса) и покистонияш ӯро ба Ҳазрати Хоҷаи Хизр монанд карда буд. Айнакҳои сиёҳи офтобиашро ба болои абрӯвонаш гузошта, бо ангушти ишора маро сӯи худ хонд. Ман хаёл кардам, ки шахси дигаре дар пасам истодааст, ба ақиб нигаристам. Ин ҳолати ногувори маро он марди аҷоибу ғароиб пай бурда, бо овози баланд садо кард:

- Балам, оғои Муҳаммадрасул, ин шумо нестед?

Яку якбора «бале» гӯён давида, хам шуда, бо ду даст салом кардам.

Аз рӯи шунидам, Хоҷаи Хизр соле як маротиба ба сурати гадо ва ё одамони наҷиб ба ҳар як инсон вомехӯрад, лекин онҳо ӯро намешиносанд. Агар шиносанд, ба максадҳои динию дунявие, ки дар дил доранд, мерасанд агар нашиносанд, тамоми сол корашон барор намегираду ранҷуру бемор мегарданд. Барои шинохтани Хоҷаи Хизр дар вақти салом бояд нарангушти ӯро сахт доштану фишурдан лозим аст. Агар нарангушт устухон надошта бошад, он шахс Хоҷаи Хизр аст...

Ман ҳам дар баробари салом кардан дудаста нарангушти ин инсони аҷибро дошта фишурдам. Нарангушт хеле мулоим намуд, чунон хурсанд шудам, ки гӯё худро дар арши аъло дида бошам.

Ба ин қаноат накарда, бори дуввум нарангуштро дошта зер кардам ва ба ақиби панҷа тоб додам. Яку якбора нарангушт тиқӣ карда, садо бароварду он мард тааҷҷубомез мумкин аз таъсири дард дасташро кашид, симояш тағйир ёфт.

Дар вақти дасташро кашидан, бараъло пайхас кардам, нарангушт устухон дораду ӯ Хоҷаи Хизр нест. Дар ҳамин вақт, чизеро ҳис кардагӣ барин менамуд. Ин ҳодисаро ӯ бо ин сару либос ва афту башара чандин маротиба аз сар гузаронидаасту чандин одамони чун ман соддаро дар ҳайрат оварда бошад, ки табассумкунон гуфт:

- Ҳа, балам, Хоҷаи Хизр набошем хам, даму нафасам Хоҷаи Хизр барин аст.

Баробари ин суханҳои аз ҳад зиёд муболиғаомези бемантиқу куфрро шунидан, гӯё кӯзаи оби сардеро касе аз болои бом дар сарам рехта бошад, ки хунук шуда, моту мадхуш мондам.

Он мардро, ки мани бандаи гумрох ба Хоҷаи Хизр монандаш карда будам, як пояш дар дохили мошин буду пои дигараш дар замин ба ман нигариста, табассум мекард. Чеҳрааш гарм менамуд, гӯё ӯро дар куҷое дида бошам.

Бо овози омирона гуфт:

- Ҳа, оқои Муҳаммадрасул чӣ турӣ? Магар маро нашинохтӣ? Ҳоло дар куҷо мегардӣ? Канӣ бигӯ, ҳоло аъзои кадом ҳизб ҳастӣ?

Чунон саволборон кард, ки фурсати ҷавоб гардондан набуд. Дар охир фурсати қулай ёфта, тааҷҷубомез гуфтам:

- Домулло, аввалаш ин ки ман шуморо нашинохтам. Сонӣ, аъзои ягон ҳизб нестаму ба сиёсатсару коре ҳам надорам, зеро ки ҷадди бузургворам, Ҳазрати Мавлавӣ дар панду насиҳатҳояш борҳо таъкид карда мегӯянд: « Эй мусулмонхо (инсонҳо), ҳамаи шумо бандагони Худою умматони пайғамбарони Мурсалед, ба ваҳдати ягонагии Худованд иқрор шаведу ба ҳам оед, то ки сулҳу осоиш дар рӯи замини сабзу хуррам абадӣ бошаду шумо бо заҳмати ҳалоли худ дунёву уқбои худро обод кунед. Агар рафту ваҳдату ягонагиро аз даст додед, аниқ донед, ки дину диёнат ва ватану бойигариҳои моддию маънавии миллатро барбод медиҳед ва аз қаъри ҷаҳаннами асфаласофилин оташе бармехезаду замини муқаддаси шуморо сӯзонда хокистар мекунад», (мумкин ҷанги ядроиро дар назар

дошта бошанд).

Аз рафтору гуфтори ин марди олуфта маълум шуда меистод, ки ӯ аъзои ягон ҳизби сиёсӣ аст. Аз ин суханону пандҳои Ҳазрати Мавлавӣ ӯ бараъло ҳис кард, ки тираш ба ҳадаф нарасиду ба санги хоро бархӯрда ақиб гашт ва максадашро амалӣ карда натавонист.

Домулло лаҷоми суханро ба тарафи дигар баргардонида гуфт:

- Ҳоло манро нашинохтӣ? Охир, ту одами «калон» шудаӣ. Туро тез-тез дар телевизион мебинам. Фахмидам, ки китоб ҳам навиштаӣ, барои ҳамин манро намешиносӣ...

Абрӯҳояшро аз ғазаб бо хам кашид, симояш дар як даҳза тагйир ёфту гуфт:

- Чӣ хел маро мардуми сар то сари ҷумҳурӣ хама мешиносанду ту бошӣ, ҳамкурсам (ҳамсабақ) намешиносӣ?!

Боз ҳайрон шудам, ки чӣ хел шарикдарсамро ба ёд оварда наметавонистам. Ӯ илова карда гуфт:

- Охир, дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон 22 сол пеш ҳамроҳ мехондем. Ҳоло ман Домулло Ҳоҷӣ Фахриддин ҳастам, шинохтӣ?

Баъди ин суханони «Домулло» ба ёдам омаду ӯро шинохтам ва охи чуқуре кашидаму бори ниҳоят вазнини ҳаяҷон аз китфам афтоду сабук шудам ва бо оханги шӯхиомез табассумкунон гуфтам:

- Мебахшед, охир, шумо зоҳирану ботинан тағйир ёфтаед ва хеле калону фарбеҳ шудаед. Ба фикрам вазнатон назар ба солҳои донишҷӯиямон хеле зиёд шудааст. Чӣ хел шуморо шиносам?

У дар ҷавоб бо ситеза гуфт:

- Бале. Бале, хуб шуд, ки хонданро дар донишгоҳ давом надодам ва онро тарк кардам. Агар тарк намекардам, ҳоло муаллим ва ё монанди ту китоб питоб менавиштам. Барои нашри он дар пеши хар касу нокас сар хам карда, харобу хазон мегаштам.

- Не, Домулло, ман дар пеши ҳеҷ кас сар хам накардаам. Иншоаллоҳ, рӯҳи поки авлиёи бузург мадад мекунаду ҷавонмардони асили дорои ҳисси баланди ифтихори миллӣ, дӯстдорони илму маърифати ниёгондар ин кори хайр дар рохи Аллоҳ сахм мегузоранд. Дар дунё аз касе чизе тамаъ надорам, ба чуз аз баҳри раҳмати беканори Аллох таоло дар рӯзи ҷазо, -гуфтам.

Ҳочӣ Фахриддин гуфт:

- Китобатонро нахондаам, зеро ба китобхонӣ вақтам нест. Канӣ гап зан, чӣ хел китоб навиштай ва дар бораи чӣ бахс мекунад?!

Дар чавоби суханони ин мард, пандҳои Шайх Саъдии ширинсухан ба ёдам омад, ки онро хомӯшона даруни дил зам-зама кардам, то ки Домулло аз гуфтаҳои Шайхи бузург наранчад:

***Сухандони парварда, пири кӯҳан,***
***Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.***
***Мазан бетаъаммул ба гуфтор дам,***
***Накӯ гӯй, агар дер гӯй, чӣ ғам?***
***Бияндеш в-онгоҳ баровар нафас***
***В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд : «Бас»!***

Ва ё:

***То мард сухан нагуфта бошад,***
***Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.***
***Ҳар беша гумон мабар, ки холист,***
***Шояд, ки паланг хуфта бошад.***

Гуфтам:

- Номи китоб «Офтоби паси абрхо ва ё Мавлавӣ Домуллои Сурхиён», мавзӯи китоб баҳсу мунозирахоро дар бар намегирад. Мақсад аз нашри китоб дӯст доштани илму фарҳанги бойи ниёгонамон мебошад. Бо ин роҳ дар калби хонандагони азиз бедор кардани ҳисси баланди ифтихори миллию ватандорӣ ва башардӯстист, то дар оянда одамонеро тарбия карда ба воя расонем, ки онҳо дар тараққиёти хаматарафаи Ватани азизамон ҳиссагузор бошанд. Танҳо мо дар асоси анъанаҳои хуби аҷдодӣ давлати демократии хуқуқбунёдро сохта метавонем, зеро ки ҳеҷ як халқу миллати ҷаҳон чунин таъриху тамаддуни бойю кадими илмию фарҳангӣ, давлату давлатдории адолатпарваронаро дар тӯли таърих аз сар нагузарондааст.

Домулло тасбеҳи дасташро давр гардонда, бо як ҳиссиёти кибру гурур гуфт:

- Тасаввуф илми кӯҳна шудааст. Ҷамъияти имрӯзаи мо ба сӯфию тасаввуф ниёз надорад. Ҳоло давру замони бозоргонист, мана ту илми олӣ дорӣ, китоб менависӣ, лекин пиёда мегардӣ, ба касе лозим нестӣ ва касе хам суроғат намекунад.

Аз ҷайбаш дафтарчаеро бароварда варақ зад ва ба ман нишон дода гуфт:

- Нигаред, дар як рӯз ба панҷ шаш маросимҳои тӯйю худоӣ, ҷанозаю мавлуд, чилёсину қасидахонӣ даъват шудаам. Бо навбат бояд дар хамаи ин маросимҳо расида гирам, ки бе ман ин маросиму маъракахо намегузаранд. Муридони зиёде дорам, дар вақти амри маъруфу мавлудхониям бо навбат овози хуби худододиямро дар фитаҳои магнитофон менависанд.

Вақте «муридони зиёд дораму» гуфту илми тасаввуфро санг зад, гӯё ба ҷигарам ханҷар зада бошад, ки солҳои донишҷӯиям ба ёд омаду симои ин «Домуллои соҳибмурид» (пири тариқат) чун фитаи синамо (кино) дар хаёлам ҷилвагар шуд. Охир ӯ кист? Ба ӯ кӣ ҳуқуқ додааст, ки ба сӯи гузаштаи худ санг хаво диҳад?

Фахри тоҷикону форсизабонони ҷаҳон, пирони тариқат Ҳаким Саноию Шайх Аттор, Мавлавӣ Ҷалолиддини Балхию Саъдӣ, Ҳофизу Ҷомӣ, Баҳовуддини Нақшбанду Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳастанд. Оё ин «Домулло»-и навбаромади хУДрӯй дар бораи тасаввуф чизе медониста бошад?,худ ба худ савол медодам.

Худро дошта натавониста, савол дода гуфтам:

- Амир Темур, шумо тасаввуфро дар замони хозира лозим намешуморед, чӣ тавр мурид мегиред?

Аз ибораи Амир Темур ӯ хеле ранҷида, бо ғазаб гуфт:

- Оқои Муҳаммадрасул, «коҳи кӯҳнаро бод накунед». Ман Темур-пемур нестам, он солҳо гузашт. Ҳоло ба ман Ҳоҷӣ Домулло Фахриддинбой гуфта, муроҷиат кунед.

Аз суханҳои болохонадори шарикдарсам, ки мо якҷоя солҳои пешин дар шӯъбаи филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон мехондем ва ман кӣ будани ӯро бараъло медонистам, дар тааҷҷуб монда, худ ба худ савол дода, ба дил мегуфтам: «Худоё, наход ин ҳамон Темурланг бошад?»

Фахриддинбой дар айёми мактабхониаш кам-кам ба дуздӣ машқ мекардааст. Ҳангоми амалиёти шабонааш посбони мурғхонаи хоҷагие ӯро доштанӣ мешавад. Ӯ бо халтаи пур аз мурғони сарбурида, барои халосӣ аз посбон, аз болои боми мурғхона меҷаҳад ва пои росташ аз ду ҷой мешиканад. Ин осори

лангиш аз ҳамон вақт ба ӯ мерос монда буд ва тамоми умр мелангид. Як сабаби Темурланг тахаллус гирифтанаш ҳамин бошад, сабаби дигараш ин буд, ки ӯ ба 40-50 рубли моҳонаи донишҷӯӣ қаноат накарда, шабона дар комбинати ҷӯроббарории шаҳри Душанбе посбон шуда, кор мекард. Ба замми он донишҷӯёнро бо ҷӯробҳои арзон таъмин ҳам мекард. Ба қавле «нони худашро соҳибӣ» мекард. Бо ҳамин ду сабаб хамсабақон ӯро Темурланг мегуфтанд. Гоҳо ӯ аз ин ном фахр ҳам карда мегуфт:

- Ман Темурланг не, Амир Темури Кӯрагонии сохибқиронам, чунки ҳам кор мекунаму ҳам мехонам ва хам пул дорам, шумо чӣ?..

Дар соли дуввуми тахсил «Темурланг» аз санҷишу имтихонхо нагузашт ва баҳои ғайриқаноатбахш гирифта, қарздор шуд, зеро ки ба дарсхо дер монда меомад, гохо як ё ду рӯз ғайб мезад ва ба замми ин дониши казоӣ надошт.

Аз ҳамин сабаб дар охири соли таҳсил бо фармони маъмурияти Донишгоҳ «Темурланг»-ро аз сафи донишҷӯёни соли саввум хориҷ карданд.

Вақти аз Донишгоҳ рафтан ӯ ба хамкурсон рӯй оварда гуфт:

- «Ма дар пеши я муллои зӯр, ки калони қаравулҳои чулошни ҳай сабақ мегирум. Баъди чанд сол мебине, ки шумо кӣ мешавею ма кӣ? Шумо хуб шаве маълим ё директури мактав меше...»

Аз рафтори «Домулло Ҳоҷӣ Фахрбой» бараъло маълум гашт, ки ӯ ба ҷойи калимаю ибораҳои лаҳҷагию шевагӣ, калимаю ибораҳои арабиро кӯр-кӯрона истифода мекард.

Ба фикри банда, ин ибораю калимаҳоро чун доми тазвир барои қонеъ кардани нафсаш истифода мебарад.

- Бедор шав, - гуфтани «Домулло» риштаи тахаюллоти давраи донишҷӯиямонро канд.

Гӯё аз хоби дуру дарози ғафлат бедор шуда бошам, сарамро ҷунбонда, ба чор тараф нигариста гуфтам:

- Тему... э, не, Ҳоҷӣ Домулло Фахрбой гӯшам ба шумо, нақл кунед.

Ӯ боситез ба сӯи ман нигарист ва гуфт:

- Амри маъруфу мавлудхонии маро дар фитаҳои магнитофон сабт намуда дар дӯконҳои шаҳр мефурӯшанд.

Аз пештоқи ҳуҷраи мошин фитаеро гирифта, тарафи ман

дароз кард.

- Ма, ин фитаро бурда гӯш кун ва мусулмон шав!, гӯён сӯҳбаташро як навъ хулоса кард.

- Пулашро барор, фитаро аз дасташ гирифтан замон гуфт ӯ.

- Домулло, ман хаёл кардам, ки шумо ба шарикдарсатон онро ҳадя кардаед,гуфтам.

- Не не, пулашро барор.

Ман даст ба ҷайб бурдам ва пулро баровардам. Ба Дастам як вараҷи 100 сомона баромад, дигар пул надоштам. Таҷсир, пули майда доред?

- Ҳа, гӯён дасташро дароз карда 100 сомонаро гирифту даст ба дуо бардошт.

Ҳарчанд илтимос кардам, ки аҷаллан 5 сомониашро баргардонда диҳад, ки роҳкиро кунам, надод.

- Агар як сомониашро гирӣ, дуоямро бармегардонам, пас соҷу саломат ба хонаат барнамегардӣ, гуфт. Дар ваҷти видоъ, «Домулло» мум барин мулоим шуд ва бо «нармию дилсӯзӣ» насиҳат карда гуфт:

- Аз ин китобнависӣ ҳеҷ фоидае нест, худатро пиру харобу логар ва кӯру кар мекунӣ. Китобнависиро бас куну муриди ман шав. Илми тасаввуф, ин кӯҳна шудааст, аз он ба ману ту ҳеҷ фоидае нест, гуфта калиди «ҷип»-ро тоб доду ғайб зад.

Аз ин суханони таҳҷиромези «Домуллои худрӯй» дар аввал шах шуда мондам ва дар охир тоҷатам тоҷ шуд, гӯё ба ҷигарам ханҷар зада бошад, аз сӯзиши ин захм бо хаяҷон худ ба худ мегуфтам:

«Ё аъузубиллоҳи мина нафсу ҳасади раҷим», наход илми Сӯфӣ, илми тавҳид, илми роҳи ҳаҷ, покӣ, ростӣ, илми Ҳаким Саноию Шайх Аттор, Мавлавии Румию Шайх Саъдӣ, Мавлоно Ҷомию Баҳовуддини Наҷшбанд, Мавлоно Яъҷуби Чархию Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ илми кӯҳна шуда бошад?! Ногаҳон илхоми Илоҳӣ дар ҷалбам пайдо шуд ва дар ҳаҷҷи ин зумра зотҳои «гандумнамои ҷавфурӯш», ки дар замони Мавлонои Руму Ҳофизи Шероз ба бузургии эшон шак меоварданд, гирёнгирён гуфтам:

**Эй ҳарису ҳам ҳасуд андар риё,**
**Аз чӣ шак меоварӣ бар авлиё?**

**Дар ниқоби муло[19] бозӣ мекунӣ,**
**Бар валиюллоҳ ғамозӣ мекунӣ.**
**Ҷумла эшон марҳамони даргаҳанд,**
**Сирри тавҳидро[20] якояк огаҳанд.**
**Нафси саркашро ғулом аз ман - манӣ,**
**Мисли иблис дар гурури, эй данӣ[21].**
**Воизӣ бо лаҳни хуш мисли «дагар»[22],**
**Бар касе ин ваъз меорад асар?**
**Эй паси нафсат ҳамеша дар хурӯш,**
**Пандҳои Мавлавиро гир ба гӯш.**
**Панди Ҳофиз, ки бувад, бе ҷурму айб,**
**Аз барои мо фуруд омад, зи ғайб.**
**«Илми Ҳақ дар илми Сӯфӣ гум шавад,[23]**
**Ин сухан кай боварӣ мардум шавад»?**
**Чун Ғазолӣ «Кимиё...»[24]-ро офарид,**
**Душмани рӯю риёро офарид.**
**То наояд, ранҷу кулфат ё бало,**
**Зорӣ бикун бо Худову Мустафо (с).**
**Буд муҳаққиқ[25] шери даргоҳ дар миён,**
**Рӯбаҳе бо ҳилла омад дар баён.**
**Тавба! Аз лаззатпарастӣ чун Насуҳ,[26]**
**То насиб гардад ба мо, «Киштии Нӯҳ»[27].**
**Эй Худоё, кун дуои мо қабул,**
**То шавам ман хоки пое бар Расул (с).**

Хонандаи азизи маънифахму закитабъ, дар ҳар давру замон фардони ҷоҳили асири нафсгаштаро пайдо кардан мумкин аст. Ин ашхоси хабису манфур дар ниқоби намояндагони ҳизбу ҷараёнҳои «пешқадаму олӣ» мақом зуҳур мекунанд ва ба номи некӯ мубораки хизбу «Домулло» ва ё «Мулло» иснод мееоранд. Ҳазорон ҳазор шукри Худои бузург, ки истиқлолиятро насиби халқу миллати мо гардонид. Х,амин файзу баракати истиқлолият аст, ки дари мактабу мадрасаҳои исломӣ ба рӯи мардум боз аст ва олимону домуллоҳои хубе дар ин мадрасаҳо таълиму тарбияро ба роҳ мондаанд.

Дар айни замон олимону домуллоҳои бузурге чун офтоби рахшанда дар ин сарзамини мӯъҷизаофарнн хеле бисёранд. Аз даргоҳи Аллоҳ таоло умед дорам, ки ба Шарофати эшон, олимону

домуллоҳои хубе ба майдони ваҳдати илму маърифати исломӣ меоянд, ки боиси рушду нумӯи маърифатнокии мардум мегардад. Иншоаллох, аз Худованд умед дорам, ки ҳамсабақи ман, ки номаш пардапӯш омадааст, рӯзе аз сирри илми тавҳид бохабар мегардаду аз доми нафси саркаш озод мешавад ва бо исми мубораки Домулло сазовор мегардад.

## ҒУЛОМОНИ НАФС

**Эй риёкори ҳасуд, гумкарда роҳ,**
**Илми Ҳақ шуд дар роҳи нафсат сиёҳ.**
**Дар ниқоби ҳақпараст, дунё ба дил,**
**Ин ният дар саҷдаҳо дорӣ кафил.**
**Илми Сӯфӣ назди ту инкор шуда,**
**Нафси бадро куштанат душвор шуда.**
**Ту ба минбар воъизӣ чун дагарон,**
**Розӣ созӣ, нафси шумро аз миён.**
**Неъмату ноз хоҳӣ, ходими гурур,**
**Сарватат орад ба ишқи зап сурур.**
**Аз чӣ бадном мекунӣ, ин дини пок,**
**Сарвататро мебарӣ, гӯё ба хок.**
**Дар барат ҳамсояе бошад, ҳазин,**
**Ту кунуп дорӣ ба ӯ сад кибру кин.**
**Ёрӣ бар мӯҳтоҷ дорӣ? Ҳеҷ не,**
**Ҷуз намозу ҳиллабозӣ ҳеҷ не.**
**То ба кай бухлу ҳасад дар роҳи Ҳақ,**
**Роҳбарапг нафси ҳаво додат сабақ.**
**Аз сари минбар бирафт шерони Ҳақ,**
**Бо фиреб рӯбоҳ, зи миибар зад варақ.**
**Узр бояд назди хосони28 Илоҳ,**
**Аз димогҳояшон бароядь, дуди оҳ.**
**Паид омӯз аз ии китоби Мавлавӣ,**
**В-аз дигар хосони назми наҳлавӣ.**
**Сирру магзи доншии Ҳақро биҷӯй,**
**Пухта шав, чун ёвагӯ, сар-сар магӯй.**
**Е Илоҳо, кун ба побӯсат қабул,**
**Каф кушо, куи дуо, Муҳаммадрасул.**

## ПАДАРИ ДИЛШИКАСТА

**Солҳо бар ту бигзарад, ки гузар**
**Накунӣ сӯи турбати падарат.**
**Ту ба ҷойи падар чӣ кардӣ хайр,**
**То ҳамон чашм дорӣ аз писарат.**
***(Саъдӣ)***

Бобои Собири 89-сола, ки худро падари дилшикастаю бахтбаргашта меномид, дар дами вопасин нафас, охирин маротиба дар назди қосиди марг, яъне «Малак-ул-мавт» (Ҳазрати Азроил) аз ҷохилию нодонии хеш икрор шуд ва аз гуноҳони гузаштааш як ба як ҳисобот медод. Баъди ин ҳисоботи сангину тӯлонӣ ҷони азизашро бо сахтиҳои зор ба даргоҳи Ҷаббор супорид.

У дар ҳолате ҷон дод, ки аз таъсири ваҳми маргу «Малак-ул-мавт» лабонаш хушкида, бо хам гӯё ширеш карда шуда буданд. Забонаш чун биёбони беоби ташналаб сӯхта, пора-пора гашта, дар комаш часпида карахт гашта буд. Ду чашмони калон-калон кушодааш, ба як нуқтаи коси (шифт) хона нигарон чизеро меҷуст. Ашки хасрат қатра-қатра аз чашмонаш ҷорӣ шуда, болини аз чирк зардгаштаро тар мекард. Ҷонзоде дар атрофаш наменамуд, ки бо пахта дар дахонаш об чаконаду лабҳои ҷазак бастаашро тар кунад. Ку фарзанди қобиле, ки селаи магасонро, ки ҳазорон-ҳазор бар сару рӯяш нишаста буданд, бо шафқат биронад. Ку хешу табори мӯъмину мусулмоне, ки бо такрор исми поку бузурги Худои барҳақ. калимаи «Аллоҳ»-ро бо такрорҳои пайдарпай дар забонаш ҷорӣ кунад. Ку муллон дилсӯзу нафскуштае, ки аз баҳри савоб ҳазрати «Ёсин»-ро дар болои сараш хатм кунад, то ки ҷон додан ба ӯ осонтар гардад. Умуман, дар вопасин нафас, дар дами охирин сонияю дакиқаҳои ба шумор мондаи ҳаёти 89-солаи бобои Собир касе ва чизе ба ғайр аз саги бовафояш Хайбар дар назду атрофаш набуд. Ӯ бесоҳиби яккаю танхо буд, имрӯз нигоҳбонаш фақат ҳамин ҳайвони безабон буду бас.

Хайбар чун мурғи посӯхта думзанон дар атрофи хавлӣ чарх мезаду сарашро аз дари нимроги хонаи хоби Собир дарун карда, дергоҳ ба ҳоли соҳибаш менигарист. Пас, ғамнок гардида, ба мобайни ҳавлӣ омада, дуру дароз улос мекашид. Барқ набуд, шаб

чун дохили қабр торик менамуд. Садои вазидани шамоли сахту борону жола ва раъду барқи баҳорӣ бо улоси имдодталабонаи Хайбар ҳамроҳ гардида, як садои ваҳмангези риққатоварро тавлид мекард. Аз торикии бебарқию (чароғ) садои даҳшатангези Хайбар, кайҳо хоб аз сари ҳамсоягон парида буд. Баъзеҳо тарки хоби ширини нимашабӣ карда, дар сари болини гарм нишаста, ба фикр фурӯ рафта мегуфтанд: «Саги бобои Собир аз гуруснагӣ бошад ва ё ба сари худаш ва ё соҳибаш ягон балои азиме омада бошад, чӣ ин қадар бо алам дуру дароз улос мекашад?»

Баъзеҳо аз тарсу ваҳми ин садо сархояшонро таги кӯрпа карда, чуқур-чуқур нафас мебароварданд, зеро ки одамон аз қадимулайём мегуфтанд: Агар саг дар шаб балоро бинад, улос мекашад, ки дар натиҷа зарари бало ба ягон шахси ин хонадон ва ё ба ин ҳайвони безабон мерасад.

Дар баъзе китобҳо хонда будам ва аз пирони хирад хам шунидаам, ки мегуфтанд: «Зан ҷафоюю саг вафо» ва ё баръакс «Саг вафою зан ҷафо», маънояш дар он зохир мегашт, ки аз зани бевафо саги вафодор беҳтар аст. Шаходати тақдири баду бахти баргаштаи бобои Собир бори дигар инро исбот мекард.

Ҳамсояи мушфиқу гамхораш Ҳабибуллоҳу завҷааш Мӯниса имшаб ба аёдати модари Мӯниса ба ноҳияи Файзобод рафта буданд. Нигоҳубини ин пирамарди марязи яккаю танҳо ба зиммаи Ҳабибуллоҳу Мӯниса афтода буд, ки онҳо софдилона қарзи инсонию ҳамсоягии худро ичро мекарданд. Ҳар субҳу шом Мӯниса бо як порчаи нону косаи ордбирён ва ё шир пирамарди бечораи дилшикастаро чун фарзандаш меҳмондорӣ мекарду савоби ҳарду оламро мегирифт. Бо амри тасодуфу бо сабаби марги модари Мӯниса имрӯз пирамард аз як пораи нону косаи шири ҳаррӯза бенасиб монд, ки боиси авҷ гирифтани бемориию маргаш гардид.

Пирамарди пӯсту устухонгашта, ҷисмаш кӯдаки сечорсоларо мемонд. Замоне ӯ чун Исфандиёри рӯинтану Рустами достон, човандози дашту паҳлавони майдон буд. Ҳангоме ки ӯ вориди майдони гӯштингирӣ ва ё савори аспи сиёҳмушкини ситорапешонӣ дашту саҳрои бузкашӣ мешуд, мардум ӯро бо кафкӯбию ҳуштаккашӣ пешвоз мегирифт. Баъзеҳо мегуфтанд: «Ана Рустами Золи Соми Наремон омад, кӣ бо ӯ қувваозмой мекарда бошад?

Магар Исфандиёри рӯинтанро ҷустан лозим меояд?»

Афсӯс, сад афсӯс бо гузашти айём, тасодуфи зиндагӣ, пастию ноҳамвориҳои хаёти дунявӣ, дарду гами нобаҳангом ва танҳоию бесоҳибӣ паҳлавони чун кӯҳ қавиҳайкалро ба чунин ҳоли зор овард. Дар ин ҳолату дар ин ҳангом «Малак-ул-мавт» аз тарафи дасти рост, аввал дар ҳисоби амалҳои кардаи хайраш ва пас аз он дар талаби ҷони азизаш буд. Азозил (шайтон)-и раҷим бошад аз тарафи дасти чап камин гирифта, чун сайёди чобуку моҳир қасди шабохун задан бар имонаш дошт.

Ҳамоно бобои Собир мижа назада, сабр мекард ва ҷони азизашро ба осонӣ доданӣ набуд, зеро ки ӯ ҳоло ҳам умед дошту ноумед нагашта буд. Ӯ дар орзуи дидори фарзандон буд. У аз даргоҳи Худованди Ҷаббор хохони он буд, ки умрашро ду-се рӯзи дигар дароз кунаду Сабурҷонашро бубинад. Фарзанди яккаю ягонаашро сахт ба огӯш кашида, гарм-гарм аз рӯю рухсораш бибӯсад ва аз сирру асрор, гуноҳҳои гузаштаи хеш иқрор шуда, насихат карда бигӯяд: «Худкардаро даво нест ва ҳар он чӣ ки бо падар кардӣ, подоши онро аз фарзандонат интизор шав!»

Холиқи ҳарду ҷаҳон ба хотири риши сафеду дили шикастаи бобои Собир дуояшро иҷобат карду умрашро се рӯзи дигар дароз кард, лекин аз Сабурҷону духтаронаш дараке набуд. Пас, ноумед гардиду ашки ҳасрат аз ду чашмонаш чун чашмаи равон ҷорӣ шуд ва фақат худро тасалло дода мегуфт: «Чӣ хуб шуд, ки се рӯз пеш ба дасти худ он «Зиндагинома»-ро иншо кардам. Шояд, пас аз марг ин нома ба дасти Сабурҷон расаду дар сари мазорам рафта, аз каломи Худованд оятеро хатм кунад».

**Сафедори баланд сад ғунчаю як барги тар дорад,**
**Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад.**
**Куҷо фарзанди қобил аз сари гӯраш хабар гирад,**
**Куҷо фарзанди ноқобил гиребони падар дорад.**

Пас аз марг, номаи бобои Собирро ҳамсоягон аз зери болинаш ёфтанд, ки бо дасти хеш онро пеш аз маргаш чун зиндагиномаю насиҳат ва васият ба фарзандаш Сабурҷон дар қогазе иншо намуда, печонда монда будааст.

Дар он нома чунин сатрҳои гамангез сабт гардида буд: «Сабурҷон, дон, ки падарат ман, ҷавони 20-солаи зебою паҳлавоне будам. Падарам, яъне бобоят, инсони комилу фарди дилогах буд, мехост, маро бо духтаре аз хонадони одамони солеҳу покнажод хонадор намояд. У мани нодонро борҳо насиҳат карда, панд медод ва бо масал мисолҳои зиёде оварда мегуфт: Фарзанди азиз, дон, ки вақте хурусчӯҷа акнун ба воя мерасаду фарёдӣ мешавад, нахустин маротиба ба болои бом мебарояду садо баланд карда, фарёд мекунад ва қанотак зада, оҳистаохиста қадам мегузорад. Ин хурусчӯҷаи нодон хаёл мекунад, ки ӯ ниҳоят бузургу паҳлавон ва вазнин аст, то ки боми хона аз қадамзаниҳои ӯ фурӯ наравад, аз ҳамин сабаб оҳиста-оҳиста қадам мегузорад. Ва ё баъзе аз ҷавонони навхурӯш мегӯянд: «Синнам дар бистхарифу хамдастам кист ва ӯ чист?». Дар синну соли ҷавонӣ хуни инсон дар ҷӯш аст ва марди ҷавон худро ниҳоят гаюру далеру пурқувват меҳисобад, ки дар асл он тавр нест. Ин масалу пандҳои маслиҳатомези падарам дар гӯшам афсонаи пучу бемаънӣ садо медод ва гӯё ин суханонро намефаҳмида бошам, ба он аҳамияте ҳам намедодам. Такрор ба такрор ӯ ба ман насиҳат карда мегуфт: «Писарам, синну соли ману модарат ба ҷое расидааст, ризо шав, духтари хешамон эшони Сайид Ҳотамро бароят хостгорӣ кунам, охир, наслу насабаш ва решаю авлодонаш аз одамони солеҳи боимону тақвоянд. Писарам, хока ба каф гирӣ, аз хоктӯдаи тозаю озодаи калон гир, аз хоктӯдаи кӯчаки сари роҳ хок нагир, ки ифлос аст». Дар паси ин пандҳои падари доною бузургам чӣ маъниҳои баланди олимонае будаст, афсӯс, сад афсӯс, ки мани гумроҳи нодон ба ин маъниҳои олӣ сарфаҳм намерафтам. Дар ҷавоби ин панду насиҳатҳои ақлу хирад равшанкунандаи падари дилсӯзу ғамхор бепарвоёна мегуфтам: «Падар, Шумо одамони қадим, ҳамин наслу насаби тозаю солеҳро дунболагир карда мегардед, духтари эшони Сайид Ҳотам ба ман маъқул нест, ӯ як духтари хаппаку ҳусни хуб хам надорад. Падар, ман Эркамоҳро хуш кардам, дар тӯи Гурезмаст бо ҳам шинос шуда, рақс кардем ва қариб се соат бо ҳамдигар сӯҳбат карда, ман ба ӯ қавл додам, ки ба хонаатон хостгор мефиристам. Падарҷон, маро шарманда накунед, охир, ман ба ӯ қавл додам, ман ҷавонмардам, чӣ хел ба қавлам вафо накунам». Дар аввал аз ин суханони бепардаи

фарзанди яккаю ягона падар дар ҳайрат монд ва хеле андеша карда, дар охир гуфт: «Собирчон, охир ту фарзанди яккаю ягонаи манӣ, канӣ гап зан Эркамоҳ аз куҷост ва ӯ духтари кист?». Ман гуфтам, падарҷон ризо шав, ӯ чун ман духтари яккаю ягонаи акои Бӯрӣ Танбӯрии ҳофизи номдор аз деҳаи Чорбоғ аст. Баъди ин суханони ман падарам дуру дароз ба андеша фурӯ рафта, пас сар бардошта бо оханги гамгинонаю норозиёна, охи пурдарде кашида, гуфт:
- Оё медонӣ, ки Шайх Саъдӣ чӣ мегӯяд?

***Зани бад дар сарои марди накӯ,***
***Ҳам дар ин олам аст дӯзахи ӯ.***

Майлаш, майлаш писарам, чӣ илоҷ, модоме ки фарзанди ягонай, бигузор гуфти ту шавад, таваккал бар Худои бузург.

Баъди шаш моҳ тӯй сар шуду ману Эркамоҳ бо ҳамдигар ҷуфт гардидем. Ҳаёти хушу хурсандона як сол давом кард ва нахуст фарзандам Сабурҷон ту таваллуд шудӣ. Баъди таваллуди ту хулку хӯй ва рафтору кирдори модарат тагйир ёфтан гирифт. Ӯ тез-тез ба хонаи волидайнаш рафта, ҳафтаю моҳҳо барнамегашт. Барои баргардонидани модарат даҳҳо маротиба падарам мерафт, модарам мерафт ва модараш, яъне момоят, чизеро бахона карда, ба баргаштани ӯ монеъ мешуданд.

Дар охир маҷбур шуда, худам барои овардани Эркамоҳ тез-тез ба хонаи модарарӯсам мерафтам. Ҳар маротибае, ки ба хонаи онҳо мерафтам модарарӯсам ба ман рӯй оварда мегуфт: «Ҷудо шав, ҷудо, то ба кай духтари яккаю ягонаи ман ғуломи падару модар ва се хоҳари ту шуда мегардад. Онҳо хӯрда хобанду духтари ман ҷон меканад, мо худамон ба ту хона ёфта медихем, аз падару модарат бо тезӣ ҷудо шав».

Хулосаи калом, ин ки ман ба суханони фиребандаи модарарӯсам бовар кардаму аз канори гарми падару модари азизу гамхор ҷудо гаштам. Парастории падару модари дардмандам ба зиммаи хоҳаронам вогузор шуд. Бо кӯмаки падарарӯсам дар ҳамсоягиашон соҳиби хонаю дар гардидам ва ба қавле марди озод будаму ба доми сайёди моҳире афтода, гулом гардидам, яъне ба гуфти мардум «хонадомод» шуда мондам ва бозувонамро бе банд

бастам. Баьди ба шавҳар баромадани ду хохари калонам падару модари ранҷурам маҷбур шуданд, ки хохари хурдиям Кенҷагулро ба писари ҳамсояамон Гадохӯҷа, ба Хоркаши ланг (чулоқ) диҳанд.

Баъди ҷудоӣ аз канори падару модари гамхор худро ҳамчун мурғи бе болу пари дар қафас маҳбусшуда хис мекардам. Эркамоҳ сарфу харҷ, яъне харидани хӯрду хӯрок, сару либосро аз мағозаю бозор ба зиммаи худ гирифта буду маблагро ман пайдо карда, ба ӯ медодам.

Барои ба даст овардани маблаг бо супоришу фармони Эркамоҳ касбу корҳои гуногунро аз қабили чӯпонӣ, мардикорӣ, ронандагӣ, посбонӣ ва даҳҳо касбу кори дигарро озмуда дидам, лекин ахволи зисту зиндагониямон он қадар беҳ намешуд. Охир, маблагро ман бо заҳматҳои сангини вазнин ҷамъ мекардаму Эркамоҳ онро бо осонӣ сарф мекард. Ба қавли халқ «ман бо нӯги сӯзан ҷамъ мекардаму ӯ бо чоршох бод мекард». Модарам дар синни 60 солагӣ ногаҳон вафот кард. Баъди вафоти модарам, падар аз гаму дарди айём, маризи дуру дарози бистарӣ шуда монд. Дар як моҳ ва ё дар ду моҳ як маротиба пинҳонӣ аз Эркамоҳу модараш ду нону як кило қанди сафед харида, ба аёдаташ мерафтам, зеро ки ба кори хоҷагӣ (колхоз) банд будаму вақти холӣ надоштам. Рӯзе дар вақти таъоми нисфирӯзӣ Эркамоҳу модараш ба ман рӯй оварда гуфтанд: «Собир, бо ин кори бедаромадат, ту хеҷ чиз намешавӣ, хонаву дари ҳалол надорӣ, занат либоси қиматбахо, ҳатто, эзори ҳалол надорад, ки пӯшида ба тӯю маърака ва бозору кӯча равад. Мана Эркинҷонро бин, қандаша занад, хонадорию зандорӣ ба ӯ халол ва ба ӯ мезебад. Чи хел хонаю дари калони барҳаво ва чандин мошинҳои гуногуни хориҷӣ дорад. Зану модарарӯсашро намегӯед, ҳар рӯз як навъ мӯди нави либосҳои қиматбаҳои хориҷиро, куртаю эзор дӯзонда мепӯшанд. Пурсндам: «Эркин кист ва дар куҷо кор мекунад?». Эркамоҳ пещдастӣ карда гуфт: «Эркинҷон ҳамсинфи ман аст, ӯ дар вақти мактабхониямон ошику шайдои ман буд, лекин ман ӯро нагирифтам, охир намедонистам, ки ӯ ин қадар бою бодавлат мешавад. Агар мегирифтам, чи хубе буд, ки бо либосҳои қиматбаҳои мӯди нави хориҷӣ дар болои ҳафт қабат курпача нишаста, маишат мекардам. Афсӯс, сад афсӯс, ки ҳаётамро мани нозанин бо ту барин тайлоқи бедум барбод додам. Ту сағераи

лавкашоли почаканда ҳаётамро сӯзондӣ» гӯён ба гиря сар кард. Чунон талхталх гирист, хаёл кардам, ки гӯё модараш, кампири Васвасабону мурда бошад.

Пас аз гиряи дуру дароз, ашки чашмонашро пок карда, ҳиқоқзанон гуфт: «Эркинҷон сардори тадқиқоти конҳо (геология)-и Помир ҳаст, ман дирӯз вақти аз бозор баргаштанам, дар истгоҳ, дуру дароз бо ӯ ҳамсӯҳбат шудам. Вақте ки ӯ аз зисту зиндагонии қашшоқонаи мо огаҳ гашт, дилаш ба ҳоли ман сӯхту ба ман маслиҳат дод, ки шавҳаратро ба кор қабул мекунам ва музди хуб ҳам медиҳам. Баъди он бо кӯмаки ӯ аз бозор чизҳои лозимаро харидам ва бо мошини хизматиаш, то ба хона гуселонида овард. Мани гӯли нодон гуфтам: «Хайр, чӣ илоҷ, як бори дигар рафта, фаҳмед ва маслиҳат карда, биёед. Агар кори сабук бошаду маошаш хуб, дур хам бошад, албатта, рафта кор мекунам. Дар ин муддат, Эркамоҳ аз фурсати қулай истифода бурда, тез-тез бо ҳамсинфаш Эркинҷон вохӯрда, маслихат карда, нақшаю тархи ҷою вақти кор ва миқдори музди маоши моҳонаро ҳамроҳ мекашидаанд.

Рӯзе дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ, Эркамоҳ ба табақи гӯштбирёни дар миёнаҷойи дастархон гузошта шуда, ишора карда гуфт: «Дар бораи ҷойи кор ман бо ӯ маслихат кардам. Ӯ гуфт, ки Собирро ба вазифаи ёрдамчии тадкиқотгари корҳои зеризаминӣ ба кор қабул мекунам, гарчанде ки дар ин соҳа ихтисосу маълумоте надошта бошад. Як моҳ дар Помир кор карда, пас баргашта, панҷ рӯз дар хона истироҳат мекунад. Маошаш дар як моҳ 700 сӯм (рубл) буда, ба ғайр аз ин дар ҳар як семоҳа ба микдори 1500 сӯм мукофотпулӣ менависамаш».

Аз ин саховатмандии Эркинҷон шод гашта, бо супориши Эркамоҳ озими кӯҳистони Помир шудам. Бо сабаби мукофотпулию зиёдии маош, се моҳ пай дар пай кор кардаму ба хона барнагаштам. Ҳар вақте ки Эркинҷон аз Душанбе ба Помир меомад, аҳволи хонаводаро аз ӯ пурсон мешудам. Ӯ мегуфт: «Сабур, фикри хонаро накун, ман худам ба онхо ёрӣ мерасонам, ту пул кор кун, то ки Эркамоҳро шод гардонӣ». Ман мегуфтам: «Пул кор карданам нағз, лекин падарам мариз буд, аз ӯ ягон хату хабаре нест». Ӯ мегуфт: «Ҳеҷ гап нест, хамааш тинҷӣ, агар ягон гапу хабар мешуд, албатта, Эркамоҳ ба ман мегуфт».

Баъди се моҳ бо 3500 сӯм, ки дар ҳаётам ин қадар пулро ҳеҷ гоҳ надида будам, шоду хурсанд ба хона баргаштам. Аз мағозаи сари роҳ ба миқдори 500 сӯм барои зану фарзанд ва падарарӯсу модарарӯсам хадяю сару пойи қиматбаҳо (либосворӣ) харидам. Онҳо маро бо як хушнудиию дабдаба пешвоз гирифтанд. Шаб дар атрофи дастархон Эркамоҳу модараш фақат дар бораи ҷавонмардиию саховатмандии Эркинҷон хамду саноҳо мехонданд. Пеш аз он ки дар бистар сар монам, Эркамоҳ талаб кард, ки 3500 сӯмро ба ӯ диҳам. Ман 3000 сӯмро ба Ӯ дароз кардам, ӯ ҳарисона пулҳоро гирифта, чун мошини ҳисоббарорӣ, такрор ба такрор се маротиба паиҳам шумурд. Баъдан, ба сӯям дергоҳ нигариста гуфт: «500 сӯми дигарашро барои кӣ пинҳон кардӣ? Ман гуфтам: «Ба 500 сӯмаш барои Сабурҷону тую модарат ва падарат сару либосворӣ харидам, охир он молу матои бегох овардаамро надуздидаам, ҳамаи онро ба пулҳои меҳнатиям харидаам».

Эркамоҳ паст наомада, қаламу қогаз оварда, нархи хар як молу матои овардаамро як ба як ҳисоб карда, баромаду баъд каме ором гашт.

Баъди ҷудогии се моҳ боз дар як болин ҳамроҳи Эркамоҳ сар мондем. Он меҳру муҳаббати пештараро хеҷ эхсос намекардам. Хаёл мекардам, ки ӯ аз ман дурӣ меҷӯяду ман маҷбуран ӯро оғӯш карда мебӯсам, чашмонашро аз нигоҳи ман мегурезонад.

Ҳамин тавр, шабро рӯз кардем. Ман, ки хеле хаста шуда будаму аз Эркамоҳ ба тарзи пештара дуруст коми дил хосил карда натавонистам, дар бистар дароз кашида, маҷоли хестан надоштам. Ӯ аз хоб пештар хеста, барои шустушӯй ба ҳаммом рафта буд. Ногаҳон, овози пичирпичири модарарӯсам ба гӯшам расид, ки дар бораи падари ранҷурам мегуфтанд. Ба тезӣ аз бистар ҷаста хестаму аз даҳони тирезаи нимроғшуда ба берун нигариста, гӯш кардам. Онҳо хаёл карданд, ки ҳанӯз ҳам ман хобам. Модарарӯсам кампири Васвасабону ба духтараш панд дода мегуфт: «Шаб ҳамаи пулҳоро аз дасташ гирифтӣ?» Духтараш дар ҷавоб гуфт: «3000 сӯмашро гирифтам, мегӯяд, ки ба 500 сӯми дигараш барои шумо сару либосворӣ харидам, шаб ҳисоб карда баромадам, ҳамаи сару либоси харидааш 400 сӯмро ташкил медиҳад, намедонам 100 сӯми дигарашро куҷо карда бошад?» Модараш насиҳат карда, гуфт:

«Эркамоҳ, ту садҳо маротиба шукри бачаҳони ман Эркинҷонро кун, ки ин тайлоқа соҳиби пули калон кард. Ҳар чӣ метавонӣ ба Эркинҷон наздик шаву дили ӯро ба даст ор, пас соҳиби хар чиз мешавӣ! Агар пула гирифта бошӣ, дар бораи марги падараш хабар деҳ, рафта дар сари гӯраш дуо карда биёяд».

Дар баробари шунидани ин суханон дар бораи марги падарам ҳуш аз сарам париду давида, ба берун баромадам ва гуфтам: «Чӣ гап шудааст, дар сари гӯри кӣ дуо кунам, чӣ падарамро ягон ходиса шудааст?» Занам мехост, чизе гӯяд, лекин модараш ӯро бо ишораи даст хомӯш карда, худ гуфт: «Собирҷон, баъди як моҳи ба кор рафтани ту падарат дунёро тарк кард...»

Ман хиқосзанон талх-талх гиристам ва бо овози гамангези гиряолуд ба онҳо хитоб карда гуфтам: «Эй сангдилҳо, беинсофҳо, маро аз падару модар зиндаҷудо кардед, бас набуд, ки дар мурдааш хабарам накардед. Чаро сим назадед ва ё ба дасти Эркинҷони бачаҳонатон хабарам накардед. Охир, ӯ як моҳ ду-се маротиба аз Душанбе ба Помир рафту омад дошт».

Модарарӯсам бо як оҳанги нарми маслиҳатомез гуфт: «Писарам Собирҷон, сабр кун, мурда мурдан мегирад, зинда кори худашро кардан мегирад. Бо омадани ту падари худораҳматият зинда намешуд, шукри зану фарзандатро ба ҷой ору дар ҳаққи падарат дуо кун, ҳаминаш бас аст. Дар рӯзи фавти падарат, хоҳарат ҳамроҳи шавҳари лангаш омада буданд, ки ба шумо занг зада, аз марги нобаҳангоми падарат хабар диҳанд, то ки ту барои харҷи маросими дафну худоӣ ба онҳо ягон сӯм ёрӣ расонӣ. Ману Эркамоҳ ба назди бачаҳонам Эркинҷон рафта, ҳодисаро шарҳ додем. Ӯ ризо нашуда гуфт: «Агар Собирро чег занед, аввалаш ин ки ӯ ба маросими дафн расида омада наметавонад, дуюмаш ҳоло ӯ пул надорад, сеюмаш саргардон шуда, аз маоши моҳонаю мукофотпулӣ мемонад. Беҳтараш чег намезанем. Аз назди Эркинҷон баргашта, хоҳарату шавхарашро фаҳмонда гуфтем, ки бо омадани Собир мурда зинда намешавад, ӯ пул мул надорад, шумо ба масҷиду халқи деҳаатон муроҷиат кунед, онҳо пул ҷамъ карда, дар роҳи Аллох маросими дафну ҳафту чилро мегузаронанд. Онҳо гирёну нолон баргашта рафтанд, ману падарарӯсат бемор будем, Эркамоҳ дар болои сари мо буд, аз ҳамин сабаб дар маросими дафн мо ҳам

иштирок карда натавонистем. Дар маросими ҳафту чил бошад, ману занат ҳамроҳи Эркинҷон ба лаълию лаганд ширкат варзидем. Халқи деҳаатон дар масҷид пул ҷамъ карда, маросими 40-ро хуб гузаронидаанд, боз чӣ мехоҳӣ?!

Аз ин суханони ахмақонаи модарарӯсам ба ғазаб омада гуфтам: «Лаънат ба пул, лаънат ба ҳамон Эркинҷони шумо, чаро маро дар дафни падарам хабардор накардед? Шумо чӣ хел ва чӣ тавр мемурда бошед? Шумо, коре кардед, ки мани гӯлу гумрохро дар назди халқу Худо гунахгору шармандаи харду ҷаҳон кардед!»

Падар ба як ҷаҳон орзую умед, бо заҳмату ранҷҳои бешумор фарзандро ба воя мерасонад, ки дар айёми пирию бемории ӯ асои дасташ гардаду дар вақти марг пояи тобуташро бигирад. Мани бадбахт на дар сари турбати падар гириста, ашки мотами меҳри фарзандиро резондаму на пояи тобуташро гирифтам, ки ақалан аз ҳазор як қарзи фарзандиро ба ҷой орам. Охир, падарам борҳо ба ман панд дода, гуфта буд:

**Набошад морро бача ба ҷуз мор,**
**Наёрад шохи бад, ҷуз тухми бад бор...**
**Набошад хуш сафар дар тандурустӣ,**
**Нигар то чун бувад, дар ранҷу сустӣ...**
**Гули наргис накӯ бошад ба дидан,**
**Валекин талх бошад дар чашидан.**

Дергоҳ гиристам, чунон гиристам, ки чашмони монанди гули лола суп-сурх шуда, варамида буд. Пас аз андаке ба худ омаданам ба Эркамоҳ рӯй оварда гуфтам: «Як қисми пулҳои овардаамро баргардон то ягон буз ё бузгола гирифта, рафта дар деҳа ба арвоҳи падарам хун кунам». Занам бо ситеза чашмонашро сӯям ало карда гуфт: «Эй гови гӯлу гумроҳ, охир, шаб худат дар аввал гуфтӣ, ин пулҳоро барои тӯйи суннатии Сабурҷон захира кунед, наход, ки пули тӯйиро дар кори сиёҳ, маргу мурда сарф кунанд?» Ман дар ҷавоб гуфтам: «Охир, ман як қисмашро барои тӯй гуфта будам». Модарарӯсам, сухани духтарашро тақвият дода гуфт: «Эркамоҳ мегӯяд, ки 500 сӯми дигарашро надодай, дар ҳамон 500 сӯм рафта ягон буз ё бузгола харидан гиред». Аз ғазаб, ки дастонам меларзид,

гуфтам: «Ҳой ғуломони нафс, охир, ба он 500 сӯм барои шумою духтаратон ва писарам Сабурҷон сару либос харидам, ки шаб ба шумо тӯҳфа карда будам, дар ёдатон нест?»

Ҳайҳот, афсӯс, сад афсӯс, ки суханони ман ба онҳо асар намекард, бо ду дасти холӣ ба деҳа баргаштаму ҳамроҳи хоҳару домод ва муллои деҳа ба сари мазори падар рафта, дуо карда баргаштем. Баъди ин ҳодиса гӯё маро ҷоду карда бошанд, ки 10 соли дигар дар Помир кор кардаму маошамро ба Эркамоҳ мефиристодам. Дар ин давра ду духтари дигар таваллуд шуд. Ҳар се моҳ пас аз кор ба хона бармегаштам.

Баъдтар аз забони як нафар дӯсти бегаразам фаҳмидам, ки дар набудани ман Эркамоҳу Эркинҷон ишқварзӣ мекардаанду модарарӯсам кампири Васвасабону барои маишату ишқварзии онҳо шароити мусоид фароҳам меовардааст ва аз ҳамин сабаб Эркинҷонро писархонд, мегуфтааст. Ба хотири молу сарвати ҳароми дунё, номуси фарзандашро ин пиразол ба гарав монда будааст.

Баъди ошкор гардидани ин хиёнату ифлосиҳо хостам, ки зану модарарӯсамро қатл карда, абадӣ маҳбуси маҳбас шавам. Шабе пеш аз хоб ду ракат намоз хонда, ба рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён, ки устоди падари раҳматиям буд, бахшидаму дергоҳ гиристам ва ба даргоҳи Худои мушкилкушо муноҷот намуда мегуфтам: «Худоё, гуноҳ кардам, гуноҳи азиме кардам, ки дар вақташ хоҳиши падари бузургворамро рад кардаму духтари эшони Сайид Ҳотамро нагирифтам. Худоё, ба ҳурмати рӯҳи поки Домуллои Сурхиён мушкиламро осон гардон» гуфта, дар болои ҷойнамоз хобам бурдаст. Замоне хоб дидам, ки пирамарди нуроние дар наздам пайдо шуду гуфт:

***Дил меравад зи дастам, соҳибдилон Худоро,***
***Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро...***

Хоҷаи лисонулғайб ба дурустӣ мегӯянд, ки ҳама сирру розҳои пинҳон фардо дар назди офаридагор хоҳад шуд ошкоро. Собир, ба маънии исмат, ки «собир» аст амал намою сабр намо ва ҳаволаи Эркамоҳу Васвасабону ва Эркини фосиқро ба Худо ҳавола кун, Худо

худаш қозиёлкузот аст, ҷазои хиёнаткоронро худаш медиҳаду дар додгоҳи Ҳақ, ҳақро ба ҳақдор мерасонад.

Собир, он ранҷу дарде, ки дар пеш интизорат аст, аз чист? Аз он аст, ки дар айёми гурури ҷавонӣ ба хоҳиши падар итоат накарда, асири шаҳвату завқи нафси ҷавонӣ шудӣ ва он чӣ ки дар ҳаққи падар кардаӣ, акнун аз фарзандат интизор шав!

***Лутфи Ҳақ бо ту муросоҳо кунад,***
***Чун ки аз ҳад бигзарад, расво кунад.***

Аз хоб бедор шуда, худро болои ҷойнамоз дидам ва аз қасди катли ин хабисон худдорӣ намуда, гӯшнашинию танҳоиро дар хонаи бесоҳиби аз падар мерос монда, интихоб кардам. Фақат дарду гамамро бо воситаи ибодату муноҷот ба даргоҳи Худованд, дар гӯшаи танҳоӣ каме сабук мекардам. Баъди ин хоби дидаам, дар ҷустуҷӯи рӯҳи авлиё се маротиба ба зиёрати оромгоҳи он гаввоси баҳри маърифат, дурри дарёи Ҳақиқат ва пешвои аҳли тариқат, Ҳазрати Мавлавӣ, Домуллои Сурхиён рафта, зиёраташ кардам. Барои он гуноҳе, ки 30 сол пеш содир кардаам, яъне дар вақти интихоби ҳамсар зидди хохиши падар амал карда будам, Ҳазрати Мавлавиро шофеъи хеш оварда, аз даргохи Худои Мутаъол авф металабидам. Ба дил мегуфтам: «Худованди корсоз дуои мани мискинро қабул мекарда бошад, ӯ худ медонад».

Баъди се моҳи танҳоию гӯшнанишинӣ, рӯзе муллои деҳа хабар овард, ки Эркини зинокор дар рохи мошингарди агбаи Хобу Работи Вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ хамроҳи мошини хизматияш зери тарма монда, маҷақ шудааст. Баъди шаш моҳ Эркамоҳи хиёнаткор ба бемории хӯрандаи бедаво «Окила» гирифтор шуд, ки духтурону табибон дар илоҷи ин маризи хӯранда оҷиз монданд.

Дар муддати се моҳ ин маризи хӯранда, даҳону забон ва бинию халқашро хӯрд, ки дар натиҷа зерманахаш ба устухони сагхоида монанд шуда, галтида, кашол шуд. Ҳама хешу наздикон аз ӯ ҳазар карда, ба аёдаташ намеомаданд ва бо ҳамин ҳоли зор дунёи дӯстдоштаашро падруд гуфт.

Дар рӯзи маросими соли Эркамоҳ, кампири Васвасабонуи

сарватпараст яку якбора дар назди деги оши худоӣ афтида, аз забон монда, карахт шуд, яъне ба маризи «фалаҷ» гирифтор шуд. Аз таъсири хоби бисёру ин бемориӣ, пӯстҳои ҷисми логараш, аз пӯсиши ҷарохат, сӯрох шуда, хуну зардоб ба бистари хобаш чакида, мечаспид ва ҳангоми аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар гелондан, пӯсту гӯшти ганда (пӯсида) шуда, ҳамроҳи кӯрпаю ҷойандоз пора-пора мешуд ва хуну зардоби нав ҷорӣ мегардид. Ҳамин буд нишонаи ҷаҳаннам дар ин дунё, барои фосиқон. Баъди панҷ соли бистарӣ кампири Васвасабону ҳам дунёи дӯстдоштаашро тарк кард.

Баъди вафоти онҳо маҷбур шудаму ба хонаи худам баргаштам, зеро парастории шумо як писару ду духтари хурдсол ба зиммаи ман вогузор шуда буд. Дар он вақт, агарчи миёнсол будам, ба хотири шумо Сабурҷону Гулгунчаю Фотима, дуюмбора хонадор шуданро нахостам, зеро ки ин фарзандони хурдсол пешпои модарандар нашаванд гуфта, сабурӣ мекардам. Дар давоми 33 сол, ман барои шумо ҳам падар будаму хам модар, кор карда, мехӯрондам, мепӯшондам, мешустам, мепухтам ва ҳам дар айёми хурдиятон тарию хушкии шуморо медидам, ба умеде, ки дар пирию дардмандӣ ва танҳой асои дастам шаведу дастам бигиред.

Сабурҷон, ту ба воя расидию хохаронат Гулгунчаю Фотима хам калонакаку қадрас шуданд. Кӯшиш карда, барои шумо ҳама гуна шароитро муҳайё месохтам, то ки бемодариро ҳис накунеду худро ятим наҳисобед. Гуфтаҳои падари бузургворам, насиҳатҳои Мавлавии Сурхиён, ки дар хобам гуфта буд, ба ёдам омаду хостам, Сабурҷон, туро аз оилаи одамони солеҳу покнажод духтареро хостгорӣ намуда, хонадор кунам. Ҳарчанд насиҳат мекардам, панд медодаму аз ҳаёти атрофиён мисолҳоят меовардам, аз тақдири баргашта, зидди хоҳиши падар будӣ. Мегуфтӣ: «Ман пул дода зан намегирам ва зани қишлоқӣ ҳам намегирам». Сабурҷон, ту дар Омӯзишгоҳи рақами 33 шаҳри Душанбе мехондӣ. Пас аз як моҳ маълум шуд, ки ту бо як шарикдарсат, ки Ойгул ном доштааст, шинос шуда, ба ӯ дил баста будӣ. Модари Ойгул Қундузой ба шумо ваъда дода буд, ки агар падарат ризо бошад, шуморо аз ҳисоби маблаги худаш тӯй карда, хонадор мекунад. Охирин маротиба Сабурҷон туро даъват карда, гуфтам, ки эй ҷавони соддаю гумроҳ, ман ҳам дар ҷавонӣ ба сухани падар эътибор надода, ба модари ту

хонадор шудам ва як умр аз падару модар ҷудо, сарсону ҳаросон, ба чӣ балоҳое гирифтор нашудам. Биё, аз баҳри ошиқият барою духтари мулло Сайидро аз хоҷагии Гулистон, ки наслу насабашон пок аст, хостгорӣ кунам.

**Ҷавонию ҷунунӣ аз сар бадар кун,**
**Ба пирӣ хизмати модар, падар кун.**

Ҳарчанд, насиҳату зорию тавалло кардам, ба ту ҳеҷ асар накард, фақат ту як суханро такрор мекардӣ, агар ризо шавӣ, ҳамон Ойгул, ризо нашавӣ, аз хона баромада меравам. Чӣ илоҷ аз ночорӣ ризогӣ додаму тӯй барпо шуд. Тӯйро модари келин, Қундузой, дар тарабхонаи «Вахш» гузаронд. Дар тӯй падари Ойгул иштирок накард, ту худ медонӣ, сабабаш пас аз овардани келин ба хона маълум гашт.

Эргашбой ду сол пеш аз Қундузой ҷудо шуда, дар Шахри Намангони Ҷумҳурии Узбекистон аз нав оиладор шуда, зиндагӣ мекардааст. Аз сабабе ки ҷанги бародаркушии шаҳрвандӣ давом дошт, рафту омадн байни Ҷумхурии Ӯзбекистону Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардида буд.

Аз зиндагонии якҷояи шумо, Сабурҷону Ойгул, дар давоми чор сол ду тифли дӯстрӯяк, Акмалу Юлдуз ба олами хастӣ арзи вуҷуд кард. Дар натиҷаи ҷанги шахрвандӣ, иқтисодиёти кишвару мардум хеле қашшоқ гардид. Аз ҳамин сабаб мардум барои дарёфт кардани қути лоямут даста-даста озими кишвари паҳновари Руссия мешуданд.

Бе розигии ман, ту Собирҷон, ҳамроҳи чанд нафар ошноҳоят ба шаҳри Пензаи Федератсияи Руссия фирор кардӣ. Дар давоми се сол, аз ту на хатею на хабаре хаст. Модари Ойгул, Қундузой, омада келину ду набераи ширинамро гирифта бурд ва ҳашт моҳ мешавад, ки ба хона барнагаштаанд. Се моҳ мешавад, ки маризи бистариям, сад бор шукри Худо, ки ҳамсоям Ҳабибуллоҳу Мӯниса то ба дирӯз, ҳар субҳу шом, аз ҳолам хабар шуда меистод. Имшаб, ки онҳо ҳам нестанд, ман ҷонамро ба исми ту, фарзандам Сабурҷон, ба Малак-ул-мавт таслим мекунам. Сабурҷон наомадӣ, хайр майлаш, ман ҳам дар вақти ҷон додани падарам набудам, дар сари турбати падар

нагиристам, пояи тобути падарро нагирифтам ва ақалан як бел хок бо болои қабри падар ҳаво надодам. Акмалҷон пояи тобути туро, Сабурҷон, мегирифта бошад?!

Дар дами марг, дар охирин нафасҳои ба шумор монда метарсам, ки зиндаҷудой аз падару модар ва сангдилию бевафогӣ нисбат ба волидон, дар наслҳои минбаъдаи мо меросӣ шуда намонад, зеро ки ин амалу рафтору кирдор хоси бадбахттарини фардони ронда шудаи даргохи Ҳақанд. Алвидоъ, Сабурҷони бенишонам, алвидоъ, Духтаракони яккаю танҳои мушти парам Гулғунчаю Фотима, ақаллан дар наздам пайдо мешудеду чун фариштаи раҳмат, магасҳоро аз болои чашму абрӯям мерондед, лабони сӯҳтаамро бо қатраи оби хунук тар мекардед. Хайр ҳеч гап не, шуморо мебахшам, охир, шумо ҳам барои ин корҳо вақт надоред. Шумо ҳам фарзандонатонро чун ман дӯст медоред ва ба тарбияи онҳо машғулед...»

**(24 моҳи рамазони соли 1999)**

## ДАР ҲАҚҚИ ПАДАР...

Ҳама неку бади зиндагии оилавӣ барору комёбӣ, ноҷӯрию нотифоқӣ, хушиву хурсандӣ ба ҳокими хона вобастагии зич дорад. Агар аз тарафи фарзандон волидон сазовори хурмату эҳтиром бошанд, пас он оила аз нигохи қонунҳои ҷамъият ва ислом бобақою пурфайзу босахо хоҳад буд.

Худованд фармудааст, ки «Вассайнал инсонабил волидайхи эҳсоно» (Фармудем ва таъин кардем некӯиро ба инсон аз барои падару модар).

Ривоят мекунанд Алӣ (р) аз Расул (с), ки фармуданд: «Ҳар гоҳе, ки падару модар фарзандро овоз кунад, фавран хама кори худро монда, назди падару модари худ рафта, фармонбардории ӯро ба ҷону дил кунад ва агар эҳмол (таъхир) карда, тарки фармони онҳо кунад, ман безорам аз он шахс».

**Писареро падар васият кард,**
**К-эй ҷавонмард, ёд гир ин панд:**
**Ҳар ки бо аҳли худ вафо накард,**
**Нашавад дӯстрӯю донишманд!**

***Шайх Саъдӣ***

Моҳи охири тирамоҳи соли 2002 аз деҳаи Гулистон бармегаштам. Поёнтар аз деҳаи Мачитон дар истгохи беморхонаи маризҳои сили ҷумҳурӣ ба Сабур вохӯрдам.

Дар аввал ӯро нашинохтам, зеро ки ӯ на хамон Сабури хушкаду қомати хушрӯй буд. Замоне духтарони деҳа ошику шайдои ӯ буданд ва дар дил орзу мекарданд, ки Сабур ба онҳо ақалан боре гап занад. Сабур бошад, ба ин духтарон суханпардозӣ намекард ва нияти хонадор шудан ба духтарони деҳотӣ ҳам надошт, зеро ки ӯ ошиқу шайдои олуфтаи шаҳрӣ Ойгул буду ӯро аз чону дил дӯст медошт. Аз ҳамин сабаб Сабур зидди хоҳиши падар баромаду духтари эшони Сайид Ҳотамро ба занӣ нагирифт.

- Сабур, наход, ки ин Шумо бошед, шаш сол мешавад, ки Шуморо надидаам, дар ин муддат чӣ қадар тағйир ёфтаед, қариб буд, ки Шуморо нашиносам ба чашмони худ бовар накарда гуфтам. Мӯи сип-сиёҳаш монанди пахта сап-сафед, рухсораҳои суп-сурхаш мисоли заъфарон заб-зарди пажмурдаи пурожанг, қомати чун шамшод росташ ба монанди камон хам гашта, бо асодасте такя карда, ба зӯр рост меистод. Умуман, ӯ пирамарди 80-90солаеро мемонд. Аз ин намуди зоҳирии Сабур дар аввал хайратам омаду дар охир дилам ба ҳоли зораш сӯхт.

- Сабурҷон, қариб буд, ки Шуморо нашиносам, чӣ шуд, ки ба ин ҳоли табоҳ афтодаед? пурсидам аз ӯ. Дар чашмони фурӯрафтааш ашк ҳалқа зад ва оҳи ҷигарсӯзе аз қалби пурдард кашиду хост сухане гӯяд, лекин сулфа рохи нафасашро гирифту дуру дароз ларзида, сулфид. Аз таъсири бемории вазнину сулфаи тӯлонӣ аз даҳонаш обу балгами зард ҷорӣ шуд. Бо рӯймолчаи чиркини зарду сиёҳгашта оби лабону ашки чашмонашро пок кард.

- Эй бародар, гурури ҷунунию ҷавонӣ, ҳирсу нафси саркаши дунявӣ гӯлу гумроҳам кард, ки ба гуфтн падари дилсӯзу гамхор ва панди авлиёҳои бешумор амал накардам. Дар дуроҳаи ҳаёти даҳрӣ надонистам, ки кадом аст рохи ботилу кадомаш ҳақ, на аз пирони ҳақпараст, балки аз арӯси нафси золи дунёпараст гирифтам сабақ. Ҳосил аз амали ин сабак буд, ки пас шудам ранчуру бадбахту гадои дарбадар ва лаънаткардаи даргоҳи Ҳаққу зану фарзанд ва оқи падар, ки аз ҳамин сабаб оҳу нола, арзу зораи ман намекунад бо касе асар, бо алам посух дод ӯ.

**Ҳар кӣ кор кард, зидди хоҳиши падар,**
**Рӯзаш, чун рӯзи мани гадои дарбадар.**

**В-аз зиндагониям шуд, ҳеҷ ҳосил,**
**Дар роҳи бад, мукофотам шуд «сил».**

**Кардам фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,**
**Задам бар пои худ садҳо теша.**

**Бародарҳо чунин арз дорам имшаб,**
**Ки як ҷони ширин қарздорам имшаб.**
**Ҳаёту умри ман бигузашт ба хорӣ,**
**Ки шармсорам ба кирдорам имшаб.**

Баъди хондани ин абёти гамангез боз дуру дароз сулфида, ба тафсил давом дод:

Дар ҳаёти худ, ду хато ва ду гуноҳи азими нобахшиданиеро содир кардам, ки зиёни ин хатоҳою ин гуноҳҳо умри ҷавонамро хазон карда, ба ин ҳоли зоре, ки мебинӣ, оварда расондам. Хатою гуноҳи аввалам, бе ризогии падар хонадор шуданам бошад, хатою гуноҳи дуввумам, ин бе ризогии падар азми сафари Руссия карданам буд.

Феврали соли 1996 бе дастури падари гамхор, зану фарзандонам Ойгулу Эркин ва Юлдузро ба хонаи модарарӯсам Қундузой оварда мондаму ҳамроҳи ду рафики кӯчагиям озими шаҳри Маскав шудам. Шаш моҳ сарсону саргардон, дар растаю бозор, ҷангалу бӯстонсаройҳои ин шаҳри азим чӣ азобҳои сангинеро аз сар гузаронида, ташнаю гурусна умр ба сар бурдем. Доимо, аз милиса шаттаю шалок хӯрда, он рубли бо азоби алиму захмати сангин ёфтаамонро аз тарси ҷон ба онхо медодем. Гоҳо моҳҳо, чун кирми лойхӯрак, корҳои гуногуни сохтмониро иҷро мекардему бо фиребу найранги миёнаравон ва ё соҳибони бади корхонаҳо, бо баҳонае аз музди меҳнат бенасиб мондем. Ду маротибаи дигар, баъди иҷрои корҳои пурзаҳмати тӯлонӣ бо баҳонаи бардурӯги паст будани сифати корҳоямон, ба ҷойи гирифтани музди меҳнат қарздор шудем.

Баъди қарздор шуданамон, як моҳи дигар дар хонаи ҳамон яҳудӣ барои ҷуброни хӯрду хӯрок кори райгон (бе пул)-ро иҷро кардем. Дар корхонаю бӯстонсарои Борис Годунов, ки марди тахминан 32-33 сола буд, ман вазифаи ошпазро иҷро мекардам. Ман ошпази моҳир будам, зеро ки ин касбро ба ман модарарӯсам Қундузой ёд дода буд. Таомҳои пухтаи ман ба Борис, ки ҳамсинну соли ман буд, бисёр писанд омад. Дар рӯзи мавлудаш, ки ба якуми май рост омад, маро барои тайёр кардани оши палави тоҷикӣ ба хонааш даъват кард. Хонааш дар шаҳри Орехово Зуево-и Маскав ҷойгир шуда буд. Ду рӯз пеш аз ҷашни мавлудаш маро бо мошини тамгаи «Ҷип»-и хизматияш ба хонааш оварда, бо модараш Белла Годунова шинос кард:

- Модарҷон, ин кас Сабур Собирович, ошпази беҳтарини тоҷик, ҳама гуна таъомҳоро ба дараҷаи аъло пухта, тайёр карда метавонад. Дар давоми ҳамин ду рӯзи боқимонда, дастархони ҷашнӣ сад фоиз тайёр бошад,-гӯён ба ман муроҷиат кард. Модараш барои ману Борис қахваи гарм овард. Қаҳваро нӯшидему Борис хайру хуш карда, ба бӯстонсарой баргашт. Ману Белла Годунова танҳо монда, дергоҳ сӯҳбат карда нишастем. Ӯ зани сап-сафеди зебо буд, лекин солхӯрда буд. Баъди як моҳ ӯ хам рӯзи мавлуд дошт ва ба синни муборакн 55 кадам мемонд.

- Чӣ хуб ҳамсоли писарам Борисҷон будаед, ӯ каме аз шумо калонтар, яъне панҷ моҳу 21 рӯз, баьди аҳволпурсӣ гуфт Белла Годунова ва ба суханаш афзуд:

- Сабур, ман туро Саша ном мебарам, оё намеранҷӣ?

- Не, ҳаргиз. Ӯ гуфт:

- Саша, медонӣ чӣ, аз хама давраҳои ҳаёти инсон, хубтарину бехтарин, яъне авчи камолоти мард, ин синни 33-солагии ӯст. Дар ин синну сол, мард ба ҳар як кор қодир аст, чуноне ки дар китобҳои муқаддаси мою шумо «Инҷил» ва «Қуръон» оварда шудааст: «Фардо, дар рӯзи растахез, яъне қиёмат, ҳама марду зан дар синни муборакн 33-солагӣ бармехезанд».

Баъди ҳазлу шухӣ, ӯ ба ман хоҳиш кард, ки ин бегоҳ барояш якчанд навъ таъоми беҳтарин пазаму ҳунари ошпазии худро нишон диҳам. Дар ошхона тамоми намуди озуқа тайёр буд. Ман ҳунари худро нишон доданӣ шуда, се намуд хӯроки беҳтаринро тайёр

кардам.

Хонаи ин зан ба қасри шоҳона шабоҳат дошт. Таомҳоро тайёр карда, дар сари мизи хонаи хӯрокхӯрияшон дастархон густурдам. Аввал таоми якумро хамрохи дигар газакҳои тайёркардаам, чо ба ҷо гузоштаму дар ошхона дам гирифтам. Ногаҳон Белла маро ба сари дастархон даъват кард, ман узр хоста рад кардам. Ӯ бори дигар даъват карда:

- Ин хонаро азони худ дон, мана ин либосҳои хонапӯширо гиру даромада, дар ҳаммом шустушӯй карда, омада дар сари дастархон нишин. Ҳамроҳ хӯроки шомро мехӯрем, ман танҳо хӯрок хӯрданро хуш надорам.

Ман аз тарс ё ягон ҳисси дигар хоҳиши ӯро рад карда натавонистам.

Сару либоси навро ба даст гирифтам, ки аз он бӯи муаттари атри фаронсавӣ ба машом мерасид. Дар ҳаммом шустушӯй намуда, либоси навро пӯшидам. Росташро гӯям, худро дар оина қариб буд, ки нашиносам.

Пас аз кашидани таом, ӯ ба шишаи шампони дар ҷевон истода, ишора карда гуфт:

- Ту чӣ хел йигити тоҷикӣ, ки шампонро намекушой ва ба зан хизмат намекунӣ? Ман суп-сурх шуда, карахт шуда мондам. Росташро гӯям. ҳеҷ гоҳ шароб нанӯшида будаму дар шаробнӯшӣ ба занҳо ҳам хизмат накарда будам. Белла бори дигар бо як табассуми ширину тарзи ҳалимона муроҷиат карда гуфт:

- Писарам, хиҷолат накаш, шарм надор, ман модарат мешавам, ба ман хизмат кунӣ, соҳиби ҳама чиз, яъне молу сарват мешавию ба хонаат бо пули калон бармегардӣ. Вақте ки исми поку муқаддаси модарро ба забон овард, ман дилпур гардида, аз ҷевон шишаро гирифта, даҳони шампонро кушода, дар як қадаҳ рехтаму ба қадаҳи дигар шарбати мандарин рехтам. У ҳайрон-ҳайрон ба сӯям нигариста, гуфт:

- Чаро дар қадаҳи дигар шароб нарехтӣ?

- Мусулмонзодаам, дар ҳаётам шаробро нанӯшидам, -гуфтам.

- Йигит, нанӯшида бошед, акнун менӯшед!

Чӣ илоҷ, аз тарсу зарурат нӯшидам, ки аз кор пешам накунад. Баъд хӯрокҳои дуюму сеюмро паи ҳамдигар кашидан қадаҳ

мебардоштем. Баъди холӣ шудани шишаи шампон, ба нӯшидани «коняк» сар кардем. Аз соати шаши бегоҳ то соати дувоздаҳи шаб ҳамрохи Белла менӯшидему дар атрофи ҳар як ҳодисаю воқеа ва корҳон гузаштаю оянадаи зиндагӣ баҳс мекардем. Дар охир Белла суруди мусиқии ишқиеро дар фитаи магнитофон монда, рнштаи сӯҳбатро ба дигар тараф гардонда, аз олами ишку ошиқӣ гап мезад.

- Шавҳарам панҷ сол пеш аз бемории сил вафот кард. Аз он замон то ба имрӯз ба ягон мард наздик нашудаам ва ҳеҷ касро дӯст надоштаам, гарчанде чандин ҷавонони зебо, ки синнашон аз худам 10-15 сол ҷавонтар буданд, изҳори муҳаббат карда бошанд ҳам, ман рад кардам. Саша, шумо ба шавҳарн ман хеле монанд ва мисли ӯ хушрӯю ҳунарманд ҳастед, шуморо дӯст доштам. Шуморо дидаму аз нав ҷавон гаштам ва дар дилам ишқ пайдо шуд, нихоят ба сари мақсад омад зан.

Дар суханони охирини ин зани 55-сола, ки аз ман 22 сол калон ҳасту дар аввал ба ман писар гуфта, муроҷиат мекард, ҳайрон шуда, моту мадҳуш мондам. Оҳистаоҳиста ӯ худро ба ман наздик кардан гирифту ман рамидарамида худро дур мегирифтам, лекин қадаҳҳои охирини «коняк» кори худро дар ҳаққи ман карда будааст. Аз таъсири шароб ақли расои худро гум кардаму ӯро сахт ба оғӯш кашида, аз лабу рухсораҳояш бӯсидан гирифтам. Пас, ҳарду ба ҷониби хонаи хоб роҳсипар гардидем. Дар болои бистари сафеду зебои аз пари қу ороёфтаи хушбӯй, ки ман дар ҳаёти худ чунин болини гарму мулоиму гувороро надида будам, дергоҳ ҳамдигарро бӯсаборон карда хобидем.

Вақте аз хоб бедор шудам, соат аз 9-и пагоҳӣ гузаштаасту ман дар оғӯши гарму нарму гуворои Белла хобидаам. Хостам, ки оҳиста аз бистар хезам, вале ӯ бедор шуду маро боз сахттар дар оғӯш кашида, бӯсаборонам кард. Як соати дигар бо ҳамдигар хобидему коми дил ҳосил карда, бо қаноатмандӣ аз хоб хестем. Дар болои бистари гарму мулоим бори дигар аз дастам дошта, ду-се бӯсаи обдор аз лабонам гирифт:

- Саша, ту ба ман маъқул шудӣ, дар ҳақиқат йигит будаӣ, аз ҳамин соату аз ҳамин рӯз, ту азони ман ҳастӣ, туро ба ҳеҷ кас намедихам гуфт. Дар ҳақиқат, шаш сол дар хизмати ӯ будам. Ӯ гӯё ҷодугар буду маро сеҳр карда, дар пушти кӯҳи «Коф» нигох

медошт, ки на зану фарзанд, на падару модар ва на Ватану зодгоҳ ҳеҷ гоҳ ба ёдам намеомад. Ин зан, зане, ки 22 сол аз ман калон буд, дар чашмам чун духтари 18 солаи паризод менамуду дӯсташ медоштам. Кори вазнин намекардам, танхо вазифаи ошпазшо ронандагии ӯро иҷро мекардам. Рӯзона ба мошини тамгаи хориҷӣ савор шуда, ба сайру саёҳат мерафтему субҳу пешину шом таъом тайёр мекардам. Аз соати ҳафти бегоҳ то соати ҳафти пагоҳӣ дар бистари гарму нарму гуворо хизмати шабонан ӯро ба ҷой меовардаму навозиш мекардам ва ҳеҷ хаста намешудам.

***Гӯё ман чу Вомиқаму ӯст Узроям,***
***Ҳамчун Юсуфам ошиқ бар Зулайхоям.***

Бо гузашти айём, оҳиста-оҳиста осори заифию сустиро дар ҷисму ҷонам эҳсос кардам. Ӯ ин сустии манро пайхас карда аз куҷое, ба ман доруҳои махсус оварда меҳӯронд, ки дар аввал муваққатан қувваи пештараамро то як муддати муайян барқарор мекард ва ӯро шабонаю рӯзона шоду хурсанд мегардондам. Оҳиста-оҳиста ин доруҳо дигар таъсирам накарданду дар ҷисмам сустию логарӣ асар кардан гирифт. Рӯз то рӯз логар мешудам, гоҳ-гоҳ дуру дароз сулфа мекардам ва баъди он ҳарорати баданам баланд шуда, то ба 40 дараҷа мерасид.

Ин ҳолати ногувори ман боиси дилсардии Белла гардида буд, ки вақтҳои охир муносибаташ тамоман дигаргун шудан гирифт. Баръакси ман Белла рӯз то рӯз ҷавону зебо мегардаду чун гули тару тоза мешукуфт.

- Умуман, се ҳафта мариз шуда, дар беморхона хобидам. Духтурон гуфтанд, ки шишат хунук гирифтааст.

Саша, маризӣ, бемории гузаранда дорӣ, ту бояд дар хонаи дигар хоб кунӣ, ин хабарро шунида гуфт Белла.

Ҳамин тавр, як моҳ дар бӯстонсаройяш, ки 5 км аз хонааш дур буд, хоб кардаму каме ба худ омадам. Дар давоми ин як моҳи ҷудой, аз хоби ғафлати шашсолаам бедор шудам.

- Худоё, ман хобам ё бедор, девонаам ва ё ҳушёр, ки дар давоми шаш сол ҷисми солиму умри ҷавониямро хазон карда, барбод додам, ба падари гамхору хоҳарони меҳрубон ва зани

ҷавону фарзандони чашминтизор хиёнат кардам, меандешидам ба худ.

- Дар давоми ин шаш сол ба онхо ақаллан пули пучаке равон накардаму аз холашон бохабар нашудам, барои кӣ кор кардам, канӣ музди кори шашсолаам?!

Ҳамаашро дар кайфу сафо ва маишат сарф кардам, дареғ, сад дареғ, хато карда будаам. Мумкнн ин кайфу сафо заҳри танам шаваду чун хуну зардоб аз биниям ояд. Баъди як моҳ, субхи барвақт аз хоб хеста, дасту рӯямро шуста, ба мошини сари роҳ савор шуда, ба хонааш омадам. Хостам, ки назди Белла рафта, гӯям, ки ба ватан барои табобат бармегардам, ба музди ваъдакардаат худро аз ин беморӣ табобат карда, баъди як ё ду моҳ боз ба наздат барои хизмат меоям.

Вориди ҳавлӣ шуда, тугмачаи дарро зер кардам, ҳеҷ кас дарро накушод, бори дигар зер кардам, ҳамин тавр бист дақиқа интизор шудам. Ногаҳон дар кушода шуду як ҷавони қавиҳайкал, дасту остин барзада, дар сари ангуштон корди дудамаеро бозӣ доронда, ба сӯям омада, бо сиёсат гуфт: «Ара, чиво хочиш, атвали атсюда, сичас зарежу». Аз ин вохӯрии нобаҳангом, дасту пой гум карда барин, Белла, Белла гуфта, баланд садо кардам. Дар ҳамин вақт дар кушода шуду Белла бо нозу карашма баромада, ба он ҷавони гӯлмонанди чун ман гӯлу гумроҳ мурочиат карда гуфт: «Армен, зайди домой, я сама с ним разберусь».

Армен бо корди дар дасташ буда, бозиқунон вориди хонаи хоби Белла шуд. Белла бошад, бо нозу карашма ба ман наздик шуд:

- Саша, чӣ мехоҳӣ?

- Худат ваъда карда будӣ, ки дар вақти ба ватанат баргаштан, барои аҳли оилаат 2000 доллари амрикой медиҳам, барои хамон омадам. Бо ин пул дар ватан худро муоличa карда, боз ба наздат барои хизмат бармегардам. Дар ин суханони ман ӯ қоҳ-қоҳзанон хандид:

- Оҳ, нодони гӯлу гумроҳ, ту худ медонӣ, ки беморият шифоёбанда нест. Инро маризи сили (туберкулёз) гузаранда меноманд. Шавҳари ман ҳам ба ҳамин беморӣ гирифтор шуда, бо азобу сахтиҳои зор аз олам даргузашт. Боз ту ба назди ман нияти баргаштанро дорӣ?! Дигараш ин, ки дар беморхона, барои табобати

ту 3000 доллари амрикой харҷ кардам. Ҳоло ту аз ин ҳисоб аз ман 1000 доллар карздор ҳастӣ, боядонро баргардонию баъд ба ватанат роҳсипар гардӣ!

**Аз дасти ту аз биҳишт афканда шудам,**
**Дар пеши Худо хуб будам, ганда шудам.**
**Аз макру фусуну ҳилаву найрангат,**
**Шармандаю шармандаю шарманда шудам**

Дар баробари шунидани ин суханони маҳбубаи ба ҷону ҷигар баробарам, чӣ гуфтанамро надониста, сулфа гулӯгирам кард, ки дуру дароз сулфидам ва дар охир ниҳоят дилшикастаю ноумед шуда, чун кӯдак зор-зор гиристам. Аз гиряҳои талх-талхи ман, раҳм дар қалби Белла Годунова асар карду аз сумкачааш 350 доллари амрикоиро баровarда дод:

- Саша, дилам ба ҳоли табоҳи ту сӯхт, ҳаминро гиру ба ватанат баргард. Агар як сухани беҷойи дигар гӯй, Арменро ҷеғ мезанам, саратро аз тан ҷудо карда, дар ҳамон чоҳи даҳметрае, ки худат канда будӣ, пинҳонат мекунад. Дар давоми садсолаҳо, касе ҷасадатро намеёбаду тифлаконат дар орзуи дидори падар солҳои сол интизорӣ мекашанд.

Чӣ илоҷ, 350 долларро гирифтаму аз тарс даҳҳо маротиба раҳматаш гуфтам. 200 долларро роҳкиро кардам ва дар давоми шаш соли корию ҷудой аз ватану падару хоҳар ва зану фарзанд аз кишвари Руссия бо 150 доллари амрикой ба ватани азиз баргаштам.

Дар давоми ин шаш сол, бемории сили гузарандаро аз шавҳари марҳуми Белла Годунова, ҳамроҳи либосхояш ба мерос гирифта, дар беморхонаи Мачитон шарбати дарди ҳиҷрону ҳасрати бепоёнашро мечашам.

**Дар бистари беморӣ чу бемор шудам,**
**Аз неку бади ҷаҳон хабардор шудам.**
**Бар қадри азизону бузургон нарасидам,**
**Дар ҳасрати зиндагӣ ҳама зор шудам.**

## ДАР ЧОРСӮИ ЗИНДАГӢ

Мани ранҷур, аз таъсири шароити на он қадар хуби катора дар рох сулфаам зиёд шуду хастаю бемадор шудам. Ҳамхуҷрагони дар қатора будаам, аҳволи зори маро дида, хамчун қарзи инсонӣ ёрию кӯмакам мекарданд. Қатораи самти Москва Душанбе, соати шаши бегоҳӣ дар истгоҳи шахри Душанбе омада расид. Мани ҷавони 39-сола, чун лирамарди фартути 90-95-сола ба асодастаам - такякунон, аз зинаҳои ҳуҷраи қатора, бо як азоби алиме, фаромада, оҳиста-охиста қадам гузошта, дар саҳни истгоҳ истода, дам гирифтам. Гӯё ман касеро ва ё чизеро меҷустам, лекин касе аз омаданам хабар надошт ва агар хабар медоштанд ҳам, аз ташрифи нобаҳангомам касе хурсанд намешуд. Баръакс, чандин хешу таборонро дар ташвишу хиҷолат мемондам.

- Ако, борхалтаатро ба ман дех, ба куҷо меравед, бурда мерасонам, аҳволи зорамро дида гуфт нафаре. Ин ронандаи таксӣ буд, ки риштаи тахаюлоти маро канда буд.

- Ман он қадар пули бисёр надорам, ки то деҳаи Навобод баред, гуфтам ба ронандаи таксӣ.

- Майлаш, чӣ қадаре ки ҳиммат кунед, аз рангу намудатон маълум аст, ки шуморо дар роҳ ғорат кардаанд.

Сир бой надода, ба таксӣ нишаста, роҳи деҳаи кӯҳиро пеш гирифтем. Ба зодгоҳи азизу хоки поки ватан наздик мешудам, давраҳои ҷавониям ба ёд меомад. Диёри мардум, гарибӣ чӣ даҳшате дорад. Мардум беҳуда намегуфтааст, ки «гов дар диёри мардум гӯсола аст». Ватани азиз барои марди гарибгаштаи ҷафокашида, ки баъди ҷудоиҳои тӯлонн ба ватан бармегардад, чи нашъаю кайфияте дорад. Ҳар як буттаю дарахт, кӯҳҳу пушта, ҷӯйю дарра ва сангҳои сари роҳи зодгоҳам, Навобод, бароям шиносу азиз буд. Зеро даврони тиллоии умр кӯдакию наврасиямро дар ҳамин чойҳои муқаддас гузаронидаму аз нашъаи гуворои боду ҳавои кӯҳистон нафас кашида лаззат бурда будам. Фарзанди эркаи падару модар будаму чӣ будани гаму дард ва меҳнату заҳмати дунёро намедонистам. Ба чормагзи яккаи назди деҳа наздик шудаму солҳои кӯдакиям ба ёд омад, ки ҳамроҳи падар рӯзҳои навбати пода, дар сояи ин чормағзи азим нисфирӯзӣ истироҳат мекардем.

- Орзу дорам, ки туро хонандаи «Қуръон» кунам ва пас аз он

ба ягон мактаби олӣ дохил шавию инсони комил гардӣ, пас бимирам, дигар муроду ормоне дар дил надорам, насиҳаткунон мегуфт падарам. Ин орзуҳои амалинагаштаи падар, ба ёдам омаду дилам таҳ кашида, худ ба худ шарм кардам ва санги пушаймонию маломат ба сар задам. Писарчаам Акмалҷони дӯстрӯяку духтарчаам Юлдузхони хандонакро хеле пазмон шуда будам. «Дар баробари ворид гардидан ба хона, аввал падари азизамро ба оғӯш кашида, мебӯсаму сонӣ бахшишу авф металабам. Акмалҷону Юлдузҷонро ба сари китфонам бардошта, гирд-гирди ҳавлиямон метозам. Ойгулҷонро бошад шоду хурсандаш намуда, узри гуноҳонамро аз ӯ мехоҳам», ба дил меандешидам.

Ногаҳон, садои ронанда, гӯё аз хобу хаёлҳои ширин бедорам кард:

- Ако, хонаатон дар кучаи деҳа ҷойгир аст? Сар бардошта, ба атроф назар афкандам, ки хонаамон аз дур намоён шуд.

- Дар назди ҳо ана ҳамон дарвозаи сабзи кӯҳна истед.

Мошин дар назди дарвоза истоду як борхалтаро ман, борхалтаи дигарро ронанда бардоштем. Ӯ борхалтаи дар дасташ бударо оҳиста ба китфаш гузошт, ба фикрам хаёл кард, ки дар ин борхалтаҳо чизҳои қиматбахо хаст. Намедонист, ки либосҳои кӯҳнаи хонагию кориро аз бӯстонсаройи Белла Годунова ҷамъ карда, бо худ овардаам. Ронанда пешдастӣ карда, дарвозаро кушода, садо баланд кард:

- Бобои Собир, хой бобои Собир! Зани миёнсоли фарбеҳи сиёҳчурдаи лӯлишакл дари хонаро кушод.

- Ҳа, ҳа, чӣ гап, оё ту девона-певона нестӣ мегум, охир ту худат кӣ ва чӣ мегӯӣ? Ронанда аз ин суханони нешдори зан ҳайрон шуда.

- Янга, шумо ба Сабур кӣ мешавед, бобои Собирро гӯед, ки писараш аз Руссия баргаштааст, бо нармӣ гуфт ронанда.

Овози ғазаболуди зан аз пештара дида, баландтар шуд:

- Нагуфтам, ки ту кадом як девонай, девона набошӣ, намедонӣ, ки бобои Собират кайҳост, ки дар қабристон хоб асту писараш Сабур дар Москва бе ному нишон гардидааст.

Дар баробари шунидани ин суханон борхалта аз дастам афтиду худ якпаҳлӯ ба замин афтода беёд шудам. Чӣ қадар вақт гузаштааст, намедонам. Ҳангоме ба ёд омадам, ки дар меҳмонхонаи

ҳамсояамон хобаму Ҳабибуллоҳу занаш Мӯниса дар болои сарам истодаанд.

Сар бардошта, ба Ҳабибуллоҳу занаш бо изтироб нигаристам.

- Ҳамсояҳо, падарам канӣ, зану фарзандонам ба куҷо рафтанд, он зан дар хонаи мо чӣ кор мекунад? Фурсати ҷавоб гардондани онхо нашуда, тез-тез онҳоро саволборон мекардам.

Ба ҳоли зори ман раҳми Ҳабибуллоҳу занаш Мӯниса омад, ки онҳо гирён шуданд.

- Сабурҷон, ором шав, хез каме чой нӯш, аз роҳи дур омадай, гурусна ҳастӣ, ҳеҷ гап нест, ҳамааш хуб аст, бо нармию дилсӯзӣ мегуфтанд. Хеста, ба болишт такя карда, нишастам. Дар як они воҳид дастархон густурда шуд, гурусна будам, аммо аз гулӯям об намегузашт. Тамоми ҳушу хаёлам ба забону гуфтори ҳамсоя банд буд, ки ба саволҳои ман чи хел ҷавоб мегардонда бошад. Ин ҳолати маро онҳо пайхас карда буданд:

- Сабур, ба тақдири Худо тан деҳ, шукру сабр кун, ки зинда будай. Падарат дар орзуи дидори ту дунёро падруд гуфт, баъди марг аз зери болинаш ана ин «Васиятнома»-ро ёфтем, ки бароят ба ёдгорӣ гузоштааст гуфта, ин «Васиятнома»-ро ба ман доданд.

Номаи падарро чун тӯмор бӯсида, ба дидагон мемолидаму такрор ба такрор мехондам ва санги маломат бар сар зада, зор-зор мегиристам. Баъди гиряву нола ва оҳу фиғони тӯлонӣ каме ба худ омада, сабук шудам ва ба акои Ҳабибуллоҳ бори дигар бо таааҷҷуб савол додам:

- Дар хонаи мо он зани бадгуҳари бегона чӣ кор мекунад?

- Вақте ки падарат аз дори дунё гузашт, дар хонаатон як тини пучак ва хатто як метр суфи сафедро барои кафан кардани ҷасадаш ёфт карда натавонистем. Хоҳаронат ҳамроҳи шавҳаронашон пас аз марги падарашон омаданд. Онҳо дар назди муллою раиси маҳалла изхор карданд, кн нони хӯрданӣ надоранд, барои харҷи маросимҳои дафну худоиҳо ягон тин кӯмак карда наметавонанд. Дар шоҳидии хоҳаронату мулло Талбакбой акои Каттахӯҷа 350 сомонӣ бароварда, дар болои маит (мурда) партофт ва мулло дуо кард. Бо ҳамин 350 сомони харҷи маросими дафнро раиси маҳалла акои Каттахӯҷа худаш гузаронид. Баъди гӯронидани падари раҳматият, акои Каттахӯҷа мулло Талбакбойро ба хона оварда, дар

шоҳидии хоҳарону язнаҳоят мероси падаратро тарака карданд. Пас аз марг молу сарвати дунёи падарат ғайр аз ҳамон хонаи зисташ, ба меросхӯронаш дигар чизеро ба мерос намонда будааст. Меросхӯрон танҳо ҳарду хоҳаронат ба ҳисоб мерафтанд ва туро мурдаи бе ному нишон гуфта, шаҳодат дода буданд. Мулло Талбакбой бо маслиҳати Каттахӯҷа, хонаро 1000 доллари амрикоӣ нарх монда, ба бародари Каттахӯҷа, Валихӯҷа, бо ҳамин нарх фурӯхтанд. Пули хонаро акои Каттахӯҷа дод, охир ӯ бо бародараш дар як хона, хонаи аз падарашон мерос монда, якҷоя мезистанд. Зани Валихӯҷа, зани шаттоҳи ҷанҷолӣ буд, аз ҳамин сабаб, Каттахӯҷа, ҳар чӣ тезтар мехост, ки аз ҷангу ҷанҷоли занхо халос шаваду хонаи калони падар танҳо азони ӯ шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Хабари фурӯхтани хона ба гӯши зану модарарӯсат ба шаҳри Душанбе рафта мерасад. Онҳо баъди маросими ҳафти падарат, бо ду се нафар авбошони роҳзан (рекетҳо) шабона омада, ҳаққи Акмалу Юлдузхон гуфта, 500 доллари пули хонаи фурӯхташудаоро аз дасти хоҳаронат зӯран кашида гирифта ғайб заданд. 500 доллари боқимондаро хоҳаронат гирифта, байни ҳамдигар тақсим мекунанд ва ҳамин пулҳоро роҳкиро карда, ҳамроҳи шавҳаронашон ба кишвари паҳновари Руссия мераванд, ки то ба ҳол аз онҳо на пай ҳасту на ҳайдар. Мо то чилрӯзагии рӯзи вафоти худораҳматӣ ҳамроҳи Мӯниса, дар роҳи Аллоҳ душанбегию ҷумъагияшро карда, ду-се ҳамсояро чеғ зада, дар ҳаққаш дуои хайр мекардем. Дар маросими рӯзи чил бузғолачаеро хун карда, 10-15 одамро даъват кардему мулло Талбакбой оят мехонд. Баъди он росташро гӯям, аҳволи зисту зиндагониям вазнин шудан гирифт, дигар дар ҳаққаш ҳеҷ techreрo ба сомон расонида натавонистем. Аз байн чандин сол гузашта бошад ҳам, то ҳол маросими соли падаратро касе нагузарондааст.

Пас аз шунидани ин суханони ҳузнангези акои Ҳабибуллоҳ номаи падарро такрор ба такрор мехондаму мегиристам. Шабро дар хонаи ҳамсояи хуби беҳ аз хеши дур рӯз кардам. Бо ҳамроҳи Ҳабибуллоҳ субҳи содиқ дар ҷустуҷӯи зану фарзанд, ки баъди падар умедам танҳо ба онҳо буд, озими шаҳри Душанбе шудем. Роҳи маҳаллаи Кӯҳдоманро пеш гирифтему тугмачаи занги хонаи модарарӯсамро пахш кардем. Дар кушода шуду мӯйсафеди қавиҳайкале аз пасаш писарчаи зебою дӯстрӯяки 9-10солае, аз

дарвоза берун шуданд. Мӯйсафед, ки дар тан либоси таҳпӯши варзишӣ дошт, мағрурона пурсид: Ба шумо кӣ лозим? Ман гуфтам: Ба ман зану фарзандонам Ойгулу Эркинҷону Юлдузхон лозим аст. Дар баробари ин ҷавоби ман, афту башараи ин пирамард тағйир ёфта, шери бадхашми ба ғазабомадаро мемонд. Он кӯдаке, ки аз думболи пирамард омада буд, раҳмгинона ва бодиққат бар ман менигарист. Шери ба хашм омада, бо дасташ ишора карда гуфт: Даҳ дақиқа сабр кунед ва худаш ҳамрохи писарча гашта вориди хона шуданд.

Баъди даҳ дақиқа, пирамард ҳамроҳи модарарӯсам бо шитоб ба назди мо омада, яку якбора ҳарду бо як овоз гуфтанд: Ҳай лаънаткардаи зану фарзанди оқи падар, магар ту зинда будай?! Дар ин шаш сол дар кадом гӯру лаҳад мегаштӣ, ки аз ту ягон хату хабар набуд. Одамони аз Руссия омада, хабар меоварданд, ки ту мурдай. Ҳоло ту зану фарзанд надорӣ, агар дошта бошӣ ҳам, ӯ талок шудааст, гуфтан замон Қундузой аз ҷайбаш қогазеро бароварда, ҳамчун ҳуҷҷати раднашавандаю тасдиққунанда, ки бо хуруфи арабӣ навишташудаю бо мӯҳр тасдиққарда шуда буд, нишон дода гуфт: Ана, ин гувоҳномаи хатти талоқ, ки домулло ба ман дод. Ман гуфтам: Охир, шумо нодуруст ба домулло саволу ривоят кардед, хайр майлаш фарзандонам куҷоянд? Модарарӯсам гуфт: Ту сакалту, чӣ тавр исбот карда метавонӣ, ки зану фарзанд дорӣ, канӣ ба ман нишон деҳ шаҳодатномаҳои ақди никоҳу таваллуди фарзандонатро бинем. Ба ин саволҳо ҷавоб дода натавонистам, зеро ки дар вақташ ба никоҳи суннатии домулло қаноат кардаму аз қайди хонаи ақди сабти никоҳ нагузашта будам.

Пирамарди дасту остин барзада, аз гиребонам дошта, аз худаш ду ваҷаб баланд бардошта, дар болои хоктӯдаи сари роҳ чун тӯрбаи пур аз каҳ ҳавоям дода, гуфт:

- Ҳай лаънатӣ, агар як бори дигар зану фарзанд гӯй ва ё қадами нопокатро ба ҳамин тарафҳо гузорӣ, резарезаат мекунам. Ба ин қаноат накарда бо пояш гулӯямро пахш кард, гумон кардам, ки аз дасти ин сайёди аҷал сад ҷон дошта бошам, амон намеёбам. Худованд раҳми мани беморро хӯрд, ки хамсояашон, як ҷавони некхоҳ давида, аз дасти пирамарди гулмонанд дошта, илтимос кард ва ҷонамро аз маҳвшавӣ наҷот дод. Қундузой бошад, аз гиребони

Ҳабибуллоҳ дошта, дод мегуфт:

- Ҳой лаънатихо, чӣ ҳуқуқ доред, ки дар рӯзи равшан хонаамро горат мекунед, милиса чег мезанам... Ин ҷавони паҳлавон гиребони Ҳабибуллоҳро низ аз дасти ин аҷуза раҳо карда, ҳардуи моро пеш-пеш карда, то маркази шаҳр овард ва насиҳат карда гуфт:

- Шумо медонед, ки ин пирамард кист? Номаш Шерхону тахаллусаш «Шағол», яъне Шерхони Шағол номаш мебаранд. У дар вақташ аъзои лашкари «Фронти халқӣ» аз ноҳияи Регар буда, падараш туркнажоду модараш эроннажод аст, яъне дурага мебошад. Аз дасти ӯ хар кор меояд, қатли одам барояш кори осону анъанавист. Эҳтиёт шавед. Ӯ бебаҳра, безурёт аст, аз ӯ фарзанд намешавад, аз ҳамин сабаб Ойгулро ба занӣ гнрифта, фарзандонатро бо қарору ҳалномаи суд, фарзандхонд карда, ному насабашонро ба ному насаби худаш ба расмият дароварда, барои онҳо шаҳодатномаи таваллуд гирифтааст. Ном ва насаби фарзанди калоният Акмалро, ки бо фарзанди ман дар синфи 4 мехонад, дар журнали синфӣ дидам, ки чунин сабт шудааст: Бӯрихонов Улугбек Шерхонович, лекин ном ва насаби духтаратро намедонам. Ин ҷавони некхоҳ, ки номашро баъд ба мо муаррифӣ кард, Дилшод будааст, илова карда гуфт:

- Духтаратон дар боғча мебошанд, биёед пинҳонӣ рафта, як маротиба ӯро бинеду ба тезӣ аз шаҳр баромада равед, ки Шерхон, чун шағол аз паятон афтодааст, ки аз ӯ ал-хазар...

Ҳарсеямон ба боғчае, ки Юлдузхон он ҷо тарбия мегирифт, рафтем. Аз мураббия хохиш кардем, ки Собирова Юлдузхон Сабуровнаро падараш аз Руссия омадааст, ба мо нишон деҳ. Мураббия гуфт:

- Мо ин хел духтарчаро бо ин хел ному насаб тарбия намекунем. Дилшод журнали гурӯҳро талаб кард. Дар ҳақиқат, ин хел ному насаб дар журнал сабт нашуда буд. Дар ҷойи ин ному насаб, ному насаби дигареро Дилшод ба мо нишон дод, ки чунин сабт гардида буд: Бурихонова Ойқизхон Шерхоновна. Мо ҳарсеямон аз мураббия хоҳиш намудем, ки Ойқизро ба наздамон биёрад. Дар аввал ӯ ризо нашуд, баъди панҷ сомониро ба кафи дасташ часпондан, чун мум нарму ҳалим гардида, ӯро ба наздамон овард, ох фарзанд, чӣ қадар ширинӣ. Дилам таҳ кашид, қариб буд, ки бе

ёд шавам, ӯро ба огӯш кашида, бӯсидам. Ӯ худро аз ман дур гирифта, ба гиря сар кард ва худро аз дастам раҳонида гурехта рафт. Пас мураббия гуфт:

- Ойқиз мегӯяд, ки падарам дар Руссия вафот кардааст, модар ба ҷойи ӯ падари нав Шерхонро аз бозор харидааст.

Дар баробари шунидани ин суханони дилрешкунандаи таҳқиромез дар ҳаққам ба замин нишаста, зорзор гиристам. Ба ҳолу зори ман раҳми Дилшоду Ҳабибуллоҳ ва мураббия омада, ашки чашмонашонро пок карда, дилбардориям мекарданд. Ба ин зарбаҳои ҳалокатовари зиндагӣ маризиам дах чандон авҷ гирифт:

***Забон дорам, вале гуфтор надорам,***
***Ба ғам дармондаам ғамхор надорам.***
***Агар чӣ солим аст ин ҳарду поям,***
***Рафиқон, қуввати рафтор надорам.***

Ба хонаи Ҳабибуллоҳ баргашта, чор рӯз бемори бистарӣ шуда, хобидам ва рӯзи панҷум каме ба худ омадаму бо ҳамрохи ин ҳамсояи вафодорам ба беморхонаи Мачитон омадам. Ҳашт моҳ мешавад, ки дар ин ҷо хобам, ҳолам ба ҷойи беҳбудӣ бадтар шуда истода аст, зеро пул надорам, дорую дармон қимат, бе пул ройгон чӣ хел шифо ёфтан мумкин аст?!

Имрӯз аз беморхона ҷавобам додаанд, куҷо, ба назди кӣ равам, намедонам. Дар гирдобу чорсӯи зиндагӣ дармондаам. Бародарон, чӣ кор кунам?!

***Шайтон зи хато ноқиси малъуну тар аст,***
***Ҳар кас, ки хато кард, зи иблис бадтар аст.***

***Рӯзи сиёҳе бар сарам,***
***Умре гадои ҳар дарам,***
***Сад арза дорам дар бағал,***
***Бар ки диҳам, бо кӣ барам.***

## ДАР ИН ДУНЁ БАРОИ МАН ҶОЙ НЕСТ?!

***То кай ғами бешумор мебояд хӯрд?***
***Заҳробаи рӯзгор мебояд хӯрд.***
***Чу нола барои хештандорӣ,***
***Хуни дили доғдор мебояд хӯрд!***

Дар баробари шунидани қисмати талхи Сабур ғам дар дилам хона карду ашк дар чашмонам халқа зад. Дергоҳ дар баҳри андешаҳои дуру дароз ғарқ шуда, дар охир ба сохил баромадам ва қудрати суханронӣ надоштам, зеро ки ғурбату ҷабр, ҷафои дунёи башарӣ дар гулӯям гиреҳ зада буд.

Пас аз каме ба худ омадаму оҳиста ва меҳрубонона гуфтам:

- Сабур, ғам махӯр, магар намедонӣ, ки бузургон фармудаанд:

***Аз ноумедиҳо басе умед аст,***
***Поёни шаби сиёҳ сафед аст.***

Иншаоллоҳ, шифо ёфта, ҷойи зист ҳам меёбед, ҳеҷ кас дар кӯча намондааст.

Ӯ дар ҷавоб гирён шуд ва ғамгинона ҳасрат кард:

- Бародари ғамхору мушфиқ, шаби сиёҳи ман поён надорад ва дарди бедавоямро дармон нест. Дишаб хоб дидаам, ки дар лаби ҷарии бепоёне овезонам ва бо як даст буттаеро медорам, то ки ғелида ба таг наафтам. Дар ин ҳангом худораҳматии падарам пайдо шуду фиғон бардошта нолидам. Дилаш ба ҳоли мани зор сӯхт ва гирён шуду дасташро дароз кард. Мехост, ки наҷотам диҳад, аммо ногаҳон занам Қундузой бо ҳамроҳи модараш пайдо шуда, пеши роҳи падарамро гирифтанд. Дари ин вақт дастам аз бутта хато хӯрд ва ба қаъри ғори бетаги торик афтодам. Аз болои ҷарӣ садои падарам меомад, ки мегуфт:

- Сабурҷон, писарам ман туро наҷот доданӣ будам. Охир, ту ба гуфтаи ман амал намекардию ба хоҳиши зану модарарӯсат аробаи зиндагиро мекашидӣ! Аз ҳамин сабаб онхо бо хоҳиши худ туро бо ин ғори бетаг гуселониданд. Ман чӣ кор кунам? Дилам ба ҳоли зори ту месӯзад, вале аҳволи мани гӯл аз ту беҳ нест. Хайр, ҳеҷ гап не, ба наздикӣ бо ҳам вомехӯрем, гуфта буд, ки аз хоб бедор шудам. Пас аз

ду соати хоби дидаам сардухтури беморхонаи шаҳраки Мачитон омада.ҷавобам дод. Аз ин хоби дидаам, яқин медонам, ки ба умри ман рӯзҳои ба шумор мондааст. Ман аз марг наметарсам, зеро ки кулли махлуқи зоянда муранда аст. Ман аз он метарсаму дар даҳшатам, ки чӣ тавр ва бо кадом азоб Малакулмавт ҷони маро қавс мекарда бошад?! Аз он метарсам, ки ҷойи зист надорам дар куҷо, дар кадом кӯча ё лаби ғору даруни ботлоқе мемурда бошам?! Ман аз он шарм медорам, ки дар он дунёи абадӣ назди Худою Пайғамбар, падару модар чӣ ҷавоб медода бошам?! Забон мегашта бошад, ки дар даруни қабр ба саволҳои Накиру Мункар аз амалҳои хеш ҷавоб диҳам? Аз он дар даҳшату ҳаросам, ки ҷони маҳзуни ларзонам ба азобҳои ҷаҳаннами «Асфалассофилин» тоб меоварда бошад?! Ку падари гамхору модари меҳрубон, ку хоҳару бародар ё зану фарзанд, ки дар вақти ҷон додану мурданам, дар сари турбатам бошанд, то ки мурдан ба ман каме осонтару арзон шавад. Кӣ дар сари турбати ман навҳа кашида, оху фигон мебардошта бошад?! Кӣ маро аз баҳри Худо бо ду метр суфи сафед кафан мекарда бошад?! Пояи тобутамро сарогоз кӣ бардошта ба сӯи манзили охират мебурда бошад?! Кӣ дар ҳаққи мани бесоҳиб, як коса обу як пора нонро садақа медода бошад? Оҳ, бародаре дар қалби маҳзуну ҷигари сӯхтаи реш-реши худ ҳазорон саволҳои «кӣ, кӣ»-ю, «чӣ, чӣ» дорам ва онро пурра гуфта наметавонам. Ҳамаи ин саволҳои ҳасратиро дар дили хеш ба хоки хунуки сиёҳ мебарам, зеро ки ба дарду қалби маҳзуни ман касе марҳам шуда наметавонад.

Ҳамчун қарзи инсонӣ дар назди Холиқи арзу само, аз багали Сабур дошта, ба мошин савораш кардам. Аз сабабе ки вазифаи котиби масъули Шӯрои васоят ва парастории назди Ҳукумати шаҳри Ваҳдатро ба ӯҳда доштам, ӯро рост ба хона-парваришгоҳи пиронсолону бепарасторони шаҳрчаи Роҳатӣ будаи шаҳри Ваҳдат овардам.

***Афсӯс, ки умр сарфи беҷо кардем,***
***Сармояи худ ба ҳеҷ савдо кардем.***
***На ҷойи иқомату на рӯи гаштан,***
***Ҷуз бод ба дасти хеш расво кардем.***

Бо сардори хона-парваришгоҳи пиронсолону бепарасторон, ки марди дилогоҳи фарҳангӣ аст, дергох сӯҳбат намуда, шарҳи ҳоли Сабурро ба қадри хол фахмонда додам. Сардори ҳалиму дилсӯз розӣ шуд, ки ӯро ба ин макон қабул намояд. Ӯ духтурро чеғ зада, супориш дод, ки Собиров Сабурро аз назорати тиббӣ гузаронида, баъд дар ҳуҷраи дунафара барояш ҷой тайёр кунанд.

Духтур Сабурро ба ҳуҷраи кориаш даъват карда, қариб як соат бо ӯ сӯҳбат намуда, ҳуҷҷатҳояшро аз назар гузаронида, баъд аз муоинаи тиббӣ ба назди ману сардор омада гуфт:

- Ин бепарастор ба бемории сили гузаранда, мубталост ва сонияи, ӯ хеле парешонхотиру асабист. Мо ӯро ҳамроҳи ягон бепарастор хобонда наметавонем, зеро ки беморияш ниҳоят хавфноку гузаранда аст, бо тезӣ ба дигарон мегузарад. Мо шароити тарбияи ин намуд бемориро надорем ва ҳақ ҳам надорем, ки ӯро дар хонапарваришгоҳи пиронсолону бепарасторон хобонем. Сардор нафаси чуқур кашида, маънидорона сӯям нигарист. Гуфтам:

Сардор, инсони шариф, суханони духтур ҳақ аст, аммо мо мусулмонему мусулмонзодаем, қоидаю қонунҳои ҳақиқию абадӣ ва башардӯстӣ дар Каломи Аллох, яъне «Қуръон»-и азимушшаън ба пуррагӣ дарҷ шудааст. Наход ки мо хилофи он рафтор кунему мурдаи ин муслими бахтбаргаштаро дар кӯча монем ва ҷасади онро сагону паррандагон пора-пора карда бихӯранд?! Илтимос, ба ҳурмати Офаридагори кулли махлуқот ва Пайғамбари барҳақаш, охирин маротиба некии ҳақиқию қарзи инсониро ба ҷой оварда, ӯро ақаллан як ҳафта, то рӯзи душанбеи оянда, дар хонаи алоҳида ҷой диҳед. Ман дар ин муддат барои ӯ ҷой пайдо мекунаму гирифта мебарам.

Сардор то дергоҳ ба андеша фурӯ рафта, пас духтурро чеғ зада, ӯро розӣ кунонд, ки то рӯзи душанбеи оянда барояш ҷой тайёр кунад. Ман ба назди Сабур омада гуфтам:

- Сабур, то рӯзи душанбе дар ҳамин ҷо хоб мекунӣ, баъд аз шахри Душанбе барои ту ҷойи мувофиқ меёбам.

У бо ҳасрат нигариста ба зӯр табассум карда гуфт:

- Ҳазорон-ҳазор шукри Аллоҳ, ки ба монанди акои Ҳабибуллоҳу занаш янгаи Мӯниса, шахсони некхох дар дунё будаст. Садҳо ташаккур, бародари азизу ғамхор.

Илтимос, барои мани бадбахт Шумо заҳмат накашед, зеро ки зиндагӣ барои ман дар ин дунёи пургавго маънӣе надорад ва худ аз ин зиндагии тоқатнофарсо безор шудам.

*Дорам диле аз нола кашидан оҷиз,*
*Бемори ғам асту аз тапидан оҷиз.*
*Дар бутаи ғам агар чӣ садбарг гудохт,*
*Чун оби гуҳар аз чакидаи оҷиз.*

Ин аҳволи зори Сабурро дида, аз ғазаби Худованди Ҷаббор метарсидам, зеро ки ман ҳам падари бемори 90сола дорам, ки зиёда аз дах сол мешавад, бистарист. Дар давоми ин даҳ сол, мумкин боре, хизмати ӯро бо сабаби кору бори зиндагии дунявӣ ба тезӣ иҷро накарда бошаму ӯ аз ман ранҷида бошад. Худоё, дар қалби падари пири бемора рахму шафқати падариро ҷой кун, то ки ӯ аз ман наранҷад ва пуҳилам (авф) карда, гуноҳҳои содиркардаамро бахшад.

Аз он метарсам, ки дар айёми гурури ҷавонию нодонӣ, дар талаби ҷойю мансаб, молу сарват, хизмати волидайнро ба хубӣ иҷро карда натавонистем. Акнун, ки умрам ба ҷое расидааст, пушаймону дар гумон ҳастем, ки бо рафтору гуфтор ва кирдори худ дар саҳифаҳои сафеди қалби падару модари хеш, чӣ накшҳои сабзу сиёҳеро кашидаем, ки он нақшҳоро худи эшону Худованди дилогаҳ худаш медонад. Аз он метарсам, ки фардо рӯзи қиёмат, паҳлӯи тарозуи аъмол бо хатҳои кашидаи сиёҳӣ дар қалби волидон вазнинӣ накунад.

**Ҳайф аз нафасе, ки толиби ҷоҳ шудем,**
**Ғофил бигузашт з-ӯ на огаҳ шудем.**
**Бар худ бар чи гуна номи нек гирем?**
**Бо нафси амора ёру ҳамроҳ шудем.**

Баъд як миқдор пул бароварда ба ӯ додам, то ки барои харидани дорую дармон сарф кунад.

Сабур пулҳоро гирифта шумурда, дар рӯймолчае печонду дар таги болин пинҳон кард ва дар чашмони бенури фурӯрафтааш

бори дигар ашк ҳалқа зад. Ӯ хост, ки ба ман изҳори миннатдорӣ кунад, лекин аз ҳаяҷон суханаш дар гулӯяш гиреҳ заду маҷоли сухан кардан надошт. Дар ҳамин вақт сулфаи дуру дарозе пайдо шуду дергоҳ оромаш нагузошт. Ман гуфтам:

-иХайр, паноҳат бар Худо, то рӯзи душанбе.

Ӯ ба сӯи ман нигоҳи имдодталабонае карда, бори дигар гирён шуда гуфт:

- Бародар, ҷонамро даст гир, ки ғайр аз Худо касе надорам ва дар ин дунёи кушод намегунҷам.

Баъди видоъ бо Сабур дар давоми як ҳафта, ҳамаи парваришгоҳу табобатгоҳ ва идораю вазоратҳои масъули шаҳри Душанберо давр зада баромадам. Дар идораю вазорати масъули бепарасторон аҳволи Сабурро муаррифӣ кардаму ҳуҷҷатҳои лозимаи ӯро, яъне таърихи беморияшро (история болезни) нишон додам, онҳо танҳо як суханро такрор мекарданд:

- Бемории Сабур Собирович кӯҳнаи хавфноки гузаранда аст. Ҳатто ӯро дар беморхонаи Мачитон хобондан ҳам мумкин нест.

Ман худ ба худ андешида, савол дода мегуфтам:

- Ин тавр бошад, барои Сабури оқи падар дар ин дунё дигар ҷой нест. Мумкин ӯ бо худ аз кишвари Руссия бемории хавфноктарини дунё СПИД-ро оварда бошад?

Баъди як ҳафта, субҳи содиқи рӯзи душанбе, баъди адои намози бомдод, дергоҳ ба фикри дар куҷо ҷой кардани Сабур андешидаму ба Худои Мушкилкушо муноҷот намуда, дуо карда гуфтам: «Бор Худоё, ту Ҳакимӣ, доной, мушкилкушой, ба ҳурмати Пайёмбари барҳаққат Ҳазрати Муҳаммад (с) ва ҳамаи пирони тариқати Хуфия, Ҷаҳрия, Ишқия ва Кибирия, мушкили Сабури гӯлу гумроҳи роҳгумкардаро осон намо. Худоё, хатою гуноҳ кардани мо бандагонат, аз хазрати бобокалонамон Одам (а) ба мо мерос мондааст. Охир, ӯ ба васвасаи шайтони раҷим дода шуду аз дарахти гандум тановул намуд ва худат, эй Худованди бузурги кирду гор ӯро аз биҳишти абадӣ рондӣ.

Парвардигоро, ҷони пуразобашро гиру ӯро аз маҳбаси ин дунёи пурзаҳмат озод намо, ки дар ин олам ғайр аз ранҷу заҳмат, дарду бало дигар чизеро надид. Худоё, яке аз исмҳои аъзаму бузургат Ғаффур аст. Умед аз он дорам, ки ҳамаи он гуноҳҳои

содиркардаашро авф намоию яке аз даричаҳои биҳиштро ба рӯяш бикшой. Охир, Сабур подоши мукофоти амалҳои зишташро дар ин дунёи букаламун (рангоранг) кашиду пушаймон гардида, тавбаи Насиҳо кард. Дигар барои ӯ дар ин дунёи кушоду паҳновар чой нест, Холиқо мағфираташ кун, омин!

Баъди адои дуо, каме чой нӯшидаму ба мошин савор шуда, ба аёдати Сабур равон шудам. Дар роҳ худ ба худ меандешидам, ки ба ӯ чӣ гӯям ва ӯро ба куҷо барам?

Дар даромадгоҳи парваришгоҳ маро сардор пешвоз гирифта, гамгинона гуфт:

- Бародари азиз, бемори овардаат вафот кард.

Ҳамроҳи сардор вориди ҳуҷраи Сабур шудем. Духтурон ҷасади ӯро дар сони сафеде печонда, манахашро ба тори сар баста буданд. Лекин аз кунҷи лабонаш хуни сурх ҷорӣ шуда, хушкида буд. Сардор рӯймолчаи бастаеро ба ман дароз карда гуфт:

- Ин рӯймолчаро аз таги болинаш ёфтем, ӯ қарибиҳои соати панҷи субҳ ногаҳон вафот кард.

Рӯймолчаи бастаро дар иштироки сардор кушодам, дар он як порча нони хушку ду қоғази номашакл печонида шуда буд. Яке аз қоғазҳо кӯҳна буду дигараш сафеди тоза. Номаи кӯҳнаро кушода, дуру дароз мутоила кардам, ин ҳамон номаи навиштаи бобои Собир буд, ки пеш аз маргаш ба писари беному нишон гумшудааш Сабур навишта буд. Номаро қат кардаму номаи нав навиштаро кушода хондам, ки дар рӯи нома чунин сатрҳо иншо гардида буд:

«Эй инсон, эй фарзанди одам, ба ҳурмати Худои бузург дар ҳаққи мани бадбахт, як некӣ кун. Агар ҳамин ду нома ба дастат афтад, албатта, бурда дар деҳаи Навобод, ба дасти акои Ҳабибуллоҳ деҳ ва он гоҳ рӯҳи ман шод мешавад».

Номаро кушодаму сатрҳои дохили онро хондам, ки чунин навишта шуда буд:

«Ҳазорон-ҳазор раҳмати Худованд бар Шумо бод, эй акои қиёматӣ Ҳабибуллоҳ ва эй янгаи гамхор Мӯниса!

Илоҳо, монанди шумо инсонҳои комилро Худованд дар рӯи замин бисёртар кунад, ки дасти бечорагону дардмандон, корафтодагону ятимонро бигиранд. Шумо ҳамсоя не, падару модари манед ва аз ҳама сиру асрори ману падарам, хонадонамон

огоҳед. Аз ҳамин сабаб, пас аз марг ҳам умедамро ба шумо мебандам. Умед дорам, ки баъди ба камол расидани Эркину Юлдуз, ин номаҳоро ба онҳо мерасонеду саргузашти талхи ману падарамро ба онҳо саросар нақл мекунед, то ки қисмати талх дар авлоди мо меросӣ нагардад. Ман афюн хӯрда, худкушӣ мекунам.

Акои Ҳабибуллоҳ, дунёи кушод барои ман тангӣ кард. Дар ин олами паҳновар барои мани бадбахт ҷой нест. Бемории ман хавфноки гузаранда аст. Аз ҳамин сабаб намехоҳам, ки инсони дигареро бадбахт кунам ва дар куҷо зистан, бо кӣ зистанро намедонам. Ҳама аз ман ҳазар мекунанд ва аз ман дурӣ ҷуста фирор менамоянд. Барои ману ҷамъият ва атрофиён маргам шараф аст, зеро ки худам аз азоби алим халос мешаваму атрофиён аз ману беморияи дигар намеҳаросанд. Ҳабибуллоҳ, агар фарзандонам аз шумо пурсанд, ки падарам чи гуна кас буд, бигӯй, ки мурғе нахуфта дар қафас буд».

**Бикӯшед то ранҷҳо кам кунед,**
**Дили ғамгинон шоду беғам кунед.**

**Маро марг беҳтар аз ии зиндагӣ,**
**Ки солор бошам кунам бандагӣ.**

**Ҷаҳои саргузашт аст аз ҳар касе,**
**Чунин гуногун бозӣ орад басе.**

**Ҳар кас ки зод ӯ зи модар бимурд,**
**Зи дасти аҷал ҳеҷ кас ҷон набурд.**
***(Фирдавсӣ)***

Баъди номаро ба пуррагӣ қироат намуданам, онро ба рӯймолча печонида дар ҷайбам пинҳон кардам.

Аз бозор суфи сафед харида, бо ёрии чор нафар пирамарди бепарастор кафан тайёр намудем ва ҷасади Сабурро дар гӯристони теппаи Қирғизон (Роҳатӣ) гӯрондем. Баъди хатми сураи «Мулк» мулло ба атрофиён, ки ҳамагӣ ҳафт нафар буданд, чун анъана савол дода пурсид:

- Худораҳматии Сабури ғарибаки бесоҳиб чӣ гуна одам буд?

Дар сари қабр будагон ба ҳам нигариста, ба саволи мулло ҷавоб дода натавонистанд ва сар ҷунбонда, китф дар ҳам кушода, пароканда шуданд.

Аз сабабе, ки мулло ба саволи анъанавии худ ҷавоб наёфт, зери лаб ғур-ғур карда гуфт:

- Мардумон мегӯянд, ки ин ҷавони бадбахт дили падарашро шикаста будааст, яъне зидди хоҳиши падар амал карда, ба ин ахволи бад гирифтор шудааст.

**Маро ба дили фигор мапурс ҳеҷ,**
**Аз қолаби бемадор мапурс ҳеҷ.**
**Умрам ба сар омад аз ғами танҳоӣ,**
**Эй шоҳиди гулузор мапурс ҳеҷ.**
**Ёре ки ҷафо кунад, аз он ёр чӣ суд?!**
**Гар ҳур бувад — бувад ситамгор чӣ суд?!**
**Умре нотвон дар ӯ накӯкорӣ кард,**
**3 -он умри дарози нозовар чӣ суд?!**

Роҳи деҳаи Навободро пеш гирифтам, ёдгории Сабури нокомро мувофиқи васияташ, ки аз як пора нони хушке, ки осору изи дандонҳояш дар вақти газида хӯрдан дар он нақш баста буд, ҳамроҳи ду номаю 7 сӯм пули садақа кардаи худам ба акои Ҳабибуллоҳ дода гуфтам:

- Эй инсони хуб, ҳамсояи нагзи беҳ аз хеши дури бобои Собири шикастадилу Сабури ноком. Ин сарвату ёдгории ӯро ба фарзандонаш Эркину Юлдуз расону аз аҳволу саргузашти бобою падарашон қиссаҳо кун.

**Чашмам зи ғамат ҳамеша хун мегиряд,**
**3-андозаи хештан бурун мегиряд.**
**Бар чашмаи дил чу чашми ман об намонд,**
**Гардида тиҳиву сарнагун мегиряд.**

# ХОСИЯТИ САБРУ ХОКСОРӢ

Ҳазрати рисолатпаноҳ Муҳаммад Мустафо (с) рӯзе ба назди хеш Ҳазрати Алӣ (к)-ро талаб фармуда мегӯяд:

- Ё Алӣ, дар дунё аломатҳои инсонҳои мӯъмин, мунофиқ, золим, ҳосид, оқил, некбахт ва бадбахтро аз рӯи амалҳояшон мефаҳмед?

Он Ҳазрат салаллоҳу алайи васаллам мегӯяд:

- Мӯъминро се аломат аст: аввал он ки намозро ба вақт ва бо тамоми фарзиятҳояш бигузорад, дуввум он ки рӯзаи моҳи рамазонро дораду фидияашро адо намояд, саввум закоти молро бекаму костӣ диҳад.

Мунофиқонро се аломат аст: аввал он, ки сухан гӯянд, дурӯғ гӯянд, дуввум он, ки ваъда кунанд, хилоф кунанд, саввум он, ки дар амонат хиёнат кунанд.

Золимро се аломат аст: аввал он ки зердастонро биранҷонанд, дуввум дар ҳаққи зердастон гамхорӣ накунанд, саввум моли мардумро ноҳақ бихӯранд, бок надоранд.

Ҳосид (ҳасуд)-ро низ се аломат аст: аввал он ки дар ҳузури ту хушомадгӯйй кунанд, дуввум дар гоиби ту ғайбат кунанд, саввум, агар касеро мусибате расад, шодмон бошанд.

Оқилро се аломат аст: аввал он ки дунё ва сарвати онро хор дорад, яъне молу сарвати дунёро дар рохи Худо сарф кунад, дуввум он ки таҳаммул кунад бар ҷабру ҷафои дунё (сабру тоқат), саввум он ки бар сахтиҳои рӯзгор собир бошад.

Ҷавонмардро низ се аломат бувад: авф кунад он ҷо ки бар хашм қодир бошад, ба вақти тоат собир бошад, таъкид накунад, ба тартиб гузораду хаёлпарешон накунад, меҳмон, ахли илм ва китобро дӯст дорад.

Некмардии сахиро низ се аломат бувад: олимону ятимон ва мӯҳтоҷонро дӯст дошта, кӯмаку ёрӣ расонад, молу сарвати худро баҳри манфиати халқу меҳани хеш сарф намояд, бар саховати кардаи хеш назар накунад ва онро ба ёд наоварад.

Ҳазрати пайғамбар (с) мефармояд: ***ъуламоу уматиика аньиёи бани Исроил ,олимону орифони уммати ман ҳамчун пайғамбарони бани Исроиланд,*** яъне кадоме, ки олимону орифон, яъне авлиюллоҳоро дуст дорад ва дар ҳаққи эшон кӯмаку ғамхорӣ кунад,

гӯйё дар ҳаққи пайғамбарон карда бошад.

## ИНСОНҲОИ ХОКӢ

Сокини деҳаи Деҳқонободи ҷамоати деҳоти Қаросуи ноҳияи Ваҳдат эшони Абдуллоҳ Давлатзодаи 77-сола, ҳамчун инсони хоксор, 65 соли умри азизашро бо захмату меҳнати ҳалоли коргарию деҳқонӣ гузаронидааст. Ӯ то ба имрӯз аз ҳисоби обилаи кафи даст араҷи ҷабин резонда, ризқу рӯзии худ ва аҳли оилаашро ба даст меорад. Дар симои ин марди рустамсурату саъдисират, хислатҳои беҳтарини инсони комилро, аз қабили хоксорию ҳалимӣ ва собирию сахигиро ба тезӣ кашф кардан мумкин аст.

Бобою падари бузургвори Эшони Абдуллох, яъне Шайх Акобирхочаю Эшони Назруллоҳ, яке аз муриду шогирд ва ақрабои олим ва орифи бузург Шайх Абдураҳими Давлат, писархолаи Ҳазрати Мавлавӣ Халифа Муҳаммадсолеҳ буданд. Шайх Акобирхоҷаю Эшони Назруллоҳ инсонҳои орифу фозил, доимо дар зикру фикри Офаридагор буданду ба мардум манфиат меоварданд. Тӯфони балои азими бадаргаю «тройка» ин инсонҳои бузургро низ хеле сарсону саргардон кард. Ҳазрати Мавлавӣ ба писархолаи худ Шайх Абдураҳими Давлат соли 1936 дар деҳаи Сурхиён панд дода гуфта буд:

- «Орифу олим, набояд аз бало тарсад, ин бадаргаю «тройка» ба мою шумо осебе расонда наметавонад, ба шарте ки ҳамчун товуси орифон Ҳазрати Султон Боязиди Бастомӣ, ман-манӣ, ҳастии хешро дар берун монем, хамаи мо чун инсони хокии хокшуда, ба даргоҳи Иззати Зул Ҷалол қадам монем, иншоаллоҳ ноумед нахоҳем шуд, ӯ Ғафур асту даргоҳи раҳмат беканор».

Аз ҳамон рӯз Ҳазрати Шайх аз Сурхиён ба деҳаи Элок бармегардаду, ҳамчун Шайхи хокӣ, то ба охири умр дигар ба ҷое фирор намекунад ва 12 дафтари маснавиҳои ирфонии худро дар ин айём иншо карда, ба анчом мерасонад.

Эшони Абдуллоҳро Худованд се нафар писару як духтари солеҳу ботақво ато фармуд. Убайдуллоҳ, Рӯҳуллоҳ, Ҳабибуллоҳ ва Шамсия дар айни хол дар хизмати падари бузургворашон мебошанд. Хусусан, фарзанди бузурги Эшони Абдуллох, акои Убарщуллоҳи Давлат (Давлатов) инсони бомаърифатест, ки аз

асосҳои илмҳои динию дунявӣ пурра бохабар мебошад. У дар асоси панду насихатҳои ниёгони бузурги хеш, яъне Ҳазрати Мавлавию Шайхи бузургвор Абдураҳими Давлат амал намуда, ба комёбиҳои бузургу беназири илмию меҳнатӣ ноил гардидааст. Ӯро кулли мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қалби софу пок, ҳақу ҳақпарастияш мешиносанд ва хурматаш мекунанд, зеро ки ӯ ба доди мардуми азияткашида дар асоси қонунҳои мавҷудаи амалкунанда, ки аз тарафи халқу Президенти хирадмандамон эътироф шуда мерасад, ҳукми одилона мебарорад. Ба қавли Фирдавсии бузург, дар айни ҳол ӯ хамчун шоҳсутуни қалъаи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо дар мустаҳкаму пайбарҷо будани қонуну хуқуқ ва муҳофизати иқтисодиёти ватани азиз саҳми босазои хешро мегузорад. Худованди бузург ба ӯ ду нафар писару се нафар духтари хубу нозанинро насиб гардонид. Нахуст фарзанди азизу дӯстдораш Абдулхолиқи 26-солаи соҳиби ду нафар тифлакони масъум, қурбони фитнаи душманони мансабталаб гардид.

Охир, душманони халқи тоҷик, чӣ тавре ки шоҳсутунҳои миллатро шикастанию чароғони равшани онро хомӯш карданӣ буданд, ба мақсадҳои нопокашон нарасиданд. Он хабисон гарчанде ки марҳумон Нурулло Ҳувайдуллоев, Юсуфхон Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов ва даҳхо дигаронро аз байни мо бурда бошанд хам, рӯҳи бузургу поки Исмоили Сомонию рӯҳияю иродаи қавии халқу сарвари он Президенти мамлакатро шикаста натавонистанд.

Душманон мехостанд ва гумон доштанд, ки бо рохи аз миён бурдани фарзанди ҷигарбанд Абдулхолиқҷони ноком камари акои Убайдуллоро чун Рустами достон дар гами Сӯхроби ҷавонмарг мешикананд. Лекин онҳо хато карданд ва намедонистанд, ки дар паси ин инсони комил рӯҳи поки ду авлиёи бузург, ҳамчун муҳофизу нигоҳдоранда истодааст, Душманон қувваю нерӯ ва иродаи мустаҳками Убайдуллоро шикаста натавонистанд, зеро ки ӯ худ иқрор шуда мегӯяд:

- Пандҳои он авлиёҳои бузургро падарам борхо ёдоварӣ карда, мегуфт: Пайёмбари гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад (с) мефармояд: «Эй оқилон, ҳақ бошед, бо ҳақон бошед ва ҳақпараст бошед, зеро ки исми бузурги Офаридагор низ «Ҳақ» аст, пас аз ҳосиду золим ва

мунофиқои наҳаросед ва баҳри кори ҳақ мубориза баред, ки Ҳақ ва рӯҳи мап ҳам бо шумост. Таҳаммул кунед, бар ҷафои дупё, яъне сабр кунеду собир бошед, дар рӯзҳои кушоду сахтӣ рӯҳи поки апбиёю авлиёро шофеъи (кафил) хеш биёреду ба даргоҳи Худовапди мушкилкушо муиоҷот памуда, мадад хоҳед, ипшоаллоҳ мушкилатон осону душманони сабъатон ба дарду балои азиму маризҳои бедаво гирифтор шуда фано мегарданд».

Дар ҳақиқат, иҷрои ин гуфтаҳои болоро дар амал борхо дидам, ки душманонам ба балою дардҳои бедавое гирифтор шуда, аз ман дур гаштанд. Ба касе душманӣ надорам ва душманиро бар инсоне раво намебинам, чунки дар ин дунё на дӯсти ман мемонаду на душмани ту, пас чаро бар фарде рақибӣ варзам?! Агар рафту ногаҳон рақибе пайдо шуд, бар вай сару коре надорам ва ҳеҷ гоҳ бар вай душманӣ ҳам намеварзам, дӯсташ мехонам, борҳо азизаш медорам ва гар илоҷе нашуд, пас ҳаволаашро бар Худою рӯҳи поки анбиёю авлиё мекунам, ки худ эшон чораашро бубинанд.

Ин ҷавонмарди шарифу фарҳангӣ дар айни замон вазифаи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳдаи хеш дорад. Ба замми корҳои ниҳоят муҳиму масъулиятноки давлатӣ акои Убайдуллох ҳамчун авлодони орифони бузург, инсони комил, ихлосманду дӯстдори назму насри ҷаҳонгири форсу точик буда, дар асоси пандҳои олимону орифони бузурги миллат зиндагиро ба роҳ мондааст. Ҷамъияти имрӯзаи мо ба чунин ҷавонмардони шарифу асили кордон, хирадманди давру замон ниёз дорад.

Эшони Абдуллоҳ шукри Худои бузургро аз он дорад, ки Офаридагор ба ӯ чунин фарзандони бомаърифати манфиатрасони халқу ватанро насиб гардонидааст. Охир, ӯ анбиёю авлиёҳоро дӯст медорад.

**Авлиёро ҳар ки гардад дӯстдор,**
**Раҳмат ояд бар вай аз Парвардигор.**
**3-он ки онҳо марҳамони даргаҳанд,**
**В-аз рамузи ваҳдати Ҳақ огаҳанд.**
**Қалбашон мироти осмони сифот,**
**Ҷонашон мустағрақ андар баҳри он.**

Пирамарде, дар бораи сабру таҳаммул ва хоксории Эшони

Абдуллоҳ нақл карда гуфт:

- Рӯзе шахси ҷоҳиле барои андак кор, бесабаб Эшони Абдуллоҳ ва авлоду аҷдоди эшонро дашномҳои қабеҳ дод. Эшони Абдуллоҳ бошад сабрро пешаи хеш қарор дода, то ба охир сукут варзида, дар охир гуфт:

- Агар гуноҳе аз банда содир нашуда бошад, ба ивази дашномҳоят ҳаволаатро ба Худои Ҳақ субҳона ва таъало мекунам. Аз ин мочаро ним соат нагузашта буд, ки аз хонаи ҳамсоя оҳу нола ва фигон ба осмон печид. Мо як гурӯҳ мардон бо шитоб вориди хонаи он марди дашномгар шуда, лаҳзаи аҷойибу вахмангезеро дида хайрон мондем. Он шахс дар даромадгоҳи ҳавлияш, як пой аз дарвоза даруну пойи дигар беруни он рӯй ба сӯи осмон хоб аст. Як тарафи баданаш сип-сиёҳ ва карахт шуда, забонаш аз даҳонаш баромада, чашмонаш суп-сурх шуда, калонкалон кушода ва оби ҳасрат дар чашмонаш хона карда аз рухсорааш равон буд. Монанди хайвони дамгиршуда ҳурҳур мекарду халос. Асояш бошад, дар дасташ шах шуда, онро рахо карда намешуд. Он мард, ки як тарафи баданаш дар ҳаракат буд, бо ишора маро фаҳмонд, ки Эшони Абдуллохро ба наздаш чеғ занем. Ман ба назди Эшон рафта, аз воқеъа ӯро огоҳ кардаму дар охир ризояш кунонда, ба аёдати он бемор омадем. Эшони Абдуллоҳ аз дар даромадан замон, дилаш ба ҳоли зори он кас сӯхт:

- Акои Аҳмад (ном пардапӯш омадааст), ман махлуқам, хокам, хокиям, ту дар назди Офаридагорат тавба куну аз рӯҳи поки анбиёю авлиё мадад пурс. Агар дар ҳаққи ман чӣ дашномҳое дода бошӣ, онро бахшидам. Дар баробари бахшидани гуноҳаш он шахс, яку якбора ларзиду асо аз дасташ хато хӯрд ва ҷонро ба даргоҳи Ҷаббор супорид.

Росташро гӯям, пас аз ин ҳодиса аз даму нафас ва авлоду аҷдодони Эшони Абдуллоҳ метарсидем, дигар ба ӯ ягон сухани носазоро раво намедидем.

Эшони Абдуллоҳ нақл карда мегуфт:

- Соли 1974 дар рӯйю лабонам захме пайдо шуд. Чандин моҳҳо давою дармон кардам ва назди табибу духтурон рафтам, лекин шифо наёфтам. Рӯзе дар маросими ҷанозаи бандаи мӯъмине, дар деҳаи Туртуробод бо Эшони Махдуми Абдулқуддус (Даҳмарда)

вохӯрдам ва ин захмҳоро ба ӯ нишон додам. Он кас хокеро, ки аз оромгоҳи Ҳазрати Мавлавӣ бо худ нигоҳ медоштааст, гардеро бароварда, бар захмҳоям молида дуо кард. Шаб хоб карда, субҳи содиқ, баъди таҳорат худро дар оина нигоҳ карда дидам, ки аз он захмҳои дар лабу рӯй будаам осоре боқӣ нест. Ана ин будаст, кароматн авлиё, ки онро бо чашмони худ дидам.

Дар ин бора чӣ хуб гуфтааст Ҳазрати Хоҷа Ҳофиз:

**Онон, ки хокро ба назар кимиё кунанд,**
**Оё бувад, ки гӯшаи чаише ба мо кунанд?**
**Дардам нӯҳуфта беҳ зи табибони муддаӣ,**
**Бошад, ки аз хазонаи ғайбам даво кунанд.**

## МАВЛАВӢ МУҲАММАДСОЛЕҲ ВА ШАЙХ АБДУРАҲИМ

Ин ду олиму орифи бузург ба замми хеши наздик, писархола буданашон, чун Ҷомию Навоӣ дӯсту мададгори хамдигар буданд. Мавлавӣ аз Сурхиёну Шайх аз Элок ба чашми дил ҳамдигарро медиданду бо самъи қалб ҳамдигарро мешуниданд. Онҳо чун қутбу авлиёи замон аз олами сирру асрори қалби ҳамдигар доимо бохабар буда, саросари ҷаҳонро чун дар оинаи дил тамошо карда, бо ҳам гуфтугӯ мекарданд. Дар қалби ориф (валӣ, авлиё) асрори ғайбулғайб ҷой дорад, ки ҷаҳон дар пешаш монанди табақи себ ҳаст ва эшон мебинад, ки дар он табақ чанд дона себи пухтаю чанд дона себи хом мавҷуд аст. Шайх Абдурахими Давлат соли 1881 ба олам омада, соли 1947 тарки дунё мекунад.

Аз ин Шайхи бузург 12 асар боқӣ мондааст, ки бештар ҷанбаҳои ахлоқӣ-тарбиявӣ, динию ирфонӣ, маърифатию худшиносӣ, худогоҳу худошиносӣ доранд. Аксари шуарои ориф даъвои шоирӣ надоштанд ва он афкореро, ки дар ҳолатҳои гуногуни ирфонӣ дар қолаби шеър ифода намудаанд, эшон эътирози қалбӣ хондаанд, на шеър.

Чунончӣ, дар ин бора Шайх Аттори Валӣ мегӯяд:

**Ту махонаш шеър, агар хонандаӣ,**
**Роҳ ба маънӣ бар, агар донандаӣ.**
**Гар тафовут бошад андак нақлро,**
**Каж наёяд марди соҳибақлро.**

Мавлавӣ низ ба ин маънӣ гуфтааст:

**Қофия андешаму дилдори ман,**
**Гӯядам м-андеш ҷуз дидори ман.**

Дар бораи вохӯрию кароматҳои ин ду орифи бузургвор садхо ёддошту нақл ва хикояю ривоятҳо дар байни мардум маъруфу машҳур аст, ки шаходати бузургии эшонанд.

Гулчинеро аз ғазалиёти Шайх Абдурахим манзури хонандаи маънифаҳми закитабъ мегардонем.

## НУРИ ХУДО ВА СИРРУ АСРОРИ ДУНЁ АЗ ДИЛИ ОРИФ

Биё, зоҳид бубин нури таҷаллӣ аз дили ориф,
Шавӣ масти лиқои нури ваҳдат аз дили ориф.
Чӣ донӣ, масти хоби ғафлатӣ, аз хоби худ бархез,
Бубин фаввораи нури таҷаллӣ аз дили ориф.
Ба ҳар кас «ли маъаллоҳ» кай шавад ин ҷо муяссар, дон
Магар лутфи азал акси ҳувайдо аз дили ориф.
Ду олам дар дарунаш гашта гум асрори пинҳонӣ,
Надорад интиҳое сирру асрори дили ориф.
Тамошои ҷаҳонро сар ба сар оинавор ин ҷо,
Ҳама олам тамошояш, ҳама бин дар дили ориф.
Надорад илтифоти мосиво аз ҳуру ҷанноташ,
Надорад ҷуз лиқои ӯ тамошои дили ориф.
Ба қалби орифон асрори ғайбулғайб ҳамебошад,
Ба дафтар, дон, намегунҷад чу асрори дили ориф.
Нагардад ҳаргиз аз ёддошти исми зот давоматҳо,
Расад ҳарчанд ҳаводисҳои олам дар дили ориф.
Раҳи ин ошён натвон ба зӯҳду тоат тай кардан,
Магар бахти азал тобад ҳувайдо аз дили ориф.
Ман инро дидаам аз лутфи эзид сонеъи ақдас,
Шавад ҳал уқдаи мушкил зи имои дили ориф.
Ҳазорон сирри пинҳонӣ ба ту аз шохи шохяхсӣ,
Яқин, Абдураҳим, сар зад зи имои дили ориф.

## УМР ЗОЕЪ КАРДАИ АЗ БАҲРИ НАФСАТ, ВО ДАРЕҒ

Чашми ибрат сӯи он ҷонон накардӣ, во дареғ,
Умри худ кардӣ талаф, дармон накардӣ. во дареғ.
Офати ҷонат бидон ин нафси бадкомат бишуд,
Умр зоеъ кардаӣ аз баҳри нафсат, во дареғ.
Як дам аз баҳри риёзат санг набастӣ дар миён,
Чун уруҷ дар олами боло накардӣ, во дареғ.
Аз насими бодаи ишқаш нахӯрдӣ, эй ҷавон,
Умри худ сарфи ишқи ӯ накардӣ, во дареғ.
Аз таҷаллий нури барқӣ баҳрае қалбат наёфт,
Саъй баҳри нури зоти Ҳақ накардӣ, во дареғ.
Бодаи шавқаш ба дил ҷой накардӣ, эй писар,
Чӯби хушк андар матар саъйе накардӣ, во дареғ.
Аз паи нафси хаво гаштӣ давом, эй бехабар,
Умри худро сарфи он маҳваш накардӣ, во дареғ.
Аз паи оби ҳаёт як дам нагаштӣ ташналаб,
Ташнаи оби ҳаёт ҷӯён нагаштӣ, во дареғ.
Офати ҷони ту, эй Абдураҳим, ин нафси ту,
Умри худ андар риёзат сарф накардӣ, во дареғ.

## ТАВАҶҶӮҲИ ВАЛӢ

Мулло Шоҳ ва Мулло Солеҳи Лошхарфӣ ёдоварӣ карда мегӯянд, ки соли 1937 дар деҳаи Элок меҳмон будем. Дар сар то сари деҳа овоза паҳн шудт, ки Ҳазрати Шайх Абдурахим, Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ, яъне Домуллои Сурхиёнро барои пешвоз гирифтани ҷашни мавлуди Пайғамбари Худо Ҳазрати Муҳаммад (с) ба деҳаи Элок даъват намудааст. Аз ин муждаи нек, хурсандии мардум ҳадду канор надошт, зеро ки мардум муштоки дидори муборaки ин ду орифи бузург буданд, ки аз сӯҳбату кароматҳои онҳо баҳраҳои рӯҳию маънавӣ бигиранд.

Посе аз шаб гузашта буд. Баъди хондани мавлуду фикру зикр мардуми деҳа, тарки масҷид карда, пароканда шуда, ба хонаҳои худ рафтанд. Мо ду нафар мусофир дар кунҷи масҷид нишаста, ба зикру фикри ин ду бузургвор бо тахайюр менигаристем.

Онҳо баъди ҳар ним соат ду ракъат намоз гузошта, баъди он

зону ба зону дар муқобили ҳамдигар нишаста, исмҳои «Аъзам»-и Аллоҳ Таъолоро такрор карда, зикр мекарданд.

Аз ин кори онҳо хоб аз сари мо кайҳо парида буд ва ҳайрон ба рафтору кирдори эшон назора мекардем. Тамоми шаб бо ин усул гузашт. Субҳ наздик мешуд, оҳиста-оҳиста исми аъзами «Аллоҳу Самад» ба самъамон мерасид. Ногаҳон замину осмон дар ларза даромад, гӯйё фаршу девор ва сутуну боми хонақоҳ ба ракс даромада буд, ки меларзид. Аз ин ларзиш чарақ-чарақ бому деворҳо садо мебароварданду «Аллоҳу Самад» мегуфтанд ва нури равшани тиллоранге гоҳ хонақоҳро чун рӯз равшан мекард. Кам-кам хок ҳам ба болои мо меборид. Шамоли сахте вазид, ки гӯё дарахтонро бо решааш чаппа мекард. Ногаҳон яку якбора чор дари масҷид кушода шуду накҳати форами гули садбарг ба машомамон расид ва чароғ хомӯш гардид. Пас аз ним дақиқа нури равшане чун нури хуршед, дохили масҷид гардида, онро чун рӯз равшан кард. Он ду валии бузургро дидем, ки дар Киштии Нӯҳ нишаста, дар баҳри азиму беканори кабуд шино мекарданд. Мо, мусофирон аз тарсу даҳшат ҳамдигарро ба огӯш кашида, бе ихтиёр исми бузурги «Аллоҳу Самад» дар забонамон ҷорӣ ва пайдо шуду баланд садо карда, аз паси онҳо такрор мекардем. Аз тарс буд ё сабаби дигар ва ё сирру асрори қалби авлиё буд, ки аз ёд беёд шудем ва хобамон бурд. Баъди панҷ дақиқа садои Шайх ба гӯш мерасид, ки мегуфт:

- Ҳой меҳмонони азиз, субҳ дамид, бедории шабҳо ку?! Ва ин ғазалро мехонд:

Гар ошиқи рухсорӣ, бедории шабҳо ку,
Дар зикри Худо бошӣ, он хилвати шабҳо ку.
Чун дӯст зи ҳар ашё дорад назаре бо ту,
Дар машриқу дар мағриб огоҳии дилҳо ку.
Ҳар чиз агар хоҳӣ, аз лутф расонад ӯ,
Ту боз намегӯйи он холики ашё ку.
Ҳам холиқу хам розиқ ризқи ту диҳад ҳар дам,
Аз дидаи кӯр калби он розиқи ашё ку.
Бисёр гунах дорӣ, аз хавф наметарсӣ,
Аз тарси азоби гӯр бедории шабҳо ку.
Гар гӯӣ ту, ё Аллоҳ, Аллоҳ лаббайк гӯяд,

Ин банданавозиҳо ҷуз ҳазрати ӯро ку.
Чун раҳм бикун бар худ, аз хавфи Худо матарс,
Аз тарси азоби ӯ нолидани рӯзҳо ку.
Бинанда, шунаванда ҷуз ҳазрати вайро нест,
Бе самъ, чӣ бебасар чуз ҳазрати вайро ку.
Ӯ аввалу ӯ охир, ӯ зоҳиру ӯ ботин,
Аз ғайри Худо инхо дар ҷумлаи ашё ку.
Аз гояти пайдой пинҳон зи чашми мо,
Эҳсони варо мебин, ин ғайри Худоро ку.
Эй дӯст, ту дастгирӣ, дастам ту бигир аз лутф,
Ин Абдурраҳим оҷиз ҳамду саноро ку.

Баъди то ба поён қироат намудани ин ғазал, мо ҳаросон аз ҷой бархеста, ба атроф хайрон-ҳайрон менигаристем, дар болои ҷойнамозҳо осоре аз чангу хоки рехта набуд, ки панҷ дақиқа пеш мо бо чашмони худ ходисаеро дида будем, ки аз тасвири пуррааш забон оҷизӣ мекунаду ақл дар ҳайрат мемонад. Бо шитоб вузӯъ сохта намози бомдодро аз паси хазрати Мавлавӣ адо намуда, ба ваҷд омада, дастони муборaки дӯстони Худоро бӯсида, ба дидагон молида, дергоҳ гиристем. Ба дил мегуфтем: «Умри худ беҳуда дар талаби дунё, бахри нафси куфри саркаш сарф кардему дар роҳи Ҳақ нахондем. Дареғо, воқиф нестем аз сирру асрори ишқи Ҳақ, мо мардумони ом (бесавод) чӣ донем, аз қалби орифони ойнадили оташиннафас»?!

Мулло Шоҳ ва Мулло Солеҳ то ба охири умр ин вохӯрии ду орифи бузургро ёдоварӣ карда, ғазалҳои Шайхро хонда мегиристанд.

## НОДОНӢ ЧИСТ ИН ҶО ҲОСИЛИ УМР

Зи ҳолам нест ҳар бегона воқиф,
На шамъ аз ҳоли он парвона воқиф.
Надонад ҳоли манро мардуми ом,
Зи роҳи мо куҷо гарданд воқиф.
Ҷаҳон афсонае донӣ ҳаёташ,
Зи ин афсона кай гардӣ ту воқиф.
Надонӣ чист ин ҷо хосили умр,

Ҷазои Хайру Шарр кай гардӣ воқиф.
Надомат кун, пушаймонӣ зи исён,
Зи авфу раҳматаш кай гардӣ воқиф.
Бувад фоили мухтор зоти бечун,
Надонӣ ҳукми ӯ кай гардӣ воқиф.
Бикун, Абдурахим, ту аҷзу зорӣ,
Зи қахри ӯ куҷо гардӣ ту воқиф.

## САД ДАРЕҒ ИН УМР БЕҲУДА БИРАФТ

Оҳи ҳасрат аз ду чашмам ҷӯи селоб меравад,
Оҳи пурдард аз дилам ҳар лаҳза сӯзон меравад.
Сад дареғ, ин умр беҳуда бирафт дар гуфтугӯ,
Во дареғо, вақти мурдан ашки ҳасрат меравад.
Дар миёни обу гил гаштем ғафлат аз Худо,
Вақти мурдан оби ҳасрат аз ду чашмам меравад.
Ман надонам ғайри зоти ту дигар дастгир нест,
Ҳар замон дорам надомат, ақл ҳайрон меравад.
Мардумон доранд таманнои зану фарзанд ба худ,
Аз барои ин зану фарзанд ба ғафлат мераванд.
Ман дар ин дахри мугайяр хуни дил хӯрда мудом,
Аз барои ишқи ӯ аз дил хуноб меравад.
Эй карими бандапарвар, даст гир дармондагон,
Ҳар замон ин нафси бад аз рох бе роҳ меравад.
Нест моро ғайри зоти ту панох дар хар ду кавн.
Аз барои ишқи ту ин дил ба нолон меравад.
Гаштаӣ, Абдурраҳим, дар ин замон ғарқи гуноҳ.
Аз барои авфи ҷурмам дил чӣ гирён меравад.

Дар ин ҷаҳон ҳар ки омад, онро тарк гуфт ва роҳи ҷаҳони дигарро пеш гирифт, яъне пас аз сар бурдани умри худ водии хатарноки маргро тай намуд ва ба Барзах расид, ки дар он ҷо ҳам ранҷ ва ҳам азоб аст ва роҳату оромӣ. Худованди таъоло дар зиндагӣ аввал фурсати анҷом додани корҳои хубу бадро ато фармуд ва бо нишон додани рохи рост инсонро дар марзаи озмоиш қарор дод.

## ВОИЗОНИ ДАРГОҲИ ҲАҚ

**Бигзор эй ғофил, зи зикри ину он,**
**Зикри Ҳақ кун то бимонӣ ҷовидон.**
**Фазкуруни амри зикрашро шунав,**
**Зикр кун, ёбӣ ҳаёти ҷовидон.**
***(Шайх Абдураҳим).***

Ҳазрати Мавлавӣ дар пандҳои ҷовидонаи хеш ёдрас карда мегӯяд:

- «Орифону олимон, ки онҳо маҳрамони даргоҳи Ҳаққанд, аз балоҳои заминию осмонӣ ҳарос надоранд, агарчӣ аз дасти ин балоҳо азобу шиканҷаи сангинеро кашанд ҳам, фикру зикр ва ҳама таваҷҷӯҳи рӯҳи эшон ба даргоҳи Зул Ҷалол банд аст. Аз ин рӯ, Худованд дӯстонашро дар зери пардаи исмати хеш нигоҳ медорад. Агарчӣ душман ба ҷисму ҷони онҳо дарду ранҷ оварад ҳам, рӯҳи баркамолу имони комили қалбашонро шикаста наметвонанд, баръакс, рӯҳу имон қавию мақому мартабаашон зинае боло рафта, чун гаввосони бахри маърифат аз сирру асрори илми тавҳид бохабартар мегарданд».

Нахустин фарзанди Ҳазрати Мавлавӣ Махдуми Аслам доимо таъкид карда мегуфт:

- Аз падари бузургворам шунида будам, ки мегуфт:

- «Халифа Абдулкарими Пичефӣ марди обиду ориф, худодод ва сарчашмаи илму ирфони эшон аз «Шайхи Машриқ», «Қутби Аъзам», яъне Ҳазрати Шайх Абдулқодири Гелонӣ (силсилаи Қодирия) ибтидо гирифтааст. Аз ин марди обиди худодод насле ба олам меояд, ки ливобардорони илму фарҳанг ва дину оини мусулмонон мегарданд».

Дар ҳақиқат он гуфтаҳои падари бузургворамро пурра ва баръало кашф карда, бо боварии комил гуфта метавонам, ки он насли покнажоди гуфтаи Ҳазрати Мавлавӣ фидоии роҳи Ҳак, чароғи равшани дини мубини Йслом дар шаби тор ва рӯзи тӯфону бӯҳрони давру замон эшони Тӯраҷон (Муҳаммадрафиъ) ва фарзандони олиму воиз ва ботақвою бомаърифати ӯ мебошанд. Ҳеҷ кас худашро аз эшони Тӯраҷон боло нагирад, бо ӯ баҳсу мунозираро раво набинад ва ба эшон душманӣ наварзад, ки агар

парранда бошад болу параш месӯзад ва гар чарранда бошад ҳалқу нояш мехушкад».

Ин гуфтаҳои чадди бузургу тағои олими хоксорам ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ вақт аз ёдам фаромӯш намешавад. Банда низ гуфтаҳои ин бузургонро дар ҳаққи эшони Тӯраҷон тақвият дода гуфтаниям, ки дар айни замон, кам одамонеро ёфт кардан мумкин аст, ки дар мартабаи олими ҳақиқии илми дини Ҳақ, ҳамчун воизи оташинсухани нуктасанҷ ба эшони Нуриддинҷону эшони Акбарҷон ва эшони Маҳмудҷону дигар фарзандони эшони Тӯраҷон баробар шуда тавонанд.

Дар оянда намедонам, ки фарзандони мани бандаи гумроҳ дар ҳаққи авлодони минбаъдаи Ҳазрати Халифа Абдукарим, дар асоси пандҳою гуфтаҳои ҷовидонаи чадди бузургворам, яъне Домуллои Сурхиён чӣ мегуфта бошанд?

**Шавад дар ҳар замон аз лутфи Ҳақ чун роҳбар пайдо,**
**Ба ҳар асре шавад дар роҳи ишқаш хушҳунар пайдо.**
**Магӯ, ки ошиқон рафтанд, дигар ошиқ намебошад,**
**Ва ҳар асре ба лутфи зоти Ҳақ оишқ шавад пайдо.**

Дар замони тӯфони бадарғаю «тройка», яъне солҳои 1929-1939 ва минбаъда баъзе фардони хабиси кӯрдил ва дур аз ҷаҳони илму маърифати инсонӣ, дар ниқоби ҳизби коммунист ва дигар аъзоёни Ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ зуҳур карда, бар зидди ҷаҳони илму фарҳанг ва одамони сарватманд муборизаи беамон бурда, сарфи назар ба миллату нажод ва дину мазҳаб, ҳазорон-ҳазор китобҳои нодири илмию динӣ, бадеию таърихиро сӯзонида ва даҳҳо ҳазор одамони зиёию бомаърифатро «душмани халқ» эълон карда, маҳв намуданд, ки таърих гувоҳ аст. Онҳо бо ин кори зишташон, чун лашкари шайтони раҷим бо нуфузу обрӯи ҳизби коммунист иснод оварда, решаи давлати абарқудрату ятимпарвари Шӯравиро пӯсониданд. Агар ин ҷоҳилон маданияту сарвати чандинҳазорсолаи динии мардуми Иттиҳоди Шӯравиро ҳимоя мекарданд, халқу Худо, ин давлати пуриқтидорро ҳомӣ хоҳад буд ва ҳеҷ гоҳ газанде намеёфт.

Охир, хуршеди нурафшонро, яъне дини Ҳақро бо дасту доман

пӯшонида намешавад. Дар ин замони басо тираниход Халифа Абдукаримро низ ба кишвари хунуку дурдасти Руссия бадарға намуданд. Шӯълаи нурҳои илму маърифат ва дину хиради ӯ дасту домани он кӯрдилонро сӯзонду рӯшноии худро ба рӯи муридону шогирдонаш арзонӣ дошт.

Ин боиси фахри миллати тоҷик аст, ки дар бадарға, дар маҳбас, дар кишвари бегона, миллатҳои гуногуни ғайри тоҷик аз қабили тоторҳо, нуқайҳо, ӯзбекҳо, бошқирду доғистонихо, шогирду муриди Халифа Абдукарими тоҷик шуданду дар назди вай таълим гирифта, самимона эътирофаш мекарданд. Ин шаҳодати бузургии илму фарҳанги худододӣ буд, ки аз даҳони аждари бадарга раҳо ёфта, саломат ба Ватани азиз бозгашт. Дар замони Шуравӣ, ки эшони Тӯраҷон дар ин давр ба воя расида буд, амри маъруф кардан мамнӯъ буд, вале ӯ мардумро ба роҳи рости Ҳақу ҳақпарастӣ даъват мекард. Охир, ӯ хамчун алиф рост буду рост мерафт ва мардумро дар роҳи худопарастию гуфтаҳои Паёмбари гиромӣ, дар асоси китоби бузурги осмонӣ, яъне «Қуръон»и азимушшаън, дифоъ дар роҳи Ҳақ ва ҷиҳод алайҳи ноҳақию ноадолатӣ ва куфру ҷаҳолат дар ҳар як ҷамъомаду маҳфил воизӣ мекарду имони мӯъминеро қавию чашми кӯрдилеро дар роҳи Ҳақ мекушод.

Ҷанги бемаъною ҷаҳолати бародаркушӣ, ки онро душманони дину миллати ориёинажоди куҳанбунёди тоҷик дар дохилу хориҷи кишвар барои маҳви миллат тарҳезӣ карда буданд, ба ҷисму ҷони ин марди фидоию орифи дилогоҳи даргоҳи Ҳақ, яъне эшони Тӯраҷон зарбаҳои ҳалокатовари бераҳмона зад. Ҷудоию оворагӣ, дурӣ аз Ватани азизу ёру дӯстони ғамхор, ки гаму дарди айёмро дар қалби пур аз имону покаш тавлид кард, қомати ҳамчун сарв росту зебои ӯро чун камон хаму нотавон гардонид. Ҷабру ҷафои замон даҳҳо сол пештар ӯро пир кард. Дӯстони Худо дар ҳар давру замон, шарбати ҷабру ҷафо, дарду гами дунёи фониро нӯшидаанд ва лек ним нафасе аз зикру фикри Офаридагори хеш ғофил намондаанд. Чи тавре ки Ҳазрати Юнус дар коми Наҳанг, Ҳазрати Аюб аз дарду ранҷи кирмҳо ва Масъуди Саъдӣ Салмон 27 сол дар ранҷу заҳмати зиндон дар фикру зикри Офаридагор будаанд, эшони Тӯраҷон низ ин рохи Ҳақро мардона тай менамуд.

**Балои сабъи дун бар анбиё шуд,**
**Пас аз эшон насиби авлиё шуд.**
**Ҷаҳон ҷои гудози дӯстон аст,**
**Зи дуниҳо ба душман бӯстон аст.**
**Надид Фиръавни кофар дарди сарро,**
**Надид Шаҳдодаш чашми тарро...**
**Бубин Ҷурҷисро ҳар рӯз куштан,**
**Халилуллоҳро дар байни гулхан.**
**Ҷигар хун шуд, Халил аз ҷаври Намруд,**
**Баҳри забҳи Валад шуд, амри Маъбуд.**
**Тани Аюб шуд тӯъма ба кирмон,**
**Сафед шуд чашми Яъқуб ба ҳиҷрон.**
**Хазон шуд, гулшани Юсуф ба зиндон,**
**Ба чоҳи Мисру ҳам дар чоҳи Канъон.**
**Юнусро дода ҷой дар батни моҳӣ,**
**Сулаймон шуд, ҷудо аз тахти шоҳӣ.**
**Ба фарқи Зикриёаш арра тез,**
**Ба ёди гардани Яъҳёст хунрез.**
**Муҳаммад (с)-ро шаҳид аз санг дандон,**
**Ҷафои кофари Буҷаҳл зиндон.**
**Ҳасан аз захр чу моҳ рафт дар меғ**
**Кашид бар Шоҳҳусайнаш Карбало тег.**
**Бигуфтам, борҳою боз гӯям,**
**Зи дил чун лола тоза доғ ҷӯям.**
**Муҳаббатпешагонро ранҷ ин аст,**
**Агар асрор донӣ, ганҷ ин аст.**
**Ки дун бар дӯстон ҷои гудоз аст,**
**Накӯкорон ба ҷаннат сарфароз аст...**

Ин дарду ранҷи ғарибию оворагихо гарчанде даҳҳо сол умри азизи ӯро кӯтоҳ кардаю пираш карда бошад хам, вале чароғи афрӯхтаи илму ирфонашро боз ҳам равшану мунаввартар гардонид.

Заҳмату шабзиндадориҳо ӯро ба мартабаи пирӣ, пири тариқат расонид, ки гӯё дар ҳаққаш пири рӯҳонияш Ҳазрати Мавлоно Ҷунунӣ чунин мегӯяд:

**Дар ғарибиҳо ба ҳам улфате пайдо нашуд,**
**Косаи ғам нӯш кардем, шарбате пайдо нашуд.**
**Ҳосили ғурбат чунин будааст, кардем имтиёз,**
**Ҷуз хуморӣ, хумори дӯстон улфате пайдо нашуд.**
**Лек дар ғурбат шавад ҳосил ба кас махзуни дил,**
**Дар ватан саркашию ғафлате пайдо нашуд.**
**Мекашам ин ранҷи ғурбат аз бари бӯи висол,**
**Ҳеҷ роҳат дар ҷаҳон бе меҳнат пайдо нашуд.**
**Шукри Лиллоҳ шуд, муяссар домони қутби замон,**
**Мисли ӯ як марди соҳибтинате пайдо нашуд.**
**Соқии файзест, баҳри толибони ташналаб,**
**Умр охир шуд, дареғо мӯҳлате пайдо нашуд.**
**Шуд, аз ои рӯзе, ки ташрифи қудумаш дар Ҳиҷоз,**
**Зи ӯ мунаввар шуд, бухор зулмате пайдо нашуд.**
**Эй, Ҷунунӣ, тутиё кун хоки пайи Ҳазратам,**
**Меравад аз дори дунё, фурсате пайдо нашуд.**

Натиҷаи заҳмату шабзиндадориҳояш буд, ки подоши онро Худованд дар сурату сирати фарзандони солиҳ ба эшон насиб гардонид.

Садои ҷозибадору қалбфатҳкунандаи эшони Нуриддинҷон дар намозҳои ҷумъа қалбҳои садҳо мардуми мусулмонро пур аз фараҳу имон гардонида,_онҳоро бо роҳи рост ва амалҳои хайр роҳнамоӣ мекунад. У дар асоси таълимоти «Қуръони маҷид» ва ҳадисҳои Пайёмбари гиромӣ Ҳазрати Муҳаммад (с) бо як лаҳни ширину гуворо нидо карда мегӯяд:

- Эй мусулмонон! Аз бадиҳо ва ваҳшигарихо худро дур доред, зеро ки ин амалҳои зишт калиди дӯзах аст, ин калид соҳибашро, албатта, ба дӯзах мебарад!

- Ба корҳои хубу нек одат намоед, зеро ки хубӣ калиди ҷаннат аст. Ҳар он кас, ки онро ба даст орад, ба даргоҳи «Ҷаннат-ул-маъво» роҳ меёбад!

- Ба ғарибон, ятимон, пирону камбагалон ва беморону мусибатзадагон меҳрубон бошед ва дасти ёрӣ дароз кунед, то ки Худованд аз файзи дуои эшон ба шумо ёру меҳрубон бошад. Ватани азиз, падару модар ва дину оини худро дӯст доред ва онҳоро чун

гавҳараки чашм, аз душманони бадандеш муҳофизат намоед!

- Эй мардум, муҳаббати Худоро дар қалбу забонатон ҷой диҳед, то ки эътиқоди комил дар ин роҳ пайдо шавад, чуноне ки Мавлоно Ҷунунӣ мефармояд:

**Талаб кун ҷоми май, то рӯҳ аз қалб бадар гардад,**
**Ки ҳаргоҳ ёди васлаш мекунам, комам шакар гардад.**
**Гирифторам бо талвинҳои оташи ишқаш,**

**Ки ҳар лаҳза шамопи ишқи ӯ тарзи дигар гардад.**
**Ба оҳи оташафшон гар гӯшаи боби майхона гуҳар гардад,**
**Касе, ки дард дорад, роҳати дунё наҷӯяд,**
**Ба ранги зард, оҳи сард, бо чашми тар гардад.**
**Бигирад бе муҳаббат гар касе домони илёсе,**
**Дусад соли дигар хизмат кунад, кай баҳравар гардад.**
**Биҷӯ пири мукаммал, эътиқоди кас шавад комил,**
**Намебинӣ Абӯҷаҳл аз Муҳаммад (с) бехабар гардад.**
**Ҷунунӣ илму ишқ омӯз то ба худ падар гардӣ,**
**Ки бечора падар ҳам, то ба кай гирди писар гардад.**

Тамаддуни исломӣ бузургтарин родмардони фарҳангӣ, донишмандони забардасти оламро ба миён овардааст, ки осору эҷоди онҳо дар ганҷинаи тамаддуни башарӣ мақоми босазое дорад. Ин мероси бою ганӣ, ки аслан дар чаҳорчӯбаи таълимоти ислом офарида шудааст, сарчашмаи худро аз китоби муқаддаси илоҳӣ Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбари воломақом Ҳазрати Муҳаммад (с) гирифтаанд.

Табақоти мухталифи фарҳангии исломӣ аз қабили муффасирин, муҳаддисин, фуқаҳо, мутакаллимин, файласуфон, удабо, фузало, шуъаро, уламо ва урафо асарҳои хеле пурқиммати гуногунҷабҳаро ба мо мерос мондаанд, ки назирашон дар таърих кам аст.

Маҳсули дини муқаддаси Ислом буд, ки мутафакироне чун Табарию Фахри Розӣ, Ҳусайн Воизи Кошифию Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ (Саҳеҳи Бухорӣ), фақеҳе чун Имоми Аъзаму мутакаллимоне чун Муҳаммад Ғаззолӣ, файласуфоне чун Форобию Тӯсӣ, олимоне чун Ибни Синою Хайём, орифоне чун Саноиву Аттор, Ҳофизу Мавлавии Румӣ, Аҳмади Ҷомию Саъдӣ ва дигарон фахру эътибори илму фарҳанги арабу аҷам ва тамоми оламанд.

Хизмати ҳамин бузургон буд, ки улум ва тасаввуфи исломӣ то замони мо таҳаввули азиме ёфта, заминаи пайдоиш ва пешрафти уламою урафои имрӯза гаштаанд.

Охирин намояндагону ривоҷдиҳандагони ин таълимоти фарҳангии исломӣ орифони машҳури асри XIX ва нимаи аввали асри XX Мавлавӣ Сайид Насимхон Қаландаршоҳ ибни Шоҳсоҳиб

Ҷунунӣ (1811-1888), Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ (1857-1939), Шайх Абдураҳими Давлат (1881-1947) ва дигарон буданд.

Хизмати босазои эшони Тӯраҷону фарзандони олиму фарҳангдӯсташ эшони Нуриддинҷону эшони Акбарҷон, эшони Маҳмудҷони заккитабъу нуқтадон ва Тоҳирҷони бохирад буд, ки соли 2002 «Девони Ҷунунӣ» нашр гардид ва дастраси оммаи мардум шуд.

Ҷунунӣ яке аз намояндагони барҷастаи аҳли тасаввуф ва ирфон буда, дар қарни гузашта зиндагӣ кардааст. Ба қалами ин марди фозил асарҳои ирфонию адабии зиёде тааллуқ дорад, ки қиммати арзандаи ахлоқию маънавиро доро мебошанд.

Мутаассифона, аҳволу осори ин орифи бузург пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқу омӯзиши олимону муҳаққиқони Академияи Улум қарор нагирифтааст. Аз даргоҳи Ҳақ таъоло умедворем, ки дар оянда олимону муҳаққиқон ва хусусан, авлодони Ҳазрати эшони Тӯраҷон ин кори басо хайрро пурра ба анҷом мерасонанду мардуми гумроҳ, роҳи росту ҳаққи худро тавассути ашъори гаронбаҳои Ҳазрати Ҷунунӣ меёбанд.

Охирҳои солҳои 20 ва 30-юм табдили алифбо аз расмулхати бобоӣ, ки ганҷинаи фарҳанги беш аз 1400солаамонро дар бар мегирифт, моро аз он бенасиб сохт ва кӯрамон кард.

Сиёсати зидди дину оини атеистии даврони Шуравӣ ба он оварда расонд, ки нодиртарин китобҳое, ки бо хати арабиасос таълиф шуда буданд ва арзиши баланди адабшо илмӣ, таърихию фарҳангӣ доштанд, несту нобуд гардидаанд.

Харобу валангор сохтан ва аз байн бурдани масҷиду мадрасахо бо номи мероси феодализм, қатлу куштори беасоси хазорхо мардони фарханги, ки ба донистани хати арабиасос бо номи «Мулло» гумонбар мешуданд, зарбаи чонкоҳтарин ба маънавиёти мо буд. Ин буд, ки аксари олимону фозилон кушта шуданд, қисме бадарга ва гуреза шуда ва онҳое, ки дар Ватан монданд, аз тарси ҷон мӯҳри хомӯшӣ бар лаб заданд.

Осори гаронбаҳои Мавлавӣ Ҷунунӣ дар чунин замони тиpаву тор дастраси мардум нагардид.

Ҳазорон маротиба шукри Худованд, ки истиқлолияту сулҳу ваҳдати миллии пойдорро насибамон гардонид, ки тавассути он

номи олимону орифони бузурги давру замон аз нав зинда гашт. Эшони Маҳмудҷон бо як лаҳни ширин аз ашъори Ҳазрати Ҷунунӣ ғазал мехонду сомеъони ҷамъшуда, ҳар яке мувофиқи фаҳмиши худ, яке мегиристу дигаре дар баҳри беканори маънии ғазал чун гаввоси баҳри маърифат фурӯ мерафт ва сеюмин ба ваҷд омада, фарёд мезаду менолид. Ҷонам, сад ҷонам фидои чунин ҷавонмардони фарҳангии воизи олиму донои дилогаҳ, ки мардуми роҳгумзадаро ба роҳи Ҳаќу рости «Сироталмустақим» ҳидоят мекунад.

## НИДОИ ҶУНУНӢ

**Нигоро, ёру дилдорам ту бошӣ,**
**Мурод аз сайри гулзорам ту бошӣ.**
**Зи душман зарае боке надорам,**
**Ба ҳар ҳоле мададгорам ту бошӣ.**
**Чаро тарсам, сари мӯе зи шайтон,**
**Агар донам, нигаҳдорам ту бошӣ.**
**Куҷо парво кунам аз ваҳми маҳшар,**
**Магар ҷоно талабгорам ту бошӣ.**
**Насозам асло парвои қиёмат,**
**Агар ёри вафодорам ту бошӣ.**
**Надорам заррае андӯҳи дӯзах,**
**Дар он ҷо гар харидорам ту бошӣ.**
**Насӯзад як сари мӯи Ҷунунӣ,**
**Ба ин лутф агар ёрам ту бошӣ.**

Дар мавзӯъҳои ғазалиёти Ҷунунӣ тасаввуф, ахлоқ, дин ва фалсафа ҷой дорад, ки ин орифи раббонӣ халқро барои худшиносӣ, худогоҳӣ ва Худошиносӣ даъват менамояд.

Ҷунунӣ низ монанди дигар орифон ишқро, яъне ишқи илоҳиро воситаи асосии худшиносӣ ва худогоҳии ботинӣ ва рӯҳии инсони комил мешуморад. Шахсе, ки аз лаззати ишқ бехабар аст, ба ақидаи ӯ аз дарки маънии ҳастӣ дар канор мондааст.

**Туро марҳабо, эй дил, ки шамъи ишқ дар бар шуд,**
**Суханҳои шакаромези дудолуди дафтар шуд.**

**Ту зикри субҳдамро сайқали оинаи худ кун,**
**Ки аз шабзиндадориҳо вуҷудам маъдани зар шуд.**
**Яқин медон, ки уқтобиъ замона он касе бошад,**
**Ки бо илму амал ҳам роҳрави роҳи Паёмбар шуд.**
**Вале бе шаръ агар мисли малак дар нафс тайронп аст,**
**Ҳаме гӯям, ки расвои ҷаҳону хок бар сар шуд.**
**Кунад парвоз гар ҳар ҷо равад, дар рӯйи ҳар дарё,**
**Ки бе шаръи Набӣ гӯям, ки ҳайф Шайхи Нархар шуд.**
**Ғуломи ои касам, ки пайрави шаръи Набӣ бишуд,**
**Муносиб бо ҳидоят, синнаи ӯ кони гавҳар шуд.**
**Ҷунунӣ меравӣ, аз ин суханҳо ҳар кас хонад,**
**Ба дилҳои кабоби оташин гӯё, ки ханҷар шуд.**

Ҷунунӣ он фардонеро, ки дар ниқоби намояндаи Дини муқаддаси ислом хешро доною оқил шуморида, дар асл аз ганҷинаи Шаръи Набавӣ бехабаранд ва ё хабар Доранду эътироф намекунанд, ба чорпоён баробар кардааст. Чунин ҷараёнҳои гуногуни мухолифи Шаръи Набӣ дар ҳар давру замон ҷой дорад, ки мардумро ба роҳи хато бурда, гумроҳ мекунад.

**Ҳарчанд бедилон, ки ҷамолаш надидаанд,**
**Лекин ба ҷону дил зи васлаш харидаанд.**
**Ин олиҳимматон, ки карданд тарки сар,**
**Он ба маргзори висолаш гардидаанд.**
**Бо дидаи пуроб кашиданд ранҷҳо,**
**Ба мунтаҳои мақсади худҳо расидаанд.**
**Ин тоирони даҳр ба афғони рӯзу шаб,**
**Оё магар зи нолаи зорам шунидаанд.**
**Мардум ба айшу ҳасрат, ман дидаи пуроб,**
**Эй дил, сабур бош, чунин офаридаанд.**
**Кораш фиғону нола шуд, зери чархи гардун,**
**Ҳар ташнае, ки оби ҳаёташ чашидаанд.**
**Ҳар синае, ки хӯрд, зи тчри муҳаббаташ,**
**Чуи дашти Карбалост, ки дар хун тапидаанд.**
**Бар ринди хоксор ҳақорат назар макун,**
**Бар авҷи Кибриё чу баъзе паридаанд.**

**Инҷо зи васлдорӣ дигар мудао макун,**
**Медон Ҷунунӣ, ки висоли ҷамолаш ҳамидаанд.**

Дар ҳадиси Пайғамбар (с) омадаст: *«Ман арафа нафсаҳу билфано арафа раббаҳу билбақо» (касе, ки шинохт нафсашро ба фаношавӣ мешиносад Парвардигорашро ба ҷовидонӣ).*

Умуман, эшони Тӯраҷону фарзандони олиму обидаш, доимо мардумро ба роҳи рост, ба роҳи Сироталмустақим ҳидоят намуда, рӯзаю намоз, хайру саховат, ростию тақво, Ҳақу ҳақпарастиро калиди дари биҳишти ҷовидонӣ мешуморад.

Намоз иборат аз таваҷҷӯҳи ботин аст. Илаллоҳ ба мулозимат дар ҳузур ва иқбол ба сӯи Ҳақ ва меъроҷ аз мосиво ба сӯи Аллоҳ ва давоми мукошифот бо Ҳақ ва мақоми розу ниёз аст.

***Он намозе, ки дар ҳузур бувад,***
***Аз тарии оби рӯй дур бувад.***
***Тан чу дар хок рафту ҷон ба фапак,***
***Рӯҳи худ дар намоз бин, чу малак.***

Орифони даргоҳи Ҳақ, ки ба мақоми вилоят мерасанд, ки «фано» ро аломати хориҷии он меноманд ва дар роҳи ишқи Ҳақ маҳв мегарданд. Маҳв он аст, ки Ҳудои мутаъол бандагонро аз рӯъеят (биниш, мушоҳида)-и нафси худ мубарро (пок) гардонад ба маҳве, ки асаре аз аъмолу орзуҳои нафсонӣ боқӣ намемонад.

Бобо Афзал мегӯяд:

**Ман маҳви Худояму Худо они ман аст,**
**Ҳар сӯш меҷӯед, ки дар ҷони ман аст.**
**Султон манаму ғалат намоям ба шумо,**
**Гӯям, ки касе ҳаст, ки султони ман аст.**

Дар ашъори Мавлоно Ҷунунӣ мақоми баланд, яъне таҷаллии нури Ҳақ дар замирашон ва иншои абёти малакутӣ бо тай шудани зинаҳои тасаввуф мароҳилу манозил, мақому ҳолатҳои он амалӣ гардидааст.

Чунон ки ӯ мегӯяд:

**Бо авҷи кибриёст хуш андешаи дилам,**
**Зи оби ҳаёти ишқ хӯрд решаи дилам.**

**Ҷуз шӯру ҷозиба нест, дигар пешаи дилам,**
**Кӯбад ба пой нафс, магар тешаи дилам.**

Рӯҳи поку ҷавидонаи орифони раббонӣ ва муршидони комили қоим, ҳазрати Абдулқодири Гелонӣ, Мавлоно Ҷунунӣ, Домулло ГулМуҳаммад, Домулло Сӯфиҷон, Халифа Абдукарим бо шумост ва хидоятгару муҳофизи Шумо, Холиқи ҳарду олам аст.

***Санг агар хорову гар мармар бувад,***
***Чун ба соҳибдил расад гавҳар шавад.***

Авлодони ҳазрати Халифа Абдукарим, исмҳои поки Шумо, абадӣ дар қалбҳои мардуми мусалмон хоҳад монд, зеро ки тухми имону тақворо дар замини дилҳои эшон коридаед, ки Иншоаллоҳ самари нек хоҳад овард!

## ФАЙЗИ ҲАҚ...

**Чун чароғе дар роҳи ирфони Ҳақ,**
**Ҷумла аз сидқаш мегиранд, ҳам сабақ.**
**Ҷамъи фарзандонро бидод илми дин,**
**Роҳи ҷаннатро карда, бар ом яқин.**
**Дар дилаш ин буд, орзу ҳамчун кафил,**
**Хешу фарзандонаш шаванд поку асил.**
**Илми Акбар бо Нуриддин шуд яқин,**
**Ҳар куҷо тафсирҳо зи Маҳмуд бин.**
**Чунки Мавло он Тӯраҷон(и) бохирад,**
**Аз Худованд хост нерӯро бар мадад.**
**Мавлавӣ Маҳмуд чун тило дар нигин,**
**Як замоне бархез, ба наздаш бишин.**
**Чун Нуриддинро воизӣ дод Худо,**
**Ҳақ бигӯяд, ӯ низ надорад ҳеҷ ибо.**
**Мавлавӣ аз он Сурхиён гуфт чунон:**
**«Буд валӣ Шон Абдукарим ҳам чӯпон.**
**Аз Набӣ (с) буд, як ҳадис бар валӣ,**
**«Дод чӯпонро Парвардигор сарварӣ».**
**Гар касе шак орад, бар ӯ бовиқор,**

**Дар итоб монад, назди он Кирдугор.**
**Гар бувад тайр[34], бисӯзад болу ҳам параш,**
**Гар бувад одам, ҳеҷ намонад фараш.**
**Аз паси Шон оянд, шаванд Мавлавӣ,**
**Ровиёи аз Қуръон бо лафз(и) паҳлавӣ».**
**Чун нафас рафт пайдо бидидам ин ҳама,**
**Файзи Ҳақ дар кӯҳ бошад ҳам дар рама.**
**Як замон бар қудрат назорат бикун,**
**Ё ки рав сесадсола тоат бикун.**
**Тавба мебояд бар ту Маҳмадрасул,**
**Васфи аҷдодонро бикун рост қабул.**

**Рӯзномаи «Рӯзи нав»**

## ҲОҶӢ МАҲМУДҶОНИ ТӮРАҶОНЗОДА ҲАҚИҚАТРО БАЁН КАРДААСТ

Дар шумораи №13 аз 30 октябри соли 2003 мақолаи илмию адабӣ ва таърихии Ҳоҷӣ Маҳмудҷони Тӯраҷонзодаро бо номи «Корнамои Қуръон» хонда ба ваҷд омадам, лекин ба саҳифаи дигари рӯзномаи дӯстдоштаам, яъне «Рӯзи нав» назар кардаму мақолаи Озар Киёнӣ-ро бо номи «Тӯраҷонзода иштибоҳ мекунад!» хонда ҳуш аз сарам парид ва дар баҳри беканори фикру тахаюлот ғӯтта хӯрда, қалам ба даст гирифта ба оқои Озар Киёнӣ гуфтаниям: Оё Шумо низ иштибоҳ намекунед?!

Банда аз гуфтаҳои акои Киёнӣ чанд ҷумларо мисол меорам, ки ӯ менависад «Мубодон ҳеҷ гуна режими зиддимардумӣ ва истеъдодкушӣ надоштанд. Ин гуна режим дар Эрон қалб аз ислом вуҷуд надошт. Ба вуруди ин, дармеёбем, ки бештари истеъдодҳои бузурги эронӣ назири ибни Сино, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Носири Хисрав, Тирмизӣ, ибни Муқаффаъ ва дигару дигарон дар аҳди исломӣ ё ба қатл расондаанд ё фирорӣ шуданд ё ҳамеша дарбадару саргардон буданд».

Оқои Киёнӣ, агар ба таври омиёна гӯем, дар давраи пеш аз ислом Эронзамин чунин олиму алломаҳои бузургро ба ғайр аз Бузургмеҳри ҳакиму якчанд шоири гумном дигар чизе надоштанд, ки таърих гувоҳ аст.

Вуруду пайдоиши ин олимони забардасти дунё дар Давраи ислом ба вуҷуд омад ва эшон маҳсули дини бузурги исломанд.

Сабаби қатлу оворагии эшон, на дини мубини ислом ва на Қуръон, балки ману шумо барин «доноён» будаанд.

Қуръону исломи бузург ба дунё Хайёму Ал-Берунӣ, Мавлавии Рӯмию Фаробӣ, Саъдию Ал-Хоразмӣ, Сайидову Аҳмади Дониш ва С.Айнӣ-ро овард, ки бо китобҳои илмию адабӣ ва таърихӣ машҳури ҷаҳониён гаштанд.

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, ки худ қории Қуръон будааст, мегӯяд:

**Субҳхезию саодатталабӣ, эй Ҳофиз,**
**Ҳар чи дидем, ҳама аз давлати Қуръон дидем.**

Фирдавсӣ низ гуфтааст:

**Туро донишу дин роҳанд дуруст,**
**Роҳи растагорӣ бибояд-т ҷуст...**
**Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй,**
**Дил аз тирагиҳо бад-ин об шӯй.**

Ҷанбаҳои пурқуввати ахлоқӣ, оҳангнокӣ ва ҷозибаи гуфтор, баёни амиқи аҳком дар Қуръон диққати шоирон, олимон, эҷодкорони гуногунзабону гуногундинро ба худ кашидааст.

Дар асри XVIII барои шоҳзодагон Пётр ва бародари ӯ Иван нахустин навиштаҷот оид ба Қуръон таълиф гардид ва дар ҳамин давра Пётр андешаи тарҷумаи Қуръоиро баён намуд. Шоири шаҳири рус Пушкин А.С. бо эҳсоси амиқи шеръият ва ҷозибаи сухани илоҳӣ дар Қуръон пайравӣ намуда, силсилаи шеърҳояш «Тақлиди Қуръон» («Подражания Корану»)-ро эҷод намуд.

Оқои Киёнӣ, Шумо худ тасаввур кунед, ки китобе зиёда аз 1400 сол умр дораду то ҳоло шахсе ёфт нашудааст, ки ягон ҳарфу ояи онро тағйир диҳад ва ё монанди он китоберо офарад, ин ҳақиқат нест?! Оё Шумо аз олимони бузурги мағрибзамин Гёте ва Крел зиёдтар медонед, ки мегӯянд:

Гёте:

«Вай (Қуръон) аввал диққати моро ба худ ҷалб мекунад. Мафтун месозад ва дар ниҳояти кор водор менамояд, ки ба он бо

каломи эҳтиром муносибат намоем. Услуби он мувофиқи мазмуну мақсад ва сураҳояш буда, ҳақиқат, боҳашамат ва пурэътибор аст ва бо мурури вақт эътибораш торафт меафзояд. Аз ин рӯ, ин китоби муқтадир дар тӯли қарнҳо таъсири зӯртарин хоҳад расонд».

Крел мегӯяд :

«Қуръон кодекси пурраи ахлоқӣ инчунин қонунҳои ба он асосёфтаро дар бар мегирад. Дар он ҳамчунин асосҳои ҳар кадом муассисоти адолат, ташкилоти ҳарбӣ, риояи бодиққати ҳуқуқҳои ятимону камбағалон мавҷуданд, ҳамааш дар асоси Худои ягона бунёд гардидааст, ки қисмати одамонро дар дасти худ нигоҳ медорад».

Тарзе ба назар мерасад, намояндагони халқу миллатҳори мухталиф Қуръонро чун «Кодекси пурраи ахлоқӣ» эътироф намуда, омӯзиши такрор ба такрори онро ихтиёр намудаанд.

Оқои Киёнӣ, бузургии дини зардуштро Шумо дар чи мебинед?! Мумкин «гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек», иборaҳои хубу муқаддасанд ва бисёр чизҳои хуби дигаре ҳам дошта бошанд, ки боиси ситоиш гардад, валекин аз нуқсонҳо холӣ нест. Дар мақолаи Ҳоҷӣ Маҳмудҷони Тӯраҷонзода омадааст, ки мегӯяд: «Яъқубӣ, муаррихи мӯътабари қарни сеюми хиҷрӣ, ки худ эронӣ Ҳаст, низ мегӯяд: «Эрониён бо модарон ва хоҳарон ва Духтарони худ издивоҷ мекунанд. Ва ин корро навъи силаи раҳм ва ибодат медонистанд».

Оқои Киёнӣ, аз нуқтаи назари динӣ не, аз ҷиҳати одобу хислатҳои инсонӣ ва меъёрҳои ахлоқи ҷаҳонӣ издивоҷи хешу ақрабои наздик, ба монанди хоҳару духтар ва модар ба ягон одобу рафтор рост намеояд, пас кадом Ҷиҳати дигари дини зардуштӣ ба Шумо маъқул шудааст, ки онро аз динҳои мукаддасу бузурги ҷаҳонӣ, Мусавиву Исавӣ ва Муҳаммадӣ (с) боло мегузоред?!

Дар мақолаи илмии ҳоҷӣ Маҳмудҷони Тӯраҷонзода ба тариқи илмӣ исбот карда шудааст, ки диндорони зардуштӣ мурдагонро дар миёни бурҷҳои мудаввар ва саркушода гузорида, то тӯъмаи ваҳшу паррандагони гӯштхӯр шаванд, ба тавре ки ҳеҷ гуна асаре аз онҳо бар ҷой намонад».

Оё ин тавр ва ин хел рафтор ба ҷасади фавтидаи инсон аз рӯи инсофу эхтиром ва адолат аст, оё ин ҷоҳилият набуда ҳақиқат аст?!

Дар охир гуфтаниям, ки 90% аҳолии кишвари азизамон Тоҷикистон мусулмонанд. Шумо низ оқои мӯҳтарам Киёнӣ мумкин мусулмонзода бошед, мусулмононро эътироф кунед ва агар зодаи Тоҷикистони азиз набошеду дар мазҳаби зардушт бошед, гуфтаҳои устод Муҳаммадҷон Шакуриро бори дигар барои Шумо такрор мекунам, ки мегӯяд: «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ», навиштаанд: «Онҳое, ки миллати моро ба дину мазҳабҳои мухталиф мекашад, дидаву дониста миллати моро пора-пора карда, ба хам зид мегузорад»...

Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов борҳо аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузтарини дунё, ба монанди Созмони Миллали Муттахид баромад намуда, дини мубини исломро ҳимоя карда, ҳакку адолатпарастии онро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Магар Шумо аз ин ибрат намегиред?!

Мо китоби Авестою дини Зардуштро таҳқир карданӣ нестем, зеро ки онҳо ҳамчун осори дини бостонии миллати ориёнии Эронзамин ва ё ба унвони як таърихномаву пандномаи муҳим ва як ганҷинаи бузурги фарҳангию таърихии мардумони эронинажод, ки ёдгории арзишманди гузаштагони мост, эътироф ва қабул мекунем. Вале на ҳамчун китоби динии таҳрирнашуда, илованагардида ва на ба унвони китоби муқаддаси осмоние, ки аз тарафи Худо нозил шудаасту шинохта шавад.

***Бо эҳтиром: Муҳаммадрасул Иброҳимзода,***
***Шаҳри Ваҳдат, 6 ноябри соли2003.***

## ДАР ҲУЗУРИ АВЛИЁ

***Бар сари мижгон ҳаёти умри мо бошад, яқин,***
***Ё ҳубобе рӯи дарё, умри мо бошад, яқин.***
***Умри зоеъ магзарон дар пайи нафси ҳаво,***
***Ин тоату сахо, тӯшаи роҳи мо бошад, яқин.***

**Шайх Абдураҳим**

Рӯзи одина, баъди адои намози ҷумъа, дар масҷиди ҷомеи маҳаллаи «Стансия» будаи шаҳри Ваҳдат бо ҳоҷӣ Сангалӣ вохӯрдам. Ӯ бандаро бо як иззату эхтиром ва ихлоси самимӣ пешвоз гирифта, офарин-офарин гӯён гуфт:

- Аз мутолиаи китоби «Офтоби паси абрҳо» ба ваҷд омадам, имонам комил буд, боз ҳам комилтар шуд. Аммо саргузашти аҷоибу гароиби як нафар инсони наҷиб, ки худ дар ҳузури авлиёи бузург ширкат варзида будааст, дар ин китоби ёддоштӣ дарҷ нагардидааст. Гуфтам:

- Ҳоҷӣ Сангалӣ, баъди дастраси мардум гардидани китоби ёддоштҳои Мавлавӣ, яъне «Офтоби паси абрхо», имрӯзҳо аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ аз тарафи инсонҳои фарҳангӣ ба унвони банда китобу дастхатҳо ва хатҳои иршоди Мавлавӣ, ки ба шогирдонаш дода будааст, дастрас шуда истодааст. Шумо кадом инсони наҷибро дар назар доред?

- Ман вохӯрию мулоқоти Карим Исмоиловро бо Мавлавӣ, ки соли 1937 ба вуқуъ пайваста буд, ба шумо айнан ва бе ягон шарҳу эзоҳ нақл карданиям.

Дар ин ҳангом Ҳоҷӣ Шокир ва ду муллои ношиносе маҳфили моро гарм карданд. Ҳар яке аз ин аъзоёни махфил мувофиқи шунидаю хондаашон, оид ба бузургии Ҳазрати Мавлавӣ чизе мегуфт. Банда сухани эшонро бурида гуфтам:

- Ҳоҷӣ Сангалӣ, аз бобои Карим Исмоилов чиро шунидед? Ӯ гуфт:

- Карим Исмоилов, ки ду маротиба Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ мебошад, хеши ман аст. Он кас муддате мариз шуданду ман рӯзе ба аёдаташон рафтам. Баъди саломи алайк ва аҳволпурсӣ бо як оҳанги гарму ширин ба ман муроҷиат карда гуфт:

- Сангалӣ, ман як саргузашти ниҳоят пурарзиштарини умри гузаштаи хешрЬ ба шумо нақл мекунам, ки ин саргузашти фаромӯшнашавандаи ман хамагӣ ҳафт соатро дар бар мегирад. Ин ҳаёти ҳафтсоатаро беҳтарин лахза дар умри гузаштаам медонам, зеро ки дар ин ҳафт соати ҳамнишинӣ, дар ҳузури авлиё, кашф кардам сирру асрори харду дунё. Аз махзани ганҷи панду насихатҳои ин алломаи бузург, яъне Домуллои Сурхиён баҳраҳои маънавие бардоштаам, ки то ба охири ҳаётам дар касбу корам рохбару роҳнамоям буд. Вагарна роҳам дар он даврони пур аз шӯру шар басе дуру хатарноке буд.

***Ҳар ки хоҳад ҳамнишинӣ бо Худо***
***Гӯ, нишинад дар ҳузури авлиё.*** **Мавлавии Балхӣ**

Дар синни авҷи камолоти 30-солагӣ аз ин вохӯрӣ бо пири комил гӯё хом будаам, пухта гаштам, хоб будаам бедор шудам ва аз нав сабку низоми кору зиндагиро ба дигар роҳ бо роҳи росту ҳақ пай намудам.

**Бузургони дин чӣ хунҳо хӯрдаанд,**
**То ки ии роҳро ба поён бурдаанд.**
**Эй писар бархез, вақти хоб нест,**
**Ҳамраҳон рафтанд, дар роҳ об нест.**
**Умр рафту пас ту дар хобӣ ҳанӯз,**
**Хезу рав шояд, ки дарёбӣ ҳанӯз.**

Ман аз ин ҳамнишинию вохӯрӣ ба хулосае омадам, ки олим - валӣ назаре ба оҳани зангбаста кунад, он оҳан тилло мегардад, зеро ки қалбу вуҷуди эшон аз зикру фикри даргоҳи Ҳақ субҳона ва таъоло маъдани зар гаштааст.

**Туро сад марҳабо, эй дил, ки шамъи ишқ дар бар шуд,**
**Суханҳои шакаромези дудолуд дафтар шуд.**
**Ту зикри субҳдамро зи сайқал ойпаи худ кун,**
**Ки аз шабзиндадориҳо вуҷудам маъдани зар шуд.**

Баъди ин суханон бобои Абдукарим ашки чашмонашро пок карда, аз пиёлаи чойе, ки кайҳо хунук шуда буд, қатрае нӯшид ва дар бахри беканори умри гузаштаи хеш дуру дароз ба фикру андеша фурӯ рафт. Пас аз панҷ дақиқа сар бардошта, оҳи сарде кашида гуфт:

Сангалӣ, ҳоло ту ҷавонӣ, мумкин аз сирру асрори дунёи фонӣ он қадар хуб огаҳӣ надошта бошӣ, ман дар ин дунё чӣ хӯрдам, чӣ дидам, чӣ гирифтам ва чӣ қадар умри бофарогат дидаам, гӯё чизеро надидаам, нахӯрдаам ва нагирифтаам, ба ғайр аз ҳамин пиёлаи чойи хунукшудаи дастам, ки моли ман аст, як қулт нӯшидаам ва агар Худоям насиб кунад, боқимондаашро менӯшам. Агар насиб накунад Холиқ худ медонад. Дар бораи бузургии Домуллои Сурхиён бисёр нақлу ривоятҳои аҷиберо шунида будам ва дар дилам як илҳоми ғайбие пайдо шуд, ки ба зиёрати эшон раваму аз

хазинаи илму маърифаташ баҳра бардорам, то ки дар ин дунёи гузарон ҷоеро ишғол намояму номам ба некӣ монад. Аммо замона нотинҷу ноором буд. Аз сиёсати зидди дину оини атеистии давр метарсидам, зеро ки дар макомотҳои гуногуни баланди идораи Ҳукумат адои вазифа мекардам. Баъдтар фаҳмидам, ки сардори гарнизони тайиноти махсуси (ГПУ) дар Бухорои шарқӣ буда ҷенерол (генерал) Абдулло Валишев (Абдуллои Нуқай) барои ба бадарға фиристодани Мавлавӣ ба Сурхиён рох пеш гирифта, дуртар аз деҳаи Сурхиён дар деҳаи Лошхарф, дар пеши олими (энсиклопедисти) бузург сари таъзим фуруд оварда, барои бехатарию ҳимояи олими бузург муҳофизу нафақаи давлатӣ муқаррар мекунад, ки дар ин бора баъдтар муҳофизи собиқи ӯ Ҷалмат ба ман ба таври хеле равшан накл кард. Дар ҳақиқат, гуфтаи халқ рост будааст, ки мегӯянд: «Авлиё аз боло наметарсад». Агар Домуллои Сурхиён авлиё намебуд, албатта, чун дигарон маҳву қурбони балои давру замон, яъне бадарғаю «тройка» мегардид. Нишони валигияш буд, ки дар давоми ин солҳои пур аз дахшат, аз ҷояш наҷунбид ва фарде ҳам қудрате накард, ки бо ӯ дар баҳс ояд, зеро валӣ дар илму ирфон баҳру дарёи бекананд, ки худ мегӯянд:

***Завқи мо дорӣ, биё бо мо дар ин дарё даро,***
***То ба айни мо насибе ёбӣ аз дарёи мо.***

Охири моҳи июни соли 1937 роҳи Сурхиёнро пеш гирифтам, аммо ҳоло ҳам аз инсонҳои хабиси дур аз ҷаҳони илму фарҳанг, ки дар ниқоби аъзоёни ҳизби коммунист зуҳур карда, ба рӯи кор омада буданд, метарсидам.

Ин ашхоси бадсиришт ба номи ҳизбу ҳукумати ятимпарвар иснод оварда, ба корҳои зишти ғайриинсонӣ даст мезаданд. Дар ҳаққи инсонҳои поку фидокор бӯҳтону тӯҳматҳои «хурофотпараст», «унсури бегона», «бойбача» ва ғайраҳоро зӯран бор карда, бегуноҳ онҳоро несту нобуд мекарданд. Ҳатто, китобу масҷид ва мадрасаю осорҳои таърихиро «мероси феодализм» номида набуд мекардандАз тарси ин кӯрдилон, ки чун каждуми зери бурё амал мекарданд, яккаю танҳо ва пинҳонӣ ба сӯи деҳаи Сурхиён мерафтам ва чӣ қуввае маро ба пеш мебурд.

Дар миёни ду дарёчаи поёни Сурхиён вузӯю гусл намуда, ба боло ҳаракат мекардам ва дар дилам хар гуна гумонхо мерафт. Гӯё гургон диламро талла мекарданду як хаяҷони ногаҳонӣ вуҷудамро фаро мегирифт. Охир, дидори муборакu Мавлавӣ орзуи деринаам буд, пас аз замоне ба ин орзуи хеш мерасам. Борҳо шунида будам, ки рақибони гӯлу гумроҳи Мавлавӣ дар ҳамин мавзеъ, дар поёни Сурхиён, дар миёни ин ду дарёчаи шӯх кӯру кар ва гунгу шал гардидаанд ва ё аспҳояшон шиҳакашон бо ду пойи ақиб рост хеста, тур бардошта, ба боло ҳаракат накарда, ба ақиб баргаштаанд ва сару гардани сохибонашон қаж шуда, ба ақиб баргашта буд. Бештар аз ҳама чун фита (лента)-и кино ҳодисаи ба сари кормандаи НКВД Қарахонов Эшбойро ба ёд меовардам ва дар ҳайрат мемондам. Ӯро аз ҳамин мавзеъ нимҷон, ғарқи хоку хун ба асп бор карда, ба Сталинобод бурда буданд.

***Гар нек оем, моро зи эшон шуморанд,***
***В-ар бад бошем, моро бад шон бахшанд.***

Чанде пеш рақибони ҳасуди бадандешам мехостанд бо бӯҳтони беасосе ба сарам балоеро оваранд, шабе дар хоб рӯҳи Ҳазрати Мавлавиро дидам, ки мегуфт: «**Дар кору зиндагӣ рост бош, дар роҳи Худо, бар ту голиб иа.меояд ҳеҷ рақибу ҳеҷ бало».**

Аз ҳамин сабаб дилам пок буду нияти нек ва рӯҳи Мавлавӣ маро ба сӯи хеш чун оҳанрабо мекашид.

Ба деҳа наздик шуда будам, ки ба истиқболам як ҷавони 20-22-солае омада салом дода гуфт:

- Акаи Абдукарим шумоед? Ман дар тааҷҷуб монда гуфтам:

- Бале. Ӯ пеш пешу ман аз дунбол то хонаи Ҳазрати Мавлавӣ роҳбаландӣ намуд. Аз асп фаромадам, ҷияави асп дар дасти ин ҷавон буд. Худамро маломат мекардам, ки чаро баъди гуслу вузӯъ писда ба зиёрати Мавлавӣ наомадам, кӣ аз омадани ман ба Ҳазрат хабар додааст, охир, касе аз омадани ман огоҳ набуд ва касе маро ҳам дар ин ҷойҳо намешиносад. Акнун фаҳмидам, ки Абдулло Валишев чаро дар назди Мавлавӣ сари таъзим фуруд оварда будааст?!

Хуллас, Худованди меҳрубон маро ба дидори муборaки авлиё мушарраф гардонид ва ба орзуи дерина расидам. Баъди аҳволпурсию дуо Ҳазрати Мавлавӣ бо дастони муборaки хеш аз чойники сурхи қирмизӣ дар пиёлаи сабзи афғонӣ чой рехта, дароз кард, аз ҷоям ҷаста, бо ду дасти адаб чойро гирифта нӯшидам. Баъди даҳ дақиқа ҷавони зебое як табақи калони ошро ба наздам гузошт, ки бо равғани думба пухта шуда, дар болояш як кабки суп-сурх гузошта шуда буд. Пеш аз таомхӯрӣ сар кардан ман дастамро ба болои меъда бурда фикр кардам, ки заҳми меъда дорам, чӣ тавр ошро мехӯрда бошам? Ҳазрати Мавлавӣ сӯям як назар карда гуфт:

- Абдукарим, ҳамон вақте ки дар дарёчаи поёни деҳа гуслу вузӯъ мекардӣ, дарди меъдаат шифои комил ёфт. Дигар ҳаргиз дард нахоҳад кард.

Бо шунидани ин сухан вуҷудамро як фараҳе фаро гирифт. Он ошро бо кабк пурра тановул кардам, дигар дардеро ҳеҷ гоҳ ҳис накардам. Дар охир Ҳазрати Мавлавӣ панд дода гуфт:

- Абдукарим, ту худро мазаммат накун ва ноҳинҷору ноумед машумор, зеро ки ноумед фақат шайтон аст. Имону тақво на ба касбу кор, на ба сарвату нодорӣ вобастагие дорад.

Ҳазрати Муҳаммад (с), фармудааст:

«Аз Худои азза ва ҷалла шунидам, ки: Ҳар ки гувоҳӣ диҳад моро ба Худоӣ ва туро ба пайғамбарӣ ба биҳишт дарояд, бо ҳар амале (касбу коре) ки дорад, бо чандин шарафу давлат калимаи ихлосрост, ба вуҷуди тақвӣ (пахрезгорӣ) мастаҳзар аст, ки дар он чи ҳикмат аст?»

Абдукарим, медонам, ки шумо дар хизмати давлат ҳастед ва мувофиқи фармудаи Худои мутаъол дар хизмати фуқаро, яъне ятимону камбағалон, пирону дардмандон низ бошед. Агар аз дасту забони шумо мансабдорон фарде бе гуноҳи шаръӣ ба миқдори як тангаи подшоҳӣ зарари ҷисмию моддӣ бинад, ба ивази ин зарар амалдору мансабдор ҳафтод ҳазор сол дар оташдони ҷаҳаннам хоҳад монд. Агар роҳбар бар ҳамаи зердастон адлро надонад, баробар барои худ чоҳи тангу пуроташе меканад дар дунёву дар уқбо.

Абдукарим, Худованд барои имтиҳон ба бандагон касбу мансабҳои баланди олидараҷа, молу сарвати беандоза ва дарду

гами айём, нодорию хории замонаро мефиристонад, то ки ин бандагони ман бо ин мансабу сарват ва бо ин хорию нодорию кулфат, чи тавр зикру фикри маро ба ҷой меоварда бошанд. Кори дунё, молу сарвати дунё, умри инсон чун боди сабо мегардад фано, дил набанд ба дунё, биҷӯ роҳи уқбо, ки дунё ба кас надорад вафо.

Абдукарим, дил ба дунё мабанд, ки дунёро бақо нест ва дил дар халқ мабанд, ки халқро вафо нест. Дил ба Худо банд, ки бандаро беҳ аз Худо нест. Дунё чун дигарон маъшуқи бисёр дошт ва ба онҳо вафо накард, бо касе ҳам накунад.

Ишқи дунё домест устувор ва неъмати дунё ҷифоест (тилло) равшан ва ширин ва иблис сайёдест устоди моҳир, ишқи дунё мурғест кӯру ғофилу гурусна.

Агар ин мурғи баднафси ғофил маҳлабу (нул) минқор аз ин дони васваса нигоҳ дорад ва дил аз ин донаи ваҳшати ишқ бираҳонад, аз батнони арши аъло нидо ояд.

Ҷавонмардо, агар мӯъминӣ, тоат пеша дор, ки биҳишти хуррамӣ бӯстонест ва аз махсият парҳез кун, ки Дӯзахи гарм зиндонест ва дилу ҷон ба Ҳақ таслим кун, ки карами субҳонест. Агар ошиқӣ дил нишонаи тири бало кун ва агар орифӣ ҷон сипари мехнату қазо кун. Агар бандай ба ҳар чӣ ӯ кунад ризо кун ва дар хамаи мухимот эътимод бар Худо кун.

Баъди зикри ин пандҳои Мавлавӣ бобои Абдукарим ашки чашму бари рухсорашро пок карда, охи чуқуре кашида гуфт:

- Сангалӣ, ана ин нафаси авлиёи бузург дар ҳаққи банда буд, ки қурбони бӯҳтону фитнаю найранги фардони хабис нагардидам.

Боре шабона ногаҳон се марди сиёҳпӯши мусаллаҳи ношиносе, яке русу дигаре туркнажод ва сеюмин тоҷик вориди дафтари кориям шуданд ва бе ягон гуноҳ дастонамро тоб дода, ба пеш бо аргамчин маҳкам бастанд. Як нафар пеш-пешу ду нафари дигар аз ақиб, ба тарафи Сталинобод мебурдандам. Дар он замони пур аз фитнаву шар, нишони дастро аз пеш бастан, аломати марги пурдаҳшатро ифода мекард.

Се нафар марди сиёҳпӯши мусаллаҳи низомӣ, рамзи Додгоҳи олӣ (Суди олӣ), яъне «сенафарон» («тройка»)-ро ифода мекард. Аз ин нишону аз ин рамз марги нобаҳангомро аниқ кардаму ба тақдири илоҳӣ тан додам, зеро ки медонистам, аз дасти ин

«сенафарон» чандин инсонҳои поку содиқи ҳизбу халқу ватан бе ягон гуноҳ қурбону бе ному нишон гардида буданд.

Ба дил мегуфтам, агар сад ҷони ширин дошта бошам, аз дасти ин қассобон, ки гургони гуруснаи тездандонро мемонанд, ҷон ба саломат буда наметавонам.

Дар аснои роҳ, дар мавзеи ҳазрати Мавлоио Яъқуби ЧархП ногаҳон панди додаи ҳазрати Мавлавӣ Домуллои Сурхиён ба ёдам омад, ки гуфта буд:

- Эй Абдукарим, вақте ки ба сарат балое ва ё кулфате ояд «Лоҳавла вало қуввата илло биллоҳил ъалиюл ъазим»ро такрор ба такрор аз сидқ бихон, анбиёву авлиеро шафиъ биёру аз Худои ломакон ёрӣ бипурс!

Субҳ дамида истода буд, ки ба шаҳри Сталинобод расидем. Панди додаи Мавлавиро зиёда аз хазор бор бар калбу забон такрор мекардам. Онҳо маро ба сӯи Қули гандумбирён, хозира болои маҳаллаи Кӯҳдоман (Нагорная) мебурданд. Дар он замон ин мавзеъ қатлгоҳ буд. Шабона одамони бегуноҳи давлатӣ аз тарафи Бериячиён (ҷосусон) ба фитнаю бӯҳтон гунаҳгор карда оварда, дар Қули гандумбирён мепарронданд ва ҷасади эшонро зери хок мекарданд, ки дар натиҷа бе ному нишон мегаштанд.

Маро низ дар лаби гори марг рост монда, чашмонамро бастанд. Охирин маротиба «Лоҳавла вало қуввата илло биллоҳил ъалиюл ъазим»-ро хонда, аз Худои мушкилкушо ёрӣ пурсида будам, ки он марди тоҷик, ки яке аз он аъзои «сенафарон» буд, бо забони русӣ гуфт:

- Истед, напарронед!

Онҳо дуру дароз бо хам машварат карда, бо кадом сабаби ба ман номаълум аз мақсадашон гаштанд ва омада чашмонамро кушодаанду ба тарафи маркази шахр овcovarданам.

Соати нӯҳи пагоҳӣ дар дафтари кории сардори отряди таъйиноти махсус (КГБ) ҳозир шудем. Баъди ним соати пурсу пос маро ба хонаи махсуси панҷарадор гузаронида, дарро аз берун қуфл карданд.

Аз байн панҷ соат гузашта буд, ки дар кушода шуду боз маро назди сардор бурданд. Ман дар назди сардор бо дасти баста рост меистодам. Сардор фармон дод, ки дастҳоямро кушоянд. Ҳангоме

ки дастҳоямро кушоданд, хуни суп-сурх ба рӯи фарш чакид ва сӯзиши ҷонкохеро дар магзи устухонам ҳис кардам. Чашми сардор ба хуни чакида афтод ва аз ҷояш хеста, ба наздам омад ва дастонамро муоина карда дид, ки изи арғамчини пашмин пӯсту гӯштро бурида, ба устухон расидааст. Раҳми сардор боло гирифта, духтурро даъват кард ва духтур дастонамро бо спирт шуста, дорую марҳам карда, бо дока баст. Сонӣ сардор он «сенафаронро» даъват карда, гуфт:

Эй қотилон, агар ба шумо гӯянд, ки салларо биёред, шумо калларо меовардаед, кори шумо «сенафарон» рафик Иванов Н.В. ва ин ду аъзои содиқатонро комиссияи махсус дида мебарояд ва ба хулосаи зарурӣ меояд. Сардор ду нафар сарбозро чеғ зада гуфт:

- Карим Исмоиловичро бурда ба манзилаш мерасонеду сонӣ омада ахборот медиҳед.

- Ана ин буд, ки ман дар асоси пандҳои Ҳазрати Мавлавӣ амал кардам, амон ёфтаму номам ба некӣ монд. Бобои Абдукарим пиёлаи боқимондаи чойро ба даст гирифта илова карда гуфт:

- Ҳазорон шукри Худованд, ки давоми қулти чой насиб гашт ва чойи хунукшударо фурӯ бурд. Пас аз андешае, чанд абёт аз ашъори орифони бузург қироат кард:

*Ёри мардони Худо бош, ки дар киштии Нӯҳ,*
*Ҳаст хоке, ки ба обе нахарад тӯфонро.*

*Хоҷа Ҳофиз.*

**Маишатҳои ин дунё ба як арзан намеарзад,**
**Ба ҷаннат ҳуру ғилмонаш ба як партав намеарзад.**
**Чу Рустам Қоф то Қофаш ба зарбу зур шавӣ машҳур,**
**Чу гӯри тангу торикаш ба қабристон намеарзад.**
**Чу Искандар ҷаҳон гирӣ, ба зарби теғ зи шарқ то ғарб,**
**Чу сар болини маргаш, ба ҷон додан намеарзад.**
**Чу Қоруну Чумҷума ҷамъ овари ашёи аламро,**
**Фурӯ рафтан ба зери ин замин гаштан намеарзад...**

*Шайх Абдураҳим.*

## ҚИССАИ ЗАНИ ҶАККОК

Бор Худоё, эй Холиқи арзу само, эй атокунандаи бахту саодати дунё, эй несткунандаи ранҷу офату дарду бало, бар ту бепоён Ҳамду Сано! Каримо, Раҳимо, нигохам дор аз васвасаи шайтон ва аз шарри занони лаимаи ҷаккоки беимон!

Ин ягона дуое буд, ки дар панҷ вақт намоз бобои Абутуробӣ даст бардошта, ба даргоҳи Худованд муноҷот намуда, аз васвасаи шайтон ва хилаю найранги зани ҷаккок дурӣ меҷуст.

Баъд аз адои намоз ва дуою фотиха бо ҷиддият ба эшон рӯй оварда гуфтам:

- Домулло, магар дигар хел дуо нест, ки Шумо доимо аз даргоҳи Ҳақ таъоло аз васвасаи шайтону ҳилаю найранги занони лаимаи ҷаккок панох бурданро хоҳонед? Оё медонед, ки Ҳазрати Мавлавӣ дар пандномаи худ занро ним пир ҳисобида мегӯянд:

«Ривоят мекунад Абӯҳурайра (р), Ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд: беҳтарин зан он аст, ки агар шавхар сӯи он зан назар кунад, бояд он зан сари худро ба пеш андозад ва агар шавҳар ба коре амр кунад, ӯ итоат кунад ва агар шавҳар гоиб бошад, молу мулк ва сарвати ӯро муҳофизат кунад. Зан худро аз чашмони номаҳрамон нигох дорад. Пайғамбари Худо (с) фармуданд:

Ҳар он зане, ки панҷ вақт намоз хонад ва рӯзаи моҳи шарифи Рамазонро дорад ва худро аз номаҳрамон муҳофизат кунад ва шавҳарро фармонбардорӣ кунад, аз кадом дарвозаи биҳишт, ки хоҳад дарояд.

- Баъди ин суханони банда, бобои Абутуробӣ, дергох ба фикру андеша фурӯ рафта, сар бардошта, заҳрхандае карда, сар ҷунбонида гуфт:

- Бародар, ҳоло ҷавонӣ, пастию баландии ҳаётро хуб намедонӣ. Ибтидо ва сарчашмаҳои ҳамаи гуноҳҳо, аввало васвасаи шайтон ва сонӣ ҳилаю найранги занон аст. Гуфтам:

- Домулло, занро дар баробари шайтони рондашуда нагузоред, зан модар, зан сарчашмаи ҳаёти музаффар, зан зебу зиннат, намаки оши ҳаёти зиндагонист, чаро занро шумо ин тавр паст мезанеду аз онҳо дурӣ меҷӯед? Гуфт:

- Ҷавони зебо, дар бораи хайру шарр (бадию некӣ)-н занон анбиёю авлиёҳо, хусусан, Ҳазрати Муҳаммад (с), Синбоди Ҳаким,

Носири Хусрав, Унсуралмаолии Кайковус, Аҳмади Дониш ва садҳо дигарон бисёр суханони ҳақ гуфтаанд. Занон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: занони карима ва занони лаима. Занони карима, занони бузурге ҳастанд, ки дар сафи хотуни қиёмат Ҳазрати Бибӣфотимаи Заҳро (р-о), Бибӣ Хатичаи Кибриё (ро), Бибӣ Марям (р-о), Бибӣ Осия (р-о), Бибӣ Оиша (р-о) ва ғайраҳо меистанд, ки дар ҳаққи шавҳаронашон корҳои некеро ба анҷом расондаанд.

Ҳазрати Салмони Форс (р) ривоят мекунанд:

- Рӯзе ҳазрати Фотима (р) назди Расул (с) гирякунон омад, ки рангаш тағйир ёфта, зард гашта буд. Расул (с) пурсид, ки эй духтари ман, чӣ ҳолат туро воқеъ шуд. Хотуни қиёмат гуфтанд:

- Ё Расулуллоҳ, ҳамроҳи Муртазо Алӣ (к) мазох мекардам, аз сухани ман Алӣ (к) дар ғазаб гардида, хост, ки аз хона барояд, ман аз он сухан пушаймон гашта, маҳзун гардида, гуфтам:

- Эй ҳаБибӣ ман, дар вақти мазоҳ надониста туро дар ғазаб овардам. Аз он пушаймон шудам, аз ман розӣ бош, гуфта, хафт маротиба аз сари ӯ гаштам. Аз ман розӣ шуда, ба рӯйи ман хандид. Бо вуҷуди розӣ шудани ӯ, аз Аллоҳ таъоло тарсида, назди шумо омадам. Расул (с) гуфтанд, ки эй духтари ман, савганд ба зоти Илоҳӣ, ки ба ростӣ маро ба халқ фиристодааст, агар ҳароина, қабл аз розӣ шудани шавҳарат вафот мекардӣ, ҷанозаи туро намехондам. Эй духтари ман, бидон, ки аз ҳар зане, ки шавҳар аз ӯ розӣ бошад, Аллоҳ таъоло аз он зан розӣ ва ҳар зане, ки шавхар аз ӯ розӣ нест, Аллоҳ таъоло аз он зан розӣ нест. Эй духтари ман, ҳар зане, ки мисли ибодати Марям бинти Умрон ибодат дошта бошад, агар шавҳар аз ӯ розӣ набошад, он ҳама ибодати ӯро Аллоҳ таъоло кабул намекунад. Эй духтари ман, беҳтарин аъмоли занон фармонбардории шавхар аст. Эн духтари ман, зане, ки як соат ҳамроҳи шавҳари худ ба хушвақтӣ ҳазлу мазоҳ карда, шавҳари худро хурсанд кунад, аз ибодати яксола беҳтар бошад ва савоби шуҳадоро дарёбад.

Эй духтари ман, ҳар зане, ки бо сухани хуш ва бозии меҳрубонона дилрабой карда, шавҳари худро хурсанд кунад ё фарзандони хешро хушбахт гардонад, Аллох таъоло воҷиб гардонад ба он зан ҷаннатро ва ато мекунад ба хар хурсандии он шаҳре аз биҳишт.

Ба гурӯҳи занони лаима, заноне дохил мешаванд, ки ҷаккоки маккора буда, бо ҳилаю найранги худ шайтони раҷимро дар ҳайрат меоваранд. Халқ беҳуда нагуфтааст:

«Дарахти макри зан сад реша дорад, фалак аз дасти зан андеша дорад».

Аз суханони бобои Абутуробӣ бараъло хис кардам, ки ӯ ба доми кадом як зани ҷаккок афтодааст у аз дасти он гурезон аст. Гуфтам:

- Домулло, аз саргузашти худ ва зани ҷаккоке, ки аз ҷабру ҷафои ӯ нолонед, каме хикоят кунед.

Ӯ бори дигар ба фикр фурӯ рафта, оҳи чуқуре кашида, бо алам гуфт:

- Бале, шумо гуфтед, ки зан ним пир ба хисоб меравад, ин сухани шумо аз рӯи гуфтаҳои анбиёю авлиёхо аст, зеро ки зани хуби карима мардро аз амалҳои бад, бо гуфтору кирдори худ мегардонад ва намегузорад, ки ӯ ба роҳи хатое қадам гузорад. Зани лаима бошад, шавҳарашро ба лаби ғори бетаг бурда, ӯро бо як лагад дар қаъри чоҳ ҷой медиҳад. Беҳуда намегӯянд:

**Тоҷ бар сар мекунад, зан мекунад,**
**Хок бар сар мекунад, зан мекунад.**

- Бародар қиссаи зани ҷаккокро нашунидаед, ки аз тарси он зани лаимаи ҷаккок аждар аз макони хеш Ҷонашро гирифта, ба саҳрою биёбони беоби сӯхтаи лабташна фирор кардааст.

Дар айёми тифлӣ аз падари худораҳматиям шунида будам, ки мегуфт:

- Дар деҳаи зебои хушбоду ҳавои кӯҳистони Бадахшон марди обиде мезистааст. Ӯ барои ба даст овардани қути лоямут аз субҳи содиқ то намози шом захмат кашида, подоши меҳнати худро оварда, ба дасти зани шаттоҳу ҷаккоки худ медод. Зан он сарвати бо нӯги сӯзан ва бо хуни дилу обилаи кафи даст ҷамъкардаи шавхарро, дар як они воҳид бо дугонаҳои маддоҳи хеш бахри зебу зиннат ва маишату ишрат ба бод медод. Мард баъди хоб рафтани зан таҳорат карда, пинҳонӣ ибодат намуда, ба даргоҳи Аллоҳ таъоло муноҷот намуда, ҳамин дуое, ки ман баъди панҷ вақт намоз аз даргоҳи

Худованд талаб мекунам, ӯ мекардааст. Рӯзе дуои ин марди обид ба даргоҳи Худованд қабул мегардаду ӯ аз занҷиру доми ин зани ҷаккок наҷот меёбад.

Зани ҷаккок беҳудаю баҳуда, субху шом, то вақте ки хобаш барад, монанди қурбоққаю сагбача сӯи шавҳар меҷакидааст. Аз тарси зани беимон ӯ махфӣ ибодат мекардааст. Дар вақти ибодати пинхонии шавҳар ӯ пайдо шуда, ибодати ӯро фосид карда мегуфтааст:

- Эй муллоҳудҳуд, аз хаму хезшавии ту чӣ фоида, рафта ягон корро ба анҷом расону барои ман молу сарвате биёр, бо ибодати ту ризки мо зиёда намешавад. Охир, зани ҳамсоя ҳар рӯз як ранг либос мепӯшад, ман чӣ?! Охири ҳафта дар деҳа тӯй аст, ман бо ҳамон куртаи ҳафтаи гузашта дӯзондашуда ба тӯй равам? Охир, ин куртаро одамон дида буданд, агар дубора дар танам бинанд, чӣ мегуфта бошанд? Ман шарм медорам.

Умуман, аз ҷакидани ин зани лаима марди обид аз ибодати даргоҳи Худованд дур шуда, чӣ кор карданашро намедонист.

Шабе баъди лату кӯб ва дашному таҳқири зани ҷаккок мард пинхонӣ ибодат намуда, ба даргоҳи Аллох таъоло муноҷот карда, роҳи наҷоти худро аз доми ин балои азими заминӣ аз сидқ талаб кард. Ногаҳон, хобаш бурд ва худро дар олами хоби аҷоибу гароиб дид ва фикри бикре ба сараш омад, ки чунин буд:

Зан талх-талх чун саги гуруснаи хунхор ба сӯи шавхар меҷакид. Шавҳар ӯро ором карданӣ шуда гуфт:

- Эй занакҷон, ману ту сарватмандтарин инсонҳои рӯи ҷаҳон мешавем. Ман дар ғори таги чашмаи Булбулон хазинаи тилло ёфтам, пагоҳ рафта онро мегирему ман чун шоҳу ту ҳамчун малика зиндагонӣ мекунем.

Аз ин суханони мард зани ҷаккок хурсанд гардида, худро дар боги Фирдавс хис мекард ва ӯ то субҳи содик шавҳарашро хоб рафтан нагузошту мегуфт:

Барои ман ана дар он ҷо қаср месозӣ, дар фалон ҷо чорбог бунёд мекунем, чандин канизу ғулом мехарем ва ғайраю ҳоказо.

Субҳи содиқ мард пеш пешу зан аз қафо сӯи ғори чашмаи Булбулон равон шуданд. Мард хост, ки аргамчинро ба камар бандад, дар ин айём зан бо шитоб арғамчинро аз дасти мард

рабурда гуфт:

- Ҳай марди гӯлу гаранг, ту мисро аз тилло фарк намекунӣ, чӣ тавр ба ғори пур аз тиллою танга медарой? Ту вазнин ҳастӣ, ман туро аз он ҷо бо тангаю тиллои бисёр чӣ тавр кашида мебарорам? Беҳтараш ман медароям, гӯён аргамчинро ба миёнаш маҳкам баст.

Мард зани ҷаккокро ба ғор овезон намуда, яку якбора арғамчинро аз даст рахо кард ва зани ҷаккок дар қаъри гор шуд. У як ҳафта осуда истироҳат мекунад. Мард, ки инсони обиду дилсӯз буд, ба ҳоли ин зани ҷаккоки бадкирдор раҳмаш омад ва хаёл кард, ки зан баъди ин қадар азоб шояд хуб гардида, аз ҷакидан мондааст.

Субҳи содиқи рӯзи ҳафтум аргамчини дигареро гирифта, барои наҷоти зан сӯи гор равон мешавад ва арғамчинро ба ғор овезон карда, садо карда мегӯяд:

Аргамчинро дошта баро!

Мард ҳис кард, ки касе аргамчинро медорад ва ба сӯи худ кашида, вазниниеро ҳис мекунад. Кашида баровარда мебинад, ки аждаре, сараш чун сари саг ба арғамчин печида баромадаст. Мард аз тарсу ҳайбати аждар бехуш мешавад ва пас аз замоне ба ёд меояд, ки аждар дар болои сараш истода, магасонро бо думаш меронд. Мард бори дигар аз тарс вуҷудаш карахт шуда, забонаш гирифта, сухан гуфта наметавонад ва хайрону харосон ба аждари бадҳайбату зиштсурат менигарад. Дар охир аждар ба забони ҳол омада мегӯяд:

- Эй накӯтарин махлуқи дунё, эй наҷотдиҳандаи балоҳо, ман намедонистам, ки дар ҷаҳон чунин балоҳои азим вуҷуд дорад. Як ҳафта шуд, ки махлуқе чинсаш чун ҷинси шумо, лекин забонаш чун забони қурбоққаю сагбача, чунон меҷакад, ки ҳеҷ махлуқи олам тобу тоқати шунидани он садоро надорад. Аз рӯзе, ки ин балои азим ба макони ман омад, аз хӯрду хӯрок боз монда, як баробар харобу лоғар шудаам ва аз даргоҳи Офаридагор наҷот хоста, талаб кардам, ки агар кадом махлуқи дунё маро аз доми ин балои азим халос кунад, як умр гуломи ӯ мешаваму ӯро ба муроду мақсадҳои дунявияш мерасонам. Акнун, ки ту наҷотдихандаи ман ҳастӣ, ҳар чӣ хоҳӣ, ба мақсад мерасонамат. Мард мегӯяд:

- Ҳамон балои азим зани ман аст, ман мехоҳам ӯро наҷот диҳам, баъди ин қадар азоб ӯ зани карима шудааст. Аждар дар

ҳайрат монда мегӯяд:

- Эй мард, ту наҷотдиҳандаи ман ҳастӣ, аз ниятат баргард, вагарна зинда ба зинда фурӯ мебарамат. Ман тобу тоқати ҷакидани ин балои азимро надорам.

Мард аз тарси ҷон ба гуфтаи аждар розӣ мешаваЛ. Аждар мегӯяд:

- Подшоҳи шаҳри Сабз духтари каримаи моҳрӯю хирадманде дорад, ки дар ҷаҳон ҳамто надорад. Ман ӯро ба ту гирифта медихам. Мард хайрон шуда мегӯяд:

- Чӣ тавр ва чӣ хел мани жандапӯш домоди шоҳ шуда метавонам? Аждар мегуяд:

- Баъди панҷ рӯз ба дарбори подшоҳ биё ва Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим гуфта, вориди дарбори подшоҳ шав.

Аждар фишшосзанон сӯи шаҳри Сабз хазида меравад. Баъди се рӯз дар тамоми шаҳрҳою деҳаҳо овоза паҳн мешавад, ки дар вақти сайру гашти духтари подшоҳи шаҳри Сабз, дар чорбоғ аждаре гирди камарбанди ӯ печида, сарашро дар рӯ ба рӯи синаи духтар нигоҳ медорад. Ҳар гоҳе ки олимону ҳакимон қасди наҷот додани духтар мекунанд, аждар даҳонашро кушода, қасди заҳр задани духтар мекунад. Се шабу се рӯз мешавад, ки мубориза баҳри ҳаёт давом дорад ва подшоҳ илоҷе намеёбад. Дар охир подшох ҳамроҳи олимону ҳакимон ва ситорашиносон машварат карда, ба хулосае омаданд, ки касе духтари яккаю ягонаи подшоҳро аз ин балои азим наҷот диҳад, духтарро никоҳ карда, ба ҳамон кас медиҳанд.

Дар баробари ин суханро шунидан марди обид сӯи шаҳри Сабз равон мешаваду дар наздикии дарбори подшоҳ қарор гирифта, ба ходимону сарбозони подшох хитоб карда мегӯяд:

- Ман духтари подшоҳро аз ин балои азим наҷот медиҳам. Ходимон хабарро ба дарбориёни худи подшох мерасонанд, ки марди панҷохсолаи деҳотие омада, мегӯяд, ки фақат ман духтари подшоҳро аз ин балои азим наҷот дода метавонам. Подшоҳ заҳрхандае карда мегӯяд:

- Он деҳотӣ девона аст, ӯро аз дарбор дур кунед. Ин қадар олимону ҳакимон ва ситорашиносон аз ӯҳдаи ин кори басо мушкил набаромаданд, ин деҳотин жандапӯш чи тавр мебаромада бошад?

Ходимону сарбозон хостанд, ки марди деҳотиро аз Дарбор ронанд. Ногаҳон духтари подшох хитоб карда мегӯяд:

- Падарҷон, дили мӯъмин арши Худо ва назари Парвардигор дар пастист, иҷозат диҳед, он марди деҳотӣ вориди ҳарамсарой гардад, шояд ки ба дарди бедавои ман давое шавад.

Подшоҳ ва ахли дарбор аз ин садои ногаҳонии духтар ба ваҷд омаданд, зеро ки дар давоми панҷ шабонарӯз духтар факат хомӯш, дарун-дарун нолида сухане гуфта наметавонист ва аз чашмони махмури шаҳлояш ашк чун чашмаи Булбулон равон буд. Подшоҳ амр кард, ки дехотиро иҷозат диҳанд, то ба ҳарамсаройи подшоҳӣ дарояд. Марди деҳотӣ вориди ҳарамсарой шудан замон пойи ростро бардошта, ба дарун гузошта мегӯяд:

- Бисмилоҳир-раҳмонир-раҳим, эй аждар зани ҷаккок аз ғор баромада, ба суроғи ту омада истодааст.

Аз тарсу даҳшати зани ҷаккок аждар аз болои арки (манора) ҳарамсарой худро ба таг афканд, ки дар натиҷа зада пора-пора мешавад. Марди собиру обиди деҳотиро ба ҳаммоми дарбор бурда, шустушӯй намуда, либосҳои нави ҳарири шоҳона пӯшонида, ба харамсаройи подшоҳ оварда, бо шоҳдухтар ақди никоҳ мебанданд. Марди обид, аз дасти булӯрини шохдухтар дошта, ҳарду вориди шабистон (хобгоҳ) мешаванд.

Дар ҳамин вақт ногаҳон марди обид аз хоб бедор мешавад, мебинад, ки на харамсарой ҳасту на шоҳдухтар ва аз хоби дидааш дар ҳайрат мемонад, зеро ки субх дамида, рӯз сафед шудаасту садои гӯшхароши зани ҷаккок намеояд Ӯ хайрон-ҳайрон ҷониби хонаи хоби зани ҷаккок рафта мебинад, ки занаш чанд соат пеш хеста гирён дар сари болин нишастааст ва ишора мекунаду гап зада наметавонад. Пас аз панҷ рӯз маълум шуд, ки Худованди кариму раҳим дуои шавҳарро иҷобат карду зани ҷаккок абадӣ гунг шуд ва марди обид аз ҷакиши зан наҷот ёфт.

Пас аз ба анҷом расидани ин ҳикоя, ба бобои Абутуробӣ рӯй оварда гуфтам:

- Домулло, дар бораи завҷаи ҷаккоки худ нақл кунед, ӯ то ҳол гунг шудаст ё не?

У каме табассум карда, оҳи чуқури пурдарде кашида гуфт:

**Сар ҳамчу тори анкабуд ба сад дор кашидаем,**
**Осудагӣ зи дасти зани бадрашк надидаем.**
**Охир бишуд, умри азизу наоромидаем,**
**Бар ҷои шаҳди вафо, заҳри ҷафо кашидаем.**

- Кошки гунг мешуду ҳафт нафар тифлаки ноболиғи маро ятим намекарду молу мулкамро ба тороҷ намебурд ва думболи ким-кадом як хабиси зиногорро гирифта, ба кишвари Руссия фирор намекард. Сад доду бедод аз дасти зани лаима! Мани гумроҳи нодон дар айёми гурури ҷавонию ҷунунӣ, бехабар аз хислату рафтору кирдор чун бутпараст ба акси завҷаам Дилошӯб ошиқи шайдо гашта, падарамро ба хостгорӣ фиристодам. Тақдири Худо будаст, ки 33 сол ману Дилошӯб дар як болин сар мондем.

Моҳҳои аввали зиндагӣ чизеро дарк накарда, чун Лайлию Маҷнун ҳаёти ширин мегузаронидем. Ҳама кору бори зиндагӣ ба зиммаи модари меҳрубону хохари гамхорам вогузор шуда буд. Мо ҳарду то соатҳои нӯҳу даҳи пагоҳӣ хоб мерафтем. Модари зор бар сари болинамон омада нидо карда мегуфт:

- Абутуробҷон, арӯсҷон, хезед, дасту рӯятонро шуста, сари дастархон шинед, таъом хунук шуд.

Ман аз хоб мехестаму баъди даҳ-понздах дақиқа Дилошӯб хеста, хамёзакунон барои шустушӯй мерафт. Дилошӯб ин рафтору хислатро аз хонаи падару модараш бо хеш ҳамчун мерос ба хонаи шавхар овард. Мани гӯлу гумроҳ намедонистам, ки мардум бехуда намегуфтаанд: «Арӯсро дар арӯсияш ва кучукро дар кучукияш адаб кардан лозим аст, вагарна дер мешавад».

Баъди таваллуди нахустфарзандамон рафтору кирдор, хулқу хислати Дилошӯб ба ҷои беҳбудӣ бадтар гардид. Ӯ аз олами пурасрору сеҳрангези илму адаб, дину оини мусулмонӣ фарсаххо дур буда, дар ин бора тасаввуроте ҳам надошт. Рӯзе номаи камоли ӯро назора карда бинам, ғайр аз баҳои қаноатбахш (се) дигар баҳое нест. Ӯ хӯрдану ғайбат карданро хеле дӯст медошт ва дар як шабонарӯз чаҳордах-понздаҳ соат хӯррок кашида, чун хирси ба хоби зимистонрафта, хоб мекард. Тез-тез ба хонаи волидонаш рафта, ҳафтаҳою моҳҳо ғайб мезад. Ин ғайбзаниҳои ӯ рашкамро оварда, аз алами ҷудой ба корҳои зишт даст мезадагӣ шуда, ба

нӯшидани май одат кардам. Шумо мегӯед, ки зан ним пир аст, охир ин зани лаима чӣ хел ва чӣ тавр ним пир аст, ки маро ба ҷойи аз роҳи зишту бад гардондан ба он тела дод. Борҳо худ ва падару модарам барои ба хона баргардонидани Дилошӯб вориди деҳаи дурдасти кӯҳистон мешудем, ӯ кореро баҳона карда намеомад.

Умуман, рӯз то рӯз риштаи ишқи мо завол меёфт. Дар давоми ҳаёти якҷояи 33-солаи худ мо 23 солашро дар ҷангу хархаша сарф кардем. Ӯ баҳудаю беҳуда меҷакид, таҳқиру бӯҳтонам мекард ва тез-тез бар ҷойҳои нозуки асабам сӯзан мезад. Баъди фавти модари гамхору ба шавҳар баромадани хохари мушфиқ аҳволам боз ҳам вазнинтар шуд. Ӯ масти хобу хурроккашӣ буду ман пагоҳӣ гурусна ба кор мерафтам. Рӯзро дар даву ғечи кори давлат гузаронида, бехабар медидам, ки ақрабаки соат ба панҷ наздик мешавд. Ногаҳон хонаю зани ҷаккок ба ёдам меомаду ғам дар гулӯям гиреҳ мезад. Охир, куҷо равам, пеши кӣ равам, боз ҷакиш, боз ғурбат, росташро гӯям, аз хона гурезон шуда будам. Ягона роҳро дар сархушӣ медонистам, ки ин зарбаи ҷонкоҳе буд бар ақлу имон ва ҷисму ҷонам, ки аз дасти ин нимпир ба ин роҳ афтода будам. Солхо сипарӣ мешуд ва дар давоми ин ҳаёти талх хашт нафар фарзанд ба олам омад. Синну соламон ба ҷое расида буду хеҷ набуд, ки сулҳу салоҳ дар хонаи мо ҳукмрон гардад, айши талхи мо ширин шавад.

Ман аз рашки бехудаю беасоси занони лаима метарсам, зеро ки занони лаима аз рашку ҳасад мардонро бисёр ҳалок кунанд ва низ тану номуси худро ба камтарин касе диҳанд. Онҳоро бо ин кори зишти худ аз халқу Худо шармашон наояд, зеро аз маънавиёти дунявию фарҳанги Илоҳӣ дуранд. Асоси зиндагиро дар зебу зиннат ва маишати дурӯзаи дунявӣ мебинанду халос. Ман аз рашки беасоси Дилошӯб метарсидам, зеро ки Бунафшаи нобакор дар ҳаққи Ятими бечора хиёнате карда, ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ вақт фаромӯш карда наметавонам:

**Зани карима қаъбаи қалби мард кунад обод,**
**Зани лаима сарвату имонро диҳад барбод.**
**Карима зи ҷаври зиндагӣ надорад фарёд,**
**Лаима, гӯё зи нури иблис шуда бунёд.**

Ятим, ҷавонмарде ба хусн чун Юсуфи Канъону ба тан Рустами достон ва ба саховатмандӣ Ҳотами замон буд. Овозаи дастархону меҳмоннавозии ӯро аз дараи хушманзараи кӯҳистон то Руссияю Афғонистон муарифӣ карда буданд. Сар то сари Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро мешинохтанд ва бисёре аз эшон мехмони ӯ шуда буданд. Хонаи Ятим тӯйхонаро мемонд, ҳафтае набуд, ки барои меҳмонону ёру ҷӯраҳо чорвоеро курбон накунад. Дастархончии акои Ятим ҳамсояаш, яъне ҷӯраи нонияш Хоркаши муш буд, ки ҳамроҳи зани Ятим, Бунафшахон, дастархонро барои меҳмонон доимо оро медоданд.

Гоҳҳо, дар сари дастархон, Хоркаши муш қадаҳ бардошта, худро чун ошпази моҳир ба мехмонони аз Руссия омада муарифӣ карда мегуфт:

- Гиред, хӯред, ин таомҳоро ман худам тайёр кардаам, ана инаш аз гӯшти оҳу, инаш гӯшти кабк, инаш мурғи ҳилол ва ана инаш гӯшти гулмоҳӣ.

Ӯ бо ин суханонаш, чун рӯбоҳи ҳилагар худро дар назди Ятим дӯст нишон медод. Хоркаши муш, чун муши наскак, як пояш дар мехмонхона буду пои дигараш дар ошхона. Ятимро намегузошт, ки аз пеши мехмонон хезад, ӯ тез-тез нону лаълӣ ва чой дам карда, мебурду зарфҳои холишударо ба ошхона меовард. Аз сабабе ки меҳмонон ҳам зану ҳам мард ва ҳам русу ҳам ӯзбек ва дигар миллатҳо буданд, Бунафша аз Хоркаш пурсид, ки ин занҳои зебо аз куҷоянд ва онҳо кистанд? Хоркаши муш, ки аз таъсири май сархуш буд, гуфт:

- Бунафшахон, медонӣ, ҳамон зани зебои рус кист?

- Гап зан кист, он зани зебои рус ду-се маротиба мехмон шуда буд, лекин ман ӯро намешиносам, мумкин ягон коргари калон бошад ва ё зани ягон одами соҳибмансаб аст, ҳайрон шуда гуфт Бунафша.

Хоркаши муш мӯйлабонашро тоб дода, мушакмушак хандид. Аз ин хандаи ӯ Бунафша мушавваш шуда, бо ҷиддият пурсид:

- Акои Хоркаш, илтимос гап занед, ин зан кист?

Хоркаши муш гуфт:

- Бунафшахон, мегӯям, ки ӯ кист, ба шарте ки ту савганд ёд кунию ин сирро аз номи ман ба ягон кас, хусусан, ба Ятим ошкор

насозӣ.

Дар як лаҳза рашку ҳасад чун гургони гурусна, қалби орому сокини Бунафшаро тала карданд. Рангу рӯяш тағйир ёфта, чун лола суп-сурх шуд аз рашку ҳаяҷон, дастонаш дир-дир меларзид ва кимчӣ хел гумонҳои бад вуҷудашро фаро мегирифт. Бунафша бо шитоб аз хона берун баромад ва хост рафта бубинад, ки шавҳараш бо мехмонон ба чӣ кор машғул аст ва он зани зебои рус дар куҷо нишастааст. Аз сабабе ки меҳмонхона дар ошёнаи дуюм ҷойгир шуда буд, наззора карда натавонист. У чи кор карданашро надониста, чун мори захмхӯрда печу тоб мехӯрд. Дар ин вақт Хоркаши сархуш, фурсати қуллайро аз даст надода, ба Бунафша маслиҳат дода гуфт:

- Бунафшахон, Бунафшаҷон, мана норбон (зина), болои зина бароед, мехмонхона бараъло менамояд, тамошо кардан гиред.

Хоркаш чой барам гуфта, баҳона карда, чойники холиро гирифта, вориди меҳмонхона шуд. Меҳмонон Хоркашро дидан замон гуфтанд:

- О, мизбон, шумо куҷо шудед, акои Ятим дӯсти хуби ҳунарманд доштааст. Шуморо ҷарима бастан даркор гуфта, соқӣ қадаҳро пур карда, ба Хоркаш дароз кард.

Хоркаш мӯйлаби мушии худро бори дигар тоб дода, таъзим карда гуфт:

- Ҳамин хонуми зебо Тамарахонум сухан гӯяд, баъд ман менӯшам.

Дар ин вақт он хонуми зебо изҳор кард, ки бемор аст, аз 150 грамм зиёд наменӯшад. Хоркаш бошад, оҳиста ба дӯсташ Ятим ишора кард, ки бо дасти худ қадахро ба хонум диҳад. Аз сабабе ки Ятим ҳам сархуш буд, кадахро гирифта, аз ҷояш хеста дар бари хонуми зебои рус нишаста, илтимосу илтиҷо карда гуфт:

- Тамараҷон, меҳмони азизи ман шумо ҳастед, бояд қадаҳро аз дасти ман барнагардонед!

Хонум чӣ илоҷ гуфта, қадаҳро аз дасти Ятим гирифта чунин гуфт:

- Ҳозирони мӯҳтарам, ман нӯшиданӣ набудам, лекин чӣ илоҷ, сухани Ятим Насимовичро рад карда наметавонам. Бигзор хонаи ин кас доимо тӯйхона бошаду дӯстии мо доимӣ гардад!

Хонуми зебои рус қадаҳи худро бо қадахи Ятим Насимович чақ дода, ҳамагон нӯшиданд. Қадаҳҳои холишударо аз даст ба замин нагузошта буданд, ки Хоркаши муш худро дар зери норбони Бунафша карор дода гуфт:

- Бунафшаҷон, фаро, хамаашро худат бо чашмони хеш дидӣ, чизе, ки айён аст, чӣ хоҷат ба баён аст.

Бунафша нафаси чуқур кашида, оҳиста-оҳнста аз зина ба поён фурӯ омад. Дар охири зина, Хоркаш ӯро аз Ду китфаш дошта, зер карда, дошта вориди ошхона шуд. Ақрабаки соат ба дувоздах. наздик мешуд. Бунафша ба курсӣ нишаста, бо ду даст рӯяшро пӯшонда, аз таъсири рашк охиста-охиста ба гиря даромад.

Тири мақсади Хоркаш ба хадаф расида буд, ки аз ин омади кораш шоду масту магрур буд. У сари зону рӯ ба рӯи Бунафша нишаста, бо як хисси шаҳвонӣ чун рӯбоҳи маккор гуфт:

- Бунафшаҷон, гиря накун, ғам махӯр, тақдират ҳамин будааст. Ту дар хона аз субҳ то шом заҳмат мекашию Ятим бо ин хел хонумҳо маишат мекунад. Кошки ман ҳам монанди Ятим ин хел зани кадбонуя зебо медоштам, ӯро дар болои чашм ҷой дода, рӯи даст бардошта, гирди ҷаҳон мегардонидам.

Ақрабаки соат ба ду наздик мешуду сӯҳбати мехмонон поён намеёфт. Хоркаш бошад панҷ дақиқа дар мехмонхона буду ним соати дигар дар ошхона. Аз фурсат истифода бурда, дар охир Хоркаши муш аз дастони сапсафеди булурини Бунафша дошта гуфт:

- Бунафшаҷон, шумо чӣ хел зебоед, дастони шумо тиллоиянд, Ятими занакбоз садқаи шумо барин паричеҳра шавад, бин, ки аз соати шаши бегоҳ то ҳол аз пеши маҳбубаи урусияш намехезад. Бунафшаҷон, гам нахӯред, ман як умр хизмати шуморо ба ҷой меорам, гуфта, аз ду китфаш дошта, ба сари синааш зер кард.

Бунафша ҳам мукобилият накард. Аз ин шикори нахустин ӯ ҷасуртар шуда, Бунафшаро ба канор кашида, бӯсаборон кард ва тири дуюм хам ба хадаф расид.

Бо ҳамин роҳ Хоркаши мушу Бунафшаи хиёнаткор чун Лайлию Маҷнун муддате бо хам буданд. Хоркаши муш чун каждуми тагн бӯрё, дар ниқоби дӯст, аз дастархону намакдони Ятим нону намак мехӯрду ба он дастархону намакдон туф мекард.

Хоркаш хост, ки Ятимро аз сари рохаш дур кунаду баъд дунёро бе душман карда, бо Бунафша маищату ишқварзӣ намояд. ХоркашИ гуломи нафсу шахват аз нофаҳмию шаҳватпарастии ин зани лаима, яъне Бунафша, истифода бурда, ба мақсади нопоки худ ноил гардид.

Бо тавсияи Хоркаши муши шаҳватпараст, Бунафшаи бадрашки зинокор, субҳи рӯзи ҷумъа дар косаи ширчойи Ятими меҳмоннавоз захр пошид. Кошки захри қотиле мепошид, ки нӯшидан замон чун ҳазрати Имом Ҳасан (р) ҷигараш пора-пора шуда, аз даҳонаш меомаду дар сафи Шухадои Солиҳин ҷой мегирифт.

Ин тавр нашуд, ин заҳр аз заҳри қотил ҳам бадтар буд, ки то ба охири умр аз акл бегонаю заифаш гардонда буд, ки чун ҳайвони безабон чӣ кор кардану ба куҷо рафтанашро намедонист. Ин корро Бунафша дидаю дониста карда буд, зеро ки ӯ на дар нияти куштану нест кардани Ятим буд, балки мехост шавҳарашро гӯлу гумроҳ ва заиф карда, ҳамчун ғулому хизматгор аз мехнату сарвати ӯ истифода бурда, то охири умр бо Хоркаши ҳамхислаташ маишат кунад.

Боз меҳнату заҳмат, дарду ранҷ ба зиммаи модару хоҳарони Ятим афтод. Модари зор холи табоҳи фарзанди логару рангзарди дардмандро дида, талх-талх гириста мегуфт:

- Ятимҷон, дар сурату сират, одаму одамгарӣ, меҳмону меҳмоннавозӣ дар ҷаҳон ҳамто надоштӣ, лекин афсӯс, сад афсӯс, ки ин амалҳои некро на дар рохи Ҳак, балки дар роҳи ботил сарф кардӣ ва қарзи Худовандро, яъне намозро ба ҷой наовардӣ, аз ҳамин сабаб, Худованд лашкари қаҳрро бар сари ту фиристод, ки ин аст ғазаби Аллоҳ таъоло алайҳи бандагони фосиқу мунофиқ.

Дар давоми чандин солҳо, баҳри даво модару писар мегаштанд гирди дунё, лекин шифо буд танҳо дар дасти Худо. Духтуру табиб, сеҳргару фолбин ба дарди бедавои Ятим даво намеёфтанд. Дар гами фарзанди ҷигарбанди дардманд, модари чашминтизор дунёи фониро падруд гуфт.

Баъди фавти модар аҳволи бади Ятими бемор боз хам бадтар шуд. Ӯ ба деҳаҳои дури кӯҳистон сафар карда, гоҳе даруни ғору ҷангалзорҳо шабона мехобид. Ниҳоят, Ятими сарватманди

меҳмоннавоз дар хонаи хоҳараш бо азобҳои зору ҳоли табоҳ ногаҳон фавтид. Дар ҷанозааш кам ёру ҷӯраҳои қадрдони ҷонӣ ширкат варзиданд. Ҷасади мушти устухонашро дур аз зодгоҳ ба хоки сарду тираи намнок супурданд.

Фикри хоми бунафшаи ҳилагар пуч баромад. Баъди бемории Ятим молу сарвати дунё ба Бунафшаи ҳарис вафо накард, зеро ки халқ беҳуда намегӯяд, ки баракати хонадон дар сари як кас, яъне сарвари хона, шоҳсутуни ҳаёт, шавҳар аст. Аз сабабе ки Бунафша қашшоқ гардида буд, ҳусну таровати ҷавонияш рӯй ба таназзул овард, Хоркаши муши фосиқ аз ӯ рӯй гардонид. Рӯзе Бунафша Хоркаши дӯстдоштаашро дар лаби дарёи Кофарниҳон бо ҷавонзане дида рашкаш омад ва ӯро наздаш хонда, аз бевафогии ӯ шикоят карда, дергоҳ гирист. Хоркаши муш чун гурги пири борондида, мӯйлабонашро тоб дода, чизе ба хаёлаш омад, ки гуфт:

- Бунафша дар ёд дорӣ, шабе, ки Ятим бо хонуми рус, яъне Тамара қадаҳро бардошта буданд, ту аз рашк монанди ҳозира менолидӣ. Ман аз тую аз рашки беасосат метарсам, ки ту аз рашк маро ҳамчун Ятими бечораи бегуноҳ заҳр, яъне магзи сари хар нахӯронӣ, ки монанди Ятим даҳшатноктарин дарду маргро чашам. Бунафша, ман хислату рафтори туро панҷ-панҷа барин медонам ва аз ту хавф мебарам. Аз ҳамин рӯз ману ту ҳамдигарро намешиносем. Ҳар ки бо роҳи худ, гуфта аз назди Бунафша дур шуд.

Бунафшаи қотил бо ду даст сарашро сахт дошту дар ҷояш нишаст. Пас аз як рӯз маълум шуд, ки фишори баланди хуи тарафи чапи ӯро зада, фалаҷ кардааст. Бехуда намегӯянд, ки «некиро нек расад, бадиро бад». Бунафша ҳафт сол бемори бистарӣ гардида, пӯсту устухон ва хуну зардоб гашта, бо зориҳои зор дар хонаи пур аз чангу хок дар болои як гилеми кандагӣ ҷони худро ба Ҷаббор супорид.

Ана, ин буд қиссаи ҳуҷҷатии дӯстам Ятим, пас чаро ман аз рашки беасоси Дилошӯб натарсам?!

**Зани бад дар сарои марди накӯ,**
**Ҳам дар ин олам аст дӯзахи ӯ.**

Чи кор кунам, ки қиссаи талху шӯр, ширину туруши худро пурра ва бо тафсил гуфта ва иншо карда наметавонам?!

**Ранҷҳои дардам куҷо гӯям, надорам ҳеҷ кас,**
**Дар навоям рӯзу шаб набувад маро фарёдрас.**
**Гирди саҳрои ҷунунам, нест ёру ҳамнафас,**
**Гашта ба маҳмил ҷудову дурам аз савти ҷарас.**

Баъди хондани ин абёт ашк дар чашмони Абутуроб ҳалқа заду дарду гами ҳиҷрон гулӯяшро мефишурд. Аз ин аҳволи вазнини ӯ ба дурустӣ ҳис кардам, ки ҷабру ҷафои зани нобакоре дар мағзи ҷисму ҷон ва ақлу имони ин марди панҷоҳу сесола зарбаҳои халокатовар зада, ба ризқу рӯзӣ, шаъну шараф ва обрӯяш лакнаҳо овардааст. Зеро ки ба ӯ борҳо изҳор карда, гуфта буд, ки маро мардуми фарҳангии ҷумҳурӣ ҳамагон мешиносанд ва ин зани хабис ба оинаи илҳоми қалбам дар аввал хокистар пошиду сонӣ бо санги маломати рашкаш онро пора-пора кард.

Ғайбату тӯҳмати ноҳақу беасосро дар ҳаққам бофту миёни мардум овозаю дарвоза кард:

**Басо умрро андар пардаи бадномӣ бурдам,**
**Зи дасти бетамизиҳои Дилошӯб зинда дар гӯрам.**
**Чу ашкам нест сомоне ба ҷуз дар пӣ ғалтидан,**
**Ба найранги душманон ҳамчу тир афтода дурам.**

Гуфтам:

**Санги бадгавҳар агар косаи заррин шиканад,**
**Қимати санг наафзояду зар кам нашавад.**

- Акои азиз, қимати шумо ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ вақт коста намегардад, зеро ки шумо дӯстдори анбиёю авлиёҳо ҳастед.

Ҳаволаашро бар Худованди Ҳақ кунед, зеро ки ростиро завол нест ва ё дуояш бикунед, ки монанди зани ҷаккок гунг шавад ва ё мисли Бунафшаи зишткор ба дарде гирифтор гардида, як умр азоби ҷисмию рӯҳӣ кашад, то ки Худоро шиносаду ба қадру қимати шавҳару фарзанд ва миллату ватан бирасад.

Абутуроб сар бардошта, бо изтироб гуфт:

- Не, не, ҳаргиз ман дуои бадаш намекунам, зеро ки дар пандномаи Ҳазрати Мавлавӣ борҳо хонда будам, ки дуои бад ҳам амали зишту бад аст, дуои бадро дар ҳаққи душмани сабъатон ҳам раво надоред, ки дуои бад бар ҷисму ҷон ва ақлу имонатон зиён меоварад. Аз ҳамин рӯ дар ҳаққи Дилошӯб дуои хайр мекунам, ки илоҳо бор Худоё, аввал ақли расо, имони комил ва сонӣ шарму ҳаё атояш фармо, то ки ба васвасаи занони одамсурату шайтонтабиат дода нашавад ва ҳақиқатро бифаҳмаду сиёҳро аз сафед фарқ карда ба ватан баргардад.

Охир, ӯ модари ҳашт нафар фарзанд аст. Бигзор рӯзе ҳақиқати холро бифаҳмад. Беҳтар аз ман ба ӯ дигар шавҳар, шавҳаре нест ва азизтар ватан барои ӯ аз Тоҷикистон кишвар, кишваре нест!

**Ба ин пандҳои подшоҳи мулки маъонӣ,**
**Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.**
**Пиру аҷдоди Мавлавии Сурхчёнӣ,**
**Сари таъзим фурӯд меорам дар чн зчндагонӣ.**

Ки мегӯяд:

**Ҳар ки моро ёд кард, Эзид мар-ӯро ёд бод,**
**Ҳар ки моро хор кард, аз умр бархурдор бод.**
**Ҳар ки андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,**
**Ҳар гуле, к-аз боғи васлаш бишкуфад, бе хор бод.**
**Дар ду олам нест моро бо касе гарди ғубор,**
**Ҳар ки моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод.**

## ҚИССАИ ЗАНИ БАДБАХТ

***Зи бас маънӣ, ки дорам дар замирам,***
***Худо донад, ки дар гуфтан асирам.***

Бахти сиёҳ дар синни ҳафтсолагӣ ба Санавбар ёр гардида буд,

ки модари ғамхораш ӯ ва бародарону хоҳаронашро абадӣ падруд гуфт.

Кори савдою тарбияи кӯдакон ба зиммаи падари Санавбар Сайфулло афтод. Сайфулло, агарчи инсони хоксору порсо буд, вале ба тарбияи маънавии фарзандонаш он қадар ахамияте намедод. Аз ҳамин сабаб мардум ӯро Сайфулло-беғам ва ё Сайфулло-бепарво меномиданд.

Санавбар нисбат ба апаю хоҳараш серҳаракату хушчақчақ буд. Баъд аз гузашти солҳо Сайфулло бо зане хонадор шуд ва гоҳе дар хонаи зани наваш ва гоҳе дар назди панҷ нафар тифлакони ятиммондааш рӯз мегузаронид.

Рӯзе бародараш Соҳиб ба хонаи Сайфулло хостгорӣ омада, хоҳиш намуд, ки Санавбарро келин карда, ба писараш Ризо диҳад. Сайфулло аз хоҳиши бародар шод гашта, ризояти худро изҳор дошт. Баъд аз чанд муддате тӯйи арӯсӣ барпо гардиду Санавбару Ризо ба ҳамдигар зану шавҳар шуданд.

Баъд аз гузашти айём, зиндагии бофароғати Санавбару Ризо талху шӯр гардида, рӯ ба таназул овард. Зеро Ризои бачаи шаҳрӣ ба арақ дил басту Санавбари деҳотӣ ошиқу шайдои кӯчабоғҳои шахри Душанбе шуд.

Ин майзадагию бепарвогии Ризо нисбат ба Санавбар решаи дарахти ишқи онҳоро пӯсонид ва кохи муҳаббати онҳоро вайрон кард. Санавбар дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳр бо ҷавононе шинос шуд, ки аз хар ҷиҳат садҳо маротиба аз Ризо боло меистоданд. Духтари деҳотии тарбияи дурусти волидонро нагирифта, акнун болу пар бароварда, дар осмони мусаффои орзуҳои беҳаёёнаю бехирадона парвоз мекард.

Дар андак вақт дугонаю апахон, акахону шиносҳои нав ба нав пайдо кард. Сафи «мухлисон»-у «дӯстонаш» рӯз то рӯз меафзуд. Ҳамсояҳо келинчакро дар боғу хиёбонҳои шахр медиданду ин хабарро ба Ризою модараш мебурданд. Ҷангу ҷанҷоли оилавӣ солҳо давом карду дар охир Ризо Санавбарро талоқ дод.

Санавбар аз беғамию бепарвогии падар истифода бурда, ба хонаи падар барнагашт. Дар аввал ӯ дар хонаи кӯдакон мураббия шуда кор кард ва сонӣ апахонҳояш ба ҷавонмарди самбӯсапазе шиносаш карданд. Ӯ рӯзҳо самбӯса савдо мекарду шабона меҳмони

хоҷагонаш мешуд. Ин кор солҳо давом дошт. Рӯзе Санавбар бо ҷавоне вохӯрд, ки ӯ аз дастаи низомии фронти халқӣ буду аз вилояти Хатлон ба шаҳр омада буд. Ин ҷавон (боевик) ӯро ба занӣ гирифт. Баъд аз нӯҳ моҳу нӯҳ рӯзу нӯҳ соат Санавбар духтарчае таваллуд кард. «Боевик», ки сари чандин бегуноҳонро хӯрда буд, рӯзе бе ному нишон ғайб зад. Аз ҳамин сабаб рӯҳи кадом як бегуноҳ сари ҷанговарро хӯрд. Пас аз сари шавҳари дуЮм авҳоли Санавбар бад шудан гирифт, зеро ки тарбияи фарзанд ба зимаи ӯ бор шуда буд. Санавбар ночор ба хонаи падар баргашт. Дар хона ҷонзоде набуд. Хоҳару апааш дар хонаи шавҳаронашон зиндагонӣ мекарданд. Акаҳояш, яке дар кишвари Руссия, дигаре дар Ҷумҳурии Узбекистон дар талоши қути лоямут заҳмат мекашиданд. Падар дар хонаи зани наваш бо ҳашт нафар тифлакон зиндагӣ дошт.

Сайфулло инсони содда ва хоксору покдил буд, аз ҳамин сабаб ӯро нобакорон бо бӯҳтоне маҳбусаш карданд. Санавбар худро ягона ҳокими хона мепиндошт, лекин аз рӯи хислати бадаш хеч гоҳ рӯзи некро надид. Ӯ яку якбора дучори ҳамлаи якчанд беморӣ гардид. Дарди нимсара азобаш медод, шабҳо хобаш намебурд. Дандонҳояш сипсиёх шуда, мерехтанд ва дарди шадидеро ҳис мекард. Дар вақти гап задан кампири ҳаштодсоларо мемонд, чунон харобу логар шуда буд, ки пӯст дар болои устухон намудор буд. Умуман, ҳусну таровати ҷавониро дар роҳи фисқу фуҷӯр бой дода меистод. Дар паси гардану тахтапушташ бемори хӯрандаи «Нори форсӣ» ва ё «Нимич» пайдо шуд, ки рӯз то рӯз инкишоф меёфту азобаш медод. Духтурон ба ин се дарди Санавбар давое ёфта натавонистанд, гарчанде солҳо бахри даво медавид. Аз ҳамин сабаб чун пештар мухлисеро ба худ пайдо намекард.

Санавбар духтарчааш Нарғисро гирифта, аз нодорию ночорӣ дар бозору кӯчаҳои шаҳри Ваҳдат мегашт, то инсонеро пайдо кунад, ки ба дарди ӯ дармон шавад. Рӯзе дар бозор бо як мард вохӯрд ва он марди шӯррапушт мехост, ки аз ӯ коми дил ҳосил кунад. Ӯ Санавбарро ваъда дод, ки ман ба шумо ёрии моддӣ мерасонам ва ба назди як дӯстам, ки духтур аст, бурда доруҳои бепул гирифта медиҳам.

Ин мард Фозил ном дошт. Санавбарро гирифта ба дафтари

корин духтур меорад. Духтур пас аз муоина ба се маризи Санавбар зиёда аз сӣ номгӯй доруҳоро навишта, қогазро ба сӯяш дароз карда гуфт:

- Хоҳарам, ин доруҳоро харида табобат кунеду пас аз як ҳафта боз барои муоина биёед.

Санавбар қогазро гирифта чашм давонд ва оҳи сарде кашида гуфт:

- Акои духтур ин дорухо чанд сум нарх доранд?

Духтур гуфт:

- Ҳеҷ гап не, чил ё панҷоҳ сомонӣ мешаванд.

Санавбар боз оҳи дардноке кашиду гирён шуда гуфт:

- Акои духтур, агар ин қадар маблаг медоштам, ҳеч гоҳ бемор намешудам.

Акнун духтур Юсуф ҳис кард, ки ӯ мӯҳтоҷи ёрист. Юсуф рӯ ба Фозил оварда гуфт:

- Фозил, агар маблағе дошта бошӣ, ба ин бемор ёрӣ расон, савоб мегирӣ!

Фозил ғур-ғуркунон кисаҳояшро кофта гуфт:

- Сабил моиад пулҳоям дар кисаи костюми дигарам мондааст.

Юсуф хислату рафтори Фозилро бо хубӣ медонист, ки ӯ чизе надораду қасди ба дом афтондани ин зани бебахт кардааст. Дили Юсуф ба ҳоли зори Санавбари бахтгумкарда сӯхт ва гуфт:

- Хохарам, шумо аз куҷо мешавед ва духтари кистед?

Санавбар ашки чашмонашро пок карда гуфт:

- Ман аз деҳаи Кофарниҳон духтари Сайфулло мешавам.

Юсуф тааҷҷубомез гуфт:

- Ҳамон Сайфуллое, ки бо тӯҳмати ярок пинҳон кардан маҳбусаш карданд?

Санавбар бо садои хастаю гиряомез гуфт:

- Бале.

Юсуф яку якбора аз ҷояш ҷаҳида хесту рангу рӯйяш тагйир ёфта гуфт:

- Охир, Сайфулло хеши ман аст?! Шумо, духтари бемор, хеши ман ҳастед?!

Дар ҳақиқат, Сайфулло бо Юсуф хеши наздик буданд. Модоме ки ваъзият чунин сурат гирифт, Фозил аз ноомадн кораш дафтари

кориро тарк кард. Юсуф ба Санавбар рӯй оварда гуфт:

- Ин мардро аз куҷо мешиносед?

Ӯ гуфт:

- Ду Рӯз пеш бо ӯ вохӯрда будам. Ӯ мегӯяд, ки маи марди муҷаррадаму зан гирифтан мехоҳам ва аз дунболам то ба ин ҷо омад, пас маълум мешавад, ки пули пучаке ҳам надорад.

Дили Юсуф ба ҳоли Санавбар месӯзад ва ӯро ба хонааш даъват карда, аз саргузашти талху шӯри Санавбар пурра огаҳ мешавад. Баъд аз чанд рӯз ба табобати амрози Санавбар пардохта нӯҳ моҳ ӯро табобат кард. Дарди нимсараю бемории пӯст, «Нори форсӣ» ва «Нимич»-и хӯрандаро даво мекунад, ки маблаги калонеро талаб мекард. Ба замми ин Санавбар ба дарди газзаки заҳдон низ гирифтор шуда буд, ки ранҷу азобаш медод, ба восиати дигар духтурон ин маризи ӯро низ табобат мекунад.

Санавбар дигар он Санавбари пештара, ки пӯсту устухон, рагу ришта менамуд набуда, як духтари нозанини сурху сафеди зебои чор кас медидагӣ шуда буд. Рӯз то рӯз ӯ фарбеҳу зеботар мегардид ва дили ҳар як бинандаро ба худ моил мекард . Рӯзе Санавбар як дафтар оварда, дар болои мизи кории Юсуф монда гуфт:

- Юсуфҷон, Юсуфҷони ман ин дафтарро хону тез ба он ҷавоб гардон!

Юсуф дафтарро кушода ба сатрҳои он чашм давонда мебинад, ки чунин навишта шудааст: "Юсуфҷон, ҷону ҷигарам, наҷотдиҳандаю муҳофизу дармондеҳи ман, бе ту зиста наметавонам. Бе ту дунё ва зиндагӣ барои ман маъние надорад. Ту офтоби нурбахшию ман шаби тор, шаби тору зулматро равшан куну аз таънаи янгаам озодам намо ва маро гирифта ба ягон ҷой бар, ки бе ту зиста наметавонам, ҳаёту мамотам дар дасти туст, эй мурғи бахт! Агар маро ба занӣ нагирӣ, қасам ба номи Аллоҳ худамро дар дарёи Кофарниҳон гарқ мекунам. Илтимос, сад илтимос ҷонамро наҷот деҳу дасти мани афтодаро гир...

Умуман, як дафтари калон пур аз нолаю фарёд аз дарди ишқи сӯзон гувоҳӣ ва шаҳодат медод. Баъди хондани ин сатрҳои оташини ҷонгудоз дар қалби Юсуф нисбат ба ин зан як меҳру муҳаббати самимӣ пайдо мешавад. Юсуфу Санавбар пинҳонӣ ақти никоҳ мебанданду нӯҳ моҳ чун Лайлию Маҷнун зиндагонӣ мекунанд.

Санавбар худро *Лайлии* асри 21 нишон медоду лофи вафодори мезад.

Рӯзе Юсуфу Санавбар маслиқат карда ба хулосае меоянд, ки рӯзи якшанбе, ки ба иди қурбон рост омада буд, назди акои Сайфулло рафта сирри никоҳи пинҳониро кушода, аз ӯ дасти дуо бигиранд. Ногаҳон Юсуф бемор мешавад, ду ҳафта Санавбарро намебинад. Ҳафтаи сеюм ба истгоҳ баромада мехоҳад, рафта аз аҳволи Санавбар хабар гираду барои дуои акои Сайфуллоро гирифтан ба деҳаи Навобод равад. Дар ҳамин вақт, рӯ ба рӯи Юсуф духтари амаки Санавбар Саида баромада мемонад. Юсуф аз Саида мепурсад:

- Саидахон аз куҷо меоӣ?

- Аз хонаи акаи Сайфулло, Санавбарро ба шавҳар додем, падараш хабар надошт, ман рафта хабар кардам, ки амаки Сайфулло духтаратон Санавбарро ба шавҳар додем. Ӯ хеле хурсанд шуд. Шавҳари навбатияш аз ноҳияи Файзобод буда, зану фарзанд дорад. Ӯ Санавбарро ваъда додаст, ки ба Руссия мебарам ва ҳамроҳ пул кор карда, омада хона мехарем.

Саида хандида ҳазломезона илова карда мегӯяд:

- Акои Юсуф, ин мард мумкин даҳумин шавҳари никохии Санавбари хешат бошад.

Юсуф хайрон шуда мегӯяд:

- Пас нӯҳумин шавҳари никоҳии ӯ ман ҳастам?!

Саида ҳайрон-ҳайрон ба симои ғазаболуди Юсуф нигариста, ангушти ҳайрат мегазад.

Баъди шунидани ин хабари нохуш, дунё дар назари Юсуф давр мезаду чашмонаш сиёҳу торик шуда дар ҷояш мешинад. Гуфтаҳои Мавлавию Шайх Саъдии бузург ба ёдаш омад, ки мегӯянд:

**Эй ёр, ғалат кардӣ, бо ёри дигар рафтӣ,**
**Аз кори худ афтодӣ, дар кори дигар рафтӣ.**
**Сад бор бубахшидам бар ту, ба ту бинмудам,**
**Эй хешписандида, боз бори дигар рафтӣ.**
**Сад бор фусун кардам, хор аз ту бурун кардам,**
**Гулзор надонистӣ, дар хори дигар рафтӣ.**

**Гуфтам, ки туӣ моҳӣ, бо мор чӣ ҳамроҳӣ?**
**Эй ҳол ғалат карда, бо мори дигар рафтӣ.**
**Гуфтӣ, ки туро, ёро дар хона намебинам,**
**Он ёр дар он хона аст, ту хонаи дигар рафтӣ.**
**Чун кам нашавад дардат, чун бад нашавад рангат,**
**Бозори маро дидӣ, бозори дигар рафтӣ.**
**Заҳрат чу шакар кардам, ба дардат даво кардам,**
**Эй бурдиву ҷон бурдӣ, дар дами аждар рафтӣ.**

**Саг ба дарёи ҳафттона машӯй,**
**Чун ки тар шуд, палидтар бошад.**
**Хари Исо гараш ба Макка баранд,**
**Чун биояд, ҳанӯз хар бошад.**

Эй мардҳои содда, худро аз дому васвасаи «санавбаринҳо» нигоҳ доред, ки расвою шармандаи ҳарду ҷаҳон хоҳед шуд!

**Мунофиқро надон ёри мувофиқ,**
**Мунофиқро мунофиқ дон мунофиқ.**

## ЭЙ ЗАНҲО

Эй занҳо, аз ғазаби Худои Ҷаббор тарсед, ки оташи сӯзони ҷаҳанами Асфаласофилин дар пеш аст!

Эй занҳо, пок бошед, Худоро шиносед ва номи миллати орёнажоди тоҷикро паст назанед, ба роҳҳои бади ғайриинсонӣ наравед, ки дар Руссия ҳам СПИД-и Даҳшатангез интизори шумост, онро ба сарзамини муқаддасу мӯъҷизаофарини ҳазрати Синои бузург наоред!



Эй занҳои мусулмони тоҷики тоҷдор, ба номҳои бузурги Бибӣ Фотимаи Заҳро, Бибӣ Хадичаи Кибриё, Бибӣ Оишаи Сиддиқа, Зебуннисои Аврангзеб, Робияи Балхӣ ва Нодираи Истаравшанӣ фахр кунеду ҳисси ифтихори динию миллиатонро баланд бардоред!

Эй занҳои ба ору номуси тоҷик, ба илму маърифат бештар шуғл варзида, занони гумроҳу бадбахтро аз роҳҳои фисқу фуҷӯри хато баргардонед!

Эй бонувони бофарҳанги меҳрубон, бо мадади Худованд ба дунё аз нав Анӯшервону Бузургмеҳр, Исмоили Сомониву Балъамӣ, Рӯдакию Фирдавсӣ, Синою Мавлавӣ, Хайёму Ал-Хоразмӣ ва Форобию Аҳмади Донишҳоро офаред, ки шӯҳрату нуфузи панҷҳазорсолаи миллати ориёнажоди кишвари Хуросону Мовороуннаҳр аз нав эҳё гардад!

**Илоҳо, ғарқ шудем дар баҳри исён,**
**Умед дорем дуъо аз кулли ихвон**

## ИНСОФУ ШУҶОАТИ АБДУРАҲМОН-ПАҲЛАВОН

Ҳазрати Мавлавӣ дар «Панднома»-и хеш мегӯяд:

«Инсоф, яке аз рукнҳои ибодати даргоҳи илоҳӣ буда, шуҷоат модари фазилат ва қувваест мутавасит миёни номардӣ, тарсончакӣ ва далерӣ. Мардум шуҷоъро дӯст медорад ва табаррук мехонад. Мардуми шуҷоъ рафтору пиндор ва гуфтори некӯ доранд, амакам Абдураҳмон паҳлавон аз ҷумлаи эшон буданд».

Абдураҳмон-паҳлавон аму амаки ҳазрати Мавлавӣ будааст. Ӯ бо инсофу шуҷоат дар паҳлавонию сайёдӣ ном бароварда, мардум дар ҳаққаш чун Рустами замон нақлу ривоятҳои бисёреро эҷод кардаанд.

Худи ҳазрати Мавлавӣ нақл мекардааст, ки Абдураҳмон-паҳлавон ҷавонмарди қавиҳайкали Рустамсурату Исфандиёрбозу буд. Абрӯвони сиёҳи дарозаш, чашмони кабуди осмонрангашро пӯшонида меистод. Дар айёми шикор бо дасташ абрӯвоне, ки пеши чашмашро гирифта буд, бардошта ба атроф назар мекард ва дар андак вақт сайдашро дар сари кӯҳи баланд ё дар зери гори бетаг ва ё дар рафи калфи сангини дур медид ва аз паси он мешуд.

Рафиқону ҳамдеҳагонаш шаҳодат медиҳанд, ки се маротиба дар саркӯҳқутанҳо (ҷойҳои хоби оҳувони кӯҳӣ)и мавзеъҳои Канаск, ки ба қаторкӯҳҳои Ҳисор мансубанд, модароҳу фарзандонашро дар паси худ пинҳон карда, бо ду пойи ақиб рост хеста, ба сӯи камони Абдураҳмонпаҳлавон таъзим намуд.

Ба ақидаи сайёдон (шикорчиён), агар миқдори сайди шикоршудаи сайёд ба сад ва ё ҳазор расад, сайд дар пеши сайёд сари таъзим фуруд оварда, таслим мешавад. Сайёди боинсофу шуҷоъ ҳамон замон камони шикориро дар ҷойе, ки оҳу сари таъзим

фуруд овардаст, дар зери хок гӯронида, то соли оянда тарки шикор мекунад ва ба ятиму бечорагон хайру эҳсонҳо медиҳад.

Сол соли қаҳтӣ буд. Мардум кунҷораю реша, баргу ғӯраи растаниҳоро қути лоямут мекарданд, ки аз таъсири бади он варам карда мефавтиданд. Дигар илоҷ набуд, умеди ҳамдеҳагони гурусна ба Абдураҳмон-паҳлавон буд. Бинобар, дар ҳар шикор бо навбат чор нафар одамони серфарзанди камбизоатро ҳамроҳ мебурд ва ба рамаи оҳувон наздик шудан замон шитоб намекард ва оҳувон аз ӯ ҳам намерамиданд. Онҳоро бо диққат аз назар гузаронида, баъд тир меандохт, то ки тираш ба оҳуи ҳомила ё оҳубачаи нотавоне барнахӯрад, умуман, оҳуи модинаро шикор намекард. Ҳар вақте тир меандохт ва оҳуе ба замин мехобид, оҳувони дигар тур бардошта, дар атрофи қутан давр зада, боз дар мобайн омада меистоданд. Сайёди боинсоф аз се ё чор оху зиёд шикор намекард. Ин чор охуро барои чор ҳамдеҳаи қашшокаш ҳадя мекард, то ки фарзандони онҳо аз гуруснагӣ нафавтанд. Он ҳамдеҳагоне, ки ин манзараро назора мекарданд, дар ҳайрат монда мегуфтанд:

- Эй паҳлавон, чаро оҳувон аз шумо намераманд ва чаро аз се ё чор оху зиёд шикор намекунед? Охир, барои худатон ҳам яке аз ин оҳувонро шикор кунед!

Сайёди боинсоф мегуфт:

- Аз ин чор сайди тирхӯрда сару гарданҳояшон аз они ман аст, ҳамин барои ман кифоя мекунад. Агар ман беинсоф мебудам, ин оҳувонеро мебинед, ки дар атрофам давр мезананд, ҳоло дар наздам намеистоданд ва давр ҳам намезаданд.

Умуман, дар бораи Абдураҳмон-паҳлавон нақлу ривоятҳои ниҳоят зиёде вуҷуд дорад.

## АБДУРАҲМОН-ПАҲЛАВОН ВА ХИРСИ ГУРУСНА

Дар ҷангалзори атрофи деҳаи Ниҳолдара хирси гуруснае пайдо шуда буд, ки шабона ба деҳа ҳуҷум карда, аз огилхонаҳо бузу гӯсфанд ва ҳатто гову харони мардумро дуздида, таги бағал карда, аз деҳа дуртар бурда мехӯрд. Баъди сер шуданаш, ҷасади боқимондаи ҳайвонро дар зери хок барои захира пинҳон мекард. Мардуми деҳа аз дасти ин хирси горатгар ба дод омада, ба Абдураҳмонпаҳлавон шикоят намуда, аз ӯ ёрӣ хостанд. Паҳлавон ба

онхо рӯй оварда мегӯяд: Ин хирсро ман ба хубӣ медонам, ӯ аз хоби зимистона акнун бедор шудааст, бинобар ҳамин ӯ лоғару гурусна аст. Баъди каме фарбеҳ шуданаш, яъне вақти гули хор, ӯ аз гӯштхӯрӣ даст кашида, ба хӯрдани гиёҳу решаи он қаноат мекунад.

Рӯзе Абдураҳмон барои ҳезум ба ҷангалзор меравад. Дар вақти гундоштани ҳезум овози пирамарди ҳамсояаш Абдуллох ба гӯшаш мерасад, ки мегуфт:

- Эй дод, мардум, ҷонамро даст гиред, ёрӣ дихед, хирси гурусна маро мехӯрад.

Дар баробари шунидани ин садои ҷонгудози имдодталабона паҳлавон ба тарафи овоз мешитобад. Дар вақти хезум ӯ аз табар истифода намебурд, буттаи талохро35 бо реша аз замин канда мегирифт. Мебинад, ки ду барзагови Абдуллоҳ дар даруни шудгор дар зери юғу сипор худаш гурезон гирд-гирди буттаи хор ва хирси калоне чун барзагов ӯро дунболагир карда истодааст. Паҳлавон мебинад, ки баъд аз чанд дақиқае хирси гурусна ба Абдуллох расида мегираду бо нохуну дандонҳои ханҷармонандаш сар ва гулӯи ӯро маҷақ карда, хунашро мемакад.

Сайёди моҳири далеру ҷасур чӣ кор карданашро дар ин вазъияти ниҳоят кӯтоҳи нозук надониста, аз ақиби хирси гуруснаи ғазаболуд дунболгир намуда, ҳуҷум мекунад. Хирс ба Абдуллоҳ расида мегирад, дар ҳамин вақт паҳлавон ҳам ба хирс наздик шуда, аз ақиб аз болои ду дасти пеши хирс бо ду даст маҳкам медорад. Паҳлавону хирси гурусна дар мубориза ҳарду барои дифоъ аз ҷони ширини худ бо тамоми ҳастию қувва мубориза мебурданд. Абдуллоҳ, ки аз дами марг наҷот ёфта буд, аз зери шиками барзагови дар шудгор бастааш ин муборизаро назора мекард. Овози паҳлавон Абдуллоҳро ба худ овард, ки мегуфт:

- Абдуллоҳ, аз хона ба тезӣ сиёҳкамони маро гирифта биё!

Абдуллоҳ чун барқ ба тарафи деҳа медавад. Баъд аз ним соат Абдуллоҳу чор ҳамдеҳаи дигар дар дастҳояшон белу табару шохӣ ҳозир шуданд. Мебинанд, ки хирси гурусна дар зери бозувони чун Рустами дастони Абдураҳмон-паҳлавон якпаҳлӯ гарқи хоку хун хоб аст.

Абдуллоҳ, мили сиёҳкамонро ба синаи хирс рост мекунад ва рафиқонаш чахмоқ[36] зада мехоханд, ки пилтаи сиёҳкамонро оташ

диҳанд. Дар ҳамин вақт паҳлавон ишора мекунад, ки напарронед. Абдуллоҳ ва рафиқонаш мебинанд, ки хирси гурусна кайҳо мурдаасту ду дасти паҳлавон чун оҳан дар гулӯи хирс қуфл шудаст. Онхо расо як соат дастону бозувони ин Исфандиёри рӯйинтанро молиш дода, баъд харпанҷаи ӯро мекушоянд. Ҳамин тавр, Абдураҳмон-паҳлавон захм хӯрда, чил рӯз худро табобат мекунаду шифо меёбад.

Баъд Абдуллоҳ нақл мекунад, ки дар вақти шудгор карданам, ногаҳон хирси гурусна пайдо шуду ба тарафи барзаговҳо ҳуҷум кард. Дар ин вақт ман аз ақиб ба сараш ба асои юргаии чӯпон задам, ки ҳарду дастам якбора карахту шох шуд. Хаёл кардам, ки асо ба оҳан бархӯрдааст. Дар ҳамин вақт хирс аз пушти барзагов ҷахида фаромаду маро думболагир кард. Ман гирд-гирди ин буттаи хор аз тарси ҷон чун муши ба доми ғурба афтода мегурехтаму хирси тездандон чун балои осмонӣ думболагирам мекард. Дод мегуфтам, ҷони худой мегуфтам. Дар ҳамин вақт Худованди меҳрубон ба мададам паҳлавонро фиристод, ки аз ин балои азим амон ёфтаму кӯдаконам ятим нашуданд. Намедонам, дар ҳаққи ин паҳлавон, ин сайёди ҷонфидо, ки ҷони худро дар гарав монду ҷони маро харид, чӣ некиҳое кунам. Як умр дар назди ин паҳлавони боинсофу шуҷоъ қарздорам, гӯён як умр Абдуллоҳи наҷотёфта дар ҳаққи ин инсони комил дуои нек мекарду аз инсофу шуҷоати ӯ меболид.

## САЙЁД ДАР МӮРИ[37] ХИРС

Охирини моҳи фасли баҳор, яъне арӯси сол, Абдураҳмон-паҳлавон охирин қуллаи баландтарини кӯҳи Мазори Хоҷабӯстонро, ки дар даромадгохи Канаски паҳновар ҷойгир аст, паси сар карда, ба қуттани оҳувон наздик мешуд.



Дар ҳамин вақт абри сиёҳу тирае пайдо шуду борону жола борид. Сайёди ҷасур хост худро аз ин офати ногаҳонӣ дар амон нигох дорад, лекин дар сари ин қуллаи баланд ягон калфу хоросанги калоне набуд, ки панох барад. Жола шиддат мекарду раъду барқ қуллаи кӯҳи бузурги сангпӯши осмонбӯсро ба ларза меовард. Чашмони уқобини сайёд ба мӯрии хирс афтод, ки дар лаби чари бетаг намудор шуда меистод. Аз зарбаи барку жолае, ки

тухми мурғи хонагиро мемонд, пинҳон шуда, ҷон ба саломат будан лозим буд. Сайёд наҷоти худро танҳо паноҳ бурдан дар хонаи хирс медид. Чӣ илоҷ, ӯ таваккал бар Худои бузург карда, номи Худою пайғамбар ва ҳазрати Алиро ба забон оварда, вориди мӯрии хирс мешавад. Аз байн панҷ дақиқа нагузашта буд, ки садои хирс аз беруни мӯрӣ баланд шунида шуду сайёдро даҳшат зер кард. Хирс ҳам аз раъду барк ва жола пинҳон шудан хоста, аз шикор даст кашида, ба лонаи худ баргаштааст ва ё аз ташрифи меҳмони нохонда огоҳ шуда, барои рондани ӯ бозгаштааст. Сайёд бо як ҷолокӣ милли сиёҳкамонро ба сӯи соҳибхона гардонида, ба пилта чахмоқ мезад. Аз сабабе, ки пилта аз таъсири жолаю борон тар шуда буд, оташ намегирифт. Аз ин ноомади кор, сайёд чахмоқро ба як тараф ҳаво дода, милли камонро ба даҳони чун гор кушодаи хирси тавқӣ халонда, зер кард. Хирс доди ҷонкоҳе зада бо ду даст камонро аз дасти сайёд раҳонида, ба беруни мӯрӣ ҳаво дод, ки ба зери ҷари бетаг рафта бедарак шуд.

Дигар илоҷ набуд. Хирсу сайёд ҳар як барои наҷоти ҷони хеш мубориза мебурданд. Дасти чапи Абдураҳмонпаҳлавон рост ба гулӯи хирс фурӯ рафт. Дар ҳамин вақт паҳлавон дарди ҷонкохеро ҳис кард. Аз дард қариб буд, ки беёд шуда дар зери пайи хирс афтад, лекин чи қувваи ғайбе дар бозувони Рустамияш пайдо шуду бо дасти рост гулӯи хирсро зери багал кашида, ба фишурдан сар кард. Дасти чап аз таъсири зарби дандонҳои ханҷармонанди хирс аз ду ҷояш шикаста буд. Аммо он дасти шикастаи маҷрӯҳшударо аз гулӯи хирс берун намеовард. Ӯ медонист, агар дасти маҷрӯҳро аз гулӯи хирс озод кунад, хирс нафас гирифта, ба сайёд ҳамлаи навбатӣ карда, ӯро ҳалок месохт.

Инсону ҳайвон дар талоши ҷон афтону хезон аз лонаи хирс берун меомаданд. Паҳлавони укобчашми тезбин, бо ақли инсонии худ ба атроф назар кард ва дид, ки дар лаби ҷари бетаг дар муборизаанд. Агар рафту якду кадам аз мӯрии хирс дур шаванд, ҳарду, ки гӯё бо ҳам баста шудаанд, ба ҷари бетаг мераванду нобуд мешаванд.

Гӯшту пӯсту устухонҳояшон пора-пора дар сари ҳар санге мемонад, ки хӯроки паррандаю ҳашарот мегардад. Аз даҳону бинии хирсу сайёд хун фавора мезад. Хуни даҳону бинии хирс, қисме аз

дасти шикастаи сайёд буду, қисми дигар аз гулӯю коми ӯ, ки дасти шикастаю мушти пурзӯри сайёд роҳи нафаси онро банд карда буд.

Чашми инсон ба дарахти дӯлона афтод ва бо ақли инсонии хеш ба тарафи дӯлона ҳаракат карда, хирсро кашола намуд. Ба ҷари бетаг ним қадами дигар монда буду халос, Худо накунад, агар хирс як ҳамлаи беақлонаи хайвонӣ кунад, аз инсону ҳайвон осоре боқӣ нахоҳад монд. Сайёд охирин қувваташро ҷамъ намуда, Худою анбиё ва авлиёҳои бузургро ба ёд оварда, «ё ҳазрати Алӣ, шери Худо, мадад кун»-гӯён наъра зада, ба тарафи дӯлона харакат кард. Хирс ҳам муқобилият накарда, ба дӯлона наздик шуд. Сайёд пойи росташро дар атрофи дӯлона маҳкам печонда, дасти чапи маҷрӯҳашро аз даҳону гулӯи хирс кашида берун баровард. Дар ҳамин вақт хирс хеле чуқур нафас гирифта хост, ки хуҷум кунад. Сайёд бо дасти рост онро ба ҷарии бетаг ҳаво доду бо як чолокӣ дӯлонаро дошт. Хирс чун санги осёб ҷар шуда, пора-пора шуду сайёди маҷрӯҳ зинда монд.

Аз сабабе ки сайёд хуни бисёреро талаф дода буд, дигар ҳаракат карда наметавонист. У ба лонаи хирс, ки ягона макони наҷоти ӯ буд, баргашт ва беёд шуда афтод. Жолаю борон ба барф мубаддал гардид ва шаб фаро расид. Гоҳ-гоҳ сайёд ба ёд омада, худ ба худ меандешид, ки модархирс зинда аст, албатта то субҳ ба суроғи шавҳарашмеояду сайёдро пора-пора карда, қасос мегирад. Ӯ дигар харб карда, мубориза бурда наметавоиад. Афсӯс, сад афсӯс, ки ҷасади ӯро касе намеёбад. Ин шикоргоҳу ин маконро ғайр аз Соднкпаҳлавони сорвогӣ, ки дӯсту рафиқи ҷонияш буд, дигар касе намедонад.

Бо ҳамин фикрҳо сайёд шаброрӯз кард. Субҳи содиқ дамид. Осмон соф буду офтоб нурҳои тиллоранги худро ба атроф мепошид. Ногаҳон садои доду фигони даҳшатовари модахирс сайёдро ноумед сохт. Сайёд тамоми қувваю ғайрати охиринашро ҷамъ карда, рост хест. Дасти чап чун аргамчин дар бараш алвоҷ мехӯрд. Дар ин вақт сараш чарх заду чашмонаш торик шуд ва охиста ба замин нишаст ва корди дар камар будааш ба ёдаш омаду онро ҷустуҷӯ кард, аммо ҳайҳот, ки корд дар набард, дар куҷое афтода гум шуда буд.

Сайёд боз аз сидқ Худою анбиё ва авлиёҳоро ёд карда, аз

даргоҳи Зулҷалол охирин ёриро талаб кард. Хирс ба лона наздик мешуду боз дахшат сайёдро зер мекард. Худро маломат карда мегуфт: марг, марги болои хона, гӯру кафану ҷаноза, чи хушбахтист, афсӯс, сад афсӯс, ки гӯри ман хонаи хирсу ҷасадам дар шиками хайвони дарранда ҷой мегирад, чӣ марги пурдахшатро мебинам, дареғ.

Ногаҳон хирс сарашро дохили лона карда, наъра зад ва сайёд маргро яқин карда буд, ки ногаҳон садои сиёхкамоне баланд шуду хирс ба қафо баргашт. Дар ҳамин вақт садои тири дуюм баланд шуду модахирс наъраи ҷонкоҳе кашида хомӯш гашт. Баъд аз панҷ дақиқа садои дӯст, садои наҷот, садои Содиқ-паҳлавон ӯро ба ёду ҳуш овард.

Бист рӯз дар деҳаи Сорво дар хонаи дӯсти ҷонияш Содиқ-паҳлавон, сайёди ҳамкасбаш хобиду рӯзи бисту якум ӯро ба асп савор карда, ба Ниҳолдара оварданд. Абдураҳмон-паҳлавон баъди як сол як барзагов дода сиёхкамон харида, боз ба шикор баргашт ва бо Содиқпаҳлавон вохӯрда машварат кард.

## ОХИРИН ШИКОРИ АБДУРАҲМОН-ПАҲЛАВОН

Дар бораи марги нобахангоми сайёд дар байни мардум ду ривоят машхур аст, ки аксарияти пирони навохии Ромиту Файзобод, Ҳисору Қаротегин онро медонанд. Ривояти аввал дар байни мардум чунин маънидод карда мешавад:

Абдураҳмон-паҳлавон ҳар сол як барзагов дода, як сиёҳкамони нав мехарид ва хирсу оҳуи зиёдеро шикор карда, ба одамони ятиму бепарастор ва нотавону камбизоатон ҳадя мекард, то ки эшон аз гуруснагӣ наҷот ёбанд. Фасли зебои баҳорон хусну таровати кӯҳистони диёрро дахчандон зебою дилрабо сохта буд. Аз вазиши насими форами боди баҳорӣ гулу буттахо, дарахту растаниҳои шифобахши кӯҳсор ба рақс меомаду кабку булбулон ба завқ омада, нагмасарой мекарданд.

Дар ин макону дар ин фасли ҷаннатмаъво ҳам растанию хам парранда ва ҳам ҳашароту ҳайвонот чун одамон аз хоби гарони зимистона бедор шуда, ишқварзӣ менамуданд. Сайёд дар ин фаслу дар ин макон борҳо шоҳиди ишқварзии паррандагону ҳайвоноти ваҳшӣ гардида буд ва ӯ савганд ёд карда буд, ки ҳеҷ гоҳ дар айёми

ишқварзии паррандаю ҳайвоноти ваҳшӣ сӯи онҳо тир намекушояд. Ин савганди ӯ сабаб дошт. Боре дар қаторкӯҳҳои Ёсу Ҷурёс дар айёми ишқварзӣ ба охуи нар (такка) тир кушода буду фигони оҳуи моддаро дида раҳмаш омад ва хост, ки ҷасади оҳуи нарро гирад. Дар ин вакт оҳуи модда муқобилият мекард ва ба сайёд хучум менамуд. Сайёд аз ноилоҷӣ ба сӯи охуи модда тир кушод ва ӯро низ дар болои ҷасади беҷони ошики зораш қурбон кард.

Баъди ин ходиса, сайёд шаш моҳ шикор карда натавонист ва шикораш барор намегирифт, тираш хатто мерафт ё чахмоқу пилтаи сиёҳкамон оташ намегирифт. Шабҳо дар хобаш хобҳои ваҳмангез медид, гоҳо хоб медид, ки модароҳуи ошиқ ашк резонда, бо ду шохи худ гулӯи сайёдро фишор дода мегуфт:

Эй сайёди бераҳм, магар ту аз сирру асрори ҷаҳони ишқу ошиқӣ хабар надорӣ, магар ту модару дилбаратро дӯст намедорӣ ва нишонаи авлод фарзандро намехохӣ, ки маро аз лаззати ишқу фарзанд бенасибу маҳрум сохтӣ?!

Дар ҳамин вақт паҳлавон дод гӯён аз хобаш мехесту рӯ рӯи ҳавлӣ қадам мезад, сипас, вузӯъ сохта ба даргоҳи Илоҳӣ ибодат намуда, муноҷот мекард ва савганд ёд мекард, ки ин хато ҳеҷ гоҳ такрор нахоҳад шуд. Пеш аз ин воқеа ҳодисаи дигаре дар кӯҳи болои Яфрак ба вуқӯъ пайваста буд, ки ҳеҷ гоҳ аз ёди сайёд фаромӯш намешуд. Ин воқеа чунин сурат гирифта буд:

Дар вақти шикор ногаҳон сайёд ба ду хирс рӯ ба рӯ ' омад, ки онҳо ишқварзӣ мекарданд. Хирси нар ба сайёд ҳуҷум кард. Сайёд барои мудофиаи ҷони худ аз дасти хирси маст ба сӯяш тир кушод ва тир ба пешонаи хирс расидан замон он пуштакӣ ба замин афтод. Хирси мода, давон ошиқи зори худро дар канор кашид, дар ҳамин вақт аз пешонаи хирси нар хуни суп-сурх фавора зада, ба рӯйи хирси модда пошид. Аз фурсат истифода бурда, сайёд бо як чусту ҷолокӣ ба болои дарахти азнми чормагз мебарояд.

Сайёди доною моҳир фаҳмида буд, ки хирс ба дарахт часпида ба боло баромада метавонад, лекин ба навдаи тарвоза чорпоя рафта наметавонад. Хушбахтона, як навдаи чормағзи азим тарвозаи рости бенавдача буд. Сайёд он шохи чормагзро интихоб карда, дар сари навда камин гирифта, милли сиёҳкамонро ба тарафи хирси модда рост карда нишон мегирад. Дар вақти чахмоқ задан, чахмоқ аз

дасташ раҳо хӯрда ба зер мегалтад. Хирс часпида ба дарахт боло мебарояд ва тарафи навдаи тарвоза ҳаракат мекунад. Нохунҳои моддахирс чун ханчари тез изҳои худро дар пӯстн гафси чормагз чун тири сиёҳкамон мегузошт.

Моддахирс бо як азоб ба сайёд наздик мешуд ва то ба сайёд расиданаш чанд қадами дигар монда буд, ки ақли инсонӣ галаба карду сайёд бо ду даст навдаро маҳкам дошта, бо тамоми қувва такон дод. Моддахирс аз болои навда ба поён тоб хӯрда овезон шуд, дар ҳамин вақт сайёд бори дигар Худою пиронро ёд карда, навдаро такон дод. Моддахирс сарозер ба замин афтод ва садои ҷонкоҳе баровварда, ним соат печу тоб хӯрд. Баъди каме ба худ омадан, ба болои ҷасади ёри вафодораш омада, онро бурда, оҳиста-оҳиста аз назар ғоиб мешавад. Хирсони маҷрӯҳ одатан баъди маҷрӯҳ шудан ва ё захм хӯрдан, аз зери калфу санг мумиёро ҷустуҷӯ карда мехӯранд ва ё лонаи занбӯри асалро низ ҷуста, худро аз пашша ҳимоя намуда, дар даруни пӯдина мехобанд, то ки зуд шифо ёбанд. Аз ин фурсат истифода бурда, сайёд тарки шикор карда, ба назди дӯсташ Содиқ-паҳлавон бармегардад.

Абдураҳмон-паҳлавон ин ду ҳодисаи ба сараш омадаро дар як они воҳид дар хаёл гузаронида, ба атроф назар карда, хусну тароватн афсунгари табиати мӯъҷизакор мафтунаш мекунад.

Ӯ аз сари санг хеста, ба поён мефарояд ва дар назди дарёчаи кӯҳӣ вузӯъ сохта намози пешинро адо мекунад. Дар ҳамин вақт чор хирси қавиҳайкал сайёдро иҳота карда, чун инсон бо ду пойи ақиб рост хеста, оҳистаохиста қадам монда, ба ӯ наздик мешаванд. Сайёд дар ғафлат монда буд, сиёҳкамон аз намозгоҳ дуртар буду фурсати чахмоқ задану пилтаро оташ додан гузашта буд. Паҳлавон хам наъраи Рустамона кашида, аз болои ҷойнамоз рост хесту кордро аз ғилоф кашида ба ҳуҷуми нобаробар тайёр шуда меистод. Сайёд хирсонро аз назар гузаронида, яке аз онҳоро шинохт. Рақиби ашадияш моддахирс буд, ки чанд сол пеш аз болои дарахт онро ба замин галтонда маҷрӯҳ карда ва ошиқи зорашро парронда буд. Сайёд боз ҳис кард, ки аз ин се хирси бокимонда якеаш ошиқи наву дуи дигараш фарзаидони моддахирс мебошанд. Ин душмани дсрин&и сцйсд хайсл мскард, ки дар ин фасли сол, дар айёми ишқварзӣ, сайёд боз қасди ҷони ошиқи наваш кардааст, бинобар

ҳамин ӯ наъраи хашмолуде бароварда, сангу хокро бо нохунҳои тези худ канда, ба сари сайёд ҳаво медод. Аввалин шуда моддахирс ба сиёҳкамони дар замин хобида ҳуҷум карда онро рабурда, бо чанголҳояш бардошта хост шиканад, аммо натавонист. Ду-се маротиба бардошта ба болои сангҳо заду дур хаво дод ва наъракашон ба сӯи сайёд бо нохунҳои ханҷармонанд панҷа андохту панҷааш ба теги тези сайёд бархӯрд ва он наъраи ғазаболуде бароварда ба ақиб баргашт. Дар ҳамин вақт яку якбора се дарранда ба сӯи сайёди паҳлавони яккаю танҳо ҳуҷум мекарданд. Ҷанги беадолати нобаробар дар талаби халосии ҷони ширин байни инсону даррандаҳои тездандони қавичангол сар шуд. Паҳлавони чусту чолок чун Рустами дастон дар ҷанги Деви сафед аз таҷрибаи сайёдию паҳлавонии аҷдодони хеш истифода бурда, аз зарбаҳои хирсони оханинпанҷа худро ҳимоя намуда, фурсати муносиб ёфта, бо ақли инсонии худ бо корди шикорӣ ҷавоб мегардонд. Дар бари рӯйю гардан ва бозувони зебою пурмушаки паҳлавон изу ҷӯйчаҳои суп-сурхи хунин пайдо шуд, ки таровида ба замин мечакид. Пӯстини аз пӯсти шерпаланг дӯхтааш дар бадан пора-пора шуда, дар сари нохунҳои хирсон монд. Лекин ӯ чун Исфандиёри рӯинтан намехост, ки тани шарифи одамӣ дар зери нохуну дандонҳои бадбӯйи ин даррандагон маҷақ гардад. То охирин қуввaю охирин нафас дар паси ҳар буттаю харсанг, бо як чусту чолокии сайёдонаю ақлу хиради инсонӣ паноҳ бурда, ҷони азизашро дифоъ мекард. Охир, ӯ мурдан намехост, ҷон ба кӣ ширин нест? Дар ҳамин вақт, кп тамоми аъзои баданаш хуншору захмдор гардида буд, ба ёдаш омад, ки аз сари теппа, аз болои деҳаи Нихолдара тифлакониноболиғаш Исфандиёру Азиз, Фариддуну Сӯҳроб ва Манижаю Снёвуш аз бари рухсори паҳлавон бо мехр бӯсида буданд. Исфандиёр фарзанди аз ҳама бузург буд, падарро аз гарданаш оғӯш карда гуфта буд:

- Падарҷон, ҳеҷ гоҳ танҳо ба шикор марав, маро ҳамроҳ бар, шояд ки дар вақти зарурӣ ёрият диҳам. Падар камонро сари китф гирифта равон шуд. Шаш нафар тифлаконаш даст афшонда, падарро мегуселониданд. Аз дастафшониҳо падар ба завқ омада, пас аз ҳар ду-се қадам гузоштан ба ақиб баргашта, нигоҳ мекарду даст меафшонд ва мегуфт баъд аз се рӯз бармегардам, интизор

шавед, бароятон савго хоҳам овард. Аммо фалак дар чӣ хаёлу ӯ дар чӣ хаёл буд. Ӯ боварӣ дошт ва орзу мекард, ки яку якбора ҳамин замон, замоне ки баъд аз чанд дақиқа тақдири сайёд абадӣ ҳал мегардад ва дигар ӯ дар рӯи ин замини зебо арзи вуҷуд намекунад, замин кафаду дӯсти ҷонияш Содиқ-паҳлавон бо сиёҳкамон пайдо шавад ва ҷони азизи хору зорашро наҷот диҳад. Афсӯс, сад афсӯс, ки касе ба ёрии ӯ намешитобид. Ногаҳон аз ақиб панҷаҳои оханини хирси нар гулӯи сайёдро чун анбур фишор дод. Паҳлавон бо тамоми қувва ба ақиб тоб хӯрда, ба чашми рости хирс бо корди шикорӣ зарба зад. Хирс наъракунон ба пушт афтод, сайёд бо як чусту чолокӣ корди дуюмро ба чашми чапи хирс халонд. Дар ҳамин ҳангом дандонҳои чун ханҷар тези моддахирс паси гардани паҳлавонро сӯрох кард. Гӯё ғурбаи бадхашм аз паси гардани гунҷишк медошта бошад, ки сайёд дар зери дандонҳои моддахирс, барои халосии ҷон дасту позанон бо корд то охирин нафас ба сӯи ду хирси дигар, ки қасди газидан доштанд, мезад. Хуии суп-сурх аз паси гардани сайёд чун чашма фавора мезад, торафт қувваи ӯ суст мегашту рангу рӯйи зебою сурхаш заъфарон мешуд. Охирин маротиба кордро ба шиками хирсбачае халонд ва корд аз дасташ хато хӯрд ва ӯ беёд гашта, пою даст ва гарданаш овезон шуд. Хирси нари кӯр доду фиғонкунон сангу хокро ба осмон мепошид, хирсбачаи дигар, корди шикорӣ дар бари шикамаш овезон, ҷон меканд. Моддахирс ва хирсбачаи дигаре ҷасади беҷону ба хок огуштаи сайёди паҳлавонро ба чор тараф мекашиданду пора-пора мекарданд. Моддахирс аз душмани деринаи худ -Абдураҳмон-паҳлавон қасос мегирифт. Ин охирин шикору интиҳои умри сайёд буд. Баъди се рӯз, Содиқ-паҳлавон ҳамроҳи чор нафар ҳамдеҳааш ҷасади пора-пораи оғуштаи хоку хуни Абдураҳмон-паҳлавонро дар гилеме гундошта, роҳи Ниҳолдарарo пеш гирифтанд. Дар вақти аз дарёча гузаштан, ҷасади хирси ҷавонеро пайдо карданд, ки корди шикории сайёд дар бари шикам то ба даста дохил шуда меистод. Содиқ-паҳлавон корди шикории сайёдро ҳамроҳи сиёҳкамони шикастааш ҳамчун ёдгорӣ аз падари марҳум ба фарзандонаш хамроҳ гирифт. Пас аз каме роҳ рафтан ба хирси кӯре вохӯрданд, ки наъразанон ба хар тараф мерафт. Содиқ-паҳлавон азоби хирсро осон карданӣ шуда, миёни харду чашмони пурхуни хирсро нишон

гирифта тир холӣ кард. Хирси захмин яку якбора рӯй ба замин афтода ҷон дод.

Рӯзи сеюм ҳам ба охир расиду аз сайёд хабаре набуд, ин нахустин ваъдаи сайёд ба зану фарзандонаш буд, ки хилоф мекард. Тамоми шаб аҳли хонадон ва хешу таборон нахуфта, шабро рӯз карданд. Субхи содиқ Исфандиёру Азиз, Фариддуну Сӯҳроб ва Манижаю Сиёвуши хурдакак ба суроғи падар сӯи теппаи болои деҳа равон шуданд. Аз болои теппа ба тарафи охирин роҳи рафтаи падар дуру дароз нигаристанд. Аз дур суроби панҷ нафар одам намудор шуд, ки чизеро дар гилем бардошта меоварданд.

Исфандиёр: Падарҷон, гӯён, пеш-пешу панҷ нафари дигар аз дунбол ба истиқболи ояндагон тохтанд. Марди кавихайкале пеш-пешу чор нафари дигар аз ақиб гилемро бардошта меомаданд. Исфандиёру бародаронаш падарҷон гӯён Содиқ-паҳлавонро ба огӯш кашиданд. Содиқпаҳлавон тифлони ятими дӯсти ҷонияшро ба оғӯш кашида, чун шери хашмин зор-зор гирист ва корду сиёхкамони ёдгориро ҳамчун мероси падар ба Исфандиёру Азиз супорид. Мардуми деҳаи Ниҳолдара ҳомию ризқрасони худро дар гӯристони деҳа гӯронида, мазори ӯро ҳамчун аҳли Шуҳадо зиёратгоҳи худ қарор доданд. Мӯйсафедон ривоят мекунанд, ки ҳар касе, ки мазори Абдураҳмонпаҳлавонро ёбаду ӯро зиёрат кунад, аз бемориҳои пӯсту асаб иншоаллоҳ абадӣ наҷот меёбад.

**Ба дунё дил набандад ҳар ки мард аст,**
**Ки дунё сар ба сар андӯҳу дард аст.**
**Ба гӯристон назар кун то бубинӣ,**
**Ки дунё бо рафиқонат чӣ кардаст.**

## РИВОЯТИ ДИГАРЕ ДАР БОРАИ МАРГИ ФОҶИАВИИ АБДУРАҲМОН-ПАҲЛАВОН

*(Ривояти аввала ба ҳақиқати воқеӣ наздик аст)*

Бобои Муллосолеҳ ва Абдусамади Муллошоҳ, ки эшон авлодони Абдураҳмон-паҳлавон буданду зодаи деҳаи Ниҳолдара мебошанд, марги фоҷиавии сайёди паҳлавони номдорро чунин шарҳ медоданд:

Ҳамагон медонанд ва бо шаҳодати рост дар назди халқу Худо икрор кардаанд, ки се маротиба модароху дар назди сайёди номдор, яъне Абдураҳмон сари таъзим фуруд оварда, таслим шудааст, ки ин шумораю миқдори оҳувони сайдкардаи ӯро муайян мекунад.

## ОШНОӢ БО ҒУЛ

Рӯзе сайёд кабки бисёру охуи калонеро сайд мекунад, ки рӯз бегоҳ мешавад. Ӯ максад мегузорад, ки шабро дар калфи кӯҳи Барзангӣ, ки хонаро мемонд, рӯз карда, субхи содиқ ба деҳа баргардад.

Дар даруни калф гулхан гиронда, як пойи охую чор дона кабкро ба сих кашида, кабоб мекунад. Бӯйи фораму иштихоовари кабоби кабкию рони сергӯшти оҳуи кӯҳӣ ба атрофи кӯҳу дараҳо паҳн мегардад. Сайёд намози шомро адо карда, сихкабобро аз як рӯ ба рӯи дигар гардонида, каме чашида мебинад, ки ҳоло хом аст. Дар ҳамин вақт тумани ғафсе пайдо мешавад. Даруни калфи калони хонамонандро гулхани афрӯхтаи сайёд равшанӣ мекард. Дар баробари пайдо шудани туман суроби одами қавиҳайкали зиёда аз ду метраи бараҳана, ки аъзои баданашро пашми сиёҳи ғулӣ пӯшонида буд, вориди калф мешавад.

Сайёд, ки аз хурдӣ дар бораи ғул бисёр нақлу ривоятхо шунида буд, акнун боварии комил хосил кард, ки вуҷуд доштани ғул дар рӯйи замин ин ҳодисаи ҳақикӣ будааст. Сайёд бо як чусту чолокӣ, милли сиёҳкамонро ба синаи ғули кӯҳӣ рост карда, нишон гирифт ва як чӯби сӯхта истодаро аз оташдон бардошта, хост, ки пилтаи сиёҳкамонро оташ гиронаду ғулро парронад. Ҳайвони азимҷуссаи инсонсурат гӯё аз мақсади сайёд огаҳӣ дошта бошад, ки ду дасти сермушаки пашминашро боло бардошт, ки нохунҳояш ду баробари нохунҳои хирс менамуд. Ӯ таъзим карда, ишора намуд, ки напаррон. Сайёд қариб ним соат онро нишон мегирифту ӯ бо ишораю садоҳои нофаҳмо илтиҷо мекард, ки напаррон. Дар охир сайёд мақсади ғулро фаҳмида, таваккал ба Худои бузург карда, рӯҳи пирони комилро ёд карда, аз баҳри паррондани ин махлуқи азимҷусса гузашт. Камонро як тараф гузошту дар як даст чӯбдастаи сӯхтаистодаю дар дасти дигар корди шикориро гирифта, аз ҷон

рост хест ва ба ҳар як ҳаракати ғул назора мекард. Ғули гурусна хам шуда, як дона кабки сайдшударо гирифта, бо пархояш ба хӯрдан сар кард. Аз ин рафтори ғул сайёд ба хулосае омад, ки ин ҳайвони ваҳшӣ гурусна аст ва иншоаллоҳ ба ӯ знёне намерасонад. Ӯ дилпур гардида, оташдастаро дар ҷояш гузошт ва дид, ки сихкабоб кариб сӯхтааст. Ғул бошад, дар ду-се дақиқа чор-панҷ кабкро, бо болу пархою устухонҳояшон хоида фурӯ бурд. Сайёд ин ҳолатро дида, ду кабку ними рони кабобшудаи оҳуро ба пеши гул хаво дод. Ғул онҳоро бардошта, бӯй кашида дуртар хаво дод. Мумкин ин аз таъсири гармии кабоб ва ё бӯйи ба ӯ ноошно бошад, ки ҳайрон-ҳайрон ба кабоб менигаристу намехӯрд.

Сайёди доно кабкеро гирифта, ба хӯрдан сар кард. Ғул дергоҳ ба тарзи хӯрдани сайёд бо диққат нигоҳ карда, сипас кабки бирёнро аз замин бардошта, боз бӯида, ба хӯрдан сар кард. Ғул, ки тамоми умр гӯшти хоми бенамаку растаниҳоро қути лоямут мекард, аз лаззати гӯшти пухтаи намакин бехабар буд. Чун аз лаззати сихкабоб баҳра бурд, ду кабку нимаи рони оҳуи кабобшударо дар як они воҳид хӯрду интизори луқмаи оянда шуд. Сайёд аз ноилоҷӣ даҳ дона кабки боқимондаю як рони дигари оҳуро кабоб карда ба гул дод, ки субҳи содиқ дамиду гули нимсер калфро тарк кард. Бо ҳамин роҳ ғул бо Абдураҳмонпаҳлавон дар ҳар як шикораш ҳамроҳӣ мекарду сайди ӯро муфт мехӯрд.

Соли қаҳтию гуруснагӣ буд. Мардуми қашшоқи деҳа умед аз сайёди хайрхоҳ доштанд, лекин вақтҳои охир сайёд ба онҳо камтар хайрхоҳӣ мекард. Ин сабаб дошт, охир ризқу рузии ин камбағалонро гули кӯҳӣ аз они худ мекард. Ӯ аз ҳисоби сайди Абдураҳмон-паҳлавон дар як хӯрдани боиштиҳо аз 20 то 30 кабку як охуро мехӯрд.

Ғул, ки ба хӯрдани гӯшти пухтаи намакин одат карда буд, дигар гӯшти хомро намехӯрд. Сайёд аз ноилоҷӣ барои ӯ сихкабоб тайёр мекард. Аз ин сирру асрори сайёд, ғайр аз дӯсташ Содиқ-паҳлавон дигар касе огаҳ набуд. Содиқпаҳлавон ба дӯсташ маслиҳат дода буд, ки ҳоло шитоб накун ва гулро напаррон, ки хатар дорад. Баъд мо ҳарду фикр карда, илоҷашро меёбему аз зулми ин даррандаи ваҳшӣ халос мешавем.

Рӯзе ду ҳамсояи камбағалаш омада, илтимосу зорӣ карданд,

ки моро ҳамроҳи худ ба шикор бар, ки тифлаконамон аз гуруснагӣ мемуранд. Дили сайёди боинсоф ба ҳоли зори эшон сӯхт ва ваъда дод, ки пагох хурҷину ду харро тайёр карда, ҳамрохи ман биёед. Сенафарон рохи кӯҳи Барзангиро пеш гирифтанд. Сайёд сар-сари роҳ кабки бисёреро шикор карду аз қуллаи кӯҳ ду таккаи (оҳуи нар) калонро сайд кард. Ин оҳувон бо азимҷуссагии худ ба тайлоқи дусола шабоҳат доштанд. Камбагалон кабку оҳувонро ба зери калфи хонамонанд, ки ҷойи хоби доимии сайёд дар вақти шикор буд, оварданд. Рӯз торик мешуд ва шаб фаро мерасид. Сайёд ба онҳо маслиҳат дод, ки даҳ дона кабку ду рони оҳувонро дар назди ман гузореду боқимондаашро бор гирифта, ба назди харҳоятон, ки дар хамвории поёни назди дарёча истодаанд, баргардед. Субҳи содиқ ман ба шумо расида мегирам.

Аз сабабе ки рӯз торик шуда буд, онҳо аз тарси хирсу ғул ба маслиҳати сайёд розӣ намешуданд, гарчанде ки харҳояшонро хирси гурусна нӯши ҷон мекард. Сайёд онҳоро дар кунҷи калф пинхон карда мегӯяд:

- Шумо савганд ёд кунед, ки ҳар чизе ва чӣ ҳодисаеро дар ин ҷо дидед, ба касе намегӯед.

Онҳо аз тарси ҷон ба нон савганд ёд мекунанд, ки ба касе чизе нахоҳанд гуфт. Сайёд бо шитоб гулхан гиронда, дар оташдони калф сихкабобро тайёр мекунад. Дар ҳамин вақт ғул пайдо мешавад ва бӯйи ин ду одами навро ҳис карда, дар дасташ санги калоне, ки баробари санги осиёб ҳаҷм дошт, вориди калф мегардад. Камбағалон дар рӯшноии ғулхан сурату симои гулро дида, аз тарсу ваҳми ҷон савгандро фаромӯш карда, аз зери хурҷинҳо ҷаҳида, хеста дар паси паҳлавон панох шуда, доду фиғон карда мегӯянд:

- Паҳлавон, ҷонамонро амон деҳу тифлаконамонро ятим накун, мо ин марғи даҳшатворро интизор набудем ва намехоҳем луқмаи ин махлуқи бадсурат гардем.

Аз доду фиғони онхо ғул ба ғазаб омада, санги Даҳпударо сари даст бардошта, мехохад, ки ба сари сайёду рафиқонаш ҳаво диҳад. Дигар илоҷ набуд, сайёд бо як чолокӣ сари синаи гулро нишон гирифта, оташ мекушояд.

Дар баробари баланд шудани садои тир, гул санги дар дасташ бударо оғӯш карда, сарозер ба поёни кӯҳи сангпуши бетаг ҷар шуда

меравад ва аз охири дарра чунон наъра мезанад, ки гӯё кӯҳҳоро ба ларза меоварда бошад. Пас аз ним дақиқа аз чор тарафи кӯҳ ба ҳамин монанд садое шунида мешавад, ки ин акси садо набуда, овозу ҷавоби авлодони гул буд. Сайёд ба рафиқонаш рӯй оварда мегӯяд:

- Беҳуда халқ нагуфтааст: «Ҳар кори мекунӣ танҳо кун, шабҳо кун, бе мою бе шумо кун». Шумо кори кардагиятонро дар ҳаққи ману худ ва фарзандони гуруснаатон кардед, онҳоро аз ягон қути лоямут, ризқу рӯзии худодод, яъне сайди шикори банда махрум сохтед. Ман дигар шикор карда наметавонам, шикор бар ҷонам хавфу хатарҳоро тавлид мекунад. Инсофу шуҷоат ва нерӯю барори Худододиямро барҳам додед!

Ҳамон шаб сайёд бо рафиқонаш сайдхоро ба ду хар бор карда, ба деҳа бармегарданд ва нисфирӯзӣ ба деҳа мерасанд.

Баъд аз ин ходиса як соли пурра сайёд тарки сайду шикор карда, барзаговеро кушта, ба мардуми қашшоқи деҳа хомталош садақа медиҳад.

## МУБОРИЗА БО МОДДАҒУЛ

Баъди як сол паҳлавон мебинад, ки аҳволи зисту зиндагонии ҳамдеҳагон ниҳоят бад шудааст. Баъзеҳо аз истеъмоли решаю барг ва гӯраи рустаниҳо варам карда, ба амрози гуногун гирифтор шуда мефавтанд. Ин ҳолати ногувору рӯзгори бади мардум дар дили сайёд як шӯру шареро пайдо мекунад. Ӯ ба хотири наҷот додани тифлони гурусна, пӯстини аз пӯсти шерпаланг дӯзондаашро пӯшида, корду камони шикориро ба даст гирифта, рохи деҳаи Сорворо пеш мегирад. Баъди машварат бо дӯсташ Содиқ-паҳлавон ба хулосае меояд, ки дигар танхо ба шикор наравад, зеро ки душмани қавибозую сабъе дар камини эшон нигарон асту қасди ҷонашон дорад.



Бо маслиҳати ҳамдигар ҳарду сайёди паҳлавон озими кӯҳи баланди осмонбӯси болои деҳаҳои Сонею Сорво гашта, ба шикори кабку оҳу шурӯъ мекунанд. Қариб як шабонарӯз роҳро тай карда, дар қуллаи кӯҳе, ки қуттани оҳувони кӯҳӣ буд, гулхан гиронда, шабро рӯз карданӣ мешаванд. Ин сайёдони оқилу таҷрибадор аз қасди моддағулу фарзандонаш доимо огаҳӣ доштанд. Аз ҳамин сабаб даҳ дона кабку линги (рони) оҳуи сайдшударо дар сих

кашида, ба гулхан наздик бурданд, то бӯйи он ба атроф паҳн гардад ва пӯстину кулоҳи Абдураҳмонпаҳлавонро дар кундае пӯшонида, ба сурати одам сохтанд. Миёни кундаро бо рӯймоле баста, дар болои ҷойнамоз рӯ ҷониби қибла шинонданд ва эшон маслиҳат карданд, ки намози шомро дар айёми қиёмаш ба тарзи тайямум (ишора) адо кунанд, зеро ки зарурат пеш омадааст.

Сайёдон яке аз тарафи шимол, дигаре аз тарафи ҷануб дар дохили арчаю дигаре дар дохили бутта паноҳ бурда, ба сӯи кундаи одам сурату гулхан нишон гирифта, дар камин нишастанд. Дар баробари ба қиём расидани намози шом, тумане пайдо шуду пеш-пеши он гули моддаи қавиҳайкал оҳиста-оҳиста ба тарафи гулхану кундаи одамшакл қадам мегузошт. Ҳар як синаи овезони моддагул халтаи пур аз чакаро мемонд.

У ба кундаю гулхан наздик шуд. Кундаро Абдураҳмон-паҳлавон пиндошта, аз ақиб огӯш карда, харпанҷа андохт. Дар ҳамин вақт садои тири ду сиёҳкамон баланд гардиду гул бо кунда чар шуда, гелида ба таги гор рафт ва боз чун гули нар наъраи чонкохе мекашад, ки аз кӯҳҳои атроф ҷавоб гардонида мешавад. Сайёдони чолоку Доно сайдҳои шикор кардаашонро гундошта ба деҳаи Сорво бармегарданд.

## САЙЁД ДАР ДОМИ БАЛО Ё ВОХУРӢ ДАР ДАРАИ МАРГ

Дар дунё инсонҳои шарифу бузург ҳам рақибони ҳасуди худро доранд, ки дар бисёр китобҳо хондаем ва бо чашмони худ дидаем. Дар деҳоти атроф рақибони ҳасуду буздили Абдураҳмон-паҳлавон овоза пахн карданд, ки гӯё сайёдро гул дошта таслим карда ва савгандаш додааст. Аз ҳамин сабаб ӯ тарки шикор кардаасту аз тарси гул дигар шикор намекунад. Он кабку оҳуе, ки ба деҳа оварда ба камбағалон тақсим мекунад, аз ҳисоби шикори дӯсташ Содиқ-паҳлавон мебошад, ки ба ӯ ҳамчун садақа додааст.

Аз тӯҳмату бӯҳтони беасоси душманони бахил дилу гурдаи паҳлавон ба дард омада, нерӯяш чун нерӯи Рустами дастон аз нав ба шӯр меояд. Дар дилаш гумон меравад, ки шояд дӯстам Содиқ-паҳлавон аз ҳамроҳӣ бо ман, аз қасди ғулон қалбан ва сидқан хурсанд ва розӣ набошад, ки душманон ин бӯҳтони маҳз дурӯғро бофта баровардаанд.

Аз ҳамин сабаб Абдураҳмон-паҳлавон таваккал бар Худои Ҷаббор карда, якаю танҳо роҳи кӯҳи осмонбӯсро пеш мегирад. Ба мавзеи шикоргоҳ расида, оҳуи нари азимҷуссаеро сайд мекунад ва ӯро кашола карда, ба назди хамвории мобайни ду кӯҳпора, ки он мавзеъро «Дарраи марг» меномиданд, оварда, пӯст бармеканад. Мақсад мегузорад, ки вузӯъ сохта, намози пешинро адо карда, пас оҳуро ба асп бор карда, ба назди дӯсташ Содиқ-паҳлавон бармегардад. Намоз ба поён расиду хост, ки аз болои ҷойнамоз хезад, ки дар ҳамин вақт санги калоне чун сандалӣ дар наздаш ба замин бархӯрд ва сайёд хаёл кард, ки аз осмон санг борида истодааст. Ӯ бо як ҷусту чолокӣ ҷаҳида хесту камонро ба даст гирифта, ба атроф нигарист. Дар болои сараш дар ду бари кӯҳпора ду ғули сермӯйро дид, ки дар ду дасташон сангҳои калон-калон, мехостанд ба сари сайёд хаво диҳанд.

Фурсат аз даст рафта буд, дигар илоҷу вақти тиркушоӣ набуд. Сайёд мехост, ки ҷони худро аз зарбаи сангҳои даҳ-дувоздаҳпуда, дар зери дарахте ва ё хорсанге паноҳ бурда, ҳимоя кунад, лекин афсӯс, сад афсӯс, ки тақдирро такбир карда намешудааст. На дарахту на хорсанг, на корди шикорию на сиёҳкамони хирсафканӯро наҷот дода наметавонист. Гуфтаҳои дӯсташ Содикпаҳлавон ба ёдаш омад, ки гуфта буд:

- Дӯстам Абдураҳмон, шумо дар паҳлавонию сайёдӣ ҳамто надоред, лекин ба суханони фитнаангези рақибон дода нашаведу бе ман ва яккаю танҳо аз ин пас ҳеҷ гоҳ ба шикор маравед!

Сайёд ба ин иштибоҳи хеш пурра иқрор шуд ва он шаш нафар тифлакони чашминтизорашро ба ёд оварду ашки ҳасрат аз ду чашми кабуди осмонрангаш чун ҷӯйчаи талху шӯр ба бари рухсори зебои рустаммонандаш ҷорӣ шуд. Ӯ акнун маргро яқин карду ба қисмати рӯзи азал тан дод. Чун шери ба хашмомада, «Аллоҳу акбар» гуфта, наъра зад. Дар ҳамин вақт аз ду тараф ду санги калон ба сари сайёди паҳлавони номдор бархӯрд. Хун замини сабзу ҷойнамози сафедро сурх кард ва замину осмон аз садои зарбаи ин ду санг ба ларза даромад. Сайёд абадӣ дар зери ин сангони бузург хобид.

Ними шаб Содиқ-паҳлавон хоб дид, ки дӯсташ Абдураҳмон-паҳлавон аз қуллаи кӯҳи Барзангӣ хато хӯрда, ба замин афтид. Ӯ дод

гӯён аз хоб бедор шуда, бо чор нафар ҳамдеҳагон ба имдоди дӯсташ равон шуд ва он манзилу он шикоргоҳро ба хубӣ медонист.

Афсӯс, сад афсӯс, ки ба дидори гарму зебои дӯсташ мушарраф нагардид. Ҷасади дар хоку хун оғӯштаи Абдураҳмон-паҳлавонро дар гилем бардошта, то ба деҳаи Ниҳолдара овардаанду дар гӯристони деҳа гӯрониданд.

Содиқ-паҳлавон шаш нафар тифлакони ятими дӯсташро ба канор гирифту дергоҳ гирист ва дар охир корди шикорию сиёҳкамонро, ҳамчун мерос ва нишонае аз сарвати падар ба тифлакони маъсуми гирён супорид.

**Гар гуссаи рӯзгор гӯям,**
**Бас қиссаи бешумор гӯям.**
**Як умри ҳазор сол бояд,**
**То ман яке аз ҳазор гӯям...**
***Саъдӣ***

## КИТОБМАЗОРИ КУЧАК

Даврони кӯдакию наврасӣ пурарзиштарин айёми умри инсон аст. Дар ин айёми хушбахтӣ бехабар аз кору бори зиндагӣ, зеҳну тафаккур қогази сафеди бе догу хатнакашидаро мемонад. Ҳодисаю воқеахоеро, ки дар ин айём бинӣ, то ба охири умр дар хотир нақш мебандад.

Даврони кӯдакию наврасии банда дар деҳаҳои Лошхарфу Дараи Ҳамза ва Сурхиён гузаштааст. Ин деҳаҳо табиати дилкашу зебо, боду ҳавои ҷонбахшу гуворо, чашмаҳои оби зулолу босафо, рӯдҳои каб-кабуд ва шаршараҳои сап-сафеди хушсадо дорад, ки бинандаро шайдою мафтун, ошиқонро Лайлию Маҷнун мекунанд.

Дар фасли баҳорон гулҳои сиёҳгӯшу лола, бунафшаю шаробӣ, хунию гулобӣ ва югану ҳолмон аз вазиши насими форами боди кӯҳистон ба рақс меоянд дар майдон, ки аз шавқи он кабкон меоянд дар ханда, булбулон мешаванд гирён. Аз деҳаи Лошхарф то ба деҳаи Дараи Ҳамзаю Сурхиён ҳама дарахтони себу тут, чормагзу бодом рӯидааст, ки сари касро намегузоранд, бинад осмон. Гӯё ин дарахтонро Худованд барои мехмонон офаридааст, ҳамчун посбон ва хам соябон, ки дар тасвири ин гӯшаи ҷаннатмаъвои диёри

кӯҳистони тоҷик қалам оҷизӣ мекунад.

Мо, як гурӯҳ бачагони деҳа, бузғолаю гӯсола ва баррачахоро дар ин чаманзору гулистон, богу бӯстонҳо мечаронидем. Дар ин ҷо бобои Одам ҳамрохи момо Ҳаво гӯё замоне гулҳои сиёҳгӯшу лола ва ҳолмонро кошта бошанд, ки чун бобои деҳқон, дар ҳар як майдон як намуд гул рӯида буд. Мо, бачагон, аз байни гулҳои сиёҳгӯш навъи шаробию хуниро, ки нихоят зебою дилрабо ва хушбӯй буданд, интихоб карда, чида гулдаста мебофтем ва бегох барои модарону хоҳарони худ, ҳамчун муждаи баҳорӣ ҳадя мекардем.

Рӯзе, дар айёми гулчинӣ ногаҳон поям ба сӯрохие фурӯ рафт, бо нӯги асои чӯпонӣ сӯрохро васеъ кардам. Чохи калон пайдо шуд ва бачаҳоро ба ёрӣ ҷег задам, писарчае, ки хонаашон наздик буд, тозон аз хонаашон белу шохӣ овард. Мо якҷоя дари чохи калонро васеъ кушодем ва дидем, ки даруни чоҳ пур аз китоб аст. Бо шохӣ китобҳоро мебардоштем, зеро қудрати ба поёни чоҳи калону торик даромадан надоштем. Ҳар боре, ки бо шохӣ китоберо мебардоштем, варақҳояш чун хоку хокистар ба чох фурӯ мерехт ва муқоваи сахти он, ки аз чӯб ва ё пӯсти хайвон сохта шуда буд, берун меомад. Дар давоми чор-панҷ соат, зиёда аз ҳазор муқоваи беқоғази чӯбину пӯстинро берун баровардем. Рӯз бегоҳ мешуду мо онро хис намекардем, зеро ки мо гумон доштем зери ин китобҳои пӯсида тангаю тиллои бисёре хобидааст.

Дар ҳамин вақт модарам, духтари Ҳазрати Мавлавӣ, доду фарёдкунон ба сӯи мо омад. Ӯ ба мо наздик шуду ба чоҳи китобҳо нигариста, дуру дароз шах шуда монд ва хам шуда муқоваҳои бе когазро бо ду даст бардошта бӯсиду гирён шуда, ба дидагонаш молид. Пас аз гиряи дуру дароз мақсади маро пай бурда, оҳ кашида гуфт:

- Шумо бачаҳои нодон, чӣ кор карда истодаед? Дар ин чоҳ тангаю тилло нест, дар ин чоҳ ганҷи бебаҳотаршш дунёрог ки падари бузургворам дар давоми мусофирату заҳматҳои сангини 27 солаи хеш аз ақсои олам гирд оварда буд, пинҳон карда будем. Дар ин ҷох китобҳои динию илмӣ ва таърихиро, ки бо забонҳои гуногун навишта шуда буданд, аз чашми душманони дину мазҳаб, илму фарҳанг ва маънавиёт пинҳон карда будем. Теъдоди ин китобхо зиёда аз чанд ҳазор буд. Афсӯс, сад афсӯс, ки китобҳоро

пӯсониданду сӯҳтанд, чашми халқи моро дӯхтанд.

Бо тавсияи модарам рӯзи дигар аз субҳ то шоми торик муқоваҳоро чун ҷасади инсонҳои шарифу бузург ба матое чун кафан печонда, гӯрондем. Пеш аз он ки мақбара бардорем, мо чорнафарон таҳорат карда, банда пеш даромадаму се маротиба сураи «Ихлос»-ро хондам ва китобхоро ҷаноза кардем.

Дигар ин мавзеъро мо «Чоҳи мулло Ёр» наменомидем ва номи нав гузоштем: «Китобмазор». Ҳар субҳе, ки рамаи бузголаю баррачаҳоро ба ҷаро мебурдем, ба «Китобмазор» наздик шудан замон, бо эҳтиром ду даст пеши бар гирифта оҳиста-оҳиста қадам мезадем. Чорнафарон ба зону нишаста, сураи «Ихлос»-ро қироат карда, дар ҳаққи китобҳои пӯсида дуо мекардем, ки фардо дар рӯзи маҳшар ин китобҳо чун асли хеш гардānду роҳнамого чароги равшани мо бачагон шаванд.

## КИТОБМАЗОРИ БУЗУРГ
## (китобамро сӯхтанд чашмонамро дӯхтанд)

Соли 1976 хамроҳи дӯстам Ризо озими шахри Самарқанд шудем ва сурогкунон нишони ҳамхизматамро дастрас кардем. Шаб моро Хайрулло хеле хуб меҳмондорӣ кард. Мардуми мехмондӯсту бомаърифати Самарканди бостонӣ дар меҳмонавозӣ шӯҳрати беандоза доранд. Пагоҳӣ баъди хӯрок хамхизматам Хайрулло ба мо мурочиат карда гуфт:

- Акоҳо, падарам аз омадани шумо огоҳ шуд ва фаҳмид, ки меҳмонон аз Тоҷикистон ҳастанд, мехоҳад шуморо бубинанд. Он кас чанд сол аст, ки бо ягон шахси бегона мулокот накардааст.

Мо аз думбол, Хайрулло пеш-пеш вориди хуҷраи хурдакаке шудем, ки ҳуҷраи мадрасаҳои «Кукалтош» ва ё «Мири Араб» -ро мемонд. Мӯйсафеди қоматхамидаи лоғарандом дар болои кӯрпачае ба лӯлаболишт такя карда, менишаст. Дар ҷо-ҷойи рӯйи пирамард осори доғҳои сӯхта намудор буд ва дар вақти вохӯрӣ изи сӯҳтагиро дар дасту ангуштонаш низ пурра ва бараъло хис кардем. Баъди вохӯрию дуо боз пайхас кардам, ки чашмонаш кушода бошад ҳам, ӯ чизеро намебинад. Баъд аз лахзае пирамард бо оханги хеле хастаю ғамгинона гуфт:

- Балам, 27 сол аст, ки ман тарки дунё кардаам, дилам аз

дунёву одамон мондааст. Баъди азобҳои ёздаҳсола, ки аз соли 1934 то соли 1945-ро дар бар мегирад, 27 сол мешавад, ки аз ҳавлии худ берун набаромадаам, ба шахси бегонае сӯҳбат накардаам ва кӯчаҳои Самарқанд, хусусан, Регистонро дар ин давра боре ҳам надидаам.

Ҳамин шаб фахмидам, ки шумо аз Тоҷикистони азиз омадаед, баъд аз ин қадар гӯшанишинии тӯлонӣ дар дилам хоҳише пайдо шуд, ки бо шумо сӯҳбат кунам, аз аҳволи мардуматон огоҳӣ ёбам, зеро шумо тоҷик ҳамхуни мо ҳастед. Илоҳо, он балое, ки ба сари мардуми тоҷики Самарқанду Бухоро омада буд, ҳаргиз ба сари шумо, тоҷикони тоҷикистонӣ наояд.

Фарқи ин балои азими дину мазҳабсӯз аз дигар балоҳои қарнҳои гузашта дар он буд, ки дар радифи дину мазҳаб поя, яъне забону номи миллатро маҳв кардан мехоҳад. Таърихи башар ин гуна балоро ҳеҷ гоҳ ёд надорад. Искандари ҷаҳонгиру Қутайбаи муслим, Чингизи хунхору Темури ланг, Қарахониёни хамдину Ма нғити охирин, ҳеҷ як фарди тоҷики ориёнажоди эронизабонро, юнонию араб, муғулу турки зӯракӣ нагардонида буданд. Балки онҳо забони ширину шаҳдбори тоҷикии форсиро омӯхтанд, ривоҷ доданд ва забони илму маърифат, забони аҳли дарбору давлати хеш интихоб карданд. Забони тоҷикии форсӣ аз Самарқанду Бухоро сарчашма гирнфта, баъди аз хоки мӯъҷизаофарини Мавороуннахру Хуросон ба сарзаминҳои Ҳинду Чин, Арабу Аҷам паҳн шуда, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард.

Баъди хазорсолаҳо аҳриманзодагоне дар сурати фардони кӯчинажоди бефарҳанг арзи вуҷуд карданд, ки забону миллати ориёнажоди тоҷики Самарқанду Бухороро тахрир намуда, дигар кунанд ва он хабисон дар ин кори зишт дастболо хам шуданд. Он тоҷики оммӣ (бесавод) ба осонӣ дурру гавҳари хеш, яъне забону номи неки тоҷикро барбод дод.224

Дар баробари ин беадолатию беинсофӣ, кӯчиёни фарҳанггадое пайдо шуданд, ки хешро вориси тамаддуни панҷҳазорсолаи Самарқанду Бухоро муаррифӣ намуда, хатто ба тоҷик будани алломаи ҷаҳонӣ Ҳазрати Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино шак оварда, ӯро моли худ медонанд ва бисёре аз олимони тоҷикро несту нобуд карданд. Чӣ тавр ва чӣ хел ман рӯйи ин номаҳрамони хабисро бинам ва чаро тарки дунё накунам?!

Баъзе «муаллифон»-и миллатгаро миллати тоҷикро, на тоҷики тоҷдори эронинажод, балки лӯлиёни (ҷӯгиёни) аз Ҳиндустон омадаи забонгумкарда қаламдод кардаанд. Чӣ тавр рӯйи касофати ин аҳриманзодагонро бинам?!

Барои ҳамин беадолатии давру замон, барои ҳамин беинсофию бераҳмии золимон, баҳри сӯғворӣ дар ҳаққи миллату забон, барои беҳурматии ба хоку мардуми шарифи тоҷики Самарқанду Бухоро, ки замоне Самарқанд сайкали рӯйи замину Бухоро қуввати исломи дин буд, нанолам, чоротарки индунёи бӯқалламун накунам?! Моро аз шумо, тоҷикони Тоҷикистон ҷудо карданд, намедоиам дар оянда, пас аз сари мо тақдири забону миллати тоҷики Самарканду Бухорои бостон чӣ тур мешуда бошад?!

Он ҳодисаю воқеаҳои даҳшатноктаринеро бо чашмони худ дидаам, ки забон дар тафсири он иамегардад,

«Аз он кас битарс. ки наметарсад аз Худо», аз ин рақибони рӯйсиёҳи миллати мо, натарсида ҳам намешавад.

*Забон дорам, вале гуфтор надорам,*
*Ба гам дармондаам, гамхор надорам.*

Зулму гаму кулфати айём чашмони равшанамро кӯр кард, аз ин боке надорам. Чун ҳазрати Абӯабдулло Рӯдакӣ чашмонамро дӯҳтанд ва китобамро сӯҳтанд, лекин чашми қалбамро кӯр карда натавонистанд.

Банда шогирди беҳтарини мадраса будам ва падарам дар Бухоро мударриси мадрасаи «Мири Араб» буду Садриддин Айнӣ дар наздаш мехонд. Дар синни 27солагиям мадрасаро хатм намуда, девони ирфонии худро мураттаб мекардам, ки инқилоб сар шуд, дари масҷиду мадраса ба рӯи мардуми мусулмон баста гардид ва падарам ба Самарканд баргашт.

Падарамро болшевикон дар даруни меҳроби масҷид, болои ҷойнамоз ба шаҳодат расонданд. Ман дар дашту биёбон, кӯҳу деҳот паноҳ мебурдам. Рӯзе хабар оварданд, ки гурӯҳи инқилобчиёни содиқи Шӯравӣ хонаи моро ҳамчун хонаи мулло-мударриси мадраса «душмани халқ» эълон намуда, ғорат кардаанд ва китобҳои

падари олиму орифамро ҷамъ карда, дар наздикии Регистон оташ мезананд.

Дар дохили ин китобҳои муқаддаси дарсии илмию адабӣ, таърихӣ ман китоби навиштаамро, ки аз ғазалу маснавӣ, достону рубой ва Муҳаммасу қитъа иборат буд, пинҳон карда будам.

Дар баробари шунидани ин хабари басе ҷонкоҳи маърифаткуш ҳуш аз сарам парид ва чи кор карданамро надониста, ҷонро дар хатар монда, ба сӯм Регистон тохтам.

Ба Регистон расидан замом дидам. кн алангаи оташ ба осмон мепечаду мардум баъзе дарун-дарун мегирянду баъзе сар ба пеш афканда хомӯшанд.

Тобу тоқат карда натавониста, худро ба кӯраи оташ афкандам ва чанд китобро наҷот доданӣ шуда, ба оғӯш кашидаму аз курраи оташ берун ҷастам. Танҳо ду китоби сӯҳтаистодаро зери бағал кардаму сӯи хона гурехтам.

Аз қафоям инқилобчиён доду фарёд карда, тир парронданд ва думболагирам намуданд. Дар ҳамин вақт шахсе садо баланд карда гуфт:

- Ҳой аскарҳо, баргардед, ин бача девона аст, ӯро гузоред, ҳеҷ ҷой намеравад.

Ба хона омадаму дидам, ки яке аз китобҳои сӯҳта китоби навиштаи худам будааст. Китобро гирифта бӯсидаму ба дидагонам молидам ва дергоҳ гиристам. Ногахон садои суми аспҳоро шунидаму замини ҳавлиро канда, китобро дар рӯймолчае печонида гӯронидам. Инқилобчиён дари ҳавлиро шикастанду дасту пойҳоямро бастанд. Хун аз ҷароҳатҳои сӯҳтаам равон буд, касе раҳм намекард.

Аз соли 1934 то соли 1945 ман дар Сибири хунуки дур азобҳои рӯҳию ҷисмонӣ кашидам. 

Баргаштаму ҷойи пинҳонкардаи китобро кандам, дидам, ки китобам хокистар шудааст. Барои ҳамин тарки дунё кардам, китобамро ҳамрохи рӯйю дастонам сӯҳтанд ва чашмони равшани бинояомро низ сӯҳтанду дӯҳтанд ва абадӣ кӯрам карданд.

Дар охир пирамард хитоб карда ба писараш гуфт:

- Балам Хайрулло, бурда меҳмонҳоро «Китобмазори ) бузург»-ро нишон деҳ!

Мо ҳамроҳи Хайруллою Ризо роҳ пеш гирифта, ба «Китобмазори бузург» расидем. Дар ҳамин лаҳза, тахаюлот маро ба Лошхарф бурду «Китобимазори кӯчак», яъне чоҳи мулло Ёр ба ёдам омад. Дар назди «Китобмазори бузург» сураи «Ихлос»-ро қироат намуда дуо кардам, Хайруллою Ризо хайрон-хайрон ба ман менигаристанд...

## «КИТОББОЗОР»

Ҷанги шаҳрвандии бародаркуш дар қатори катлу горати бародарони ҳамхуну ҳамдин ва ҳамзабон иқтисодиёти басе бойю гании аз замони Шӯравӣ ба халқи тоҷик меросмондаро низ қасод кард. Заводу фабрикахо ва мошинаҳои пуриқтидори саноатию хоҷагии қишлоқ бо мурури замон оҳиста-оҳиста, бо сабаби талаю тороҷ, аз миён рафтанд.

Давлати абадқудрату мутараққии ҷаҳон ба сохти феодалӣ баргашт, хоҷагии қишлоқ рӯ ба таназзул ниходу мардум боз ҳам қашшоқ шуд. Сафи бекорону гадоён, ҳаннотону фоҳишагон ва ришвахӯрону мансабфурӯшон дар шаҳрҳову деҳот ва бозорҳову кӯчаҳо зиёд гардид.

Иқтисодиёт ҳомию кафили маънавиёти мардум буд ва ҳаст. Ин иқтисодиёти ба бод рафтаю пасти кишвар, маънавиёти мардумро садсолаҳо ба ақиб бурд. Ин иқтисодиёти паст ба рӯи мардум дари китобхонаю қироатхонаро баст. Аксарияти мардум дигар маҷаллаю рӯзнома ва китобҳои илмию таърихӣ ва бадешо адабиро мутолиа намекарданд. Ба ҷои китобхонаю қироатхона мардум ба майхонаю қиморхона рӯй оварданд. Баъзе одамони бехирад ба амалҳои шаррӣ даст зада, дигар Рӯдакшо Фирдавсӣ, ибни Синого Мавлавӣ, Саъдию Ҳофиз ва Айнию Лоҳутиро намешинохтагӣ шуда, таваҷҷуҳи хешро ба корнамоиҳои «рэкетҳо» ва «қумандонҳо» (боевикҳо), «муҷоҳидҳо» ва дигар рақибони давлату дин ва маънавиёти миллати тоҷик равона карданд ва ҳатто баъзеҳо ба ин тоифа пайравӣ низ намуданд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар давоми солҳо ин гурӯҳҳои сиёҳкори тамаъпеша чӣ разолату харобкорихо нишон доданд. «Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон» дар паси инибораи халқӣ маъноҳои бузурге истодааст. «Душманони доно», яъне англисҳою испанихо,

франсузҳою итолиёвихо дар асрҳои гузашта, гарчанде ки чандин мамолики ҷаҳонро забт карда, горат намудаанд, беҳтарин сарвати дунё, боигарии миллатҳо, яъне китобро насӯзонданд ва чашми мардумро надӯхтанд. Он китобҳои нодири илмию таърихӣ ва адабию бадеиро бо худ бурданд, аз онхо хеле хуб ва моҳирона истифода карда, дар китобхонаю осорхонаҳои Лондону Мадрид, Вашингтону Париж ва Рум чой доданд. Ба ҳар ҳол ба хамагон дастрас набошад ҳам, имконияти мутолиаи он хаст.

«Душманони нодон» мардуми бефарҳангу ваҳшии мугул бо сардории Чингизхон ва авлодонаш, вақте ки сарзамини маънавиофарини Мавороуннахру Хуросонро забт намуданд, дар баробари қатлу горат, китобу китобхона, мактабу мадрасаҳоро сӯзониданд ва несту нобуд карданд.

Дар шаҳрҳои бузурги тоҷикнишин, яъне Бухорою Самарқанд, Балху Ҳирот ва Ҳамадону Шероз вахшонияттарин амалҳои зиштро ба самон расонида, аз китобхонаҳои ин шаҳрҳои азиму ободони маърифатпарвар китобҳои илмию таърихӣ ва бадеии аҳамияти умумиҷаҳонӣ доштаро бароварда, дар пеши аспҳои гурусна монданд, то ки хӯранд ва қисми китобҳои нодиру муқаддасро, ки муқоваашон аз пӯсту чубхо сохта шуда буд, гулхан гиронда, шаб то ба рӯз гарм шуданд ва рақсиданд.

«Дӯстони нодон» касодии рӯзгору пастии маънавиёт чашми баъзе аз мардуми моро кӯр кард ва олами ботинии онхоро сиёху торик гардонид, ки бо китоб чун Чингизхону авлодонаш муносибат мекардагӣ шудандМисоли равшани онро дар бозор дар растаи носу офтобпарастфурӯшон дида, ҳуш аз сарам париду дар қахри бахри беканори тахайюлоти замонҳову карнҳои гузашта чун маллох фурӯ рафтам ва «душманони доно»ю «дӯстони нодон»-ро дар рӯи ин қогази сафед тасвир кардам. Дидам, ки зани офтобпарастфурӯше аз китоби муқаддаси Мавлавӣ Ҷалолиддини Румӣ (Балхӣ) аз «Девони кабир» варақҳоро канда, ба онхо офтобпараст печонда, ба мардум мефурӯшад. Дар ҷойи дигаре дидам, ки пирамарди ҷохили гурсӯхтаи носфурӯше вараққои сафеду зебои «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсии бузургро бо носи ифлоси хеш зарду сабз гардонидааст. Афсӯс, сад афсӯс, ки маънавиёти панҷҳазорсоларо зеру забар мебинам. Дареғ, сад дареғ, ки дурру гавҳарро зери пойи

хар мебинам.

**Мо ошиқему кушта шудан эътибори мост,**
**Шамшери ишқ зи санги мазори мост,**
**Бе захми теғи ишқ зи олам намеравем,**
**Бурун шудан зи маърака бе захм ори мост.**

## РУҶӮЪ

Чаро, барои чӣ замоне мардуми мо агарчи ҳамагон хондаю навишта наметавонистанд, аммо китобҳоро азизу мӯътабар медоштанд?

«Девони ғазалиёт»-и Хоҷа Ҳофизу «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ, «Гулистон»-и Саъдию «Баҳористон»-и Ҷомиро ҳамчун китоби муқаддас дар гаҳвора зери сари тифл мегузоштанд, то ки он тифли навзодро аз чашми бади ҳасуд, аз шамоли деву парию бало дар амон нигоҳ дорад. Мардум ба номи ин китобхо сачганд ёд карда, бегуноҳии худро исбот мекарданд ва ё аз к грдори бади хеш огаҳӣ ёфта, ба ҳурмати ин китобҳо тавба карда, ба роҳи хайр бармегаштанд.

Чаро ва барои чӣ имрӯзҳо бисёре аз мардуми мо хондаю навишта метавонанд, аммо китоб намехонанд ва китобро азизу эҳтиром намедоранд?

**Илм чандон, ки бештар хонӣ,**
**Чун амал дар ту нест, нодонӣ!**
**На муҳаққиқ бувад, на донишманд,**
**Чорпое бар ӯ китобе чанд!**

*(Шайх Саъдӣ)*

## ҲАСРАТИ ИНСОНИ ДУНЁПАРАСТ

Дар кӯҳистон гурусна, санги қаноат бар миён баста, омадам ба биёбон ташна бо лабу кому ҷигари сӯхта. Дар лаби чашмаи хушк нишаста будам ва бо овози хастаю оханги оҳи хасрат ба даргоҳи Маъбуди барҳақ нидо карда, ибодату муноҷот намуда, аз дидагони пурхун ба атроф дури донаи ашки ҳасратро мепошидам.

Бармехестам, мерафтам, медавидам, санги маломат бар сар мезадам, додгӯён нидои хасрат баланд мекардам ва боз дар хамон кӯҳистону дар ҳамон биёбон гуруснаю лабташна будам. Гоҳе шитоб мекардаму гохе мунтазири лабрез шудани косаи сабр будам. Бо амри Раззоқи дунёву уқбо, рӯзе мурғи бахт аз саодатхонаи Арши аъло парвоз карда омада, дар сари зонуям нишаст ва он дурдонаҳои ашки ҳасратро бо шитоб чида фурӯ бурд. Мурғи бахт пару бол афшонда, ба атроф назаре кард ва сонӣ парвоз карда, дар мавзеъҳои каб-кабуди осмони мусафо аз назархо гоиб шуд. Назар ба сӯи само кардам. Пас аз замоне дидам, арӯси зебою оростаи сарвату ганҷи беранҷеро, ки маро бо табассумҳои ширин ба сӯи хеш мехонд. Аз паси он сарвату ганҷи беҳисоб ҳиҷоби сафед пайдо гардиду он парда дарид ва дар дохилн он кӯҳи азими ранҷу дарёи беканори заҳматро дидам, ки ба сӯи водии кишвари илму ирфон дар кохи «Ҷаннатулмаъво» тӯл мекашид. Аз ранчу захмат ҳаросидам. Чашми гуруснаю нафси саркашу куфрам, ба сӯи сарвату ганҷи беранҷи дунёи фонӣ майле паидо кард. Аммо ақли инсоншо имони комилам таваҷҷӯҳ ба ҷониби роҳи ранҷу заҳмати даргоҳи илму ирфони Ҳақ буд.

Дареғо, сад дареғ, мехостам ҳар гоҳе ки майле ба сӯйи даргоҳи илму ирфони Ҳақ кунам, пойҳою бозувоиам қувват надоштанд, гӯё лар пойҳоям нафси куфру устоди моҳираш, шайтони рачнм сангҳои садманиро бо ғулу занҷирҳои васвасаҳои шаҳвонӣ маҳкам баста бошанд, ки аз кӯҳи азими ранҷу дарёи жарафи беканори илму ирфони Ҳақ метарсидам. Ҳаигоме ки таваҷҷӯҳи хешро ба сӯйи арӯси парипайкару оростаи сарвату ғанҷи беранҷи дунявӣ мекардам, шавқу ҳаваси дунёи ҷавонӣ ва васвасаҳои шайтонию нафси ҳайвонӣ, маро болу пар мебахшиданд. Аз ин рӯ, ғуломи ҳалқабаргӯши сарвату ганҷи беранҷи дунё шудам. Зиндагӣ дар ин айём ба ман сарвату ганҷи беранҷи беқиёсро бахшид, ки боиси кайфу сафо, карру фарам, дар ин дахри дуну умри гузароям гардид.

Бо гузашти айём, сарвату ганҷи беранҷ дар дасти ман намонд, ҳамроҳи исму ҷисми фарбехам хоку туроб шуду бе ному нишон гашт.

Пас аз яку сею ҳафту чилу сол, касе дигар ёди ману ёди исми беисмам (беномам) накард, ба ҷуз аз он шавҳари наввафои нави

завҷаам, ки дар бистари гарму нарми ман, сар бар болои пистонҳои сафеду булурини занам гузошта мегуфт:

- Кош, шавҳари хасиси дунёпарастам се чор сол пештар мемурд, ки аз ҳусну ҷамоли ҷавониям бештар лаззат бурда, дар кохи давлату сарвати меросмондааш кайфу сафо мекардам! Оҳ-оҳ!.. Садҳо оҳ, аз савдоҳои ман!.. Ҳазорон оҳ, аз савдоҳои ишқи ман!... Афсӯс, сад афсӯс, аз беиродагию аз беақлӣ!.. Дар оташи шавқу шодии васвасаҳои шайтонию нафси саркаши куфри ҷавонӣ сӯхтам! Чаро, охир чаро, аҳамияту бузургии ранҷу заҳмати роҳи дурахшону абадияти даргоҳи илму ирфонро дарк карда натавонистам, то ки исми покам дар қалбҳо ва дунёву уқбо абадӣ дар саҳифаи дафтари «Хайрот» нақш бандад.

Аз касофатии ин сарвату ганҷи беранҷ ашк шудам, мурдам, сӯхтам, дуд шудам, хокистари сард шудам. Пас аз гузашти қарнҳои зиёде зуғоли (ангиштқумур) сиёҳ шудам, ки шумо пасояндгон маро боз месӯзонед ва хокистари дуборасӯхтаамро барбод медиҳед. Аз беномию хасисию бехосилиям, ба ҷои пару ҳамин хокистарро ба кор намебаред.

Во ҳасрато, умрам ба орзу бе ному нишон гузашт. Кош ин будам! Кош он будам! Кош дар ҳақиқат худам намебудам ва гар мебудам, пӯдинаи лаби ҷӯй мебудам, ки бар дарде дору мешудам, ё хори бари кӯҳ мебудам, бар деҳқоне хорҷоруб мешудам! Дар хайру сахо, ин гиёҳ аз ман беҳтар будаст, аз ҳамин сабаб ҳар баҳор гиёҳ аз хок сар мебардораду ман не, чаро?!

**Дареғо умрат шуд, сарфи кӯчаю бозор,**
**Набуд, эҳсонат бар мазлум, зи ӯ будӣ безор.**
**Шудӣ бо зар шод, аз мансабат чунон магрур,**
**Намедонистӣ, дар гӯр туро интизор мору мӯр.**

**Шири модар бар он касе ҳалол бошад,**
**Ки Худотарсу неку безавол бошад.**
**Зана сайқал ба зикри Ҳақ чу қалбашро,**
**Чу ниҳон ба ишқи Зулҷалол бошад.**

**Ҷавоб хоҳӣ дод, аз исрофи ботил,**
**Битарс аз Ҷаббор бош норсову оқил.**
**Ба даргоҳаш ҳадяҳо кун имонро,**
**Ки дар маҳишр бош чун подшоҳи одил.**

**Маву ман ӯ-ӯ вуҷудамро гирифт,**
**Бехудӣ буду нобудамро гирифт.**
**Ҳеҷ кори хайру шар аз ман мапурс,**
**Қудрати сонеъ ҳудудамро гирифт**

**Маро зи сар бурун рафт наку падар,**
**Равон шуд об зи дида, хун аз ҷигар.**
**Нашавам то зи ғам зеру ҳам забар,**
**Қалам ба даст гирифтаму дафтар.**

## ЧАНД РУБОЙ АЗ АШЪОРИ АБДУСАЛОҲИДДИНИ ХОКӢ

То пок нашавӣ, пурнур имон нашавад,
То рост наравӣ, хушнӯд яздон нашавад.
То нагзарӣ аз хоҳиши се нафси адӯ,
Равшан ба ту роҳ, роҳи осон нашавад.

Аҷаб шӯре, аҷаб коре дар ин дам,
Ҷафокор шоду хайрандеш дар гам.
Ба ҷуз гам. он ҳариси бандаи нафс,
Чи меорад ба маҳзӯнони сархам.

Дар ин дунё, ҳама чандем мусофир,
Кучак будем, зуд-зуд мешавем пир.
Зи умри рафта лк андеша бояд,
Чӣ кардему чӣ мегӯем ба охир.

Биё ҷоно, агар ин нуқта донӣ,
Гузаргоҳ дорад ин дунёи фонӣ.
Мазан теша ба пои худ, муаллим,
Хирад омӯз ба насли ориёнӣ.

Мабод лаънат ба рӯҳи мо зи фарзанд,
Ки ҳаст фардо ба имрӯз сахт пайванд.
Шуморо нозирони бахши ирфон.
Ба дил раҳму ба ҷон тарси Худованд.

Маноз аз худ, ғурур аз сар бияфкан,
Заифонро мадад кун, соя афкан.
Агар илмат бувад нури ҳақоиқ,
Азобу яъсу зулмро реша баркан.

## ТАВАҶҶӮҲ, АЗ ТАҶРИБА

Ҳазрати Мавлавӣ фалсафаро (тасаввуфро) ба илми тиб мепайвандад.

Дар осори орифона ва тиббии ӯ, инсон хам аз ҷиҳати аъзои бадан ва ҳам аз ҷиҳати рӯҳонӣ ба олам шабоҳати зиёде дорад ва аз ин рӯ, одам худро ҳамаҷиҳата тадқиқ намуда, дар бораи сохту таркиби коинот хулосаҳои мантиқӣ мебарорад. Масалан, устухони одам ба кӯҳҳо, рагу пайи ӯ ба дарёю ҷӯйбор, гӯшту пӯсташ ба замин, мағзи сараш ба фалакхо, нихоят, ҷонаш ба рӯҳи Худованд шабех аст. Инсон намунаи комили ҷаҳони офариниш ва пазирандаи олами ҳастист.

Чаҳор фасли олами кабирро ба пирию миёнсолӣ, тифлию ҷавонӣ монанд медонад. Инсону кайҳон, олами сағиру олами кабир заминаи таърихию монандии шайъӣ доранд. Агар дар олам замину осмон бошад, дар одам аз ноф боло осмону аз он поён замин ва агар дар олам чор унсурро бинем, дар одам низ гӯш хок, чашм оташ, бинӣбод ва даҳон об аст. Аз ҳамин лиҳоз, тағйиротҳои заминию кайҳонӣ ба ҷисми инсон таъсир расонда меистад.

Исбот шудааст, ки Домуллои Сурхиён валӣ (авлиё) буданд, валӣ назаркардаи Худовандро меноманд. Бе ягон муболига садхо маротиба исбот шудааст, ки Ҳазрати Мавлавӣ ба ғайр аз марги иллоҳӣ ба дигар дардҳои инсонӣ назар мекард ва даво мефармуд, маризону дардмандон шифои комил меёфтанд. Садҳо нафар шохидони воқей ёдоварӣ карда, шаҳодат медиханд, ки беморони нихоят вазнини мубталои маризиҳои гуногуни бедаворо дар

тобутҳо бор карда, ба назди Ҳазрати Мавлавӣ мебурданд. Он Ҳазрат ба сӯи он беморон назар мекард ва ба маризи эшон давохо мефармуд, баъд аз андак вақт онҳо шифои комил ёфта, бо пойи худ ба макону манзилашон бармегаштанд

## ШАРОФАТИ РӮҲИ ВАЛӢ

Аз соли 2000 то ин ҷониб, бо мадади Маъбуд (Худо)и Барҳақ ва шарофати рӯҳи поки Ҳазрати Мавлавӣ, дар асоси дастури дастхатҳои тиббии он ҳазрат 32 нафар беморонро, ки ба амрози гуногун гирифтор буданду солҳо азият мекашиданд, табобат фармудам, ки ҳамагон шифои комил ёфтанд.

Дар ибтидо барои таҷриба, дар асоси гуфтаҳои Ҳазрати Мавлавӣ барои бемориҳои пӯст аз давоҳои маъданӣ, набототӣ ва ҳайвонӣ дорую даво бо тарзи маҳлул, хока, марҳам, қавом ва ғайраҳо тайёр намудам.

Он дорую давоҳоро нахустин маротиба дар бемориҳои «нори форсӣ», намла, намаш, озах, шукуфаи хӯранда, насур, қутур, доги кунҷитак санҷида дидам, ки кулли беморони ин амроз бо мадади Худованд шифои комил ёфтанд. (Алфози дурӯғ, торикии имон ва рӯсиёҳӣ дар назди Раҳмон аст). Баъд аз комёбии аввалин, ба табобатҳои мураккаби пӯст, ба монанди барас (пес) ва баҳақ таҷрибаҳо гузаронида истодаам. Бо дили пур гуфтаниям, ки иншоаллоҳ ба комёбӣ ноил мегардам, зеро ки ду нафар беморро аз ин мариз наҷот додам ва сеюмашро табобат карда истодаам, ки дар арафаи шифоёбист. Чандин нафар беморони гирифтори амрози безурётӣ, бешаҳватӣ, обилифаранҷ (сифилис), фолиҷ (карахтии ними бадан ва каҷшавии рӯй), бемориҳои рӯҳи, ба монанди васвос, молихулиё, даҳшат, бемории бавосир (геморрой), саромос, галаёни хун (фишори баланди хун)ро низ табобат намудам. Ғалаёни хунро дар фаслҳои баҳору тобистон ба воситаи ҷилоб аз саной маккӣ ва кушодани раги қифол (хунгирӣ), ки хунн ифлоси савдоӣ дар ин раг ҷамъ мешавад, табобят кардам.

Гуфтан ҷоиз аст, ки чилоб бо саной маккию кушодани раги қифол, қоидаю тартиби ба худ хосеро дорад. Агар рафту қоидаю тартиби ҷилобу хунгириро кас надонад, ба ҷои фоида зарар меоварад. Дар асоси таҷрибаҳои исботшуда боварии комил хосил

кардам, ки духтур ва ё табиб бе ташхиси пурра ба амрози беморон даво фармояд, ҳеҷ натиҷае нахоҳад дод.

Агар шахсе бо мадади Худоваид ва шарофати рӯҳи Ҳазрати Мавлавӣ шифо ёбад, худро аз хушбахттарин бандаи даргоҳи Ҳақ Субҳона Таъоло меҳисобам. Чунки Аллоҳ таъоло гуфтааст: «Ҳар беҳтарини одамиён он аст, ки касе аз даст ва аз пой ва аз забони ӯ озор наёбад ва хубтарини одамиён он аст, ки аз вай манфиат гиранд»(Хайра ли-нос янфъа яи-нос).

“Гулчин аз тибби Мавлавӣ” дар арафаи нашр аст.

***Муҳаммадрасул Иброҳимзода.***

## АРЗИ СИПОС

Номи неки инсоне, ки дар сахифаи китобе бо амалҳои хайраш сабт гардад, иншоаллох он исми пок, хамчун нақши фулодин бар санги хорро дар ёди одамон аз насл ба насл гузашта, то замоне, ки одам ҳасту ҷаҳон боқист зиндаю ҷовид хоҳад монд. Аз ганҷи Қоруну коху қасри Султон Маҳмуд осоре боқӣ намонд, лекин «Шоҳнома»-и Фирдавсию пандҳои Бузургмеҳри Ҳаким, нури хиради Синои бузургу адли Анӯшервону Исмоили Сомонӣ, то ба имрӯз ҳамчун «Роҳнома»-и инсонҳои бохирад амал мекунанд.

Муаллиф ба Шумо, инсонҳои саховатпеша, дӯстдорони Худою анбиёву авлиё ва дорандагони хисси баланди ифтихори миллӣ ҷавонмарди асил Хурсандии Ҳоҷимуроди Нозирзода,пири хирад Эшонқулов Абдураҳмон ва ҷавони илмдӯст Муслиҳиддини Азизулло барои дастгириятон изҳори миннатдорӣ менамояд.

*Дӯстам Хурсандии олиҷаноб,*
*Умри инсонист доим дар шитоб,*
*Чун нишони кору аъмоли накӯ,*
*Сабт гашта номи ту дар ин китоб.*

***Муҳаммадрасул Иброҳимзода***

# Нек карди, офарин!

Дар забонат доимо зикри Худо,
Қалби ту моил ба зоти авлиё
Хонаат обод аз некии туст,
Пешрафти кор аз покии туст.
Дар сафар, дар хонаву дар ҳар куҷо
Мекунӣ некӣ ту, эй марди Худо
Пеши худ дармондае бини агар,
Мешавӣ бар мушкилоташ чорагар.
Мекушои баҳри ӯ дасти сахо,
Мерасад аз ӯ ба ту як каф дуъо.
Мешавад аз кору рафторат аён,
Ҳаст ҷаддат Мавлавии Сурхиён.
Эй чи хуш, ҳамрох бо Маҳмадрасул,
Кори хайреро бо худ кардӣ кабул.
Бо дили пурмеҳру бо азми қавӣ,
Нашр бинмудӣ китоби Мавлавӣ.
Чун кушодӣ равзаи ганҷи ниҳон,
Баҳра бардоранд з-он хурду калон.
Мерасад бар ту савоби кори ту,
Ҳамчунон оинаи рафтори ту.
Кокули Касирзода, офарин!
Нек кардӣ, нек подошаш бубин!
Мақтаъи ин шеъри Мирзо Файзалӣ
Раҳмате бар зоти поки он Валӣ.

# ЭЗОҲ:

1 Абдулхусайни Зарринкӯб, «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон» Ирфон, Душанбе-1992, сах.394

2 Шамсулуламо Мавлавӣ Мир Ҳасан Абдол пир ва устоди аломаи машриқ, бузургтарин симоҳои тамаддуни ҷаҳонӣ Муҳаммад Иқбол мебошад.

3 (тариқи доштани рӯзаи Марям, аз ин шом то шоми дигар як пиёла шир ва як каф шакар ошомидан аст)

4 Энсиклопедияи советии тоҷик, саҳ. 311-313

5 Амир Ҳабибуллохон писари Амир Абдураҳмонхон солҳои 1901-1919 амири Афғонистон буд. 20 феврали соли 1919 дар деҳаи Беуди Ҷалолобод кушта шуд. Энсиклопедияи советии тоҷик, саҳ. 310-311.

6 Амир Ҳайдар - Ғулом Ҳайдархон

7 «Киштии Нӯҳ» — киштие, ки дар хоб дида будам

8 Мусабаб - Худо, рӯзи расон

9 Завҷ - завча, зан

10 Нос - мардум

11 Мумкин, Ҳазрати Мавлавӣ, ҷанги ядроиро дар назар дошта бошад.

12 Боз — паррандаи соҳибчанголе, ки кабкро шикор мекунад

13 Тақвист — тақво, парҳезгорӣ аз корҳои бад

14 Баҳима — ҳайвон

15 Иқоб бадбинӣ, рақобат нисбати инсон

16 Муртазо Мутаҳҳарӣ (Теҳрон, дафтари нашри фарҳанги исломӣ, саҳ. 45,1353).

17 Аббос Маликӣ, Салмони форс, саҳ. 46,1999 (Тафсирн намуна «Зайли ояи охири сураи Муҳаммад (с)).

18 Аббос Малики. Салмони форсӣ. Техрон 1999, саҳ. 41

19 муло мулло

20 тавҳид — илми суфӣ, илми худошиносӣ, ваҳдату ягонагӣ

21 данӣ — дунявӣ

22 дагар — ҷонваре хушовозе, ки бо овози худ, паррандагонро ба дом оварда, меҳӯрад [25] Шеъри Мавлавии Румӣ, ки ба он Хоҷа Ҳофиз ҷавоб гуфта буд

24 «Кимиё» — «Кимиёи саодат»

25 муҳаққик — чӯяндаи асрори Ҳақ
26 Насуҳ — тавбаи насиҳо
27 «Киштии Нӯҳ» — онро дар хоб дида будам
28 хосон — авлиё
29 Меғ - абр
30 Талвинхо - зиннаҳои ишқи иллоҳӣ (солиқ)
31 Боб - дар
32 Уқтоб - қутб
33 Тайрон - парранда
34 Тайр - парранда
35 Талох - як навъ дарахт, бутта
36 Чахмоқ - санге, ки оташро пайдо мекунад
37 Мӯр - хонаи хирс

## МУНДАРИЧА

Муаллиф, гирдоваранда ва муҳаққиқ.......................................3
Сарсухан ............................................................................9
Мавлавии Сурхиён...................................................................12
Насабнома...........................................................................15
Хати Иршод..........................................................................20
Шарҳи ҳол...........................................................................24
Харитаҳои сафари Мавлавӣ...........................................................44
Бедор шав ..........................................................................47
Тақдирро такбир натвон кард.........................................................47
«Пандднома»-и Мавлавӣ..............................................................49
Дарёфти ишқи Ҳақ...................................................................52
Хулоса аз аҳамияти имону тақво ва ваҳдат...........................................59
Бозгашт аз арши аъло...............................................................67
Саховат ва олиҳимматӣ..............................................................81
Подоши садақа ё сабаби гирд овардани осори Мавлавӣ..................................82
Таъбири хобам чист?................................................................94
Адл ва инсоф........................................................................95
Суханони Пайғамбари ислом Ҳазрати Муҳаммад(с)........................................95
Зиёни Ҳасад.........................................................................103
Ҷустуҷӯй дар атрофи мақому мартабаи «Домуллои Сурхиён»....104
Ғуломи нафс.........................................................................116
Падари дилшикаста..................................................................117
Дар ҳаққи падар.....................................................................134
Дар чорсӯи зиндагӣ..................................................................144
Дар ин дунё барои ман ҷой нест......................................................152
Хосияти сабру хоксорӣ...............................................................161
Инсонҳои хокӣ........................................................................163
Мавлавӣ Муҳаммадсолеҳ ва Шайх Абдураҳим...............................................168
Таваҷҷӯҳи валӣ......................................................................170
Воизони даргоҳи Ҳақ..................................................................174
ФайзиҲақ.............................................................................186
Ҳоҷӣ Маҳмудҷони Тураҷонзода ҳақиқатро баёнкардааст..................................187
Дар ҳузури авлиё ....................................................................191
Қиссаи зани ҷаккок...................................................................200
Қиссаи зани бадбахт..................................................................219

Эй занҳо..........................................................................................................225
Инсофу шуҷоати Абдураҳмон-паҳлавон.........................................226
Абдураҳмон-паҳлавон ва хирси гурӯсна.........................................228
Сайёд дар мӯрии хирс..............................................................................230
Охирин шикори Абдураҳмон-паҳлавон.............................................233
Ривояти дигаре дар бораи марги фоҷиавии Абдураҳмон-плвон..240
Ошноӣ бо ғул..................................................................................................240
Мубориза бо моддағул..................................................................................244
Сайёд дар доми бало ё вохӯрӣ дар дараи марг.................................246
Китобмазори кӯчак......................................................................................248
Китобмазори бузург....................................................................................250
Китоббозор.......................................................................................................255
Руҷӯ....................................................................................................................257
Ҳасрати инсони дунёпараст.......................................................................258
Рубоӣ.................................................................................................................261
Таваҷҷӯҳ аз таҷриба ...............................................................................262
Шарофати рӯҳи валӣ.....................................................................................263
Арзи сипос.......................................................................................................265
Эзоҳ...................................................................................................................266
Мундарича.......................................................................................................268

**Муҳаммадрасул Иброҳимзода**

# ПАНДИ АВЛИЁ
(Домуллои Сурхиён)

*Муҳаррири масъул:* ***Абдулфатоҳ Воҳидов***
***Сафарбек Назаров***
*Мушовирон:* ***Раҷабмурод Ҷалилов***
*Муҳаррири техникӣ, тарроҳ ва ороишгар:* ***Фирӯз Холов***
***Тешабой Салоҳов***
*Мусаҳҳеҳон:* ***Абдукарим Раҳимов***

*Баргардонанда ба шакли электронӣ:* **Зиёзода Ҷумъахони Саид**
**02.01.2015**

Ба матбаа 5.09.04. супорида шуд. Ба чопаш 4.10.04. имзо шуд. Чопи офсети. Коғази офсети. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопи 17. Андозаи нашр 1000. Супориши № 28

Нашриёри «Сурушан», 704018, ш.Душанбе
х. Н.Қарабоев 17 Тел.: 33-80-46